Муассисаи давлатии «Маркази исломшиносӣ»
дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ЭҲЁИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ

Муассисаи давлатии «Маркази исломшиносӣ» дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ...5
....8
..11

Бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ...30
....48

....59

ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ЭҲЁИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ 69

(Маҷмӯи мақолаҳо) 83

.....95

.....108

.....133

и
.....141

.....155

.....170

т
.....178

Душанбе
«ЭР-граф»
2021

IIKKORLIK
SOSIKA
I ARM
8

ТДУ: 327.1(575.3)(082)
ТКБ: 66.3(2Т)
И–89

Истиқлолияти давлатӣ ва эҳёи арзишҳои миллӣ: маҷмӯаи Муассисаи давлатии «Маркази исломшиносӣ» дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Холиқзода А.Ғ. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 268 с.

Муҳаррирони масъул:
Асадулло Раҳмон – ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои кадрӣ, номзади илмҳои сиёсӣ

Насриддинзода Э.С. – узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа

Мукарризон:
Зоир Ҷ.М. – сарходими илмии Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

Раҳмон Д.С. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муҳаррирони илмӣ:
Бахромбеков В.А., Искандаров Ш.Ф., Шосаидзода Ш.Ш.

Масъулияти мазмун ва моҳияти мақола бар дӯши муаллифон мебошад.

ISBN 978-99985-59-99-8

© Маркази исломшиносӣ, 2021.

МУНДАРИҶА

Сарсухан 5

Маркази исломшиносӣ: таъинот ва дурнамо 8

1. **Холиқзода А.Ғ.** Истиқлол ва ҳикмати давлатдорӣ 11
2. **Наботов С.Х.** Рисолати Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Пешвои миллат 30
3. **Шолиев М.** Забони миллӣ ва Истиқлолияти миллӣ 48
4. **Бахромбеков В.А.** Дастовардҳои Тоҷикистон дар си соли истиқлолият 59
5. **Абдухалилзода К.А.** Истиқлолияти давлатӣ ва роҳҳои ҳифзи он аз хатару таҳдидҳои ҳаракату ҷараёнҳои ифротии динӣ 69
6. **Марамбеков М.А.** Таҷрибаи таъмини тавозуни арзишҳои миллӣ ва динӣ дар давлатдории дунявии тоҷикон 83
7. **Шоев Ф.М., Шосаидзода Ш.Ш.** Рисолати илм ва пойдории истиқлолият 95
8. **Нурулҳақ Қ.** Ихтилофи ақидавӣ ва амалии ҷараёнҳои исломии ифротии муосир бо исломи суннатӣ (мазҳаби ҳанафӣ) 108
9. **Искандаров Ш.Ф.** Рушди таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ 133
10. **Шосаидзода Ш.Ш.** Масъалаҳои ҳуқуқии ҳудшиносии миллӣ ва Истиқлолияти давлатӣ 141
11. **Шоев З.Ҷ.** Истиқлолияти давлатӣ ва ташаккули заминаҳои ҳуқуқии таҷдиди шуури динӣ 155
12. **Наботов М.А.** Фазои мусоиди сохибкорӣ дар даврони истиқлолият 170
13. **Одинаева Ш.Н.** Дастовардҳои даврони Истиқлолият дар соҳаи дин 178

DENOV TADBIRKORLIK VA PEDAGOGIKA INSTITUTI ARM
№ 30938

14. **Исоев Н.С.** Дастовардҳои соҳаи илм
дар замони истиқлолият 186
15. **Садуллоев А.С.** Қонуни танзим ҳамчун
дастоварди истиқлолият 196
16. **Саҷҷоди М.** Истиқлолият муҳимтарин омили рушди
конунгузории миллии Тоҷикистон 203
17. **Рамазониён А.Б.** Хатарҳои фазои маҷозӣ
ба Истиқлолияти давлатӣ ва баъзе роҳҳои пешгирии он 217
18. **Муллоҷон С.** «Таърихи Ҷаҳонгӯшой»-и
Атомалики Ҷувайнӣ сарчашмаи нодир 225
19. **Муминзода Н.** Вазъият ва дурнамои илми мантиқ
дар Тоҷикистони соҳибистиқлол 241
20. **Холиқзода А.Ғ., Зоир Ҷ.М., Азизӣ Р.А.**
Истиқлолияти давлатӣ ва шоҳроҳи
ноҳамвори давлатсозӣ 251

САРСУХАН

Имрӯзхо, вақте кишвари азизамон 30 соли даврони истиқлоли худро паси сар карда истодааст, зарурати омӯзиши ҳамачониба ва арзёбии паҳлӯҳои гуногуни истиқлолияти давлатӣ ва роҳу воситаҳои эҳёи арзишҳои миллӣ ба миён омад. Масъалаи омӯзиши таъсири ҷанбаҳои мухталифи омӯзаҳои дини ислом дар доираи рушди фарҳанги миллӣ ва фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мавзӯъҳои муҳим ва меҳварӣ ба шумор меравад.

Тағйироти вазъ дар равандҳои идеологӣ-сиёсӣ ва шиддат гирифтани чолишу хатарҳои нав дар ҷаҳони муосир, ба хусус кишварҳои мусулмонӣ, неруи идеологии исломро ба омили тавоно ва абзори таъсиргузор ба равандҳои сиёсию фарҳангӣ табдил додааст. Хатар ва чолишҳои навин дар замони муосир аз ниҳодҳои дахлдори илмӣ-таҳлилӣ тақозо менамояд, ки ба хотири нигаҳдории пояҳои устувори фарҳанги миллӣ ва таъмини сулҳу суботи бардавом хулосаҳои асосноки илмӣ ва посуххои саривактӣ пешниход намоянд, зеро то сарчашмаи ҳар як баҳсу низои динӣ таҳқиқ карда нашавад, берун овардани он аз шуури ҷамъиятӣ ғайриимкон мегардад.

Созмон додани фазои солими тафаккуру андешаи динӣ, ташаккули ҷаҳонбинии дунявӣ, пешбурди иқтисодиёту ичтимоиёт ва бехтар намудани сармояи инсонӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ ба истифодаи васеи воситаҳои ахбори омма, баргузор намудани ҳамоишҳои илмӣ-амалӣ ва назариявӣ-методологӣ, нашри маҳсулоти чопии зарурӣ, мақолаҳои илмию таҳлилӣ, вокунишҳои саривактии тахассусӣ ва ичрои нақшаи чорабиниҳои таъдикшуда дар сатҳҳои гуногун пайванди ногусастанӣ дорад.

Гурӯҳ ва афроди алоҳида дар ҳама давру замон аз дин барои расидан ба манфиатҳои ғаразноки худ суиистифода карда, бо ҳамин амал арзишҳои маънавию ахлоқии динро коҳиш медоданд. Дар натиҷаи чунин рафторҳои сахлангорона мафкураи динӣ аз рисолати аслии худ дур рафта, баъзан барои аз байн бурдани давлатдории миллӣ истифода бурда мешуд. Ҳол он ки таъиноти асли дин ва эътикоди инсони комилу солеҳ чунин нест ва буда ҳам наметавонад. Боварҳои динӣ ҳамчун паҳноии озодии эътикод,

шакли шуури ҷамъиятӣ ва навъе аз ҳуқуқи инсон аст, ки бо таълимоти хосаи ахлоқӣ ва эътиқодиаш таърихан хамчун ҷузъи фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонӣ баромад кардааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз нисбат ба дин муносибати махсуси фарҳангӣ дорад ва ба рушди он ҳамчун як рукни фарҳанги миллӣ ва василаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии тамоми ҷомеа таваҷҷӯҳи зарурӣ зоҳир менамояд. Барои таъмини фазои болидарухӣ ва рушди бемайлони иқтисодиёту ичтимоиёти ҷумҳурӣ неруҳои созандаи дорои дидгоҳ ва андешаи солим бояд имкониятҳои илмӣ ва зеҳниашонро баҳри идроки дурусти тамоми паҳлӯҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, ичтимоӣ ва фарҳангии кишвар сафарбар намоянд.

Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи амалии сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин ва дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ичрои лоиҳаи Барномаи илмӣ-тахқиқотиро дар мавзӯи «Инъикоси хусусиятҳои сиёсӣ-идеологии исломи муосир дар фазои иттилоотӣ ва таъсири он ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ-динӣ ва анъанаву маросим дар ҷомеаи Тоҷикистон» (барои солҳои 2019-2022) идома дода истодааст.

Дар доираи лоиҳаи мазкур таҳлилу баррасии мавзӯъҳои марбут ба масъалаҳои исломшиносию диншиносӣ дар ҷомеаи шаҳрвандии кишвар, ба мисли равандҳои сиёсӣ ва идеологии исломи муосир ва таъсири он ба вазъияти динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, анъанаҳои динӣ-ҳуқуқӣ ва масъалаи ҳуқуқи миллӣ дар шароити давлати дунявӣ, таҳияи захирахои иттилоотӣ ва ташхиси диншиносӣ, хусусиятҳои мардумӣ-фарҳангии маросимҳои динӣ ва танзими ичтимоии онҳо дар ҷомеаи муосир ва муаррифии маъхазҳои хаттӣ оид ба дини ислом ва мазҳаби ханафии мовароуннахрӣ ба нақша гирифта шудааст.

Маводи пешниҳодгардидаи илмӣ ва таҳлилии Марказ барои шинохти равандҳои нави мафкуравию сиёсӣ дар исломи муосир ва ошкор кардани моҳияту хусусиятҳои онҳо, муайян намудани нақши равандҳои мазкур дар ҳаёти ичтимоӣ-фарҳангии Тоҷикистон ва таъсири он ба вазъи динию сиёсии кишвар, таъйини асосҳои илмии сиёсати давлати дунявӣ нисбат ба дин ва

иттиҳодияҳои динӣ, тақвияти равандҳои созандаву бунёдӣ дар пойдории давлатдории миллии дунявӣ ва дигар масоили мубрами идеологӣ муфид ва арзишманданд.

Итминон дорем, ки маҷмӯаи мазкур барои олимону коршиносони соҳаи диншиносӣ, ба хусус исломшиносон, файласуфон, ҳуқуқшиносон, шарқшиносон, сиёсатшиносон, фарҳангшиносон ва умуман барои доираи васеи хонандагон дар роҳи фаҳм ва дарки арзишҳои миллии даврони истиқлолият ба манфиати кор хоҳад буд.

Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин
узви вобастаи Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди
ичтимоӣ ва робита бо ҷомеа

МАРКАЗИ ИСЛОМШИНОСӢ: ТАЪИНОТ ВА ДУРНАМО

Муассисаи давлатии «Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 январи соли 2008 таҳти № 360 ҳамчун муассисаи давлатии тадқиқотӣ, иттилоотиву таҳлилӣ, ташхисӣ ва машваратӣ таъсис ёфта, бевосита ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ мебошад. Дар фаъолияти худ Марказ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармон ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи Марказро ба роҳбарӣ мегирад.

Мақсади асосии ин Марказ:

- омӯзиш ва таҳқиқоти илмии масъалаҳои мубрами диншиносӣ ва исломшиносии муосир;
- таъмини асоси илмии сиёсати давлатӣ оид ба дин ва озодии эътиқод;
- тахияи консепсияҳо ва барномаҳои рушди ҳаёти динии ҷомеа;
- муайян намудани робитаи мероси исломӣ бо фарҳанг ва тамаддуни миллӣ;
- муайян намудани мавқеъ ва нақши дини ислом дар фарҳанги миллӣ ва ҷаҳони муосир;
- таъсиси хазинаи маълумот ҷиҳати таъмини иттилоотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маводи илмӣ-назариявӣ оид ба ислом ва ҳаракатҳои сиёсӣ-идеологии динӣ;
- пешбинии дурнамои инкишофи равандҳои динии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муайян намудани аҳамияти таърихӣ ва амалии мазҳабҳои фиқҳӣ дар ҷомеаи исломӣ;
- муайян намудани мақом ва нақши маросимҳои исломӣ ва анъанаҳои мардумӣ дар танзими иҷтимоии ҷомеа;
- арзёбии объективии нақши таърихӣ ва амалии руҳонияти динӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ;

- таъмини фазои илмии инкишофи раванди муколамаи динҳо ва тамаддунҳо дар ҷомеаи Тоҷикистон.

Дар Марказ олимони варзидаи сохаи диншиносӣ ва исломшиносӣ ба корҳои пажӯҳишӣ машғуланд ва то имрӯз як қатор корҳои муҳимро анҷом додаанд. Анҷом додани корҳои таҳқиқотии илмӣ, дастрасӣ доштан ба адабиёту иттилооти зарурӣ, гузаронидани таҳқиқотҳои сотсиологӣ барои омӯхтани вазъияти динӣ дар кишвар ва таҳлили таъсири вазъи динии кишварҳои мусулмонӣ ба тафаккури ҷавонон, баргузор намудани конфронсҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ва нашри китобу мақолаҳо, аз ҷумла, доир ба дастовардҳои Истиқлолият аз вазифаҳои асосии Марказ маҳсуб мегардад.

Маркази исломшиносӣ ва дастовардҳои он, бевосита самараи Истиқлолияти давлатӣ мебошад.

Муҳимтарин дастовард дар таъсиси Марказ ин иборат аз шинохтани дин ҳамчун яке аз муҳимтарин зербинои фарҳанги миллӣ ва арзёбии эътиқоди динӣ ҳамчун ҳуқуқи табиии инсон дар чаҳорчӯбаи давлати дунявӣ ва эҳтиромӣ он мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон озодии виҷдон ва эътиқоди диниро ба ҳайсӣ қисми ҷудонопазири ҳуқуқи табиии инсон дар ҳамоҳангӣ бо меъёрҳои умуминсонӣ дар сатҳи конститутсионӣ эътироф намуд. Ин аст ки дар Тоҷикистон на дин, балки иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо дониста шудааст. Чунин тарзи муносибати давлат ба дин дар кишвари мо сарфи назар аз дунявӣ буданаш, барои фаъолияти озодонаи иҷтимой-фарҳангии иттиҳодияҳои динӣ роҳ кушода, ба онҳо имконияти иштироки фаъол дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимой-фарҳангӣ ва саҳмгузорӣ дар ҳифзи манофеи миллиро мухайё сохтааст.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ зарурати аз нигоҳи илмӣ омӯхтани масъалаҳои марбут ба ислом, муносибати он бо давлат, пешгирии сиёсишавӣ ва ифротикунонии мафкураи динӣ, кадршиносии дастовардҳои Истиқлол, тарғиби шоҳроҳи конститутсионии рушд, ҳифзи симати дунявияти давлат, ташаккули худшиносии миллӣ, динӣ ва ғайра пеш омадааст.

Мачмӯи маколаҳои кормандони Марказ бахшида ба 30-солагии Истиқлолият таҳти унвони «Истиқлолияти давлатӣ ва эҳёи арзишҳои миллӣ» чузъе аз ин амалкардҳо дар шохроҳи ҳифз ва рушди давлатдории миллии тоҷикон, ғояҳои давлатсозии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар зовияи муносибати тарафайни дину давлат ва эҳёи арзишҳои миллӣ маҳсуб мегардад.

Холиқзода Абдураҳим Ғаффор,
доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор,
Директори Маркази исломшиносӣ

ИСТИҚЛОЛ ВА ҲИКМАТИ ДАВЛАТДОРӢ

Шукри неъмат неъматат афзун кунад,
Куфри неъмат аз кафат берун кунад.
Мавлонои Балхӣ

А. Истиқлол гарави озодии мост

Бузургтарин неъмат, ки бидуни он аз истифодаи дигар неъматҳо маҳрум мешавем, ба кавли бузургон ин – **«истиқлол»** аст. Истиқлол ва ё озоду мустақил ва соҳибихтиёр будан дар ҳама паҳно ва бӯъдҳои мавҷудияти хеш дар ҳастӣ, шаклгирӣ, ҳудмуайянсозӣ ва рушди падидаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ накши марказиро мебозад. Истиқлол ҳам барои фардҳо ва ҳам барои иттиҳодияи муайян тақдирсоз аст. Бидуни истиқлоли фикрӣ, истиқлоли моддӣ ва маънавӣ, на фард ва на иттиҳод хостаю ормонҳои худро ба таври кобили кабули саодати хеш амалӣ карда наметавонад.

Истиқлолияти фикрӣ дар рушди ҳар фард, истиқлолияти миллӣ дар ҳудмуайянсозии миллат ва истиқлолияти давлатӣ дар муайян кардани иродаи сиёсии халқ масъалаи марказии ҳастии онҳост. Бидуни истиқолият ва мухторият вуҷудияти ҳар ходисаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ хамчун зухуроти мушаххас ва мустақил зери шубҳа меафтад. Инсони истиқлолияти фикрӣ надошта таърихан ба барда монанд аст, иттиҳоди истиқлолияти сиёси надошта ба колонияю протектаратҳо нисбат мегирад. Ҳолати ин навъ инсонҳо ва давлатҳо чи гуна буд ва онҳо чи қадру манзалат доштанд, мо хуб аз таърих медонем.

Мутобиқ ба иттилои этнологҳо, дар ҷаҳон тақрибан 1500 халқиятҳо зиндагӣ мекунанд, ки аз он зиёда аз 257 халқияташ бештар аз миллион нафарро ташкил медиҳад. Аз ин миқдор танҳо

худуди 200 халқият давлати худро дошта, дар муносибатхои байналмилалӣ ҳамчун субъекти соҳибихтиёр фаъолият мекунанд.

Аз ин хотир, доштани истиқлолияти давлатӣ барои ҳар халку миллат ифтихори бузургу неъмати бебаҳост. Зеро халку миллатҳои зиёде вучуд доранд, ки теъдоди онҳо бештар аз миллионҳо буда, вале бо иллатҳои мухталифи дохилию хориҷӣ, субъективию объективӣ то ҳанӯз давлати худро надоранд. Забон доранд, таърихи ғанӣ ва фарҳанги шоистаю аҳли адаби оламшинос низ дар домани онҳо ба воя расида, хамчун рамзи ифтихори насли башар хизмат намудаанд ва менамоянд, аммо давлат, ҳуқуқи миллӣ ва забони ҳифзшудаи давлатии худро доро нестанд.

Ифтихори давлатдорию забондориро барои онҳо на эътирофи ҳуқуқи аққалиятҳо, на паймонҳои байналмилалӣ, на стандартҳои ҳуқуқи инсон, на эъломияи ҳуқуқи башар ва хатто на созмону ташкилотҳои байналхалқӣ, иваз карда наметавонанд.

Чунки тамаддун то имрӯз ба хайси ягона падида, зухуроти сиёсӣ, неъмат ва муқаддасот, ки дар домони он рушди комилҳуқуқи халку миллатҳоро таъмин намуда, решаҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва забонии инсонҳоро зинда нигоҳ дошта, меросбарии ахлоқӣ, адабӣ, фарҳангӣ, забонӣ ва хукукиящонро таъмин намудааст, хамин **Истиқлолияти давлатӣ** ва сохибихтиёрии халқиро эътироф кардааст.

Ҳама норасоию мушкилиҳо, хама ноҳамвории ҳаёти ҷамъиятию нақзи ҳуқуқҳои инсон ва дигар нобасомониҳои ҳаёти иҷтимой, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ назди махрумӣ аз **истиқлолият** хеч аст. Истиклолият андеша, ғоя, ҳарф ва иродаи мустақили ҳар зухуроти зиндаи фикркунанда аст. **Истиклолияти давлатӣ, ки дар симои сохибихтиёрии давлатӣ ва сохибихтиёрии халқӣ ҳамчун иттиҳоди одамон зохир мегардад, идоман инъикоси симои рухи озодии хар инсон ва вучуди мафкураи солиму мустақили хастии ӯст.**

Мисли оне, ки инсон бо доштани ирода ва зохирёбии озоди он, ҳастӣ ва озодии худро мустақилона собит менамояд, халку миллатҳо низ ҳамчун ҳодисаи мураккаби иҷтимой мавҷудият, эътироф ва озодии рухии худро дар доштани сохибихтиёрӣ ва

истиклолияти давлатӣ таъмин менамоянд. Ба акидаи Н. Бентам: истилоҳи «мустақилият» бо ғояҳои шаъну шараф ва шуҷоат тавъаму ҳамрадиф аст ва истилоҳи «мустақил набудан» баръакс, ба тобеияту бешарафӣ ва тарсуӣ[1].

Маҳз сохиби неъмати истиқлол будан ба инсон саодати шаъну шараф ва шуҷоатро насиб мегардонад. Зеро инсон бо мустақиляти фикрӣ ва амалҳои дар доираи манфиатҳои худ тарҳрезӣ намуда, ба муносибатҳо ворид шуда, эълон ва ҳифзи шаъну шараф ва саодати зиндагии худро амалӣ менамояд. Маҳз сохибакидавӣ ва мустақилияти фикрӣ пахнои муносиби ҳифзи манфиатҳост. Давлат низ тавассути истиқлолият имкон пайдо мекунад, ки манфиатҳои худро дар сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ дуруст таҳия намуда, дар муносибат бо давлатҳои дигари ҷаҳон шаъну эътибор ва мақому манзалати худро дифоъ намояд. Шаъну эътибори давлат дар арсаи байналмилалӣ ин шаъну шарафи шахрвандони он аст.

Дар ин нукта мо ҳамовозии истиқлоли сиёсии давлат ва истиқлоли фардиро дар мисоли ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ эҳсос менамоем. Зарур аст, ки ин ду нукта дар пахнои давлати миллӣ ва демократӣ ҳамдигарро пурра намоянд, аммо ҳаргиз аз пахнои худ суиистифода нанамоянд, зеро зиёдравӣ дар ин пахно ба номуназзамии давлат ва иллати сохибистиқлолӣ мекашад. Муҳим он аст, ки дар ин нукта мо киммат ва арзиши истиқлоли давлатӣ ва сохибихтиёрии фардро дар тавозуни манфиатҳои умум дуруст пайдо намоем. Дар ин самт дарк ва эҳсоси дурусти ҳикмати мустақилияти фардӣ ва пахнои он нақши бориз дорад.

Яъне, маҳз мустақил будан **ба иродан инсон озодиро фарохам оварда**, мусоидат ба он мекунад, ки ақл ва хиради ӯ аз сарчашмахои дониш бевосита (бидуни дахолати беруна, мустақиман) ба манфиати рухӯ тан ғизои маънавӣ гирифта, имрӯзу фардои худро дар доираи хостахои худ рохандозӣ намояд. Мухим он аст, ки андешаи озоди ӯ ва амалкардҳояш дар сатхи

[1] Нит.: Бентам Н. Кодекс вождей и политиков всех времен и народов // Сост. И.Н. Кузнецов. – Ростов-на-дону, 2008. – С. 93.

хираду донишаш мутобиқ ба манфиат, қадру қимат, нангу номус ва шаъну шарафаш созмон мегирад. Пас, хирадмандӣ ва сатҳи саводнокӣ дар арҷгузорӣ ба озодию истиқлолият накши муҳим дорад.

Агар субъект дониши кифоя ва хиради комил надошта бошад, пас ӯ иродаро дар тобеияти нафс ва ғаризаҳои номуайян ва ё манфии ботинӣ гузошта, пас он озод ва мустақил буда наметавонад. Ба ин маънӣ, истиқлолият дар сатҳи давлатӣ аз як ҷониб, истиқлолияти фардиро таъмин намуда, ба инсон имкон фароҳам меорад, ки ҷиҳати эътироф, ҳимоя ва таъмини қадру қимат ва шаъну шарафи худ кор ва зиндагӣ намояд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон дар паҳнои истиқлолият тимсоли оксиген аст, ки инсон аз он нафас мегирад, тавассути он солимӣ ва бузургиашро дифоъ менамояд, ҳеҷ арзиши дигаре ин нақшро бозида наметавонад.

Давлати соҳибистиқлоли адолатнок ба шаҳрвандон озодӣ ва истиқлоли фикр дода, онҳоро ҳамчун унсурҳои зиндаи фикркунанда, соҳиби ҳуқуқу озодиҳо, орзую омол, талабу дархостҳо ва сифатҳою хусусиятҳои дигари инсонӣ ба ҳаёти фаъоли дастачамъона ва лаззатҳои инфиродӣ ҳидоят менамояд.

Маҳз ҳамин худфаъолиятии субъектон қудрат ва нуфузи давлатро дар дохил ва хориҷ баланд бардошта, устуворию онро ҳамчун организми том таъмин менамояд. Агар истиқлолияти давлатӣ бо ҳуқуқу озодиҳои инсон созгор набошад, устувории он дохилан зарар дида, ягонагӣ ва томияти он осебпазир мегардад. Вуҷуди соҳибистиқлолии фардӣ ва коллективӣ бояд дар тавозуни муайян сурат гирад, то битавонад фарзанди умедбахши манфиатҳои миллиро тавлид ва тарбия созад.

Аз ҷониби дигар, истиқлолияти давлатӣ мустақилиятро дар зинаи мураккабтари ҳаёти иҷтимоии одамон эълон дошта, ба ҳайси як нуқтаи калидӣ – эътироф ва эълони ҳастии ҳуқуқии халқу миллати соҳибдавлатро дар олами муосир таъмин менамояд. Истиқлолият шиносномаи таваллуди давлат аст. Тавассути ҳамин соҳибихтиёрӣ инсонҳо, ба мисли як иттиҳоди халқӣ ва миллӣ, ҳуқуқ ба озодӣ, ба давлатдорӣ ва мавҷудияти худро эълон медоранд.

Халқ ва миллате, ки истиқлолият ва соҳибихтиёрии давлатӣ надорад, аз ҳуқуқу озодиҳои аслӣ, табиӣ ва сиёсии худ пурра бархӯрдор шуда наметавонад. Пешвои миллат дуруст таъкид намудаанд, ки «Омилии ҳастии ҳар як миллат андешаи истиқлол ва бунёди давлати мустақили миллӣ мебошад»[1]. Маҳз вуҷуди ҳамин андешаи истиқлолхоҳӣ ва бунёди давлати мустақили миллӣ дар шароити имрӯз кафили ҳастии сиёсии миллатҳо аст.

Албатта, ҷойи шукргузорӣ ва ифтихор аст, ки мо фарзандони миллати соҳибдавлат ҳастем, мо аз халқияте ҳастем, ки дар баробари дигар ҳуқуқҳои азалӣ ва табиии инсон аз ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ бархӯрдор буда, давлате бо номи Тоҷикистон дорем. Тоҷикистоне ки номаш тоҷиконро дар ҳама атрофу акнофи олам пуштибон асту, рамзҳояш ҳамсафару обу хоки бемислаш, табиати бихиштосояш мисли гаҳвораи рангин моро дар оғӯши худ ҷо кардааст.

Боз ҳам ҳак ба ҷониби Пешвои миллат – Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон аст, ки ба маврид аз барои ҳар яки мо таъкид мекунанд:

«Мо бояд Ватани худро сидқан ва баробари чони хеш дӯст дорем, ватандӯсту меҳанпарасти воқеӣ бошем, шукронаи неъмати бузургтарин ва мукаддаси инсонӣ, яъне соҳибватанӣ ва озодиро ба ҷо орем»[2].

Яъне ватанро бо забон не, бо шиорбардориҳо ва байракбардориҳо не, ҳатто бо қалам ҳам не, балки бо қалбамон, бо амалкарду рафтори шоиста ва дастовардҳоямон дӯст дорем, Ӯро ҳамчун гаҳвора ва паҳнои орому осуда ва гулгулшукофони буду бошӣ худу фарзандонамон эҳсос кунем, ҳамчун хотираи неки ниёгонамон қадр созем ва ба мисли як макони зиндагии наслҳои ояндаамон обод созем, ҳифз намоем, рушд диҳем ва орому зебо ба мерос гузорем. Қадами нахуст дар роҳи расидан ба ин шоҳроҳи ватанпиноси ва кадршиноси аз меҳан, ин шукри ватанро ба ҷо овардан аст.

---

[1] Нигр.: Ҳошимзода А.Ғ. Андешаи давлати миллӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – С. 3.

[2] Паёми Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2015.

Б. Шукргузорӣ симати миллати соҳибдавлат аст

Дар воқеъ, муҳимтарин вазифаи мо имрӯз расидан ба қадри ҳамин истиқлолият, ғиромидошти соҳибихтиёрии давлатӣ, ҳифзи дастовардҳо ва шукргузорӣ аз ҳамин неъмат ва паёмадҳои неки он аст. Хазинаи маърифати инсонӣ бо ҳама навъи таълимоташ, чи даҳрию чи динӣ, чи дунявию чи уқбоӣ расидан ба қадри неъмат, шукргузорӣ аз онро амали нек, собитшуда ва созандаи инсонӣ шинохтаанд. Мавлоно Румӣ ба ин маънӣ гуфтаанд:

Шукри неъмат, неъматат афзун кунад,
Куфри неъмат аз кафат берун кунад.

Шукргузорӣ аз неъмати истиқлоли давлатӣ ва озодихо арзиши ғоявӣ ва сирф назарӣ нест. Шукргузорӣ аз неъмати истиқлолият силсилаи донишҳои назарӣ, таърихӣ ва амалиест, ки дар заминаи дарки неъмати истиқлол, шинохт ва хазми он арзи вуҷуд карда, тафаккур ва эҳсоси ҳар фарзанди миллатро дар ҳимоя, рушд ва муаррифии он ҳамчун қарзи инсонӣ, вичдонӣ ва имонӣ ташаккул медиҳад.

Шукргузорӣ танҳо бо забон буда наметавонад, вай мисли ҳар арзише вижагиҳои маърифатӣ, амалӣ ва таърихиро касб намуда, бастагӣ ба шаклгирии тафаккури инсонӣ ва ифодаи рухияи халқ ва миллат дорад. Мисли оне, ки шукргузории неъматҳо аз назари ахлоқӣ ва маърифатӣ ҷанбаҳои мухталиф ва тавъам ба узвҳои эҳсосотӣ дошта, таъсиррасонанда ба ирода ва зоҳирёбии амалҳои мушаххас аст, **шукргузории неъмати истиқлол** ҳамчун эҳсосоти пайваст бо ватан, зодгоҳ, фарҳанг, урфу одат, анъанаҳо, сару либос ва макони шаклгирии эҳсосоти худӣ ва ҳукукӣ, баёнгар ва зуҳури иродаи мустақили афрод аст, ки зери таъсири аломатҳои умумиятдошта ва арзишманд **рухияи соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти халқу миллатро** ҳамчун ичтимои доираи аломатҳо ва махсусиятҳо муаррифӣ менамояд.

Омӯзиши масъалаи мазкур бо хама омехтагиҳои табиати инсонӣ танҳо ба як соҳаи илм побанд набуда, дар маҷмӯъ ба этнография, этнология, сотсиология, ҳукук, фалсафа, таърих фарҳангшиносӣ, равоншиносӣ ва ҳатто равоншиносӣ (психоанализ)

тавъам аст. Инҷо зарур аст, ки усулҳои инфиродию универсалӣ бамаврид луруст истифода шаванд.

Миллати соҳибдавлат, халқи рухияи соҳибихтиёрӣ дошта куллияи инсонҳое аст, ки онҳо соҳибакида, соҳибирода, қадршиносу шукргузори неъмат буда, дар баробари шинохти неъмат роҳҳои назарию амалии ҳифз, рушд ва дастрасии онро барои наслҳои оянда фароҳам меоранд. Муҳимтарин хислати ин халқият дар баробари унсурҳои маънавӣ ва маърифатӣ, ҳамеша дар он ифода ёфтааст, ки онҳо дар зиндагии дастаҷамъонаи худ тахти арзишҳои умда ва марказие, ки дар хамбастагӣ ба саодати зиндагии фардӣ ва ҷамъиятии онҳо мусоидат менамоянд, муттаҳид шудаанд.

Ба сифати чунин арзишҳои муттаҳидкунанда дар ҷомеаи мо ин ҳадафҳои олии миллии мо – бунёди давлати адолатнок, демократӣ, ҳукукбунёд, ичтимоӣ, дунявӣ, ягона, тантанаи ҳукуку озодиҳои инсон аст, ки Конститутсияи кишвар онҳоро эълон ва кафолат додааст, баромад мекунанд. Ҳарчанде ки ин арзишҳо ва ҳадафҳои олии миллӣ равшану умдаанд, вале дар сохтумони ин навъ ҷомеа вакт, шароит, хамоиши фикрҳо ва интихоби арзишхо вобаста ба нафъу манзалаташон ба таври худ таъсирҳо доранд. Ба вижа, масъалаи интихоби арзишу неъматҳо ва ҷойгузинии онҳо дар ҳаёти воқеӣ дар бунёди давлатҳои миллӣ дар шароити нооромии ҷахони муосир ба мушкилии ҷиддӣ рӯ ба рӯ шудааст.

Интихоби арзишҳои нобаробар ва мақомгузории нодурусти онҳо вобаста ба шароит дар рӯзгори давлатҳои миллӣ дар самтҳои мухталиф эҳсос мешавад. Мисол, нифоки ғояҳо атрофи ҳукуку озодиҳои шахсӣ ва яксара амалӣ кардани онҳо, ки вобаста ба шароит мушкилиро доро аст, монеаҳои сунъиро ба раванди демократикунонии ҷомеа ба бор овардааст.

Масалан, дар конститутсияҳои ҳамаи давлатҳои демократӣ ҳам ҳукукҳои шахсӣ, озодиҳои сиёсӣ, эътиқодӣ ва ҳам хукукҳои иқтисодию ичтимоӣ барои рушди саодатмандии инсон муҳим арзёбӣ мегарданд. Аммо, вобаста ба шароити давлатдорӣ, рушди мафкураи миллии ҷомеа дар ин ё он давраи мушаххаси таърихӣ, зарурият ба миён меояд, ки ба баъзе аз ҳукуку озодихо афзалият дода шавад. Аз ин хотир, субъекти фаъол дар ҷараёни интихоб, чи

DENOV TADBIRKORLIK
VA PEDAGOGIKA
INSTITUTI ARM
№ 30938

дар ҳаёти фардӣ ва чӣ иҷтимоӣ, вобаста ба шароит мебояд усулҳои дурусти илмиро истифода намояд. Мисол, усули афзалияти амали некро мисли **«аз ду бадии пешорӯ истода бадии камтару аз ду некии дар интихоб истода некии афзалтарро»** ниёгони донишманди мо дар лаҳзаҳои хассоси ҳаёти шахсию иҷтимоияшон дар гардишҳои таърихӣ дуруст, бамавқеъ ва ба манфиати фардои фарзандони худ интихоб намуданашро талаб кардаанд.

Дигар ин ки давлатҳои муваффақ арзишҳо ва неъматҳоро дар масири таърих вобаста ба манфиати давлату миллати худ, дар ҳамбастагӣ ба саодати наслҳои оянда, бамаврид ва дуруст дарк, ҳазм ва татбиқ намудаанд. Маҳз хамин аломатҳост, ки кишвare бо 20 ҳазор аҳолӣ (Лихтенштейн) ва ё аз он ҳам камтар дар паҳноии олам ҳуқуқи сохибихтиёрию худмуайянкунии худро дуруст истифода намуда, ҳастии худро мӯътадил дар ҳама пастию баландиҳои олами ноором ҳифз намуда, вале кишварҳое бо даҳҳо миллион ҷамъият ба хун оғӯшта шуда, ҳуқуқи худмуайянкунии худро дар ҳолати ногувор қарор додаанд.

Гузашта аз он иддаи дигар бо даҳҳо миллион аҳолӣ то ҳанӯз давлати худро надоранд. Тавре маорифпарварони тоҷик дар ибтидои садаи XX дарк карда буданд: «Бузургии давлатҳо бо шумори аҳолӣ ва ҳудуд муайян намешавад», ё ҳаким Фирдавсӣ ҳазор сол пештар аз онҳо гуфта буд:

Пароканда лашкар наояд ба кор,
Дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор.

Яке аз омилҳои худшиносӣ ва расидан ба қадри истиқлолияти давлатӣ дуруст сабақ бардоштан аз таҷрибаи таърихист. Ба хусус таҷрибаи талхи таърихи халқи тоҷик, ки бо ҷурми иллатҳои мухталифи дохилию хориҷӣ садсолаҳо дар вартаи бедавлатӣ буда, фарзандони барӯманди он дар ба дари хокимони аҷнабӣ барои бегонагон хизмат кардаанд. Таърих моро дар тангнои таҷрибаи нобасомони худ ба он дараҷа сахт гирифтааст, ки натиҷагирӣ аз рӯзгори нохуш хам аз зиндагии гузаштаамон ва ҳам дар рӯзгори муосири ҳамсоягонамон сабақомӯз аст. Дуруст аст, ки бузургон гуфтаанд: миллати оқил аз

таҷрибаи бегонагону халқи дар иштибоҳ афтида аз рӯзгори худ сабақ мегирад. Акнун мебинем, ки таҷрибаи талх хукми устодиро ба мо ҳам дар рӯзгори хешу ҳам ҳамзабононамон доро аст. Мо ба ин тахдиди устодони бузург хуқуқи иштибохро дигар надорем.

Вале бо вуҷуди ин ҳама таҳдидҳои таҷриба, дар рӯзгори муосир дар замони сохибистиклолии давлати мо, ки ҷаҳон ноором аст, дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии халқи тоҷик баъзе аз равишҳо ва калавишхое сар мезананд, ки аз содагӣ ва самимияти инсондӯстии мардум, аз эътиқоди самимиашон ба арзишҳои динӣ, ба худшиносии миллӣ ва эҳсоси ватандорию хифзи истиқлоли омма латма ворид мегардад. Омилҳои бегонапарастӣ дар пӯшиши либос, гирифторӣ ба таассуби динӣ, худхохии бемавқеи ғайриахлоқӣ, таърихпарастии беҷою суханпардозиҳои ноҷои иддае аз бародарон, ки дар заминаи озодиҳои бо ном демократӣ сар задаанд, ҳарчанд барои бисёриҳо масъалахои ночизи иҷтимоӣ намоянд ҳам, дар асл, аз бӯҳдҳои мухталиф ношукрии мафкураи чомеаро ба истиқлолияти давлатӣ афзун менамояд.

Онхое, ки имрӯз аз хориҷ тавассути сайтҳои мухталифи интернетӣ ба хастии истиқлоли мо санг мепартоянд ва бо ҳар роҳу восита мехоханд ба рамзҳои давлатдории мо латма ворид созанд, хизмати хочагони берунаро иҷро менамоянд ва ба номи поки миллати тоҷик хиёнат мекунанд.

Пешво – рамзи давлатдории миллии мост, Тоҷикистон ватани азизи мо тоҷикистониён аст, хама бурду бохти ин кишвар ҷузъи ҳастӣ ва хотираи миллати мост, нозебо аст, ки арзишҳо ва рамзҳои миллиро байни бегонагон бо харфҳои бад ба муаррифӣ гузошта, аз онҳо ба бадию хусумат ёдрас шуда, ҳастии миллати худро зери хатар гузорем.

Таҷрибаи талхи Ирок, Афғонистон, Сурия, Украина, Белоруссия ва ғайра ки имрӯз бо ҳидояти бегонагон вахдатро ба пароканда иваз кардаанд, бузургтарин хотирахои моддии таърихиро ба боди нестӣ дода, кишварҳои худро ба мухлати дахсолаҳо бар кафо партофтаанд, магар моро сабақ намедихад. Оё ин ҳама барои мо дарси ибрат нест? Таъкиди ёдрасшудаи бузургон дар масъалаи он, ки «окилон аз хатои дигарон меомӯзанду омиён дар хатои худ» магар ба мо рохнамо нест?

Албатта, ин гуруҳе, ин иддае ҳанӯз ифодагари халқ ва мардуми кишвар нест. Дуруст аст, ки онҳо фарзандони мардуми Тоҷикистонанд. Мо бояд хуб донем, ки тоҷик дар маҷмӯъ дар қатори камбудҳои зиёди таърихиаш дар ҳама давру замон аз миллатҳои фарҳангӣ, созанда ва эҷодгар будааст. Имрӯз вақти он расидааст, ки чашми хирадро боз намоем, сабақ аз гузашти рӯзгор бардорем. Тавре устод Рӯдакӣ фармудаанд:

Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.

Бояд дарк намуд, ки ин гуна зиёдаравиҳо дар муаррифии миллат ва давлати хеш натиҷаи нодида гирифтани дастоварду музаффариятҳо ва пошукрӣ ба неъматҳост. Маҳз барои ҳамин, муҳимтарин калиди ин муаммо – расидан ба қадри неъматҳо ва шукргузорӣ аз дастовардҳост.

Таърих дигар моро намебахшад, манифати миллат ва давлатро бояд дар мадди аввал гузорем, бародарони гиромии бо ном озодихоҳ, бояд дарк намоянд, ки озодии берун аз ахлоқ ва манфиати умум озодӣ нест. Ҳар озодӣ ва сухан сарҳад дорад, сарҳади ҳарфи сиёсӣ ва ҳукукӣ имрӯз манфиати мардуми Тоҷикистон аст. Барои дарки дуруст ва ҳазми мантикии ин рафторҳои барои шахсиятҳои чудогона «шоистае», ки ба «бохти» таърихии миллат «боиста» гашта, ба решаи худшиносӣ – истиклоли давлатӣ осебоваранд, ҳалли ақал, мо бояд, ки садои навҳаи рухи таърихии миллатро бишнавем ва аз тачрибаи талхи ниёгон сабақ бардорем.

В. Назар ба тачрибаи талхи таърихӣ

Назари сатҳӣ ба таърихи навини давлатдорӣ ва ҳатто ба тамаддунҳои собиқ шохолати он аст, ки накш ва нуфӯзи қадршиносӣ аз неъмати давлатдорӣ дар хама давру замонҳо аҳамияти бориз дар хастии халқу миллатҳо дошtааст. Албатта, дар аҳдҳои бостон вобаста аз услуби идора ва навъҳои таърихии давлатдорӣ ва режимхои сиёсии шоҳию истибдодӣ, мавҷудияти ин унсур дар табиат ва фаъолияти сиёсатмадорон ва сохибқудратон накши бештар дошт. Вале дар замони муосир, ки

тачриба ва рушди давлатҳо зиёда ба ҷанбаи сохибихтиёрии халқ ва эътирофи ҳокимияти мардумӣ такя мекунад, накши ҳикмати шукргузории инфиродию дастҷамъонаи ҳар фард ва ҳар халқ аз неъмати истиклол дар муайян намудани шаъну эътибори давлати сохибихтиёр ба маротиб афзун шудааст. Маҳз хамин омил, яъне адами шукргузорӣ аз неъмати истиклол, дар бештари мавридхо иллати бедавлатию фурӯпошии зиёде аз халкҳо дар масири таърих будааст.

Чаро мо ба ин масъала тавачӯҳ менамоем? Чунки миллати мо дар роҳи шинохти арзишҳо ва тарики ифодаи он дар масири таърих худро ғанӣ ва ачоиб, олиҳиммату сода муаррифӣ сохтааст. Дар баробари сифатҳои неку олӣ, созандаю хирадмандонааш, фарзандони **ӯро зохирпарастию худнамой, кибру ғурур, хоксорию бетарафӣ, содагию кутоҳназарӣ дар омезиш бо зиёдаравиҳо, таассуб, бегонапарастӣ (дар андеша, гуфтор, либос, эътиқод ва ғ.), таклиди бемавқеъ ва космополитизму хаёлпарастӣ,** муддатҳо домангир будааст. Мутаассифона, иддае аз ин бемориҳои маънавӣ то ҳанӯз бо роху воситаҳои гуногун ба мафкураи миллати мо таъсирҳо доранд.

Маҳз чунин махсусияти фарзандон дар фарози таърих ва паҳнои тамаддунҳо ин халкиятро борҳо такрор ба такрор ба мушкилию гирифториҳои мухталиф рӯ ба рӯ кардааст. Таърихи халқ ифодагари рӯзгори организми зиндаи дорои шуур, акл ва хирад аст, ки дар хар омаду ноомад накшашон чолиб, халкунанда ва тақдирсоз аст. Тамоюлҳои таърихсозию тахрихдуздӣ ба манфиати касе буда наметавонад. Таърих романи каблан фикркарда ва навишташудаи шахсияти чудогона набуда, вай маҳсули ҳаракат ва амалкардҳои мафкураи инсонҳост ва тахти омилҳои мухталиф қарор дорад. Омили инсонӣ, албатта дар мачмӯъ дар вобастагӣ ба макону замон, дар он накши муассир дорад.

Омӯзиши таърихи мо гувохи он аст, ки дар баробари бадолатиҳои бегонагон, хатоҳои шиёкони мо дар ҳаводиси нохуши таърихи миллат кам нестанд, рӯшӯш кардани онҳо ва ёдрас нашудан аз онҳо дар чараёни тафохури таърихӣ, моро аз бемориҳои навбатин он эмин намедорад. Баръакс, мо бояд

ҳадди пешрафта натавонистан мансух карда, фақат худашро таъриф мекунаду бас. Ва беш аз ҳама аз шиғоҳ кардан ба захмҳояш метарсад. Халқе, ки бузург асту дар камоли қудрату зиндагӣ, ба тарзи дигар рафтор мекунад, эҳсоси норасоиҳои худӣ ӯро ба ҷойи маъюс гардонидан ва ё ба неруҳояш бо дидаи шакку шубҳа нигаристан, қуввати нав мебахшад, барои тараддуди тоза пару бол медиҳад».

Албатта, тавре ки устод Акбар Турсон таъкид мекунад, мо ҳам мисли фарзандони фарзонаи миллат бовар намекунем, «ки мардуми тоҷик аз ҷумлаи халқҳои заифе бошад, ки рӯзии таърихиашон дар хони қазо тамом шуда, ҳарчанд, ки ба пешонии пурчинаш кабат-кабат чангу гарди даври рӯзгор нишаставу қабои қазогандаш ҷо-ҷо дарида…». Вале мо ин лаҳза вазифадорем, ки иллати чунин бесарусомониҳои таърихӣ ва рӯзгори вазнини ниёгонро дар шароити истиқлолияти давлатиамон дарк ва ҳазм намоем.

Дар вокеъ, омилҳои чунин ҳодисаҳои нангин, чи дар асосҳои илмӣ-назарӣ ва чи дар равобит бо масоили ҳаводиси таърихӣ, дар ниҳоди ҳар халқиятгу миллат зиёд ва мухталиф аст. Барои мо муҳим он аст, ки аз ин камбуду норасоиҳо сабаки дуруст бардорем ва ба қадри ин истиқлолият расем. Ва ҳаргиз нагӯем, ки истиқлолият ба мо ба осонӣ ба даст омадааст, зеро то ба имрӯз расидан модари тоҷик ва фарзандони ӯ дар масири таърих хорихои зиёд дида, халқи ғешабатаърихи тоҷик аз доштани давлати хеш маҳрум будааст.

Г. Ба қадри неъмат касе мерасад, ки лаззати бенеъматиро чашида бошад

Саҳифаҳои таърихи миллати мо ҳодисаҳои нашговару нохамворро зиёд лидааст, вале аз он ибрат нагирифта, такрор ба такрор бо чунин иллатҳо азият кашидааст. Ҳар инсони ватандӯст ва худшиносе, ки вориди сахнаи таърихи халқи тоҷик мегардад, дар баробари дастовардҳои мухталиф бо ҳолиса ва сахнаҳои ҳузнангез аз ҳиёнат то ҳиҷолат, аз таассуб то ифрот рӯ ба рӯ шуда, мебинад, ки чӣ тавр **муҳаббат дар киболи бепарвой, кахрамонӣ дар пахлуи хиёнат, озодандеши дар мукобили**

таассуб ва монанди инҳо бо вазни ночизе дар таърихсозии миллати мо мавқеи худро аз даст медиҳанд. Натанҳо таърихи тамаддуни исломӣ, ҳатто тамаддун ва фарҳанги ҳазорсолаи давлатдории тоисломии ӯ низ чунин мочароҳоро зиёд медонад.

Асное, ки рӯ ба рӯ бо ҳодисаҳои ҳузнангези таърихӣ, мисли сукути қудрати Ҳахоманишиҳою куштори Дориюш, марги Сӯҳробу Сиёвуш, шикасти давлати Сосониён, хиёнати руҳониёни таассубангезу нузули кудрати Сомониён, марги кахрамонҳое чун Шерак, Спитамен, Темурмалик, хории Рӯдакию Фирдавсию Сино, куштори Низомулмулку Ҳилолӣ, сӯфиёне чун Аттору Сухравардӣ ва дигар мутафаккиронро дида, сарзамини тоҷикро зери суми аспони чодарнишинону сахрогардон ва занону духтарони халқро зӯран дар оғӯши бегонагон ва нангу номуси миллатро пахшшуда дармеёбӣ, руҳи худро поором, ҳайратзада, беирода дарёфта, орзуи баромадан аз ин сахнаҳои таърихӣ менамоӣ…Он лаҳзаҳо садои Лоики меҳансаро баланд ва ҳамдард дар гӯши дили мо садо медиҳад:

Зи ҷабру зулми Искандар, зи хунхории Чингизхон,
Низои дину мазҳабҳову бедоди ҷаҳонгирон,
Аз он савдогарони шаҳр – ҳам мероси аҷдодон,
Зи дасти мангиту турку араб, аз ҷаҳли барбарҳо,
Зи андозу хироҷу боҷ, аз даргоҳи бедарҳо,
Зи чоҳу кундаву занҷир, аз зиндону завлона,
Зи минбарҳои бепоя, зи маснадҳои шоҳона,
Зи дасти сарнавишти хеш-аз тақдири пешонӣ,
Паноҳ овардӣ дар кӯҳсор, эй марди кӯҳистонӣ…[1]

Албатта, бо ин гуфтаҳо мо ҳеҷ гоҳ сахнаҳои фараҳангезу ибратбахши таърихи миллатро инкор карданӣ нестем. Вале, чун атрофи онҳо зиёд гуфтаанду ба ҳалле боз мегӯянд, ҳадафи мо, он сӯи зери соя мондаи ҳаводиси таърих аст, ки ҳам ҳаққи таърихии баёнро ва ҳам мисли бемории сироятӣ имкони гузаштан аз насл ба наслро дорад, ҳадафи мо он ҳаводисро ошкор кардан ва ба **ҳадде аз он сабак бардошта ва дар оянда роҳ надодан ба чунин**

[1] Лоиқ Шерали. Куллиёт. Ҷилди 1. Ашъор. – Душанбе: Адиб, 2008. – С. 99.

иштибоҳ аст. Не, ин ҳаргиз нахзании таърихи миллат набуда, ин ҷузъи хастии мост, ки то имрӯз азиятамон мекунад. Барои он ки ояндагон аз таърихи имрӯзи мо шарм накунанд, мо бояд аз он сабак гирем.

Воридшавӣ ба таърихи миллат барои мо муддатҳо дарднок ва аламнок аст. Зеро дар ҳар зинаи таърихӣ, бо фитнаи ҳамдиниону ғарази ҳамзабонон, ғорати бегонагону ҳиллаи чодарнишинон рӯ ба рӯ шуда, худро дар ҳолати маҳзунӣ ва рухафтодагӣ мебинем. Танҳо, бале тани танҳо, вориди саҳнаҳои таърихӣ гашта, ба паҳноҳое мерасем, ки рӯ ба рӯямон фарзандони хоини миллат, дарвозаи Самарканду Бухороро ба ғосибоне чун муғулону туркони ланг боз менамоянд, бо он фитнаю ҳиллаи ҳасудоне рӯ ба рӯ мешавем, ки беҳтарин фарзандони фарзонаи миллатро чун ҳаким Фирдавсию Умари Хаём, Абӯалӣ Синою Ҳилолӣ, Ғаззолию Носири Хисрав ва дигарон бо гуноҳони бофта ба доми бало гирифтор менамоянд, садои талхи модари тоҷик, ки қарнҳо ба хотири чавонони паҳлавону ғурамаргаш, таи султаи *юнонию римиҳо, арабу туркҳо ва дигарон афтидааст, рухамонро ноором ва диламонро ба ларза меорад… Сабуктегину Чингизхон, Махмуди ялавочу Маҳмуди Ғазнавӣ, қотилони Низомулмулку шайх Аттор яке паси дигар ба арзишҳои миллӣ, динӣ ва маънавии халқи мо хиёнат менамоянд, вале замона ором ҳаводиси рӯзгорро ба ҳукми таърих мепартояд.*

Фарзандони қаҳрамони миллатро бо ҷурми таънаю маломат куштa, ҷасади фидокорону ҷоннисорони ватанро бо мушти хок бар каф ва васияти охирин дар миёнбанд баста, оғушта дар хуну хок мебинем. Садои дар коғаз печидаи Темурмалик, ки аз миёнбандаш берун омад, то ҳанӯз дили ҳар ватандорро ба ларза меорад: **«Э он ки мурдаи ман ба дастат меафтад, агар некхоҳи одамон ва ватандӯст бошӣ, маро бо ин як каф хок гӯрон, ки ин ёдгории ватани азизи ман аст! Атри кафан зи хоки Ватан кардам орзу, Во хасрато, ки мебарам ин орзу ба хок»**[1]. *Душмании* миллати мо Сабуктегину Чингизхон, Махмуди

[1] *Айнӣ С. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик. Исёни Муканнаъ.* Душанбе: Маориф, *1978. – С. 80.*

ялавочу Маҳмуди Ғазнавӣ, қотилони Низомулмулку (Ҳасан ибни Саббоҳ) Ҳилолӣ, яке паси дигар ба арзишҳои миллӣ, динӣ ва маънавии халқи мо хиёнат менамоянд, вале замона ором ҳаводиси рӯзгорро ба ҳукми таърих мепартояд. Эҳ, дар бораи гузаштагон чи мегӯем, чанде пеш ҳамроҳи дӯст ва бародари ҳамкорам, шахси донишманду меҳанпараст Азизӣ А. ба яке аз кишварҳои ҳамзабон сафари хидматӣ доштем, аснои зиёрати яке аз намоишгоҳҳо симои қаҳрамонони халқи худ Рустам ва Суҳробро бо чашмони тангу симои барои халқи мо номувофиқ дида нашинохтем, вакте фаҳмидем, ки рассом киро кашидааст, дуд аз қалбамон боло рафт…

Гӯё чунин буданаш қонуни зиндагист… Аммо худшинос, ватандӯст, озодихоҳ ва истиқлолиятхоҳ бо ин ҳама розӣ буда наметавонад, азият мекашад, дилаш тоҳ мезанад ва рухаш худро ором намеёбад…

Таърих бо хотироти номафҳумаш моро азият ва руҳамонро ноором менамояд… Аз чунин таърихдорӣ, таърихсозӣ ва таърихомӯзӣ хорӣ кашида, ба андешаи он ки «Таърих чиро меомӯзад? Ҳеч чизро!» (ибораи Гегел) хомӯшона розӣ шуда, дида ва фаҳми хотиротро ба сирояти бепарвой гирифтор месозем ва ё худро ба беморин дигари муҳташамии сафаҳоти ҷудогонаи таърихӣ ором менамоем. Албатта, на ину на он ба манфиати мо нест.

Мо борҳо халқамонро дар чунин кӯчаҳои сарбаста, бо чунин мусибатҳои азим дар халқаи беадолатиҳои таърихӣ дидаем. Модари тоҷикро аз модари яҳуд бештар озурдаю хор ёфтаем. Агар кавми яҳудро васияти Торо, ки: «Шуморо аз ватанатон рондам, ба оламҳо пароканда кардам, вале ҳарчо, ки рафтед, шуморо азизу муътабар доштам», ҳифз карда бошад, ин халқияти офатзадаро, на васият ва на хилъати илоҳии «интихобӣ» буданаш, **балки илмаш, донишаш, ҳунари воло, касбу кор, санъат, урфу одат ва забони шевояш дар ғарибиҳо гиромӣ,** дар мулкҳои бегона дар мансабҳои мухталиф шинонда, забонаш шеваи дафтардории навдавлатон, писъраш оғози адаби бефарҳангон, сару либосаш рамзи пўшиши либоси барбариҳо ва тачрибааш сабаки зиндагии чодарнишинон гаштаааст. Бо вучуди

ин ҳама, таърих ба халқи мо дар маҷмӯъ бениҳоят сахтгир будааст.

Дар кӯчаҳо ва даврахои ин таърих борҳо каҳрамонони миллатро бо мушти хок дар ғарибиҳо гӯронда, дузду ғоратгару ватанфурӯшро дар пешгоҳи ғоратгарони аҷнабӣ, дар ватан дидаем. Фарзандони содиқу донишманди ӯро дар аксари мамолики дунё то ба «шохи файласуфию», «баҳри маърифат», «асосгузори илми тиб», «пири ҳакимони машриқзамин» эътироф кардаанду, дар ватан ва сарзамини бобоияшон ҳукм ба куфру қатл – насибашон… Борҳо марги олимону шоирону содиқони ватану эътиқоддорони асилро бо ҷурми хоинӣ, лодинӣ дар ватан дидаю садриншинии мутаассибону ҷоҳилонро дар маснади ғосибони ин мулкҳо. Ин ҳамаро дар таърихи халқи азияткашидаи хеш зиёд ёфтаем.

Аз ин рӯ, омӯзиши ин таърих ва ҳатто дарс гуфтан аз ҷанбаҳои мухталифи он барои хар инсони худшинос азиятовар аст. Вале чӣ илоҷ, ки он таърихи мост, таърихи фарзандони ин миллат, яъне халқе, ки барои обурангии фарҳангӣ, устувории тамаддунҳо ва пешравиҳои инсоният хизматҳои беандоза бузург карда, вале дар зиндагии худ аз ҳикмати зиндагӣ, хони маърифати ватандорӣ чунин кашшок ва хор будааст. Ин таърих бо хама вазниӣ, хама талхӣ ва хама беинсофиаш ҷузъи фарҳанги миллати мо, пораи ҷудонашавандаи хастии аҷдодони мо ва мактаби бузург, сахтгир ва адабпарвари хотираи мафкураи мост. **Онро омӯхтан, донистан, гиромӣ доштан ва бо сахифаҳои зафарманди он ифтихор кардану аз камбуду норасоиҳояш сабақ бардоштан вазифаи мукаддаси мост.**

Хотима

Имрӯз мо ба ҷашни 30-юмин солгарди истиқлоли Точикистон – давлати соҳибихтиёри точикон наздик шуда истодаем. Давлатсозию давлатдорӣ кори чанд даҳсола ва хатто як насли инсонӣ набуда, он як даврони дурударози таърихӣ ва пайвасти ногусастании наслҳо, анъанаҳо ва арзишҳои халқиятро *такозо дорад. Шукр мекунем*, ки тайи ин мудлат корҳои зиёди *давлатсозию давлатдориро* паси сар намуда, дар шоҳроҳи

таҷрибаи идоракунии пешқадами ҷаҳонӣ нухба ва бунёдгузори давлати миллии худро ба симати Пешво пайдо намудем. Пешво нуктаи ибратбахш, илҳомовар ва рамзи устувори бардавомии давлатдории мост.

Истиклоли давлатӣ рохи фардои давлати миллии моро тахти сиёсати бунёдгузори давлати точикон. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон муайян кард. Халқи Точикистон ба шоҳрохи бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ягона ва иҷтимоӣ думболи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ баромад. Расидан ба ин максадҳои олӣ вақтро такозо менамояд, зеро ин раванд аст ва он пайваста дар идома мебошад, муҳим он аст, ки раванд огоз шудааст.

Имрӯз бо дарки масъулият дар назди таърихи талхи халқ, дар назди номи неки миллат ва дар назди оянадагон, ки онҳо низ аз мо умедҳои калон доранд, аккалан ба хотири он ки пас аз мо фарзандону наберагонамон нагӯянд, ки гузаштагони наздикамон ба мо чӣ мондаанд(?), мо мардуми Точикистонро зарур аст, муҳим аст, ки атрофи сарвари давлат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти муҳтарами мамлакат Эмомалӣ Раҳмон устувор муттаҳид шуда, истиклолияти давлатиро бо кору фаъолияти содикона, бегаразона ва дастовардҳои назарраси меҳнатӣ муаррифӣ ва хифз намоем.

Наботов Сиёвуш Холмуродович,
ассистенти кафедраи ҳуқуқи
тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,
доктор PhD

РИСОЛАТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ҲАМЧУН ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Ҳангоми омӯзиш ва таҳқиқи мавзӯҳои вобаста ба самти фаъолияти президент ва пешвоёни сиёсӣ рисолаи таълифнамудаи як донишманди риштаи ҳуқуқ хеле ҷолиб буд, ки бо чунин ҷумлаҳо оғоз мешуд: «Дилхоҳ кишвари муосирро ба киштии бузурге шабоҳат додан мумкин аст, ки бо қувваю маҳорати маллоҳони он дар укёнуси беканори ҷаҳонӣ шино мекунад. Дар ҳайати киштӣ гурӯҳҳои маллоҳоне қарор доранд, ки бори масъулияти ҳаракати бехатари киштиро ба уҳда гирифтаанд. Ба ин даста капитани киштӣ[1] роҳбарӣ дорад, ки барои ҳаракати босуръати киштӣ, беосеб бартараф намудани мавҷҳои пуртуғён, шаҳҳои зериобӣ, тӯфонҳои пуршиддати сарироҳ, дарёфти окилонаи «боди мурод» масъулияти бузург ба дӯш дорад. Ин киштӣ ба сохили мақсад дар мавриде мерасад, ки агар капитан ва дастаи маллоҳон яқдилона тибқи нишондодҳои қутбнамо фаъолият бурда, қоидаҳои киштирониро ба роҳбарӣ гиранд»[2]. Дар ин мисоли рамзии мо, ки барои маърифати аҳамияти мавзӯи мавриди баррасӣ манзури хонанда гардонидем, капитани киштӣ – Пешвои миллат – Президент, (баъдан Пешвои миллат) дастаи маллоҳон – хизматчиёни давлатӣ, қутбнамо – конститусия ва қоидаҳои киштиронӣ – илми идоракуниро ифода мекунад.

9 декабри соли 2015 Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат»-ро ба тасвиб расонид. Баробари кабул шудани қонун он мавриди тавоҷҷуҳи васеи мардуми кишвар ва доираҳои байналмилалӣ кароро гирифт. Бо назардошти тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ворид гардидани масъалаи мазкур дар сатҳи Конститутсия аз моҳи майи соли 2016, 8 ноябри соли 2016, № 290 боиад Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» кабул гардид.

Бо тавоҷҷуҳ ба аҳаммияти таърихии ин конун дар сарнавишти давлатдории мо дар ин кисмат кӯшиш намудем, ки зарурати сиёсию таърихӣ, накши ваҳдатбахш ва ниҳодсоз, таҷрибаи ҷаҳонӣ ва паҳлуҳои гуногуни назариявӣ ва амалии масъалаи доштани Пешвои миллат мавриди баррасӣ карор бигирад.

Қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» яке аз муҳимтарин рӯйдодҳои сиёсии кишвар дар солҳои охир ба ҳисоб меравад. Ин қонун дар низоми ҳуқуқӣ ва сиёсии Тоҷикистон ва дар таърихи давлатдории миллии тоҷикон ниҳоди комилан ҷадид, яъне ниҳоди Пешвои миллатро ворид намуд, ки он хамчун кафили сулҳу ваҳдат, суботу амният ва ҳифзи давлатдории миллии мо фаъолият хоҳад намуд.

Омӯзиши таҷрибаи таърихи ҷаҳонӣ ва назарбандиҳои илми гуноҳӣ медиҳад, ки доштани «Пешвои миллат»[1], эътирофи бунёдгузори давлат барои рушди худшиносӣ ва роҳи ҳамвори тараққиёти давлатдорӣ вобаста ба шароити дохилию байналмилалӣ дар ҷаҳони ноором шарт ва зарур аст.

[1] Дар ин ҷо мо шартан Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро дар назар дорем, ки баъд аз пурра ва ба таври расмӣ ба фаъолият шурӯъ кардани Пешвои миллат ҳангоми анҷоми ваколатҳои мансаби президентӣ, ки он ҳамтом ӯ тибқи қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» ба Президенти амалкунандаи он вақт маслиҳат медиҳад ва самтҳои сиёсати дохиливу хориҷиро муайян месозад, бори гарони давлатдориро низ бар душ дорад, ки ояндаи давлату миллат аз он вобастагӣ пайдо мекунад. Вокеан барои Тоҷикистон, як давлати ҷавон чунин як шахси кордону пуртаҷриба ва дар сиёсат пухташуда бенихоят зарур аст.

[2] Нег.: Раззоков Б.Ҳ. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – сарвари ҳокимияти иҷроия. – Душанбе: Ирфон, 2010.

[1] Ҳошимзода А.Г. Пешво ва оини давлатсозӣ. Монография. – Душанбе: Донш, 2021. – С. 25-42.

Соҳаҳои мухталифи илм низ аз ҷанбаҳои гуногун хизматҳои воқеии онҳоро қадршиносӣ карда, таъсири нек ва қавии чунин симохоро дар масири таърих барои рушд, вахдат ва пешрафти миллату ҷомеаҳо ёдрас карда, шинохт ва эътирофи онҳоро ба мисли «Пешвои миллӣ», «Падар –бунёдгузори давлат» ва монанди инҳо вогузор карда, ба фазои илмҳои сиёсатшиносӣ ва ҷомеашиносӣ ворид кардааст.

Чунин ашхоси хизматнишондода дар ҳаёти сиёсии кишварҳояшон бо номҳои гуногун дар руҳу равон ва қалби мардумашон ҳифз ва ёдрас шуда, мақоми ҳукукии гуногунро доро буданд. Нигоҳе ба таърихи ниҳоди Пешвои миллат гувоҳи равшани ин гуфтаҳост.

Мавриди зикр аст, ки созмони идораи давлатии муосир ва ташкили ниҳодӣ Пешвои миллат бо сарварии Президенти-Пешвой Эмомалӣ Рахмон ба осонӣ рӯи кор наомад. Он маҳсули таҳлилу натичагириҳо аз сабақҳои таърихӣ ва таҷрибаи ғании ҷахонӣ буда, бо назардошти амалияи ҳаёти давлатию ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои хоси Тоҷикистон зуҳур намуд.

Умумияти фаъолияти ниҳоди Пешвой дар таҷрибаи ҷахонӣ муаррифии олии давлат дар дохили кишвар ва арсаи байналхалқӣ маҳсуб меёбад, ки дар оянда халқ ва тамоми амалдорони давлатӣ ояндаи сиёсати давлатро дар мувофиқа об он пиёла месозанд. Ин умумияти пайдоши ниҳоди болозикр бо шахсияташ қишрҳои гуногуни ҷомеаро ором намегузорад.

Масалан, А. Раҳнамо аз он истиқбол мекунад, ки ниҳоди Пешвои миллат дар Тоҷикистон ба таври бисёр табиӣ ва дар тӯли беш аз ду даҳсола дар атрофи фаъолият ва корномаи шахсияти таҳрихӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ташаккул ёфта, ҳанӯз пеш аз кабули қонуни мазкур ба як воқсияти табиӣ ва таърихӣ табдил шуда буд. Мардуми Тоҷикистон шахсияти Эмомалӣ Рахмонро ба гадриҷ ҳамчун рохбари тавоною пуртаҷриба ва ҳамчун Пешвои воксии худ пазируфта, ин мафхум ва ин маком дар зехни ҷомеа пухта расида буд. Аз ин рӯ, Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат» бештар

накши макоми хукукӣ бахшидан ба ин воқеияти таърихиро дошт[1].

Бояд тазаккур дод, ки он замоне қонунҳои кабулшуда устувор ҳисоб шуда, мавриди истиқболи ҳамагонӣ карор мегирад, ки воқеияти ҷомеа, арзишҳои умумимиллӣ ва манфиати давлат ва мардумро дар худ таҷассум намояд. Қонуни ҶТ «Дар бораи Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат» аз ҷумлаи ҳамин гуна конунҳост, зеро он як воқеияти аллакай вуҷуддоштаро ба таври умумимиллӣ расмияти ҳуқуқиву сиёсӣ дар ҷомеаи башарии Тоҷикистон бахшид.

Барои дарки дурусти аҳамият ва моҳияти ин мавзӯи таърихӣ дар ҷомеа аз тарафи олимон ва муҳаққиқони кишвар низ талошҳои ҷиддие анҷом шуданд, ки ҳар якс ба пахлуҳои гуногуни ин масъала равшанӣ андохтанд[2].

Падидаи пешвои миллат дар фарҳангӣ сиёсии кишварҳои тозаистиқлол моҳиятан падидаи наву нодир мебошад ва арзишу манзалати онро на танҳо дар сиёсат, балки дар матни таърих ҳам дақиқан муайян бояд сохт.

Башарият гувоҳ аст, ки на ҳама сарварони давлат ба таърих ҳамчун пешвои миллат ворид шудаанд. Як шахсият вақте ба падидаи пешвои миллат табдил мешавад, ки вай ба дарки масъулиятнокӣ ва масъулияти таърихии худ дар сарнавишти ҳамватанони худ барои як кишвар барномаи дақик ва масири пуриктидори пешрафтро эҷод ва василаҳои амалӣ шудани онро фароҳам меоварад.

Дар қарни бистум дар таърихи башарият номи пешвоёни эътирофшудаи миллӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, аз ҷумлаи Маҳатма Гандӣ, Шарл де Голл, Франклин Рузвелт, Дэн Сяопин, Ли Куан Ю, Махатхир Мухаммад дохил шудааст[3]. Ёдоварӣ аз ин сиёсатпешагони номдор ҳамчун шахсиятҳои таърихи тасодуф

---

[1] Абдуллохи Раҳнамо. Эмомалӣ Рахмон – Пешвои миллат: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъала. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С.21

[2] Пешво – нерӯи ҳаракатбахши миллат. – Душанбе: Ирфон, 2016; Холиқзода А.Г. Бунёдгузори давлати миллӣ – пешвои миллат. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – 172 с.; Гулмахмадов М., Сулаймонӣ Х. Эмомалӣ Рахмон – Асосгузори давлати навини тоҷикон. – Душанбе: Адиб, 2014. – 222 с.

[3] Холиқзода А.Г. Пешво ва ойини давлатсозӣ. Монография. – Душанбе: Дониш, 2021. – С. 11-19.

Соҳаҳои мухталифи илм низ аз чанбаҳои гуногун хизматҳои вокеии онҳоро қадршиносӣ карда, таъсири нек ва қавии чунин симоҳоро дар масири таърих барои рушд, ваҳдат ва пешрафти миллату ҷомеаҳо ёдрас карда, шиноҳт ва эътирофи онҳоро ба мисли «Пешвои миллӣ», «Падар –бунёдгузори давлат» ва монанди инҳо вогузор карда, ба фазои илмҳои сиёсатшиносӣ ва ҷомеашиносӣ ворид кардааст.

Чунин ашхоси хизматнишондода дар ҳаёти сиёсии кишварҳояшон бо номҳои гуногун дар руҳу равон ва қалби мардумашон ҳифз ва ёдрас шуда, макоми ҳукукии гуногунро доро буданд. Нигоҳе ба таърихи ниҳоди Пешвои миллат гувоҳи равшани ин гуфтаҳост.

Мавриди зикр аст, ки созмони идораи давлатии муосир ва ташкили ниҳодӣ Пешвои миллат бо сарварии Президенти Пешвой Эмомалӣ Раҳмон ба осонӣ рӯи кор наомад. Он маҳсули таҳлилу натиҷагириҳо аз сабақҳои таърихӣ ва таҷрибаи ғании ҷаҳонӣ буда, бо назардошти амалияи ҳаёти давлатию ҳукукӣ ва хусусиятҳои хоси Тоҷикистон зуҳур намуд.

Умумияти фаъолияти ниҳоди Пешвой дар таҷрибаи ҷаҳонӣ муаррифии олии давлат дар дохили кишвар ва арсаи байналхалқӣ маҳсуб меёбад, ки дар оянда халқ ва тамоми амалдорони давлатӣ ояндаи сиёсати давлатро дар мувофика об он пиёда месозанд. Ин умумияти пайдоиши ниҳоди болозикр бо шахсияташ кишрҳои гуногуни ҷомеаро ором намегузорад.

Масалан, А. Раҳнамо аз он истиқбол мекунад, ки ниҳоди Пешвои миллат дар Тоҷикистон ба таври бисёр табиӣ ва дар тўли беш аз ду дахсола дар атрофи фаъолият ва корноман шахсияти гаҳрихӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ташаккул ёфта, ҳанӯз пеш аз кабули конуни мазкур ба як вокеияти табиӣ ва таърихӣ табдил шуда буд. Мардуми Тоҷикистон шахсияти Эмомалӣ Раҳмонро ба тадрич ҳамчун Пешвои вокеии худ роҳбари тавоною пуртаҷриба ва ҳамчун Пешвои вокеии худ пазируфта, ки мафҳум ва ин мақом дар зехни ҷомеа пухта расида буд. Аз ин рӯ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» бештар

нақши макоми ҳукукӣ бахшидан ба ин вокеияти таърихиро дошт[1].

Бояд тазаккур дод, ки он замоне қонунҳои қабулшуда устувор ҳисоб шуда, мавриди истиқболи ҳамагонӣ қарор мегирад, ки вокеияти ҷомеа, арзишҳои умумимиллӣ ва манфиати давлат ва мардумро дар худ таҷассум намояд. Қонуни ҶТ «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» аз ҷумлаи ҳамин гуна қонунҳост, зеро он як вокеияти аллакай вуҷудоштаро ба таври умумимиллӣ расмияти ҳукукиву сиёсӣ дар ҷомеаи башарии Тоҷикистон бахшид.

Барои дарки дурусти аҳамият ва моҳияти ин мавзўи таърихӣ дар ҷомеа аз тарафи олимон ва мухаққиқони кишвар низ талошҳои ҷиддие анҷом шуданд, ки ҳар яке ба паҳлуҳои гуногуни ин масъала равшанӣ андохтанд[2].

Падидаи пешвои миллат дар фарҳангӣ сиёсии кишварҳои тозаистиқлол моҳиятан падидаи наву нодир мебошад ва арзишу манзалати онро на танҳо дар сиёсат, балкӣ дар матни таърих ҳам дақиқан муайян бояд сохт.

Башарият гувоҳ аст, ки на ҳама сарварони давлат ба таърих ҳамчун пешвои миллат ворид шудаанд. Як шахсият вақте ба падидаи пешвои миллат табдил мешавад, ки вай ба дарки масъулиятнокӣ ва масъулияти таърихии худ дар сарнавишти ҳамватанони худ барои як кишвар барномаи дақиқ ва масири пуриқтидори пешрафтро эҷод ва василаҳои амалӣ шудани онро фароҳам меовард.

Дар карни бистум дар таърихи башарият номи пешвоёни эътирофшудаи миллӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, аз ҷумлаи Маҳатма Гандӣ, Шарл де Голл, Франклин Рузвелт, Дэн Сяопин, Ли Куан Ю, Маҳатхир Муҳаммад дохил шудааст[3]. Ёдоварӣ аз ин сиёсатпешагони номдор ҳамчун шахсиятҳои таърихи тасодуф

[1] Абдуллоҳи Раҳнамо. Эмомалӣ Раҳмон – Пешвои миллат: чанбаҳои назариявӣ ва амалии масъала. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С.21

[2] Пешво – ифтихори миллат. – Душанбе: Ирфон, 2016; Холиқзода А.Ғ. Бунёдгузори давлати миллӣ – пешвои миллат. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – 172 с.; Гулмаҳмадов М., Сулаймонӣ Ҳ. Эмомалӣ Раҳмон – Асосгузори давлати навини тоҷикон. – Душанбе: Адиб, 2014. – 222 с.

[3] Холиқзода А.Ғ. Пешво ва олии давлатсози. Монография. – Душанбе: Дониш, 2021. – С. 11-19.

нест, зеро, ки онҳо барои миллату давлати хеш хидмати барчастае кардаанд. Онҳо на танҳо макому нақши глобалии кишвари худро тақвият бахшида, чахиши стратегиро дар иқтисод, сиёсат ва фарханг барномарезӣ ва амалӣ карданд, балки дар шароити хеле мураккаб ва тақдирсоз тавонистаанд роҳи комил, роҳи расидан ба орзуҳову ормонҳои инсониву миллии ҳамватанони худро дарёфта, ҳамчун паҳлуи муттаҳидкунандаи миллат дар густариши ғояҳои вахдатофар ва ояндасоз нақши таъсиррасон гузоранд.

Ба ҳамин маънӣ, дар даврони нав мардуми дунё Махатъхир Муҳаммад – пешвои мардуми Малайзия, Ли Куан Ю – сарвазири Сингапур, Дэн Сяопин – раҳнамои мардуми Чинро чун пешвои миллӣ – шахсиятҳои барҷастаи миллатсози мешиносанд. Ин пешвоён, аз як сӯ дар замони худ, дар заминаи иттиҳоди миллат, пешрафти давлат ва кишварашон ба муваффакиятҳо расида, аз сӯи дигар, барои рушду такомули миллати худ дар замонҳои баъд, заминаи устувор ва чиддӣ муҳайё сохтаанд.

Пешвоёни миллӣ тавонистаанд нақшаи пешрафти ояндаро дар пояи арзишҳо ва манфиатҳои миллӣ пешниҳод ва дар кишварашон амалӣ кунанд, ки таърих бо гузашти замон самараи хеле барҷастаи онҳоро исбот кардааст.

Ва ниҳоят, пешвоёни миллие, ки дар боло зикр шуданд соҳиби обрӯву эътибори байналмилалӣ шудаанд. Лоиқи қайд аст, ки мақёси фаъолияти онҳо маъмулан аз доираи кишварҳояшон берун баромада, ташаббус ва тадбирандешиҳои байналхалкии ин пешвоён ба пешрафти кишварҳои дигари ҷаҳон низ таъсири мусбат бахшидааст.

Дар робита ба ин, хосатан зарур аст сухане чанд аз муваффакияти Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки рисолати пешвои миллӣ дар ибтикороту амалҳои ӯ таҷасум ёфтааст, бигӯем. Саргузашти Асосгузори сухлҳу вахдати миллӣ Пешвои миллат мо сарфароз ба ҳолати сиёсии роҳбарони миллии муваффак, ки да боло зикр шуданд, монандаст. Эмомалӣ Раҳмон замоне ба сари қудрат омад, ки Тоҷикистон ба ҷанги тахмилии дохилӣ гирифтор буд ва кишварро хавфи нобудӣ таҳдид мекард, мардум ба парокандагиву гуруснагиву подорӣ ва

ҷангҳои бемаъниӣ рӯ ба рӯ буданд. Дар ин вазъи нобасомон табиист, ки рисолати асосии пешво – ба созиш овардан ва муттаҳид гардонидани гуруҳҳои мухолифи чомеа дар асоси ғояҳо ва кору пайкори тоза, арзишҳо ва идеалҳои миллӣ мебошад.

Дар марҳалаи таърихие, ки имрӯз ҷомеа ва давлати мо аз сар мегузаронад, ҳатто агар роҳбари кавии миллӣ намедоштем, онро бояд бо чилду ҷаҳл месохтем ва худ меофаридем. Аммо хушбахтона, мо зарурати ба таври сунъӣ сохтани чеҳра ва шахсияти Пешвои миллатро надорем, он ба таври воқеӣ ба вуҷуд омад.

Биёед инҷо суол мегузорем ки чаро чунин шуд? Аввало, Эмомалӣ Раҳмон дар як марҳилаи мураккаби таърихӣ ба сари давлат омада, бо талошҳои худ давлати тоҷиконро аз хатари воқеии нобудӣ наҷот дод. Хидматҳои дигари ӯ низ бисёр бузурганд, аммо фақат ҳамин масъала, яъне ҳифз ва наҷоти давлатдории мо кофист, ки ному корномаи ин шахсият дар таърихи халқи мо барои абад боқӣ монад. Аз ин рӯ, ба андешаи мо мақоми Пешвои миллат як шакли олии арҷгузории мардум ба хидматҳои беназири Эмомалӣ Раҳмон ва хусусан, ба арзишхои мехвории сиёсати ӯ, яъне сулҳу вахдату суботу амният мебошад.

Масаъалаи Пешвои миллат масъалаи амалии давлатдорӣ буда, Пешвои миллат барои ҷомеаи мо ҳамчун як омили устувори таъмини вахдат ва амнияти миллӣ дар марҳалаи давлатсозӣ зарур мебошад. Яъне, Эмомалӣ Раҳмон бо он ҷойгоҳи умумимиллии худ имрӯз ба кафили сулҳу субот ва кафили ҳифзу пойдории давлатдории муосири мо табдил ёфтааст. Бо ниҳодӣ шудан, ё институтсионализатсияи макоми Пешвои миллат он маҷмӯаи арзишҳо ва усулҳои давлатдории мо, ки бо ному корномаи Эмомалӣ Раҳмон рабт доранд, як навъ институтсионализатсия ва устувору мондагор мешавад. Фахри Абдулохи Раҳнамо ҳам воқеан мантикист, зеро мегӯяд: Эмомалӣ Раҳмон имрӯз на ҳамчун шахс, балки ҳамчун як арзиш, ҳамчун як мафҳум, ҳамчун як сарвати миллӣ, ҳамчун як мехвари миллӣ матраҳ аст. Инҷо сухан дар бораи шахс намеравад, балки сухан дар бораи давлат,

дар бораи манфиатҳои умумимиллӣ ва давлатдории миллӣ меравад[1].

Акнун мо шоҳиди он хоҳем буд, ки ниҳоди Пешвои миллат дар атрофи шахсияти таърихии Эмомалӣ Раҳмон шакл гирифта, инкишоф мёбад ва ба воситаи ниҳодсозӣ, таҷрибаи нодири давлатсозӣ ва нуфӯзи муттаҳидкунандаи ӯ дар хизмати давлатдории миллӣ, дар хизмати ҳифзу устуворсозии давлати миллӣ гузошта мешавад.

Дар инҷо ҷанбаи асосие, ки ба муайянияти назариявӣ ниёз дорад, бо таносуби мафҳумҳои «ниҳоди (институти) пешво» ва «ниҳоди пешвоӣ» вобаста мебошад. Пешво мансабдори олии эътирофӣ ба ҳисоб меравад, на интихобӣ. Бинобар ин, дар оянда баъди тибқи қонун ҳангоми дар амал татбиқ шудани пурраи функсияҳои он барои мусоидат ба амалисозии салоҳиятҳои он теъдоди сохторҳои марбутаи давлатӣ фаъолият мебаранд. Аз ин рӯ, мафҳуми «ниҳоди пешво» мачмӯи меъёрҳои конститутсионӣ-ҳуқуқиро нисбати таъсису фаъолияти мансаби Пешво дар назар дошта, ибораи «ниҳоди пешвоӣ» мазмуни васеътар дорад ва мачмӯи меъёрҳои ҳуқуқиро нисбати шаклу сохторҳои ташкилии ба фаъолияти пешво мусоидаткунанда дар бар мегирад[2]. Инчунин ниҳоди Пешво чун кафили сулҳу вахдат ва ҳифзи давлат хизмат мекунад.

Ҳамин тариқ, Пешво ҷанбаи шахсӣ ва фардӣ дорад, яъне пешво ин шахсест, ки тавассути донишу малака, қувваи ирода ва нуфуз метавонад миллатро аз парокандагӣ ва давлатро аз варта ӣ нестӣ бираҳонад. Пешво ин шахсест, ки мардум бе ягон мачбуркунӣ вайро ҳамчун пешво эътироф намудаанд ва аз қафои вай мераванд.

Дар шароити имрӯзаи таърихӣ ва дар вазъияти кунунии байналмилалӣ мо имрӯз масъалаи муҳимтар аз ҳифзи давлату суботу амнияти миллӣ надорем. Дар пеши чашмамон даҳҳо кишвар табартақсим шуда истодаанд, тӯфони бераҳми набарди

[1] Абдуллохи Раҳнамо. Эмомалӣ Раҳмон – Пешвои миллат: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъала. – Душанбе: Ирфон, 2016, – С. 30.

[2] Дохр ба ин масъала метавонед ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ Пешвои – миллат» мурочиат намоед.

абаркудратҳо кишварҳоро фурӯ мебаранд. Аз ин рӯ, хифзи давлат масъалаи рақами яки ҳар яки мост. Пас, ниҳоди Пешвои миллат ҳамчун кафили сулҳу амнияти давлат як зарурати ҷиддист.

Мо бояд на дар доираи назариянардозиҳои илмӣ, балки дар матни вокеияти имрӯзаи ҷомеа, минтақа ва ҷаҳон андешаронӣ намоем. Аз ин назар, созмони ниҳоди ҳуқуқии Пешвои миллат як зарурати вокеии давлатдории мо дар шароити имрӯза мебошад. Яъне, ба будани макоми устувор ва меҳварие чун Пешвои миллат пеш аз ҳама на Эмомалӣ Раҳмон, балки вазъияти мо ва давлатдории мо ниёз дорад, ки инро қонуни конститутсионӣ мустаҳкам менамояд.

Нигоҳе ба таърих ва вокеияти имрӯзи ҷаҳон нишон медиҳад, ки дар мавридҳои фаровоне ниҳоди пешвои миллӣ дар ҷомеаҳои демократӣ фаъолият намуда, як рукни меҳварии ваҳдати миллӣ ва кафолати ҳифзи давлат ба ҳисоб меравад. Дар аксари чунин мавридҳо ниҳоди пешвои миллат ҳамчун нуктаи сарҷамъии миллат ва ҳамчун кафили нигоҳдории давлат ва миллат дар «соати бухрон» нигоҳ дошта мешавад. Маслан, мувофики маълумотҳо дар ҷаҳон мутамаддин дар беш аз 80 кишвар ниҳоди пешвои миллат бо шаклҳо ва номҳои гуногун фаъолият мекунад.

Муҳаққиқон дуруст қайд кардан, ки…на ҳаман ин таҷрибаҳо мусбатанд ва на ҳаман он моделҳо қобили таваҷҷуҳанд. Масалан, моделҳои давлатҳои монархию авлодии Ховари Миёна ҳаргиз лоиқи пайравӣ нестанд. Аммо ҳудуди 40 кишвари дорои пешвои миллӣ дорои низомҳои демократӣ ва баъзеяшон бисёр демократӣ мебошанд. Ба гунаи мисол дар як силсила кишварҳои демократитарини ҷаҳон, аз ҷумла дар Британияи Кабир, Белгия, Люксембург, Дания, Испания, Норвегия, Шведсия, Шветсария ва ғайра ниҳоди шоҳаншоҳиро то имрӯз нигоҳ медоранд ва мувофики конунҳои онҳо шоҳ ё малика кафили Ваҳдати миллӣ ва ҳифзи давлатдорӣ аст. Дар ин кишварҳо аслан ҳеҷ нафар ҳато лаб намекушояд, ки ин ниҳод ё мавҷудияти пешво хилофи арзишҳову унсурҳои демократия аст. Кишварҳои рушдёфта ва дорои иқтисод ва сиёсати қавӣ чун Канада, Австралия ва ғайра низ то имрӯз мақоми рамзии шоҳи Британияро ҳифз мекунанд ва ба он эҳтиром мегузаранд. Инчунин кишварҳои шарқӣ низ мақоми

пешвои миллат бисёр роич буда, аз Синганур то Ховари Миёна намунаҳои зиёди он дида мешавад. Имрӯзҳо ҳатто баъзе аз мухолифоне, ки ба сохтори низоми сиёсии Тоҷикистон эрод мегиранд, онҳо дар такя ба давлатҳое такяву ҳарф мезнанд, ки аз тарафи шохону амирони якумрӣ, роҳбарони дини модомулумр ва ё пешвоёни миллии расман эълоншуда идора мешавад. Ин мисолҳо низ ба таври қатъӣ нишон медиҳанд, ки масъалаи доштани пешвои миллат бо доштани низоми демократӣ дар тазод нест ва ҳеҷ мушкилеро ба миён намегузорад. Масалан, Британияи Кабир аз хурд то бузургаш дар маросими расмӣ ба садоқат ба маликаи якумрии кишвараш қасам ёд мекунад, ӯ ҳаргиз худро сокини як ҷомеаи ғайридемократӣ ва кафомонда эҳсос намекунад ва ин баръакс боиси фахри онҳост[1].

Яке аз кишварҳои бузурги дунё, ки дар арсаи сиёсати ҷаҳонӣ камназир аст, Ҷопон мебошад ва агар ба сохтори давлатии чунин кишвари пешрафтае нигарем, дар он ҷо мақоми император то имрӯз ҳамчун мақоми бисёр олӣ ва мукаддас нигоҳ дошта мешавад. Ҳамасола зодрӯзи императорро мардуми Ҷопон дар сатҳи васеъ ҷашн мегиранд ва ҳатто сафоратхонаҳои ин кишвар дар тамоми ҷаҳон дар зодрӯзи император зиёфатҳои расмии давлатӣ месоранд. Ва ҷомеаи комилан пешрафтаи Ҷопон инро бо як муҳаббати махсус мепазирад ва ба ҷой меоварад. Ва доштани шоҳаншоҳи меросӣ ё император ҳаргиз монеи он нест, ки Ҷопон яке аз бехтарин ва пешрафтатарин кишварҳои ҷаҳон бошад

Таврe, дар боло зикр намудем бисёре аз давлатҳои муосир ва пешрафтаи ҷаҳон ташаккул ва ё эҳёи давлатдории худро бо ному хидмати шахсиятҳои алоҳидаи таърихӣ вобаста медонанд ва онҳоро дар замони зиндагияшон ҳамчун пешвои миллӣ эътироф намулаанд. Масалан, таъриху давлатдории ИМА-и демократӣ, ки асосгузори демократияи ҷаҳонист ба номи Ҷорҷ Вашингтон, Фаронса бо Шарл Де-Голл, Чин бо Мао Зе Дун, Туркия бо Камол Отатурк пайвастагии зич доранд. Дар кишварҳои аъзои ИДМ бошад, Владимир Путинро дар наҷоту эҳёи давлатдории Русия ва

[1] Речаи дастрасӣ: Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» дар бораи пахлуҳои назариявӣ ва сиёсии фаъолияти низоли Пешвои миллат дар Тоҷикистон. 10.12.2015.

ё нақши таъйинкунандаи Нурсултон Назарбоевро дар ташаккул ва рушди давлатдории миллии қазоқҳо инкор наменамоянд. Эътирофи хидмат ва ҷойгоҳи табиӣ ва воқеии ин шахсиятҳо ҳаргиз давлатҳои зикршударо аз сифати демократӣ маҳрум накардааст. Масалан, дар кишвари дӯсту ҳамсояи минтақавии мо – Қазоқистон, парлумон Президент Нурсултон Назарбоевро ба таври расмӣ мақоми «Элбосӣ» ё Пешвои миллатро дода, ӯро ҳамчун кафили вахдат ва ҳифзи давлатдории миллӣ эътироф намудааст. Ин мақомро доштани Н.А. Назарбоев боиси суботи бештари вазъияти сиёсӣ дар ин кишвар гаштааст. Илова бар ин, ҳеҷ як шахс наметавонад Қазоқистонро як давлати қафомонда ё ғайридемократӣ номад.

Ҳамзамон мисоли оддии дигаре ба ҷомеаи ҷаҳонӣ равшан аст, ин мардуми Ҳиндустон аст. Бояд қайд кард, ки ин мардум ба Пешвои бузурги худ Маҳатма Гандӣ эҳтирому муҳаббати беандоза доранд, ҷойгоҳи ӯро то ба мақоми мукаддас расонидаанд. Гандии бузург ҳаргиз Ҳиндустонро ба кишвари пешрафтаи саноатӣ табдил накардааст, тибқи иттилооти мавҷудаи ахбори ҷаҳонӣ ин кишвар ҳанӯз ҳам миллионҳо нафар камбизоат дорад. Аммо ҳар фақире ки дар хаймахову кучаҳо зиндагӣ мекунанд, бо Гандӣ ифтихор мекунад, ки ӯ ба мо истиқлолияти давлатиро бозгардонд, ӯ моро соҳиби давлати мустақил кард, ӯ давлатдории бузурги Ҳиндро наҷот дод. Онҳо ҳаргиз рисолати таърихӣ, хидмати абадӣ ва мақоми наҷотбахшии миллии Гандиро бо масъалаи кам будани маош ва набудани ҷойи кори муносиб мукоиса намекунанд. Воқеан ҷои таасуф аст ва ҳасад аст, ин фахмиши Ҳиндуҳо. Пас, барои мо низ лоиқ нест, ки фақат мавҷуди биологӣ андешем, масъалаҳои номусӣ ва сиёсату давлатдориро, ки солиёни тӯлониро талаб менамояд, фақат бо шикам андозагири кунем. Дар ҳоле, ки бо шукргузори аз Худо, дар кишвари мо дигар кассе нест, ки бо шиками гурусна рӯз ба сар барад.

Ҳамагон медонанд, ки он солҳои мушкил ки паси сар кардем роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар навбати аввал бо таҳаммул ва таҳлили дақиқи воқеиятҳо дар пайи сафару гуфтушунид бо раҳбарони давлатҳои дахлдор дар казияи ҷанги кишвари мо шуд,

бо гуруҳҳо ва паҳлухои мухолиф ва чангчӯёни лохилӣ рӯ ба рӯ шуд, музокира кард, сулҳ баст ва роҳро барои эҷоди сулҳ боз намуд. Имрӯзҳо мардум ба *кулли* медонанд, ки ду хизмте ки *Эмомалӣ Раҳмон* дар вартаи миллати шарафманди тоҷик кардааст хар касе нодида мегирад барҳақ ношукр ва кӯр аст. Якум, бидуни истисно тамоми узви ҷомеа эътироф мекунанд, ки баркарор шудани сулҳу субот ва Ваҳдати миллӣ дар мамлакат аз бузургтарин хидмати Пешвои миллати мо, ки баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ роҳбарони давлатҳои собик Шуравӣ ин корро ба гунаи Эмомалӣ Рахмон анҷом надодаанд. Хидмати дуюме, ки Пешвои муаззами мардуми тоҷик Эмомалӣ Раҳмон дар ҳакки милати хеш кардааст, ин баркарор сохтани сохти конститутсионӣ ва таъмини амнияти мардуми кишвар мебошад.

Тавре қаҳрамони миллати афғон Аҳмадшоҳи Масъуд кайд менамояд: Истиқлолият ба Тоҷикистон Эмомалӣ Рахмонов-ин сиёсатмадори дараҷаи чаҳониро дод. Имрӯз ӯ машҳуртарин фарзанди Тоҷикистон ва тамоми тоҷикони чахон ва дӯсти хакикии Афгонистон аст.

Агар аз назари таҳқик ба пирӯзиҳои Эмомалӣ Раҳмон назар кунем, асоси пирӯзиҳои таърихии Эмомалӣ Раҳмон ҳадафҳои олии миллӣ ва барномарезиҳои дакиқу созандаи ӯст, ки бо паҳлуи иродати бузург дар сатҳи сиёсати давлатӣ барои эҳёи иқтидори маънавии тоҷикон ҳама васила ва заминаҳоро муҳайё сохт. Махз ҳамин сиёсати кавӣ боис шуд, ки ҷомеаро аз бухрони амики сиёсӣ берун овард, бо татбики ислоҳоти конститутсионӣ ва поягузориву такмили ҳокимияти давлатӣ дар саросари кишвар низоми собит ва фазои мусоидро устувор намуд, ки он сарчашмаи хамаи бунёдкориҳо, тараққиёт ва сарсабзиҳои кишвари мост.

Таваҷҷухи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба Тоҷикистон низ баъд аз пирӯзии сулх ва ризоияти миллӣ чун ба давлате, ки роҳи демократиро масири пешрафти худ интихоб кардааст, эътимод коил шуд, ташкилоту созмонҳои бонуфузи байналмиллалӣ ва дигар субъектхои фаъоли байналмиллалӣ ба Тоҷикистон дасти кӯмак ва хамкорӣ дароз карданд, ки ин намунаи олии сиёсати

пешгирифтаи асосгузори сулҳу ваҳдати милли – Пешвои миллат Эмомалӣ Рахмонро интихос менамояд.

Дуруст аст, ки дар таърихи навини миллати тоҷик каломи Президент андеша ва пешниходхои инсондӯстонаи ӯ дар бузургтарин ва баландтарин минбарҳои ҷаҳон садои миллати тоҷик аст, ки ба ғуруру ифтихор ва бо камоли шоистагӣ таминандоз аст. Дар маҷмӯъ, сиёсати бомувозинати хоричӣ, мавкеи равшану устувор дар мубориза бар зидди ифротгароӣ, бунёдгароӣ, терроризм, қочоқи маводи мухаддир ва таҳдиду хатархои дигари глобалӣ, ширкати амалӣ ва эҳсоси масъулияти сарвари давлат дар халли масъалахои мубраму умуми инсонӣ сабаб шудааст, ки Тоҷикистон узви фаъол ва соҳибэҳтироми ҷомеаи ҷаҳонӣ гардад. Ин дастоварди барҷастаи миллӣ ва таърихӣ дар вокеъ бо кору пайкори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Эмомалӣ Рахмон марбут мебошад. Татбики ҳадафи сиёсӣ ба низоми махсусе такя мекунад, ки он усулу равиши муназзам ва сабки хоси давлатдориро дар бар мегирад. Ба ин маънӣ пешво на танхо идея ва барномаро пешниҳод мекунад, балки онро дар асоси кабули қарорҳои максадноки дакикӣ сиёсӣ ва фароҳам овардани заминахои муносиб татбик менамояд. Ба Эмомалӣ Рахмон муяссар шуд, ки дар муддати кӯтоҳ макомоти махаллии хокимиятро баркарор намуда, бо таҷдиди шохахои ҳокимияти давлатӣ тартиботи қонуниро бо такя ба манфиати мардум ҷорӣ намояд, фаъолияти вазоратҳо, идораву кумитаҳои давлатро ба низом оварад. Дар натиҷа, халқ бовар кард, ки ҳукумат устувор шудааст ва қодир аст амният, пешрафт ва бехбуди ҷомеаро таъмин кунад.

Пешво бо назардошти манфиатҳои аксарияти ҷомеа қодир аст оммаро ба халли проблемахои ҳаётан муҳими халқу давлат тахрик бубахшад. Пайравии оммавии мардум аз сарвари худ дар асоси бедор кардани ғайрату ташаббуси одамон бо такя ба истеъдоди худододи пешво имконпазир мегардад[1]. Таърихи 30 солаи Тоҷикистони соҳибистиклол шоҳид аст, ки дар лаҳзаҳои

[1] Махз хамин сифати пешвоии ӯ аст, ки имрӯз дар тамоми вохурихояш бо намояндагони фаъоли ҷомеа овохоро хамеша баро сохтану обод кардан ва муаррифи кардани кишвараш ташаббус нишон медихад.

тақдирсоз пешвои миллӣ тавонист ҷомеаро дар иҷрои вазифаҳои бузург раҳнамой кунад ва мардум ҳам бо камоли ирода сарвари худро пайравӣ кунанд.

Суханрониву муроҷиатҳои сарвари миллат ба мардуми кишвар ҳамеша аз ҷониби ҷомеаи Тоҷикистон дастгирӣ ва ҳамовозии вокеӣ ёфтаву меёбад, чун ин тадбирҳо саривақтӣ, самимона ва ба дарки воқеияти имрӯза ба миён гузошта мешаванд. Дар мисоли дастгирии ҳамаҷонибаи мардум ташаббусҳои пешвои миллӣ дар мавриди сохтмони паҳлугоҳи Роғун маҳсуб мешавад, ки ҳатто Иттиҳоди Шӯравӣ сохтмони ин НОБ-ро бо он иқтидоре, ки дар даст дошт уҳдабарой карда натавонист ва ё аз дасти ҳасуд ба итмом нарасида монд.

Миллати тоҷик дар марҳилаи басо ҳассоси таърих симои пешвои худро дар шахсияте дид, ки ӯ аз калби мардум барҳоста ва бо садоқати беназир ба халқ ва ба ин марзу бум дар замони бенизомиҳо мураккаби гузариш рисолати пурмасъулиятро ба дӯш гирифтааст. Эмомалӣ Раҳмон дар рӯзи нахусти ба сари қудрат омаданаш изҳор карда буд, ки: «Кори худро аз сулҳ оғоз хоҳам кард. Ман тарафдори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошам. Мо ҳама бояд ёру бародар бошем, то ки вазъиятро ором намоем».

Сарвари давлат на танҳо дар қаламрави сиёсат ва идораи давлат ба дастовардҳои азим муваффақ шуд, балки бо заминагузории ба соҳаҳои дигар низ мувафақиятҳо дорад.

Пайвастан ба низоми ҷаҳонии иқтисод ва бо фазои иттилоотии дунёи имрӯза, ба роҳ андохтани муомилоти пурвусъати иқтисодиву фарҳангӣ бо куллӣ кишварҳо манзалати ҷаҳонӣ пайдо кардани ёдгориҳои моддиву маънавии таърихӣ ва ойину таомули тоҷикон, ба хусус, расмияти ҷаҳонӣ пайдо кардани Наврӯзи Аҷам, мақоми шоистаи Эмомалӣ Раҳмон дар бузургтарин маҷмаа ва конунҳои ҷаҳон бо пуштибонӣ аз ҳақу ҳуқуқ ва манофеъи миллати тоҷик ва бо баррасиву пайгирии мушкилаҳои оламшумул аз ҷумлаи ибтикорот ва дастовезҳои бисёр муҳими халқи тоҷик ба раванди ҷаҳонӣ шудан маҳсуб мешаванд.

Баргузории ҷашнҳои бузурги миллӣ, арҷгузории нобиғагон ва номоварони гузашта, бо ибтикор ва иқдомоти беназири Президент, аз таъриху фарҳанги миллат ганҷҳо ва ҳикматҳос

берун овард, ки худшиносии тоҷиконро дар миқиёси ҷаҳон вусъат бахшид. Яъне хадаф аз шинохти таърих, ҳикмату фарҳанг ва забону адабиёти оламгири ниёгон шинохти мақоми ҷаҳонии миллати хеш аст.

Абдуллоҳи Раҳнамо аз он меболад, ки «барои расидан ба ин мақоми милливу таърихӣ, Роҳбари давлат роҳеро тай намуд, ки пур аз мушкилот, пур аз печутоб, пур аз камину хатар, аммо пур аз ифтихор, пур аз муҳаббат ва пур аз комёбӣ буд. Ин аст, ки агар касе бихохад, то симо, шахсият ва ҷойгоҳи ӯро назди мардуми тоҷик дарк намояд, бояд пеш аз ҳама, роҳи паймудаи ӯ ва хидматҳои таърихии ӯро барои ин мардум дарк кунад. Таҳлили ҳамин роҳ ва дарки ҳамин дастовардхо худ ба худ нишон медиҳанд, ки Эмомалӣ Раҳмон кист ва барои мардум ва давлати Тоҷикистон чи ҷойгоҳ ва чи арзише дорад. Зеро, имрӯз вақте дар бораи масири тайшуда ва дастовардҳои бунёдии Тоҷикистон дар марҳилаи пурпечутоби истиқлолият сухан меравад, бешубҳа, симои ин шахсият пеши назар меояд. Махз ҳамин нигоҳи ҷомеъ ва махз таҳлили қадам ба қадам нишон медиҳад, ки чаро Эмомалӣ Раҳмон Пешвои миллат аст ва чаро ин мақоми ӯ ҳолати табиӣ ва бисёр устувор дорад»[1].

Ба ҳамагон маълум аст, ки комёбиҳои миллат ва давлати мо таҳти сарварии Эмомалӣ Раҳмон бисёр зиёданд, вале фақат дар муқоиса ва ҷамъбасти дастовардҳои усулӣ ва бунёдии ин марҳала кофист, то дарк кунем, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбари пурталоши он чӣ роҳеро тай карда ва чӣ дастовардҳои беназиреро ноил гардиданд. Ҳамчунин бо дарку ҷамъбасти ин дастовардҳои бунёдӣ метавон дарёфт, ки сабаби эҳтироми амиқ ва эътимоди устувори мардуми Тоҷикистон ба Пешвои миллии худ дар чист. Ин аллакай ба тамоми Тоҷикистон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ маълум аст, ки дар асно ҳанӯз Расул Ғамзатов шоири халқӣ, Қаҳрамони Меҳнати сотсиалистӣ, соли 2003 гуфта буд... Инсони бочасорату хирадманд – Президенти Тоҷикистон тавонист формулаи сулҳи ҷанги бародаркушро ёбад.

[1] Абдуллоҳи Раҳнамо. Эмомалӣ Раҳмон – Пешвои миллат: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъала. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 28

Ҷанбаи дигарс, ки мехоҳам дар хулоса бардошт намоям, ин масъалаи вазъи ҳукукии Пешвои миллат аст, ки лар кишвари мо аллакай тариқи санадҳои меъёри-ҳукукӣ мустаҳкам шудааст.

Вазъи ҳукукии Асосгузори сулҳу ваҳдати милли-Пешвои миллат тибқи Конститутсияи кишвар ва қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» муайян карда шудааст[1]. Қонуни конститутсионии мазкур вазъи сиёсӣ ва ҳукукии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллатро ҳамчун бунёдгузори давлати сохибистиқлоли Тоҷикистон, сулҳ ва ваҳдати миллӣ, бо мақсади таквияти асосҳои сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Истиқлолияти давлатӣ ва тамомияти арзӣ, якпорчагии Ватан, суботу пойдории давлати Тоҷикистон, таҳкими демократия, таъмини рушди иқтисодӣ, ичтимой ва фарҳангӣ, ҳифзи арзишҳои таърихии давлатдории миллӣ, фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона барои ҳар як инсон, мукаррар мекунад.

Қонуни конститутсионии мазкур дар баробари салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардаанд, инчунин мафҳум ва вазъи сиёсиву ҳукукии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, имтиёзу кафолатҳои ичтимой ва иқтисодии ӯро лар давраи фаъолият ва баъди қатъ гаштани фаъолияти президентиаш мукаррар менамояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат шахсияти барҷастаи таърихии миллат мебошад, ки дар ичлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат интихоб гардида, дар бунёди низоми давлатдории Тоҷикистони сохибистиклол, баркарорсозии сохти конститутсионӣ, ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ саҳми беназир гузошта, тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 дар асоси овоздиҳии умумихалқӣ аввалин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуда, дар эъмори давлати сохибихтиёр, демократӣ, ҳукукбунёд, дунявӣ ва ичтимой нақши арзанда

[1] Сомонаи электронӣ: http://www.president.tj

гузошта, миллатро аз парокандагӣ, давлатро аз нестшавӣ ва халқро аз ҷанги шаҳрвандӣ раҳо намуда, дар рушди сиёсӣ, иқтисодиву ичтимой ва таърихиву фарҳангии давлати мустақили Тоҷикистон хизматҳои бузурги тақдирсоз намудааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат рамзи пойдориву бардавомии давлатдории мустақили тоҷикон, сулҳу ваҳдати миллӣ, кафили рушди босубот ва устувори ҷомеаи Тоҷикистон мебошад. Ба сифати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Эмомалӣ Раҳмон, ки барои халқи Тоҷикистон хизматҳои бузургу беназир кардааст, эътироф карда мешавад. Нисбат ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат маҳдудияти бештар аз ду мухлат пай дар пай интихоб шудан ба вазифаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намегардад.

Ҳамзамон бояд қайд кард, ки вазъи ҳукукӣ ва сиёсии пешвоҳо дар ҳар кишвар ба таври гуногун муайян шудааст. Аксар вақт онҳо аз рӯи салоҳияташон аз ҳамдигар каме тафовут доранд. Салоҳиятҳои ниҳоди мазкур инчунин бо таъмини ҳукукҳои инсон ва шаҳрванд ва муайян намудани робитаи самтҳои сиёсати дохиливу хориҷӣ вобаста мебошад.

Тавсифҳои ишорашуда танҳо ҷанбаҳои умумии ниҳоди пешворо дар давлатҳо инъикос менамояд, зеро фаъолияти онҳо дар ҳар як кишвар тобиши хос дорад. Масалан, дар Эрон тарҳи муосири ҳокимиятдории исломӣ тасдиқ ёфтааст, ки дар баробари Президент (Раиси Ҷумҳур) роҳбари сиёсӣ ва динии давлат (фақих) фаъолият мекунад, ки ба назари мо ба ҳайси Пешвои миллат тавсиф мёбад. Бо назардошти қаробати таърихӣ, забонию фарҳангӣ, динӣ ва густариши равобити ба тарафайн судманд бо ин кишвар, чанд тавзехотро дар мавриди ниҳоди пешвои Эрон (роҳбари сиёсӣ ва динии давлат (фақих) зарур мешуморем.

Тавре дар боло қайд кардем, мансаби Пешвои миллат дар Тоҷикистон бинобар сабаби нав рушд карданаш дар давлатдории миллӣ интихобӣ нест ва ба таври эътироф аз тарафи халқ бавуҷуд пайвастааст, ки инқилоби арзишманд дар таърихи давлатдории тоҷикон дар самти интихоб ва эътирофи Пешвои сиёсӣ ба ҳисоб

меравад. Бо итминон метавон гуфт, ки дар оянда ин ҳолат бояс ба рушди устувор ва идораи давомдори кишвар ва ваҳдати миллию тафоҳумоти иҷтимой мегардад.

Таҷрибаи Эрон нишон медиҳад, ки ин ниҳод таҷрибаи чандинсола дошта, дар худ принсипҳои идораи давлатдориро бо назардошти риояи унсурҳои ҷомеаи демократӣ таҷассум намудааст. Дар оиҷо сарфи назар аз мавҷудияти мансаби Раиси Ҷумҳур ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ таҳти назорати роҳбари сиёсӣ ва диниии давлат (фақиҳ) фаъолият мекунад.

Гарчанде дар Тоҷикистон тибқи мукарароти Конститутсия маҳдудият барои пешбарӣ кардан ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба охир расидани ваколати мансабияш пешбинӣ нашудааст ва ӯ метавонад номазадиашро барои ишғоли мансаби Президенти кишвар пешниҳод намояд, яъне дар як ҳолат метавонад ҳам Пешвои миллат ва ҳам Президенту сарвари ҳокимияти иҷроия бошад.

Вале дар Эрон Пешво (роҳбари сиёсӣ ва диниии давлат (фақиҳ) аз ҷониби Шӯрои «экспертон» (мумайзон) таъин шуда, дорои чунин ваколатҳо мебошад: муайян намудани сиёсати давлат ва назорат аз болои амалишавии он; фармондеҳӣ ба қуввахои мусаллаҳ, эълони ҷанг ва сулҳ; таъин ва аз вазифа озод намудани аъзои (фақиҳон) Шӯрои ҳифзи Конститутсия ва меъёрҳои ислом, роҳбари ба ҳокимияти судӣ, раиси ширкати телевизиону радиошунавой, сарфармондеҳи қуввахои мусаллах ва қуввахои мусаллаҳи дохилӣ; имзои фармон дар бораи таъини Президент (Раиси Ҷумҳур) баъди интихоб шуданаш; эълони авфи умумӣ ё сабук намудани ҳукм. Сарвари давлат –Президент бевосита ба муҳлати 4 сол интихоб мешавад, ба кори Кабинети вазирон роҳбарӣ мекунад, вазиронро таъин намуда, барои тасдик ба маҷлис пешниҳод мекунад.

Дар инҷо агар ба салоҳиятҳои мансабии Пешвоёни ду кишвар аҳамият диҳем мебинем, ки дар маҷмуъ салоҳиятҳо якхелаанд. Вале дар Тоҷикистон доираи салоҳиятхои Пешвои миллат нисбатан маҳдултар аст.

Ба андешаи мо ба мантик дуруст нест, ки роҳбари давлати кунуниро инкадар аз давлатдорӣ ва сиёсати давлати дур созем ва

аз рӯи инсоф нест, ки чунин як роҳбари пуртаҷриба ва кордону бо малакаи давлатдориро бо додани як доираи салоҳиятхои маҳдуд қонеъ созем ва салоҳиятхои калидии давлатдориро, ки мебояд дар дасти шахсияте чун Эмомалӣ Раҳмон ба мисли; муайян намудани сиёсати давлат ва назорат аз болои амалишавии он; фармондеҳӣ ба қуввахои мусаллаҳ, эълони ҷанг ва сулҳ, сарфармондеҳи қуввахои мусаллаҳ ва қуввахои мусаллаҳи дохилӣ; имзои фармон дар бораи таъини Президент баъди интихоб шуданаш; эълони авфи умумӣ ё сабук намудани ҳукм бошанд ба манфиати вусъати давлатдорӣ ва рушди баркамоли шахси номазад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

Бо ин монанд пешниходхо мо тасмим гирифтем сохтор ва тарҳи нави идораи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо иштироки Пешвои миллат манзур намоем. Масалан, Президент ба тариқи раъйпурсии умумихалкӣ интихоб меградад ва ба таври автоматӣ баъди ҷамъбасти натиҷаҳои интихобот барои тасдиқ ва мувофиқа ба Пешвои миллат пешниход мегардад ва баъд аз тасдики Пешвои миллат Президенти тозаинтихоб пеш аз шурӯи вазифа дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон савганд ёд мекунад[1].

Ҳамин тавр, хилофи арзишҳои демократӣ дошистани дошгани Пешвои миллӣ, ва бо ӯ мувофика карлани сиёсати давлатӣ бештар иоогохии муиақидони сабукфикру андакхонда ва мухолифини иоогахро аз вазъияти гузашта ва имрӯзи ҷаҳон нишон медиҳад.

Ба андешаи мо барои минбаъда солҳои давлатдорӣ таъсиси ниҳоди Пешвои миллат марҳилаи рушди давлатдорӣ ҳисоб ёфта, дар рохи тасдики рукнҳои давлатдории муосир қадами устувор гардид, зеро ки Пешво ин хамон Сарвари сиёсии давлат аст.

[1] Лоиҳаи матни савганди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз тасдик аз тарафи Пешвои миллат ва пеш аз шурӯи вазифаи Президенти Ҷмҳурии Тоҷикистон дар шакл ва мазмуни нав хамчун пешниходи аз нигохи илмӣ асосиок (дар расми 2) нишон дода мешавад.

Шодиев Мирзо,
номзади илмҳои филологӣ,
сармутахассиси шуъбаи
пажӯҳиши ҳуқуқи исломӣ

ЗАБОНИ МИЛЛӢ ВА ИСТИҚЛОЛИЯТИ МИЛЛӢ

Барои ман забони тоҷикӣ натанҳо воситаи гуфтугӯю муошират ба шумор меравад, балки болотар аз он, шиносноманиёгонам мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Забони тоҷикӣ баёнгари тамоми арзишҳои бузурги маънавии халқи мо буда, тамаддун ва фарҳанги куҳанбунёди ки мо бо онҳо ифтихор мекунем, то ба имрӯз маҳз ба воситаи забони модариамон ҳифз гардидааст; бо он забони латифу нафисе, ки матнҳои беш аз ҳазору дусад сол қабл навишташудаашро мехонему мефаҳмем; бо он забоне, ки садҳову ҳазорҳо бузургони суханвари ин марзу бум эҷод кардаанд ва осори ҷовидонаи худро ба имрӯзиён мерос гузоштаанд[1]. Бале, дар ҳақиқат ҳар як халқу миллатро бо забонаш мешиносанд, ё шиносномаи ҳар як миллат забони ӯст. Шиносномаи миллати мо низ забони миллии мо забони тоҷикӣ (форсии тоҷикӣ) мебошад, ки таърихи беш аз ҳазору дусадсола дорад ва дар тӯли ҳастии хул аз миёни ҳазорон обу оташ ва боду тӯфони харобиовар сипарӣ шуда то ба имрӯз расидааст. Сарчашмаи ин забон аз замони Ҳахоманишинён об мехӯрад ва дар тӯли таърих бо номҳои «форсии бостон» – давраи ҳукмронии сулолаҳои Ҳахоманишиён бо осори сангнавиштаҳои хати мехӣ (асрҳои VI-IV то милод), форси миёна – осори паҳлавӣ ва монавии давраи Сосониён ба забони паҳлавӣ (3-9-10 милод) ва форсии нав-забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) бо осори алифбои арабиасос (асрҳои IX-X то ба ҳол)» ёд мешавад.

Вале, замони ташаккулу такомули ин забон асосан ба асрҳои IX-X мелодӣ рост меояд, махсусан замони салтанати Сомониён, ки забони форсии дарӣ (тоҷикӣ) ба авҷи камоли хеш расид. Дар ин давра он ба макоми забони расмии девони давлат расид, ба ин забони нобу ширин садҳо китоб таълиф ва хазорон ҳазор байт шеър суруда шуд. Ин забон бо мурури замон аз Ироқи ачам то ба ҳудиди Ҳинд интишор ёфта, шуҳратёр гашт. Дар ҳамин давра шеъри баркамоли форсӣ, ки устод Рӯдакӣ онро суруд, эътирофи хосу ом гашт ва дар таърихи забону адабиёти форсу тоҷик Рӯдакӣ асосгузори адабиёти классик шумурда шуд ва тахаллуси «Одамушшуаро»-ро сарфароз гашт:

Рӯдакӣ чанг бигрифту бинавохт,
Бода андоз к-ӯ суруд андохт.

Таърихи мардуми ироннажодро Фирдавсии Тӯсӣ аз замони ҳазрати Одам то ба даврони истилои араб ва шикасти давлати Сосониён бо ҳамин забони нобу форсӣ суруд ва таърихи миллати моро ҷовидонӣ гардонд:

Басе ранҷ бурдам дар ин сол сӣ,
Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ.

Ё:

Пай афкандам аз назм кохе баланд,
Ки аз боду борон наёбад газанд.
Намирам аз ин пас, ки ман зиндаам,
Ки тухми суханро парокандаам.

Дар баробари шеър насри форсӣ низ дар замони Сомониён арзи вуҷуд намуд ва аз аввалин асарҳои насрии адабиёти форсу тоҷики асри X китоби «Ҳудудал-олам» (муаллифи номаълум) мебошад, ки бо забони форсии хеле содаю равон ва беолоиш аз ҳаргуна вожаҳои гумтароки ачнабӣ таълиф шудааст. Дар зер намунае аз он пешниҳод мегардад, ки аз панчоху панҷ калима иборат аст ва аз он ҳамагӣ се калимаи арабӣ ба мушоҳида

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Паёми шодбошӣ ба мушоибати рӯзи забони давлатӣ соли 2020. Сомонаи электронӣ: www.president.tj

мерасад, ба истиснои пайвандаки «ва»: «Дигар дарёи Хоразм[1] аст, аз Хоразм бар *миқдори* чихил фасанг, андар миёни *мағриб* ва *шимол*. Ва аз гирди ӯ хама чойи ғузиён аст. Ва гирд бар гирди ин дарё сесад фарсанг аст. Ва ин хафт дарёст. Ва берун аз ин дарёякҳои хурд бисёр аст талх ва ширин. Аммо дарёякҳои хурд, ки обаш шӯр аст, ёздах дарёст...»[2].

Ин замоне буд, ки мо метавонем забони хешро ба товӯси зебои хушболу пар ва лахни ширини онро ба хонишн булбулу кабки дарӣ шабоҳат диҳем. «Забони точикӣ (форсии дарӣ), ки мояи ифтихор ва василаи сарнавиштсозу вахдатофари қавмхои эронинажод аст, дар давраи хукмронии Сомониён ба сифати забони расмӣ ва омили хамбастагии миллӣ дар тамоми қаламравӣ Хуросону Мовароуннахр ва дигар вилоятхои тобеи давлати Сомониён рушду боландагӣ ёфт ва ба авчи кудрату шукуфоӣ расид»[3]. Минбаъд низ «...Ғазнавиёну Ғуриён ва Салчукиён сиёсати забонгустарии Сомониёнро идома бахшиданд ва доираи корбурди забони точикиро дар шарку чануб то сарзамини Хинду Синд ва дар ғарб то Осиёи Сағиру Сурия густариш доданд»[4].

Мутаассифона, дар асрхои минбаъда бо аз байн рафтани салтанатҳои мазкур нуфузи ин забон каме коста шуд, гарчанде, ки хамчун забони девону дарбор ва адабиёт, киёман илм бокӣ монд. Дар ин маврид дар китоби Забони миллат – хастии миллат чунин омадааст: «...лар остонаи хамлаи мугул, аз нимаи дувуми асри XII, охиста-охиста давраи шукуфоии забони точикӣ, дарӣ, форсӣ ва роху равиши истилоҳофарии Абурайхони Берунӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Носири Хусрав ва пайравони онҳо ба поён мерасад. Истифолаи луғатҳои арабӣ дар мақоми аввал қарор гирифта, корбурди истилоҳоти он бештар мавқеъ пайдо мекунад»[5]. Барон тақвияти ин гуфтаҳо муаллиф намунае аз насри «Таърихи вассоф» овардааст: «...ва хакикат агар пурдилони

[1] Бахри Арали кунӯна.
[2] Ҳудуд-ал-олам (муаллифи номаълум). – Душанбе, Бухоро, 2014. – С. 13.
[3] Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат – хастии миллат. Китоби 1. Ба сӯйи поягдагӣ. – Душанбе, 2016. – С. 270.
[4] Хамон чо. – С. 361.
[5] Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат – хастии миллат. Китоби 2. Забон ва замон. – Душанбе, 2020. – С. 21.

рӯзгори саволиф (гузаштагон), ки баъд аз чанд сол дар асмор (достонҳо) ва ахбор назман ва насран зикри шучоат ва мардонагии эшон нукуши сахоиф ва кутуб аст, боз ба чахон ричъат кунад (баргардад), дар майдони арзи фурусият (маҳорати аспсаворӣ) ва одобу маросими мухорибат аз оходи (афроди) лашкари мугул таълим гиранд ва чуз ғошиядорӣ (ба дӯш бурдани зини аспи бузургон – Э.Р.) дар хидмати рикоби эшон хеч шуғле ихтиёр накунанд...»[1]. Чунонки мушохида мешавад ин матн саросар аз калимоту истилохоти арабии камистеъмолу душворфахм иборат аст ва фахми хонандаи одӣ ба он намерасад.

Дар мачмӯъ, ин «товуси зебо»-ро дар айёми салтанати арабу турк, мугулу мангит ва окубат русхо дар сарзамини Мовароуннахру Хуросон «пару боли зебояшро мечиданд ва ба чойи онхо пару боли зоғу каргас»-ро насб мекарданд. Забони нобашро кайчӣ мезаданд то лахни ширину гувороят нобуд шавад. Арабмаобҳо дар он вожахои арабиро чой медоданд, турку мугул алфози дурушти хешро то он ки баъзан матн ё шеъри форсӣ-точикиро аз арабӣ фарк карда душвор мешуд. Намунаи ин дар адабиёти хазору андсолаи мо ба вузух айён аст, ки ҳочат ба баён нест.

Аммо, «ноадолатист, агар гӯем, ки танҳо мардуми ғайр душмани забон ва миллати мо буданд, чун дар аввоили асри XX ва хосатан дар солхои аввали Ҳукумати Шӯравӣ шахсоне буданд аз кавми точик, ки ин миллату забони онро инкор мекарданд ва баҳри нобудии он мубориза доштанд». Замоне буд, ки фарзандони точики туркмаоб дар Туркия таҳсилкарда аз точик будани худ рӯй гардониданд ва забони точикиро забони яхудиён ва ё эрониён номиданд, мардуми Бухороро тарғибу ташвик мекарданд, ки онҳо турканд на точик ва ба ин васила пайравони зиёде низ пайдо карданд. Аз чумлаи онхо Абдурауф Фитрати точик буд, ки баъди таҳсил дар Туркия точик будани хешро инкор ва туркнажод буданашро хамеша таъкид мекард. «... мо бухоронён аслан туркнажодем ва забони аслии мо туркист, ихлати точикзабон шудани мо аввалан таъсири идорахои хукуматии мо, хукмрони калон шудани порсмиллатон, дуввум

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат – хастии миллат. Китоби 2. Забон ва замон. – Душанбе, 2020. – С. 21.

ғалаба ва таъсири адабиёти порсӣ мебошад. Ба ҳамин ду иллат мо забони туркии худро гум кардем. Аммо лозим аст, ки забони туркии худро зинда ва ҳаҷоди аслии худро пояндa гардонем (таъкиди мо – Т.В.)»[1]. Ҳамчунин аз забони Мунзим нақл аст, ки «...вақте нозирони маориф будан Фитрат ҳар касе, ки ба ӯ тоҷикӣ гуфтугӯ мекард, аз ӯ мепурсид: ту эронӣ ё яҳудӣ? Ба эроният Шумоён бо чуҳудӣ гап назанед, мусулмон шавед, - мегуфт. Вақте ки ба инҳо дуруст нашуда, боз ба забони худ гуфтугӯ карданд, карор бароварда, ки ҳар касе тоҷикӣ гап занад 5-сӯм иштироф шавад (таъкиди мо -- Т.В.)»[2]. Ин амали фитратҳо, мунзимҳо усмонхӯҷаҳо ва пайравони онҳо бешак «зарбаи гароне буд ба халқи тоҷик ва забони тоҷикӣ, зеро худи тоҷик аз миллату забони худ даст кашида, забони ғайр ва бегонаро забони модарӣ ва миллати бебунёди ноошноро аслу насаби худ эълон мекунад»[3]. Пушида нест, ки ин ҳама дасисаҳои душманони тоҷик ва забони тоҷикӣ ва тарафдорони онҳо дар ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро (ҶХШБ) буданд, ки мехостанд забони тоҷикӣ ва миллати тоҷикро аз тамоми ҳуқуқҳо маҳрум созанд ва ба таърихи беш аз ҳазорсолаи мавҷудияти он дар дар ин сарзамин (дар мадди аввал Бухоро) хати бутлон кашанд. Вале:

Дар ҳадду сарҳадшиносии ҷаҳон,
Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст.
То забон дорад, ватандор аст ӯ,
То забондор аст, бисёр аст ӯ.

Бозор Собир

Зери таъсири сиёсати даврони шӯравӣ солҳои сиюми асри бистум қайчӣ задан ба пару болу зебои забони модарии мо ва чур кардани он тибқи сиёсати коммунистии давр дубора авҷ гирифт. Гурухе тарафдори он буданд, ки ин забон сола ва ба забони оммиёна наздик карда шавад ва калимаҳои русӣ интернатсионалистӣ бе тарҷума ба он ворид карда шаванд. Мутаассифона, ин амали онҳо то ларачае ҷомаи амал пушид ва

[1] Ваххобов Толиб. Вазъи амалкарди забони тоҷикӣ дар ҶХШ Бухоро ва баъзе масоили сиёсати забонӣ. Номаи донишгоҳ. – 2015. – № 4(45). – С. 214.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 213
[3] Ҳамон ҷо.

натиҷаи фаъолияти онҳоро мо дар мақолаи кӯтоҳе бо номи «Алим Обидов ин гуна «тарбия» ёфтааст» аз шумораи 15 марти соли 1935 «Тоҷикистони сурх» дида метавонем: «Дар айни *студентони Институти педагогии* ш. Сталинобод *прогулчигӣ* ва бенитизомӣ давом мекунад... Талабаи *институти педагогӣ* ва талабаи *курси* III *рабфак* Алим Обидов бисёр вақтҳо вақти худро дар бозорҳо мегузаронад. Ӯ бисёр вақтҳо аз дарс *прогул* мекунад... Инчунин талабаи *курси* якуми *педагогикаи* Институт Соттӣ Бобидов ҳам дар байни 2 моҳи охир аз дарсҳо 120 соат *прогул* кардааст»[1]. Дар ин давра «дар Тоҷикистон барои навсозии забони адабӣ ва мувофиқ кардани он ба шароити нави сиёсӣ-ичтимоӣ якчанд комиссияву кенгошу анҷуманҳои забоншиносон ва фарҳангиён гузаронида шуда, ду санади меъёрӣ – «Установкаи терминологияи забони тоҷикӣ» (1936) ва Фармони №1 комиссари халқии маорифи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе масъалаҳои забони тоҷикӣ» (1939) қабул шуд. Ин ду санади меъёрӣ барои сарнавишти забони модарии мо таъсири бунёдӣ дошта, ба тағйирот ва дигаргуниҳои ҷиддӣ дар овошиносӣ, вожашиносӣ ва умуман сохтори дастурии забон асос гузошт...»[2]. Аз ин иқтибоси фавқ мебинем, ки хатто номи санади меъёрӣ «Установкаи терминологияи забони тоҷикӣ» 50% дар сад русӣ мебошад, дар ҳоле ки ҳам калимаи «установка» ва ҳам «терминалогия» дар забони тоҷикӣ таруҷмаи худродоранд (установка – дастур, раҳнамой ва терминалогия – истилоҳот). Олуда шудани забони тоҷикӣ бо забонҳои ғайр, бавижа русӣ, дар ин марҳила аз забони матбуоти даврии он хуб ба назар мерасад. Махсусан тарҷумаҳои санаду фармонҳо, карору дастурҳо аз русӣ ба тоҷикӣ, ки дар матбуоти даврӣ ба нашр мерасиданд, хеле шитобтангез ва ҳандавоваранд, сарпор аз вожа ва истилоҳоти русӣ-интернатсионалӣ мебошанд...

Ин «мавҷ» бо оғози ҷанги ҷаҳонии дуввум ва гузаштан аз хати форсӣ ба алифбои кириллиасос каме ором гирифт, вале тағйири хат мардуми тоҷик – забони тоҷикиро аз мероси

[1] Назарзода С. Нигоҳе ба забони рӯзномаҳои тоҷик: аз «Бухорои шариф» то «Ҷумҳурият». Сомонаи электронӣ: http://sns.tj/node/143 (санаи мурочиат: 4.01.2017).
[2] Ҳамон ҷо.

хазорсолааш ва аз ошной бо адабу фарҳанги муосири бародарони эронию афғонаш дур сохт.

Мавҷи навбатии «тармиму тасмими» забони тоҷикӣ дар солҳои шастуми асри бист боз бедор ва ба хурӯш омад ва он то соли 1985 давом дошт. Дар ин марҳала низ забони тоҷикӣ дар манзалати забони муошират Бо вуҷуди ҷумҳурии соҳибихтиёри Тоҷикистон ном доштани кишвари мо, забони тоҷикӣ дар манзалати забони муошират боқӣ монд ва забони коргузории ниҳодҳои ҳукуматӣ ва идораю муассисаҳои давлатӣ асосан ба забони русӣ буд. Забони тоҷикӣ забони кӯча – муошират ва мактабу малориси тоҷикӣ буду бас. Ҳатто зиёин ва олимони шинохтаи тоҷик, аз ҷумла, алломаҳои риштаи забону адабиёти тоҷик низ забони муошираташон дар хона русӣ буд. «Дар ҳамин давра аст, ки сиёсати маданни ҳизби коммунист, ки ҳадафи он идғоми тамоми арзишҳои фарҳангии миллатҳои кӯчактар дар даруни фарҳангу забони русӣ, дар ҳоли иҷро аст»[1]. Дар забони тоҷикии ин давра мо воридшавии вожа ва истилоҳоти зиёди русӣ-интернатсионалиро мушоҳида мекунем. «Дар замони Шӯравӣ ... ба хотири «демократикуноний» забони тоҷикӣ бисёр вожагони асилу ноби худро аз даст дод. Ба ҷойи онҳо калима ва истилоҳоти бамавриду бемаврид аз забонҳои гуногун ва ё калимаҳои носуфтаву хулсохта, луғатҳои омиёна, колабҳои калимасозию ибораороии бегона ва сабку услубҳои тақлидӣ ба забони мо ворид гардид»[2]. Мисли: съезд, пленум, сотсиализм, коммунизм, партия, райком, обком, исполком, конституцсия, суд, прократура, юрист, инженер, милитсия, факултет, институт, университет, техникум, предмет, метод, актуалӣ, прием, акт, рапорт, директива, синоним, омоним, суфикс, преффикс ва садҳои калимаҳои дигар. Дар забони гуфтугӯйи айни ҳолагро мушоҳида кардан мумкин буд, мутаассифона он то ҳол ҳам давом дорад. Дар ин мавриди суханони бархакки Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон мулоқот бо зиёиёни мамлакат (25 марти соли 2004) хеле бамавриду воқеӣ

[1] Адабиёти тоҷик дар садаи XX. Мавод аз сомонаи Википедиа – донишномаи озод.
[2] Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат – хастии миллат. Китоби якум. Ба сӯйи пояндагӣ. – Душанбе, 2016. – С. 19.

буданд: «...Таърих гувоҳ аст, ки баъди гум кардани забони модарӣ миллат низ дер ё зуд тафаккур, ифтихор ва хатто давлату давлатдории миллии худро аз даст дода, забон ва унсурҳои фарҳангии бегонаро мепазирад»[1].

Як тамоюли мусбат нисбат ба забони тоҷикӣ дар авохири солҳои 70-ум ва асосан солҳои 80-ум ба назар мерасад. Дар ин давра аҳли илму фарҳанг кӯшиш ба харҷ доданд то дар гуфтор ва навиштаҳои худ ба ивази калимаҳои бегона калимаҳои тоҷикро бештар ворид намоянд ва дар услуби нигории низ таҷдиди назар намоянд. Дар ин замина нақши ошноии бештари тоҷикон бо адабиёти форсии Эрон ва Афғонистон, инчунин ҳамкорихои илмию фарҳанг миёни ин кишварҳо ба ин мусоидат намуд. Бо эълони бозсозӣ ва макоми хосса гирифтани забонҳои миллӣ дар собик Иттиҳоди Шӯравӣ Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси пешниҳоди равшанфикрони кишвар 22 июли соли 1989 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забон»-ро қабул кард ва бо кабули он ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шуда, дар тамоми вазорату идорахои кишвар коргузорӣ ба забони давлатӣ рохандозӣ гардид. Ин падида ба ҳисси миллӣ ва ватандории тоҷикон таккони хеле бузург расонд. Омӯзиши забони тоҷикӣ дар корхонаҳо, муассисаҳою идораҳо ба роҳ монда шуд, батадриҷ забони тоҷикӣ ба забони идораю давлатдорӣ табдил меёфт. Ин раванд бо даст ёфтани кишвари азизамон ба истиклолияти миллӣ дар соли 1991 ривоҷу равнақи тоза пайдо кард. Забони тоҷикӣ бо вуҷуди муковимани мухолифони мақоми давлатӣ гирифтани он, забони давлатии Тоҷикистони соҳибистиклол эътироф ва эълон гашт ва ҳамчун яке аз мукаддасоти миллӣ пазируфта шуд. Ин падида дар як муддати кӯтоҳ тамоми соҳаҳои ҳаёти мардуми тоҷикро фаро гирифт. Дар ҳаёти адабию фарҳангӣ низ як катор тағйирот ва таҳаввулот ба амал омаданд. Дар эҷодиёти адибон, бахусус адибони ҷавон, сабки тозаи адабӣ зухур кард. Бо фаро расидани истиқлоли Тоҷикистон робитаи фарҳангию адабӣ бо ҷумҳуриҳои ҳамзабони исломии Эрон ва Афғонистон бештар ва мустаҳкамтар гардид.

[1] Суханронии Пешвои миллат дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат (25 марти соли 2004).

Дар ин чода хизмати беназири Пешвои миллат — Президенти Чумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмонро бояд махсус зикр кард. Аз рӯзи сари кудрат омадан Пешвои миллат нисбат ба рушду пойдор кардани забони миллӣ таваҷҷуҳи хосса доштанд. «Мо аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ барои ганӣ намудани забони адабии тоҷикӣ саъю талош намуда, ҷиҳати рушди он заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам овардем. Дар баробари ин як катор санадҳо кабул карда, барои пешрафти он барномаҳои давлатиро роҳандозӣ кардем ва ба хотири бузургдошти ин рукни муҳимми давлатдориамон дар конунгузорӣ тағйирот ворид карда, ҳамасола Рӯзи забонро бо шукӯҳу шаҳомат таҷлил менамоем ва чорабиниҳои зиёди илмию оммавиро дар ин айём баргузор менамоем»[1]. Аз ҷумла, аз санадҳои муҳими дар боло зикршуда дар соли 2009 кабули конуни забон дар таҳрири нав бо номи «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» кабул гардид, ки тибқи он «Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст ва ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст забони давлатиро донад» (к. 1-2 м. 3). Тибқи ин конун ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 октябр хамчун Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи баланд ва бошукӯҳ таҷлил карда мешавад ва ин ҷашн ба феҳристи чашнҳои миллии кишвар ворид карда шудааст. Дар ин росто нашри китоби «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (2009) ва ду дастури «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ»-ро (аз 4 октябри соли 2011 ва 30 июни соли 2021), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдик шудаанд, низ бояд зикр намуд.

Ҳамин муҳаббату дӯстдорӣ ва арҷ гузоштанро ба забони тоҷикӣ, Пешвои миллат бо таълиф ва нашри китоби «Забони миллат – ҳастии миллат» тасдиқ намуд, ки он дар ду ҷилд ба нашр расида, дастраси омман васеи хонандагон гардид. Китоби аввал ки «Ба сӯйи боландагӣ» ном дорад, дар остонаи ҷашни 25-солагии Истиқлолияти давлатӣ ба нашр расида, гуфтаи сазоворе ба мардуми тоҷик гардид. Дар китоби аввал муаллиф рушди забони тоҷикиро аз даврахои бостон то асри XIII ба қалам кашидааст. Китоби дувум «Забон ва

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат-ҳастии миллат. Китоби 2. Забон ва замон. – Душанбе, 2020. – С. 5-6.

замон» ном дошта, марҳалаҳои гуногуни густариши забони тоҷикиро аз ибтидои асри 13 то ибтидои асри XX инъикос менамояд. Дар маҷмӯъ, муаллиф дар ин асар таърихи ҳазору ҳандеолаи забони тоҷикии форсӣ мавриди таҳқику баррасӣ қарор гирифта, дар бораи ташаккулу таҳаввули он дар даврахои алоҳида, сарчашмаҳои таърихию адабӣ ва намояндагони алоҳидаи илму адаб маълумоти арзишманд овардаанд. Умуман, он бо истифода аз асархои гуногуни дар даврахои мухталиф таҳияшудаи илмӣ омода гардида, аз лиҳози сабку чобаҷогузории мавод ва тарзи пешниҳодаш аз дигар осори забоншиносӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Дар ин асари бунёдӣ дастовардҳои ахири забоншиносиву тоҷикшиносии ватаниву ҷаҳонӣ ҷамъбаст гардидааст.

Пешвои миллат дар таҷлили 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори дигар нақши забони модарии моро хамчун забони давлатӣ хотирнишон сохта, ҷунин изҳор доштанд: «Истиқлолият барои эҳёи забони тоҷикӣ ва фарҳанги миллӣ заминаи устувор гузошт. Забони ширину шево ва шоиронаву зебои тоҷикӣ, ки моро ба ҷаҳониён хамчун миллати куҳанбунёд ва қавми ориёӣ муаррифӣ кардааст, ба ҳайси забони давлатӣ эътироф шуд. Ба шукронаи соҳибихтиёриву соҳибватанӣ вазифаи муқаддаси хар як фарди бонангу номуси миллат аз он иборат аст, ки асолати забони тоҷикиро чун неъмати бебаҳо ҳифз намояд ва барои инкишофи он саҳм гузорад. Ин забон, ки забони модарии мост, барои мо – тоҷикон чун шири модар муқаддас мебошад»[1].

Як нуктаи муҳими дигаре, ки Пешвои миллат дар китоби хеш дарҷ кардаанд, ин ҷавоби дандоншиканест ба бегонасозони забонҳои форсӣ, дарӣ ва тоҷикӣ аст, ки мегӯяд: «Барои насли имрӯзи мо шояд тафовути чандоне надошта бошад, ки забони форсӣ, дарӣ ё тоҷикӣ ҳазор ё ду ҳазор сол пеш аз қадом минтақа барҳоста ва ё мардуми қадом нохия ба ин забон пештар суҳан гуфтааст. Ба назари мо муҳим он аст, ки онҳо аз як ҳавзаи ягона барҳоста, гарминву сахтии таърихро бо ҳам дида, як фарҳангу забони муштаракро дар чунин сарзамини ҳаҳновар бо ҳам офаридаанд»[2].

[1] Суханронии Пешвои миллат дар таҷлили 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. С. 5-6.
[2] Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат-ҳастии миллат. Китоби 2. Забон ва замон. С. 5-6.

Қанд чӯй, панд чӯй, эй ҷаноб,
Харчи мечӯй, бичӯй,
Бекарон бахрест, гавҳар беҳисоб,
Харчи мечӯй, бичӯй.
Форсӣ гӯй, дарӣ гӯй варо,
Харчи мегӯй, бигӯй.
Лафзи шеъру дилбарӣ гӯй варо,
Харчи мегӯй, бигӯй.
Бахри ман танҳо забони модарист,
Ҳамчу шири модар аст.
Бахри ӯ ташбеҳи дигар нест, нест,
Чунки меҳри модар аст!

М. Каюмов

Ҳимояту ғамхорӣ ва арҷгузорие, ки нисбат ба забони модарии мо дар даврони истиқлолияти миллӣ амалӣ шудааст, лар ҳеч давру замоне баъд аз соминиён ба ин дарача сурат нагирифтааст. Бешак ин ғамхорӣ, таваҷҷуҳи хамешагӣ ва эҳтироми бепоёни Пешвон миллат ба забони ноби тоҷикӣ буд, ки ба рушду такомули он мусоидат карда, онро то ба дарачаи забони давлат, забони алабу фарҳанг, забони илму фановарӣ расонид. Дар фароварди ин навишта суханони Пешвои миллат бехтарин хусни макгаи он хохад буд: «... Вале дар ҳуда, Тоҷикистони мустакилу сохибихтиёр ба сӯйи истиқлоли фарҳангӣ роҳ мепаймояд, лозим аст, ки забони худро низ ба дарачаи як забони ҷӯёву инъитофпазир ва зояндаву таҳаммулпазири муосир такмилу тақвият бахшем, то ин ҳама таҳаввулот ва дигаргунихои бунёдии солҳои охири чомеаи моро инъикос карда, бо корвони тезрави фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ ҳамроҳ ва ҳамсафар бошад...»[1].

[1] Забони миллат – хастии миллат. Китоби якум «Ба сӯйи пояндагӣ». – Душанбе, 2016. – С. 22.

Бахромбеков Вафобек Амадбекович,
полизади илмҳои фалсафа,
сармутахассиси шуъбаи
пажӯҳиши исломи муосир

ДАСТОВАРДҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР СИ СОЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Мо ба ҳеч вақт сохибистиқлолӣ ва озодии давлатамонро ба ҳеч чиз иваз намекунем!

Эмомалӣ Раҳмон

Арзи ҳастии халку миллатҳо дар сохиби давлати миллию сохибистиқлол будан маълум мегардад. Аз ҷумла, забон, маданият ва таърихи халку миллатҳо ба шароитҳои мусоиди иқтисодию ичтимой ва сиёсӣ алокамандии зич дорад, ки ин гуна шароитро факат давлати сохибистиқлол таъмин карда метавонад. Дар ин росто халқи тоҷик, ки таърихи хазорсолаи ҳастии худро дорад ба кадри истиқлолият бояд беш аз хама расад ва онро чун гавхараки чашм эҳтиёт намояд[1].

Истиқлолият орзӯи деринаи мардуми кӯҳанбунёди миллати мо буд. Нухуми сентябри соли 1991 дар харитаи сиёсии ҷахон боз як давлати ҷавон – Тоҷикистони сохибистиқлолу сохибихтиёр арзи вучуд карл ва ин рӯйдоди таърихӣ баштораги оғози марҳалаи наву тоза дар ҳаёти миллати тоҷик гардид. Пас аз заволи аввалин давлати сохибистиқлоли миллии тоҷикон – давлати Сомониён (819-999) бо гузашти 992 сол, яъне, дар тӯли тақрибан ҳазор сол тоҷикон боз аз нав сохиби давлати сохибистиқлол гардиданд. Вокеан хам истиқлолият бо часпу талош, чидлу ҷахл, муборизахои ватандӯстонаву истиқлолхохона ба даст омад.

Дар баробари ин, дар даврони Истиқлоли давлатӣ сол то сол маком ва нуфузи ҷумҳурии мо тавассути дастовардҳои худ дар

[1] Паёми Асосгузорисулҳаҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Оли Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26 апрели соли 2013.

раддабандӣ – муайянсозии тартиби макоми кишварҳон олам, яъне рейтинги онҳо, ки ба таври даврагӣ аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмону ниҳодҳои бонуфузи байналмилалӣ гузаронида мешавад, боло рафт.

Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон Истиқлоли давлатиро «арзишмандтарин дастоварди миллати фарҳангсолор ва куҳанбунёди тоҷик» дар замони муосир шумурдаанд. Албатта ба ин неъмати волотарин, ки барои ҳар як халқу миллат азизу муътабар аст,соҳиб гаштан як сарчашмаи бебаҳоест, ки тамоми равандҳои дигари ҳаёти давлату миллатҳоро муайян месозад.

Мо бояд ба қадри он бирасем, ки маҳз таҳти сарварии хирадмандонаи Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон миллати тоҷик дар зарфи 30 сол ба комёбиҳои бехтарини соҳаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ расид.

Мо пеш аз ҳама соҳиби Нишону Парчам, Суруди миллӣ, Конститутсия, Пули миллӣ ва Артиши миллӣ мебошем.

Имрӯз бо иқдомҳои хайрхоҳона ва ташаббусҳои начибонаву пайгиронаи Президенти кишвар, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистони маҳбубро зиёда аз 160 давлатҳои ҷаҳон ба расмият мешиносанд ва зиёда аз 100-тои он дар шаҳри Душанбе сафорату намояндагиҳо доранд. Партавафшонии Суруди миллӣ ва суханрониву ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилотҳои байналмилалӣ, созмонҳо ва давлати ҷаҳон тақассуми комили соҳибистиқлолии миллии кишвар аст. Ҷи хеле, ки Президенти кишвар мефармояд: «Истиқлолият арзишмандтарин дастоварди мардуми фарҳангиву сулҳҳохи Тоҷикистон ва давлати тоҷикон дар иртиҳои асри гузашта ба ҳисоб меравад. Имрӯз ҳамаи мо шоҳидем, ки аз баракати ин неъмати бебаҳо кишвари соҳибихтиёри мо дар масири ду даҳсолаи охир пайгирона то ба зинаи давлатдории муосир расид ва ҳоло ба сӯи марҳалаи тозаи инкишофи хеш, таҳкиму таквияти аркони давлатдории мустақили худ ва торафт бехтар намудани зиндагии сокинони мамлакат бо

қадамҳои устувор пеш меравад. Истиқлолияти давлатӣ натиҷаи мантиқии талошу муборизаҳои фидокоронаи халқи озодихоҳу тамаддунсоз ва бонангу шарафманди тоҷик дар роҳи пуршебу фарози таърихи тӯлонии худ мебошад. Бо вуҷуди мушкилоти сахту сангини солҳои аввали истиқлолият ва ҳодисаву рӯйдодҳои фоҷиабори он давра мо тавонистем бо такя ба таъриху суннатҳои қадимаи давлатдорӣ ва фарҳангу анъанаҳои пургановати миллиамон асосҳои давлати муосирро фароҳам созем»[1].

Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ Тоҷикистонро ҳамчун давлати демокративу ҳукукбунёд ва дунявӣ эътироф кардааст, ба макоми он арҷ мегузорад ва ташаббусҳои созандаашро ба хотири ҳаллу фасли масоилу мушкилоти гуногуни сайёра дастгирӣ менамояд. Бақои миллат ва иқтидори давлат аз пойдориву устувории сулҳу субот ва ҳамдигарфаҳмиву вахдати миллӣ вобаста аст ва дарки ҳамин арзиши ҳаётӣ миллати бостонии моро дар раванди рӯйдодҳои фоҷиабори ибтидои даврai соҳибистиқлолӣ аз парокандагиву пошхӯрӣ эмин нигоҳ дошт.

Албатта, бархам хӯрдани ИҶШС ва истиқлолияти миллии мо амри тасодуфӣ набуд. Сукути империяи «коммунистӣ» натиҷаи кунунии равандҳои айнии ҷамеа мебошад. Сабабҳою омилҳои асосии густариши бухрони иқтисодию сиёсӣ, шиддат ёфтани мавҷи эътирозу норозигиҳо алайҳи беадолатиҳо, фасоди иҷтимоӣ истисмору истеъмор, боло рафтани сатҳи огоҳии сиёсии мардум ва худшиносии миллӣ, рӯи сахнаи сиёсӣ омадани нерухои миллӣ-озодихоҳӣ дар тамоми ҷумҳурихои собиқ Шӯравӣ мебошанд.

Маълум аст, ки асри XX дар таърихи башарият чун асри пурфоҷиа ва зиддиятноктарин ворид гардидааст. Дар таърихи Тоҷикистони азизамон низ ин ба як тезутундии ба худ хос зохир гардида, ҷумҳуриро дар маркази дигаргуниҳои иҷтимоию сиёсӣ қарор дод. Албата, дар чунин вазъият дар маънавиёт, фарҳанг, сиёсат ва рухияи омма ба вуҷуд омадани баъзе душвориҳо хос аст. Ҳамин гуна даврахо дар таърихи Ватани мо хеле зиёд буданд. Яке аз онҳо ба аввалҳои асри XX рост меояд, ки кишвари мо ба

[1] Сомонаи электронӣ: http://khovar.tj/president/24104-paemi-televizionii-sarvari-davlat-bahshida-ba-21-solagii-istiklol179oliyati-davlatii-to1207ikston.html

ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ дохил карда шуда буд. Дигараш замони пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва бадаст овардани истиклолияти сиёсӣ қаламдод мешавад. Бояд гуфт, ки ҳар як давран таърихӣ ба ҳуд хусусиятҳои хосседро дарбар гирифта, нақши муайяни иҷтимоию сиёсии худро мерос мегузорад. Ин аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суханронию баромадҳои хеш масъалаҳои худшиносию худогоҳии миллиро дар инкишофи истиклолияти Тоҷикистон баръало нишон дода, таҳлилҳои ҷолиби диққате нисбати истиклолияти сиёсӣ пешниҳод менамояд. Аз ин бармеояд, ки ба истиклоли комил мушарраф гардидани мо хусусияти хоса дошта ба системаи муайяни арзишҳо таъсири босазое гузоштааст. Бинобарин, дарки пурраи озодии истиқлолияти сиёсӣ ва шинохти давлати миллӣ барои ҳар як шаҳрванд ва сиёсатмадорони Тоҷикистон хусусияти хоса гирифта ба раванди истиклолият тарҳи нав ҷорӣ намуд.

Дар ин раванд нақши идеологияи сиёсӣ афзун гашт, чунки таҷрибаи сиёсӣ, фаъолияти институтҳои сиёсӣ ва мубориза барои механизми нави давлатӣ дар мадхи аввал баромад. Вокеъан идеологҳо дар давраи инкилобу ислоҳотҳои амик ба як кувваи бузурге табдил ёфта, таҷрибаи муайяни нави сиёсиеро рӯи кор меоранд. Онҳо самти ҳаракати қуввахои гуногуни иҷтимоиро муайян мекунанд. Ба акидаи мо, идеологҳо метавонанд дар худшиносии миллию давлатдорӣ инкилоб намояд ва аз ин ҷо метавонанд ҷанбаи сиёсии шахс, синф ва ҷамъиятро тағир диҳанд. Онҳо ба иҷтимоигардонии сиёсии шахсият дар сиёсат хиссаи арзандае мегузоранд ва ба ин маъни низ ҳама гуна идеология ҷаҳонбинии сиёсию иҷтимой мебошад.

Аммо, барои он, ки иқтисодиёти кишварро аз нуктаи соқит ба ҳаракат орем, кӯшишу ғайрати зиёде зарур аст. Оқибатҳои ташкили сохтмони объектхои ба давлат ниҳоят зарур мамоният чанги шаҳрвандӣ барои ба кор андохтани иқтидори давлат ва мекарданд. Ба хар хол Хукумати Тоҷикистон тавонист дар ин самт хам рахна эҷод кунад. Дар нимаи дуюми солҳои 1990 дар ҷумҳурӣ раванди бунёдкорӣ шурӯъ шуд. Сохтмони роҳи автомобилгарди Кӯлоб-Хоруғ-Кулма-Қайрокум, нақби Анзоб, ГЭС-и Сангтӯда, азхудкунии кони гази Хочасартез ва

Хочабокирғон, сохтмони фурудгоҳи Кӯлоб ва таъмиру азнавсозии фурудгоҳи Душанбе ва Хуҷанд, баркарорсозии роҳи оҳани Вахш-Ёвон кушода шудани нақби Озодии Шаршар ва боз бисёр пешравихои дигаре, ки ба даст овардаем ҳамаи ин дастовардҳои замони истиклолият мебошанд. Бо ҳамин зайл, ҳоло низ масъалаҳои гуногуни иҷтимоию сиёсие мавҷуданд, ки барои ҳалли онҳо натанҳо проблемаҳои иқтисодӣ балки дарки истиклолияти сиёсӣ лозим меояд. Махсусан, масъалаи мақоми миллати номдор, ки яке аз душвортарин проблемаҳо башумор меравад бояд мавқеи худро дошта бошад.

Дар давоми сохибистиклолии миллӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба комёбиҳои хеле назаррас ноил гардид. Тавре аз муждаҳои Паёми солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Мачлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дармеёбем дар чумҳурӣ бунёди корхонаҳои саноатӣ босуръат давом ёфта, мачмуи махсулоти дохилӣ то миллиардҳо сомонӣ афзоиш ёфтааст. Сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат аз 81 дарсади соли 1999-ум то ба 32% кам карда шуд. Дарозумрии аҳолии кишвар агар дар соли 2000-ум ба ҳисоби миёна 68,2 солро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда айни ҳол ба то ба 76 сол расидаст. Мачмуи махсулоти саноатӣ ва маоши аҳолӣ сол аз сол зиёд шуда истодааст[1]. Дар давоми 30 сол, зиёда аз 2000 мактаб таъмиру тармим ва аз нав сохта шуда, бо таҷҳизоти муосири замонавӣ таъмин карда шуданд. Бо назардошти талаботи ҷаҳони муосир барномаи компютеркунонии муассисахои таълимӣ қабул карда шуда, татбиқ карда шуд.

Вобаста ба раванди рушди босуръати илму техника ва таҳаввулоти технологии муосир ва бо истифода аз ин омода ва ба камол расонидани мутахассисони баландихтисосу дорои ҷаҳонбинии васеъ, донандаи техникаву технологияи муосир ва афзоиш додани шумораи олимону муҳаққикони соҳахои гуногун, ки метавонанд пешрафти ҷомеа ва давлатро таъмин намоянд, санадҳое ба тасвиб расонида шуданд, ки моҳияти тақвият-бахшандагӣ доранд. Санадҳои қабулшуда рушди илмҳои

[1] Сомонаи электронӣ: http://www.omrzgor-news.tj/?p=5013

табиатшиносӣ ва риёзию техникӣ, тараккиёти илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ, истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергияи дарёҳои хурд, офтоб, шамол, биомасса ва энергияи манбаъҳои зеризаминӣ, фаъолияти ихтироъкорӣ, фаъолияти инноватсионӣ ва ҷихати рушду таквияти технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, ислоҳоти низоми идораи давлатии кишвар бо мақсади дастрасии саривақтӣ ба иттилоот, таъсиси паркҳои технологӣ ва илмро ба истеҳсолот пайвастан танзим менамоянд. Зина ба зина татбиқшавии санадҳои мазкур шавқу рағбати хонандагону донишҷӯёнро ба азхудкунии илмӣ майл намудани онҳо ва дар раванди таҳсил аз воситаҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ истифода кардан боиси болоравии сифати таҳсилот гардидааст. Чунинанд, шаммае аз дастовардҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фарахбахшу гуворо буда, тавассути сулҳу субот, ҳамдилӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ваҳдати миллӣ ба даст омадаанд. Ваҳдат нишонаи шукуфой, осудагӣ, равнақи кишвар ва пойдории Истиқлият аст.

Дар назди Давлати Тоҷикистон вазифаи мураккаби ворид гашта ва ҷомеаи мутамадин ба бозори ҷаҳони таксимоти байналхалқии меҳнат ва низоми нави сиёсии ҷаҳони меистад. Аммо вазифаҳои мазкур бетағироти сифатию хаёти сиёсии ҷомеа ва инкишофи ҳамаҷонибаи фарҳангию аклонӣ ба амал намеоянд. Масъалае, ки аҳамияти махсус пайдо намудааст ташхиси сами асосии инкишофи кишвар аст. «Вазифаи ҳар як давлат – муҳофизат кардани озодию истиқлолият ва амнияту осоиши халқ, ҳимояти карлани ҳуқуқҳои мардум, ҳар як инсон ва расондани кумак ба эҳтиёҷмандон мебошад. Давлате, ки дар хидмати мардум набошад, барои пешрафти ҷомеа шароит мухайё накунад ва бо зӯру бо ҷабр халқро тобеи худ созад, он давлат мардумӣ на, балки давлати диктатурӣ ва зиддихалқӣ аст. Чунин давлат мардумро ба акибмондагию таназзул ва тобеияту бадбахтиҳо гирифтор мекунад»[1].

[1] Абдуҷаббор Тоҳир. Истиқлолият муқаддас аст // Растохез. – №11, марти 1992. – № 14, май 1992.

Ҳоло ҳудмуайянкунии давлатӣ масъалаи асосии рӯз буда, дар инкишофи Тоҷикистон аҳамияти стратегӣ дорад. Масъалаи ҳудмуайянкунии давлатӣ бештар хосияти идеологи пайдо менамояд. Аммо набояд он дар самти идеологияи давлатӣ карор бигирад. Бехтараш он дар сатҳи афкори омма дарк карда шавад. Дар сатҳи олии идораи давлати ба масъалаи ҳудмуайянкунии давлатӣ рӯ оварда буданд. Раёсати мачлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 майи соли 1997 «Дар хусуси ташкил намудани комиссияи ҷумҳуриявӣ оид ба таҳияи асосҳои ғоявии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» карор қабул намуда буд. Мутаасифона, натиҷахои кори комиссияи мазкур ҷамъбаст нагардидаандва иҷрои карори раёсати мачлиси олӣ нолозим гардид. Аммо дар дер ё зуд моро зарур аст, ки сари масъалан мазкур андеша намоем ва макеи хешро муайян созем[1].

Новобаста аз таъсири бухрони молиявии ҷаҳонӣ дар раванди амалигардонии стратегияҳои зикршуда натиҷахои назарраси сохахои гуногуни хаёти мамлакат боиси қайд аст. Чунончи, таваррум дар сатҳи 5% нигох дошта шуда, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ афзуд, даромадҳои пулии аҳолӣ ба қадри имкон зиёд гардида ва музди меҳнати кормандони сохаи иҷтимой, аз ҷумла маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимой мунтазам зиёд карда мешавад. Сохтмон ва азнавсозии роҳҳои мошингарди аҳамияти стратегӣ дошта ба монанди Душанбе-Кӯлоб-Хоруғ-Кулма, Душанбе-Бохтар-Дӯстӣ, Душанбе-Бӯстон-Чанок босуръат идома дорад ва мавриди истифода карор гирифтаанд. Дар айни ҳол боядгуфт, ки вазъи зудтағйиринизоми муносибатҳои байналмилалӣ, баъди заволи дунёи дукутба ба вуҷуд наомадани ягон низоми нави мустаҳкам боиси ҷиддӣ халалдор гардидани устувориву суботи он шуданд, ки ҳодисаҳои пурғавғо ва рӯйдодҳои пурмоҷарои вақтҳои охир дар Шарқи Миёна ва олами араб шаҳодати ин гуфтаҳо мебошанд. Дар ин вазъият Тоҷикистон ҳамчун тарафдори ҳамкории созанда сиёсати санҷидаву

[1] Имомов А.И. Асосҳои сохибихтиёрии халқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Давлат ва ҳуқуқ. – 1999. – №7. – С. 21.

фарогиреро пеш гирифтааст, ки ҳадафи он ҳарчи зиёд намудани сафи дӯстони Тоҷикистон аст.

Бояд қайд намуд, ки мақоми байналмиллалии Тоҷикистон боиси ифтихори ҳар як шаҳрванд аст.

Рохбари давлатамоноид ба ин масъала ҳангоми суханронӣ дар форуми сохибкорону сармоягузорони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конфедератсияи Швейтсария 6 ноябри соли 2019 зикр намуданд, ки дар заминаи ислоҳоти гузаронидашуда «Тоҷикистон дар солҳои охир мавқеи байналмилалии хешро аз лиҳози бақайдгирии бизнес, андозбандӣ, дастрасӣ ба қарзҳо ва тиҷорати байналмилалӣ то андозае боло бурд… Дар баробари ин, тибқи таҳлилҳои омории Ташкилоти чаҳонии сайёҳӣ, Тоҷикистон ба қатори даҳ кишвари ҷолиб барои сайёҳон шомил гардид. Ин ва дигар нишондиҳандаҳо гувоҳи онанд, ки мавқеи байналмилалии Тоҷикистон аз нигоҳи ҷалбгирии сармоягузорӣ ва сохибкорӣ тадричан баланд гардида истодааст».

Ҳамаи ин суханон шаҳодат аз он медиҳанд, ки Пешвои муаззами миллат ба масъалаи баланд бардоштани нуфузи давлати тоҷикон ва мақоми он дар сатҳи байналмилалӣ таваҷҷуҳи хосса дошта, мунтазам тадбирҳои муассирро тавассути Ҳукумати мамлакат дар ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалии рушд роҳандозӣ менамоянд.

Натиҷаи ҳамин иродаи сиёсӣ ва устувории қадамҳо дар самти ислоҳоти ҳаёти иқтисодии мамлакат буд, ки моҳи октябри соли 2019 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандии умумии «Пешбурди тиҷорат 2020» («Doing Business 2020»), ки аз ҷониби корпиносони Бонки ҷаҳонӣ ҳамасола гузаронида мешавад, 20 зина боло рафт. Зиёда аз ин, тибқи хулосаи корпиносони Бонки ҷаҳонӣ дар соли зикршуда Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бистгонаи давлатҳои ислоҳотгари олам дар самти пешбурди тиҷорат дохил карда шуд.

Дар баробари ин, моҳи ноябри соли 2019 марказии таҳлилии Галлап (Gallup) дар пайи назарпурсии шаҳрвандони 142 давлати дунё кишварҳоро радабандӣ карда, Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо 94 хол бо ҷойи дуюм баъди Сингапур амнтарин кишвари дунё

арзёбӣ намуд. Ин амр низ бозгӯи комёбиҳои кишвари мо дар солҳои охир дар самти таъмини амният ба шумор меравад.

Ҳамин тавр дар марҳилаи кунунии инкишоф вазифаҳои муҳими давлати Тоҷикистонро чунин ҷиҳатҳо ташкил медиҳанд:

•дарки амики манфиатҳои миллӣ ва воқеияти нави геополитики олам;

•рушди иқтисодӣ ва таъмини инкишофи мавзуи ҳаётӣ иҷтимоию ҳифзи манфиатҳои одамон;

•мусоидат намудан ба ташаккулу инкишофи муносибати таркибӣ иҷтимоии ҷомеа, махсусан, ёрӣ расонидан дар ташаккули «синфи миёна»-и ҷомеаи тоҷикистонӣ;

•дар ҳолати мавзун нигоҳ доштан ва инкишофи муносибатҳои мутақобилаи аксарият ва ақалияти миллӣ;

•фаҳми саривақтии пайдоиши оппозитсияи сиёсӣ, ба назар гирифтани манфиатҳо ва самаранок гардонидани фаъолияти он;

•ғамхорӣ дар ҳаққи ҳамватанони бурунмарзӣ ва ғайраҳо.

Моҳиятан, Тоҷикистон ба сифати давлати миллӣ амал менамояд. Ин давраи муҳиммест дар инкишофи давлат. Моҳияти онро ҳамчун асос ба инобат гирифта урфу одат, анъана ва суннатҳои давлатдории миллӣ ташкил медиҳанд. Давлати миллӣ низ ҳимоя ва кафолати ҳукуқу озодии инсонро ҳам дар сатҳи фардӣ ва ҳам дар сатҳи дастҷамъӣ вазифаи асосии худ медонад[1].

Ташхиси ғояи асосии инкишофи давлати миллии иҷтимоии Тоҷикистон масъалаи мураккаб ва пурихтилоф аст. Ба сифати чунин ғояи асоси инкишоф тамоюли миллатгарой баромад карда метавонад. Аммо миллатгарой муносибати хоссаро талаб дорад. Зеро он ҳам ҳодисаи мусбат аст ва ҳам метавонад хосияти иртиҷой пайдо намояд. Мо бояд аз шакли канораи миллатгарой, ки хосияти иртиҷой дошта, бар зидди манфиату талаботи умумиятҳои миллию этникии дигар равона шудааст даст бикашем. Вале, миллатгароие, ки дар маънии муҳаббат ва ғамхорӣ ба миллати хеш, Ватан ва ҳамчун неруи пешрафт эътироф гаштааст кобили қабул ва эҳтиром аст. Новобаста аз тарзи муносибат ба моҳияти давлатии миллӣ ва чавҳари ғоявии

[1] Рахмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. – Душанбе. 1999. – С. 71.

он ҳеҷ каси соҳибакл ва соҳибзавқ аз раванди миллатгарои мусбат ҳазар карда наметавонад. Гарчанде, ки ҳамчун одати замони пешин одамон вобаста ба макоми ҷамъиятиашон ҳар гуна зуҳури миллатгароиро донистаю надониста инкор намоянд ҳам дар ботини худ миллатгароиро омиронаро ҷонибдоранд. Фақат як ҷиҳатро таъкид бояд кард, ки дар ҳеҷ сурат ҳеҷ гуна идеология ё ғояи асосии инкишофи давлатдорӣ набояд ба сифати идеологияи далатӣ эътироф гардад. Дар сатҳи шуури омма ташвику тарғиб ва замина пайдо намудани он кифоя аст. Зеро ба сифати идеологияи давлатӣ эътироф гаштани арзишҳои ахлоқию фарҳангӣ ва ғоявӣ боиси маҳдудиятҳо ва канорагириҳо нисбати арзишҳои дигар ва умумиятгу падидаҳо мегардад. Агар миллатгарой ба сифати идеологияи давлатӣ қарор гирад, он гоҳ аксарияти миллӣ бар акқалияти миллӣ фишор меорад, ҳукуқу озодиҳои онро маҳдуд месозад ва ғайраҳо.

Масъалаи дигари муҳими инкишофи давлатдорӣ дар доираи муносибатҳои байниҳамдигарии ҳокимият ва оммаи халқ карор мегирад. Ҳоло бегонагии омма аз ҳокимият баръало ҳис карда мешавад. Нақши омма фақат бо иштирок намудан дар интихобот ба охир намерасад. Зарур аст, ки оммаи васеи мардум бевосита дар идораи чомеа ширкат дошта бошанд. Бегонагии омма аз ҳокимиятро ба сатҳи акаллӣ овардан зарур аст. Ҳалли масъалахои мазкур чандон сода нест.

Пайдоиш, ташаккул ва ҳуввияти ҳар як халқу миллатро дар марҳилаҳо гуногуни таърих саргузашту сарнавишти он муайян месозад. Халқи қадимаи тоҷик, ки дар тӯли таърих басо ҷафохо кашидааст, низ бурду бохтхои худро аз давраи пайдоиш то кунун маҳз дар гарозуи таърих муайян мекунад. Ин амри табиист. Зеро таърих оинаест, ки мо дар он мавкеи гузаштаамонро дар замири фаъолияти корбарии ӯ сарфаҳм рафта, бо ин восита қадаме ба сӯи хештаншиносӣ ва худогоҳӣ ниҳода, бо дидаи ибрат дурнамои кишвару мардуми худро муайян карда метавонем.

Абдуҳалилзода Караматулло Абдуҳалил,
номзади илмҳои фалсафа,
сардори шуъбаи
иттилоот ва ташхиси диншиносӣ

ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА РОҲҲОИ ҲИФЗИ ОН АЗ ХАТАРУ ТАҲДИДҲОИ ҲАРАКАТУ ҶАРАЁНҲОИ ИФРОТИИ ДИНӢ

Фақирӣ дар демократия аз накӯаҳволии шаҳрвандон дар замони шоҳӣ ба ҳамон андоза афзалтар аст, ки озодӣ аз ғуломӣ.
Демокрит

Вақте дар хусуси истиқлолияти давлатӣ фикр мекунему сухан меронем, беихтиёр суханони фавқуззикри мутафаккири барҷастаи Юнон – Демокрит ба ёд меояд. Вокеан ҳам, ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ барои ҳар миллат аз силсилаи вобастагиҳо, ки зиндагии ҳар шаҳрвандро дар алоҳидагӣ ва тамоми миллатро дар умум вазнину тоқатфарсо менамояд, рахо гардидан аст. Ба қавли дигар, ба даст овардани истиклолияти давлатӣ боз намудани дарҳои имконоти зиёд ва татбики кудрату тавоноиҳои бешумор барои хушбахтии хеш аст. Аз нигоҳи сиёсӣ, ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ имконияти садо баланд кардан дар баробари ҳар кишвари мустакили дигар аст. Аз нигоҳи иқтисодӣ, истиқлолияти давлатӣ барои имрӯзу ояндаи миллат заминахои боэътимоди мавҷудият ва рушдро гузошган аст. Аз нигоҳи иҷтимоӣ, истиқлолияти давлатӣ имконияти беҳбуд бахшидани вазъи иҷтимоии ахолии кишвар дар сатҳи сифатан нав аст. Аз нигоҳи фарҳангӣ, истиқлолияти давлатӣ беҳтарин имконият ва шароит барои эҳёи фарҳанги созандаю офарандаи гузашта ва муаррифии ҳувияти миллӣ дар сатҳи сифатан нав ба ҷаҳониён аст. Аз ин нуқтаи назар, истиклолияти давлатӣ вокеан ҳам неъмати бебаҳост. Дар ин хусус Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳак гуфтаанд: «Истиқлол барои

мардуми шарафманди тоҷик имконият фарохам овард, ки ихтиёри давлатдориро ба дасти худ гирифта, ба сӯйи зиндагии осуда, эъмори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ роҳи васеъ кушояд... Тайи даврони соҳибистиқлолӣ миллати куҳанбунёди мо бо таҷрибаву собиқаи давлату давлатдорӣ марҳалаи тақдирсози расидан ба сулҳу ваҳдати миллиро паси сар кард ва дар шоҳроҳи амалӣ намудани нақшаҳои азими созандагӣ, ки ҳадафашон бо тақдири наслҳои имрӯзаву оянда пайванди мустақим дорад, қадамҳои устувор гузошт»[1].

Омӯзиши таҳлилии таърихи кишварҳои дар қарни XX ба истиқлолияти давлатӣ соҳибшуда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки мардуми ин кишварҳо зиёда аз дусад сол бар муқобили мустамликадорони хеш мубориза бурда, хуни ҳазорҳо фарзандони баору номуси худро резонда, ба истиқлолият соҳиб гаштаанд. Агар ба таърихи кишвари худ назар андозем, мебинем, ки истилои араб ва мусулмонсозии мардуми маҳаллӣ ба ҳамон андоза муассир гардид, ки дар натиҷа дар олами арзишҳои фарҳангии миллат арзишҳои нав реша давонда, қомат рост карданд ва тадриҷан соҳиби унвони «худӣ» гардиданд. Дар натиҷа ҳувияти миллат комилан тағйир ёфт.

Чунин гардиши куллиро дар таърихи давлатсозии миллати мо барпошавии Давлати шӯравӣ ва барҳамхӯрии он ба вуҷуд овардаанд. Агарчанде барпошавии Давлати Шӯравию барҳамхӯрии он падидаҳои ба ҳам мукобиланд, лекин ҳар ду падида дар таърихи ба ластоварии истиқлолияти давлатӣ накӣи мусбӣ бозидаанд. Барпошавии Давлати Шӯравӣ барои дар заминаи миллати тоҷик бунёд намудани давлати ниммустақил баъд аз ҳазор сол заминаҳои мусоид фарохам овард. Ҳамчунин, барҳамхӯрии Давлати Шӯравӣ барои соҳиб гардидан ба истиқлолияти расмии давлатӣ мусоилат намуда, қадами тақдирсоз барои рушди мустақилонаи минбаъдаи иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангии миллат гардид. Дар ин хусус боз ҳам Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маврид таъкид намудаанд: «Пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ боиси он гардид, ки дар қатори дигар чумҳуриҳо Тоҷикистон низ аз неъмати бебаҳои истиқлолияти воқеӣ баҳравар шуд. Ин даврапо метавон чун оғози марҳалаи нави давлатдорӣ ва истиқлолияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намуд. Истиқлолияти миллӣ дар марҳалаи навин барои мардуми Тоҷикистон чандон осон ба даст наомад ва аз қазо боз ба душворихои сангин ва ихтилофҳои шадид рӯ ба рӯ шуд.

Қуввахои бадхохи дохилию хориҷие, ки истиқлолияти Тоҷикистонро чашми дидан надоштанд ё худ мехостанд иш сарзамини пурганҷро тахти нуфузи хеш гиранд, мардуми тоҷикро бар зидди ҳамдигар ангехта, ҷанги шаҳрвандиро бар дӯши он тахмил намуданд»[1].

Ҳамин тавр, агар дахолати дин дар қарни VIII хувияти фарҳангии миллатро тағйир дода бошад, баъд аз солҳои 90-ум низ гурӯҳҳои динпарои ифротии ҷомеа бо дахолати хоҷагони шаҳрвандӣ кашиданд ва истиқлолияти давлатиро зери хатари азим қарор доданд. Дар натиҷаи ҷанг имконияти пурра вуҷуд дошт, ки давлати навбунёд истиқлолияти давлатии худро аз даст дода ба қисматҳои алоҳида тақсим гардад. Хушбахтона, масъулиятшиносию меҳандӯстии кишри равшанфикри ҷомеа бар ивази талафи ҷисму ҷони хеш тавонист, ки ин истиқлолиятро ҳифз намояд ва барои рушди минбаъдаи он заминаҳои мусоид фароҳам орад.

Бо вуҷуди ин, таҳдиду хатархои нерухои ифротии динис, ки дар қаламрави кишвар зери унвони ХНИТ барои аз байн бурдани истиқлолияти давлатӣ фаъолият кардаанд, мутаассифона, ба итмом нарасид. Онҳо роҳу усулҳои мухталифи муборизаро бар зидди низоми дунявии ақлгарои Тоҷикистони тозаистиқлол роҳандозӣ намуда, омилҳои зеринро барои таҳрики ахли ҷомеа бар зидди ҳокимияти қонунӣ истифода бурданд:

[1] Паёми табрикӣ ба ифтихори Рӯзи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санаи 8 сентябри соли 2019.

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Исмоили Сомонӣ – абармарди хирад ва сиёсат // Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳрахон мондагор. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – С. 205.

- онхо ба таҳрифи таъиноти иҷтимоии ислом пардохта, онро ҳамчун дини ҷангҷӯ, террористӣ ва зиддиинсонӣ муаррифӣ намуданд. Аз ҷумла, дар саҳифаҳои ҳафтаномаи вакти худ «Начот» андешаҳои зерини террористиюэкстремистии зиддиисломиро ҷойгир намуда, кӯшиш карданд, ки аҳли ҷомеаро барои ҷангҳои мукаддас омода созанд: «Ислом динест, ки пайравони худро вазифадор кардааст то ҳар яки онҳо ба таври дастаҷамъона ва ё дар алоҳидагӣ аз дин ва арзишҳои волои он дифоъ кунанд ва баҳри густариши он вақт, мол ва ҷони худро дареғ надоранд»[1].

- ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ба хотири кӯмак ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои зиддимиллии худ мурочиат намуда, ба ҳайси ҳадафи аввалиндараҷаи худ қарор дода буданд, ки тамоми ҷомеаи ҷаҳониро ба муқобили давлати мустақили навбунёди Тоҷикистон равона созанд ва бо ин иқдоми худ пояҳои давлатдории миллии тоҷиконро заиф сохта, онро тадриҷан аз байн бибаранд. Аммо, онҳо дарк накаранд, ки бо ин амалкардҳои худ моҳияти хиёнатпешагии худро ифшо сохтанд. Аз ҷумла, раҳбари ҲНИТ дар 21-умин Конгресси байналмилалии созмонҳои исломӣ суханронӣ намуда, ҷунин андешаҳои аз воқеият дур ва хатарзоро ба забон ронд: «Мусалмонҳо давраи тулонии маҳрумият, ақибмондагӣ, вобастагӣ ва зиллатро аз сар гузарониданд ва инак таърих бо хости худованд боз як фурсати дигаре барои раҳоӣ аз ин вазъ дар ихтиёри мусалмонҳо гузоштааст»[2]. Агар аз рӯи инсоф ба таърихи инкишофи ҷавомеи исломӣ назар андозем, баръакси гуфтаҳои М. Кабириро дармеёбем. Мусулмонҳо воқеан ҳам дар «давраи тӯлонии маҳрумият, ақибмондагӣ, вобастагӣ ва зиллат» қарор дошганд, низоми шӯравӣ онҳоро аз ин ҳолат раҳонид, аммо, мутаассифона, М. Кабирӣ ва ҳаммаслакони ӯ саъй доранд то мусулмононро боз ба ҳамон вартаи ақибмондагию зиллат ворид созанд. Чи хеле ки дида мешавад, М. Кабирӣ барои ба мақсадҳои худ расидан аз таҳрифи воқеият даст намекашад ва

[1] Ҳафтаномаи «Начот» аз 20 феврали соли 2014.
[2] Ҳафтаномаи «Начот» аз 6 июни соли 2012.

пайваста кӯшиш менамояд, ки барои расидан ба ҳадафҳои дунявии худ дини исломро ҳамчун василаи истифода барад.

- вазъи Осиёи Марказӣ ва кишварҳои ба ҳаводиси «Баҳори араб» мубтало гардидаро рохбарияти ҳизб ҳамшабеҳ шумурда, хохони он мегардад, ки сенарияи дар он ҷо ташкилнамудаи хориҷиҳо дар Осиёи Марказӣ низ сурат гирад. М. Кабирӣ дар сухбат бо Патриса Флор ва Пийер Морел, намояндаҳои хоси нав ва собики Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ тазаккур лодааст, «вазъияти Осиёи Марказӣ ва ҷаҳони араб бо ҳам шабоҳат доранд, вале раванди таҳаввулотҳо тарзе шакл мегиранд, ки чигунагии онро аз кабл ошкор гуфтан мушкил аст»[1]. Савол пайдо мегардад, ки чаро рохбари ҳизб вазъияти Осиёи Марказӣ ва ҷаҳони арабро ҳамшабеҳ шумурдааст? Ҷавоб ёфтан ба саволи мазкур душвор нест. Ӯ мехоҳад, ки ба хотири ба даст овардани ҳокимият тавассути абаркудратҳои хориҷӣ дар ватани худ низ чунин хунрезихоро роҳандозӣ намояд, яъне ӯ тибки принсипи «Гӯр сӯзаду дег ҷӯшад» амал менамояд.

- эътирози аҳли ҷомеаро зидди низоми мавҷуда тавлид намуда, онро ба мукобили ҳокимияти мавҷуда равона карданро ҳадафи асосии хеш қарор медиҳанд. Чӣ хеле ки маълум аст, омили асосии сар задани нооромиҳо дар идлас аз мамолики араб маҳз дахолати абаркудратхо ба хотири захирахои бузурги ашёи хом буда, мавҷудияти низоми авторитарӣ ё худкома баҳонае беш набуданд. Бо вучуди ин, ТЭТ ҲНИ дар арафаи ҳаводиси «Баҳори араб» ғояи «худкома будани низоми сиёсии кишвар»-ро ба ғояи марказии ҳафтаномаи худ қарор дода буд. М. Кабирӣ дар яке аз суханрониҳояш қайд сохтааст: «Тамоми ҷаҳон дар як марҳилаи ноил шудан ба озодӣ ва хукукхои бештар карор доранд, ба истисноӣ Осиёи Марказӣ. Осиёи Марказӣ ягона минтакаест, ки мисли як осорхона авторитаризмро дар ҷаҳон нигоҳ доштааст»[2]. (М. Кабирӣ: Аврупо рушди неруи исломро дарк кардааст).

Бояд зикр намуд, ки оҳанги мазкур дар шакли дакиктар баъдтар низ чандин маротиба такрор мегардад: «Қишре аз

[1] Ҳафтаномаи «Начот» аз 25 июли соли 2012.
[2] Ҳафтаномаи «Начот» аз 18 апрели соли 2012.

мардум, ба хусус чавонон хавасмандиву тарафдорӣ аз он мекунанд, ки бояд ба рафторҳои ифроттароёнаи ҳукумат чавоби ҳаммисл дод. Мурсӣ ҳоло дар курсии президентӣ мебуд, на додгоҳӣ, агар...»[1].

Ё:

«Аммо мутаассифона, дар Тоҷикистон афроде мудирияти кишварро дар ихтиёр доранд, ки худкома мебошанд. Талош мекунанд, ки тафаккуру чаҳонбинии дигарҳо мутобиқ бо барлошту хостаҳои онҳо бошад. Мохияган подшоҳӣ ва султониро ба мардум таҳмил кардаанд, ки таъсири худро рӯи гамоми заминаҳо гузоштааст» (М. Кабирӣ. Манъи фаъолияти Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон иштибохи бузург аст)[2].

Ё:

«Ҳукуматҳоянд, ки озодихоро маҳдуд месозанд ва мардум роҳи ягонаро дар идомаи муборизаи мусаллаҳона мебинанд»[3]. Агар ба суханони М. Кабирӣ, ки дар ҳамоиши чумҳуриявии «Нур» дар таърихи 14 марти соли 2014 дар қароргоҳи ҲНИТ баргузоршуда баён шудааст, аз нигоҳи таърих назар андозем, ҳадди олии ифротро дарк менамоем:

«Вале феълан чун мебинанд, ки на танҳо худи ҳукумат аз арзишҳои исломӣ дур мешавад, балки миллатро мехоҳанд дур кунанд, вокеан ин барои мардум сангин аст. Пас, мо бояд чӣ кор кунем дар ин гуна ҳолатҳо? Бояд баргардем ба ҳамон мактабе, ки имрӯз ёде аз муассисоҳяш мекунем. Ин мактаб танҳо мактаби Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, устод Муҳаммадшариф Ҳиммататзода ва даҳҳо шуҳадо нест, балки мактабест, ки онро паёмбарон таъсис додаанд».

Хусусияти иғвогарона доштани иқтибосҳои қаблӣ бидуни шарҳ маълум аст. Аз ин рӯ, аз шарҳи онҳо худдорӣ намуда, дар робита ба иқтибоси охирин гуфтанием, ки мактаби паёмбарон таъсисдода, аз мактаби шахсиятҳои фавқуззикр комилан фарқ менамояд. Зеро мактаби паёмбарон мактаби хидояткунанда,

[1] Ҳафтаномаи «Нақшот» аз 14 ноябри соли 2013.
[2] Ҳафтаномаи «Нақшот» аз 27 марти соли 2014.
[3] Ҳафтаномаи «Нақшот» аз 9 январи соли 2014.

рохнамоянда, ахлоқӣ, тарбиявӣ маҳсуб меёбад. Барои исботи ин андеша бо овардани як ҳадис иктифо менамоем: «Осонгирӣ кунед, душворгирӣ накунед, мардумро башорат дихед, онҳоро аз худ нагурезонед». Аммо мактаби шахсиятҳои баёнёфта бо ақида ва ҳадафҳои торик ва қафомондаи худ мардумро аз худ дур намуданд. Аз ин рӯ, ду мактабро набояд бо ҳам шабех донист.

Хулоса, тахлили мантики иктибосҳои овардашуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ТЭТ ҲНИ дар солҳои дар кишвар озодона фаъолият намуданаш ҳадафмандона талош кардааст, ки мардумро бар зидди ҳокимият шӯронда, ба таври зӯрӣ сохиби ҳокимият гардад. Ба қавли дигар, муборизаи мусаллаҳона барои ғасби ҳокимият дар табиати тачовузкоронааш амик ҷойгир шуда буд. Ба қавли дигар, чун аз эътимоди мардум баромада буд, пайваста кӯшиш мекард, ки бо роҳи зӯрӣ ба сари кудрат биояд. Чун дар гӯли чанд соли фаъолияти озодонааш ТЭТ ҲНИТ мардумро ба сӯи худ майл кунонда натавонист, моҳи сентябри соли 2015 якбора даст ба табаддулоти давлатӣ мезанад. Хушбахтона, ин навбат низ тири онҳо хок мехӯрад. Барои кӯшиши ба таври зӯрӣ ғасб намудани ҳокимияту иваз намудани сохти конститутсионии мавҷуда ташкилоти мазкур ташкилоти фаъолияташ дар қаламрави кишвар мамнуъ ва террористию экстремистӣ эълом карда мешавад.

Бинобар ин, чуноне ки дар иқтибоси боло зикр намудем, Пешвои миллат барҳақ ёдрас карданд, ки «Истиқлолияти миллӣ дар марҳалаи нави барои мардуми Тоҷикистон чандон осон ба даст наомад ва аз қазо боз ба душвориҳои сангин ва ихтилофҳои шадид рӯ ба рӯ шуд». Яъне, душманони дохилии миллат дар ҳамбастагӣ бо душманони хориҷии миллат пайваста барои аз байн бурдани истиқлолияти давлатӣ кӯшишҳои зиёде ба харҷ додаанд. Бо вуҷуди ин, миллати истиқлолиятхоҳи тоҷик дар паргави сиёсати оқилона ва дурандешонаи Пешвои миллии худ тавонист, ки тамоми ин мушкилиҳои сунъиро бартараф намояд ва дар роҳи тахкими пояҳои давлатдории миллии худ кадамҳои устувор гузорад.

Аммо, равандхои чахонишавии чомеа ва низоми демократии инкишоф барои фаъолияти ҳаракату чараёнхои ифротии чомеа

имкониятҳои зиёд ба вуҷуд овардаанд. Онҳо тавассути интернет ва сайтҳои мухталифи он андешаҳои ифротии хешро интишор намуда, доираи ҳаводорони хешро васеъ намуданд, ки ин ҳолат барои ояндаи давлату миллат метавонад хатарҳои зиёд тавлид намояд. Вазъияти бавуҷудомадаро Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон вокеъбинона ва хеле амик таҳлил намуда, навиштаанд: «Вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ва хусусияти устувор пайдо намудани зуҳуроти хатарноки замони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, кочоки силоҳ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, киберҷиноятҳо ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, ки башариятро ба ташвиш овардаанд, моро водор месозад, ки ба масъалаҳои таъмини амнияти кишварамон диққати аввалиндараҷа диҳем. Зеро, пайравони созмонҳои террористиву экстремистӣ барои ноором сохтани вазъият дар ҷомеа ва тафрикаандозиву барангехтани низоъҳои динию мазҳабӣ кӯшиш карда, барои гумроҳ сохтани сокинони мамлакат, бахусус, ҷавонон ва ба созмонҳои манъшуда ҷалб намудани онҳо аз шабакаҳои интернетӣ васеъ истифода мебаранд. Таъкид месозам, ки хоинони миллат ва хочаҳои хоричии онҳо то ҳанӯз аз накшаҳои нопоку гаразноки худ, ки ибтидои солҳои 90-ум доштанд, даст накашидаанд. Онҳо то ба ҳол аз хориҷи кишвар бо тамоми роху воситаҳо кӯшиш карда истодаанд, ки ҷомеаи моро ноором сохта, фарҳангу мазҳаби бегонаро ба сари мардуми мо таҳмил кунанд. Мардуми шарифи Тоҷикистон, махсусан, ҷавонони бонангу номуси кишвар инро набояд фаромӯш кунанд ва бояд ҳамеша ҳушёру зирак бошанд. Тавре ки ман борҳо таъкид карда будам, фаъолияти чунин равияҳои экстремистӣ, радикалӣ ва хурофотпарастӣ яке аз омилҳои асосии хатарзо барои имрӯзу фардои Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақа ба шумор меравад ва аз мо андешидани чораҳои муштаракро талаб менамояд»[1]. Ин хушдорсозии Пешвои миллат бесабаб нест. Ҳаракату ҷараёнҳои ифротии динӣ баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба фазои динии кишвари мо ворид гардида, иддае аз

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21 январи соли 2021.

нухбагони дини ҷомеаро гумроҳ сохта буданд ва ин гумроҳсозии нухбагони дини ҷомеа ахиран бо ҷанги шахрвандӣ дар ҷомеа анҷом ёфта буд. Дар хусуси таъсири ҷараёнҳои ифротӣ ба фазои динии ҷомеа далоили зер хеле ҷолиб мебошанд: «Марҳум С. Кенҷаев дар ҷилди аввали китоби худ «Табаддулоти Тоҷикистон» таъкид мекунад, ки аз козикалони ҷумҳурӣ Ҳоҷиакбар Турачонзода сар карда то ҳаман роҳбарони ҲНИТ ҳама аз мактаби «Ваҳҳобия» ва «Ихвонулмуслимин» гузашта буданд. Дар ҳамин ҷо барои тасдики ин фикр суханҳои Турачонзодаро овардааст, ки мегӯяд: «…Ба ҷаҳонбинии ман «Ихвонулмуслимин», ки дар матбуоти Ғарб онҳоро ҳамчун иртичоён ба калам медиханд, таъсири зиёд расондаанд. Ман онҳоро файласуфҳои хуб мешуморам»[1]. Огоҳӣ аз далели зерин низ бе нафъ нест: Мухаммадшариф Ҳимматзода, раиси вакти Ҳизби нахзати Ислом мегӯяд: «Кору амали мо асосан тавассути кутубу дастуре, ки аз ҷониби хочагони хоричӣ барои ичрои вазоиф дастраси мо мешуданд, ба роҳ монда шуда буд. Дар ин маврид, донишҷӯёне, ки муҳассилини мамолики (хориҷ) буданд, ба мо кӯмакҳои хубе карданд. Кутубу рисолоти пешгомону пешвоёни дину харакатҳои исломии олам Шайх Ҳасани Бано, бародарон Саид Кутб ва Муҳаммад Кутб, Саид Ҳавво, Абдуллои Мавдудӣ боис гардиданд, ки мо … усули муборизаро биомӯзем. Ислом танҳо ибодат нест. Ислом ҳам дин, ҳам давлат, ҳам сиёсат, ҳам дунё ва ҳам охират аст»[2]. Мутаассифона, дигаргунихои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва динӣ-идеологии замони муосир аз тарафи муҳаккикон на хамеша дуруст бахогузорӣ карда мешаванд. Аз нигохи баъзе муҳаккикон, чун давлат низоми дунявию демократиро пеш гирифтааст, дар он бояд ҳатман бисёрмазҳабӣ вуҷуд дошта бошад. Дар робита ба ин масъала сиёсатшинос А. Раҳнамо менависад: «Чуноне ки дар боло оварда шуд, вазъияти

[1] Кенҷаев С. Табаддулоти давлатӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе, - С. 259; Аз рӯи Маҷаллаи Институти Осиё ва Аврупо. – 2020. - №1 (3). «Пайвандҳои ақидатӣ ва рафтории ТЭТ наҳзати васеъмӣ бо хизбу харакатхои террористиву экстремистии Шарки Наздик ва Миёна». Муаллифон: (Ниёзӣ Ё.Б., н.и.ф., Директори Институти омӯзиши масъалахои давлатхои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмхои Тоҷикистон., Н. Холназаров – ходими калони илмии Институти мазкур).

[2] Ҳамон ҷо.

якмазҳабие, ки имрӯз Тоҷикистон дар он карор дорад, худ як омили табиии ҳифзи суботу амнияти кишвар аст. Вале дар аёни замон, дар шароити давлати дунявию демократӣ, дар сурати пазируфтани асли озодии эътиқод ва хусусан, дар шароити ҷаҳонишавии босуръат, ба таври сунъӣ ҳифз кардани муҳити якмазҳабӣ роҳи ҳалли устувору ояндалоре буда наметавонад. Аз ин рӯ, давлати мо бояд ба тадриҷ шароитеро фароҳам созад, ки дар ҷомеа фарҳанги ҳамзистии мазҳабӣ низ ташаккул ёбад. Зеро маҳдудсозиҳои имрӯза агар 5-10 соли дигар низ ҳамчун омили субот таъсир кунанд, дар ояндаи дуртар худ ба омили низоъ табдил мешаванд»[1]. Ба назар чунин мерасад, ки муҳаққики мазкур сиёсатшинос ҳастанд, вале аз нозукӣ ва хусусиятҳои сиёсии ҷаҳони ислом аз як тараф, ва нозукиҳои муносибатҳои сиёсии ҷаҳони имрӯза, аз тарафи дигар, огоҳ нестанд. Зеро, аввалан, дар типати дини ислом муборизаи барои ҳифзи ҳувияти динии хеш нуҳуфтааст. Ҳамин хусусияти худҳифзкунӣ имрӯзҳо аз тарафи абарқудратҳо хеле моҳирона истифода бурда мешавад. Сониян, муносибатҳои сиёсии ҷаҳони имрӯза на ба манфиати ислом, балки ба муқобили манфиатҳои он шакл мегиранд. Ҳамин аст, ки олами ислом имрӯз ба майдони санҷиши нерӯҳои абарқудратҳо табдил ёфтааст. Аз ҳамин нуктаи назар, чуноне ки муҳаққик дар оғоз қайд намудааст, муҳити якмазҳаба кафили боэътимоди амниятӣ субот дар ҷомеа маҳсуб меёбад.

Аз ин нуктаи назар, ҳифзи муҳити динии мазҳабӣ вазифаи мукаддаси аҳли ҷомеа буда, масъулиятшиносии ҷиддиро тақозо менамояд. Зеро, вақте нуҳбагони дини ҷомеа дар зери таъсири ҳаракату чараёнҳои ифротии динӣ афтодаанд, албатта, шогирдону пайравони онҳо бесабр нахоҳанд монд. Ҳамин аст, ки дар шаш моҳи соли ҷорӣ, тибқи маълумоти вазири корҳои дохилии Тоҷикистон Рамазон Раҳимзода, 143 нафар бо гуноҳи узвият дар созмонҳои мамнуъ ва террористиву ифротгаро боздошт шудааст. Аз боздоштшудагон аъзоёни «Ихвонулмуслимин» – 3, «Давлати исломӣ» (ДИИШ) – 26, «Салафия» – 45, «Гуруҳи 24» – 13, ХНИТ – 6, «Ансоруллоҳ» – 9, «Ҳизбуттаҳрир» – 6, «Ал-қоида» – 3, «Ҷамоати таблиғ» – 8, Ҳаракати исломии Узбекистон – 5 ва Паймони миллии Тоҷикистон – 4 нафар будаанд[1]. Бо дарназардошти чунин ҳодисаҳо Пешвои миллат вазъиятро вокеан ҳам хеле дуруст таҳлил намуда, аҳли ҷомеаро саривақт ҳушдор дода буданд.

Чӣ хеле ки фактҳои овардашуда далолат мекунанд, кариб тамоми ҳаракату чараёнҳои ифротии динӣ аллакай ба ҷомеаи мо таъсири манфӣ ва музирри худро расондаанд. Аз байни онҳо махсусан чараёнҳои «Салафия», «Ихвонулмуслимин», «Ансоруллоҳ» ва «Давлати исломӣ» мудҳиштар ба назар мерасанд. Даҳшатнокии чараёнҳои мазкур пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки онҳо ба эҳтимоли зиёд аз хориҷи кишвар маблағгузорӣ карда мешаванд. Илова ба ин, дар «Низомнома»-хои ин ҳаракату чараёнҳои ифротии динӣ ворид шудани пайравонашон ба макомоти давлатии дилхоҳ кишвар аз ҷумлаи ҳадафҳои стратегӣ маҳсуб меёбад. Пайравони дар макомот ҷойгирифтаи ҳаракату чараёнҳои ифротии динӣ, мусаллам аст, ки ба манфиати давлату миллат фаъолият намекунанд, зеро онҳо тахти назорати хочагони худ мебошанд. Ҳолати мазкур хатари онҳоро ба истиклолияти кишвар дучанд афзун мегардонад. Бинобар ин, барои пешгирӣ намудани таҳдиду хатарҳои ҳаракату чараёнҳои ифротии динӣ ба истиклолияти давлатӣ роҳандозӣ намудани чорабинихои мазкур ҳатмӣ ва ногузир мебошанд:

1. Яке аз роххои муҳим, асосӣ ва натиҷабахши хунсо намудани таҳдиду хатарҳои ҷараёну ҳаракатҳои ифротии ҷомеа ба истиклолияти давлатӣ аз пешгирӣ намудани раванди татбики ҳадафи дурнамои ҳаракату чараёнҳои ифротии динии ҷомеа иборат мебошад. Ин ҷо ёдрас менамоем, ки ҳадафи мазкур аз чойгир намудани намояндагони худ дар макомоти мухими хокимияти давлатӣ иборат мебошад. Намояндагони ҷараёну ҳаракатҳои ифротии динӣ бо ворид шудан ба ҳайъати макомоти давлатӣ тадриҷан ҳамхалқахои худро ҷамъ меоваранд ва барои фалаҷ сохтани давлат аз дохил фаъолона амал менамоянд. Амалкардҳои зараровари онҳо дар ин самт дар муносибати

[1] Абдуллоҳ Раҳимов. Ислом ва амнияти миллӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 150.

[1] Ҳафтаномаи «Тоҷикистон». – 2021. – №31 (1438). – С. 2.

хушукназарона ба вазифаҳои ишғолкардаашон, пешниҳоди хисоботҳои бардурӯғ оид ба натиҷаҳои фаъолияти солонаашон, бесифат ва сатҳӣ ичро намудани фукнсияхояшон ва амсоли инҳо ифода меёбад. Хулоса, онҳо барои омода намудани аҳли кишвар ба инқилоб тамоми заминахоро мухайё месозанд.

2. Барои таъмини босифати амнияти чомеа чуз нерухои кудратй боз неруҳон зеҳнии равшанфикрони чомеаро дар ҳамбастагй бо домуллоҳои суннатй бар зидди чараёну харакатхои ифротии динй сафарбар намудан шарт ва зарур аст. Ин рох аз он иғвогарона, зиддиинсонй, зиддимазҳабй ва авомфиребонаи харакату чараёнҳои мазкур имкон пайдо мегардад, ки пеши рохи шомилшавии чавонон ба ин чараёнхо гирифта шавад. Яъне, набояд имконият дода шавад, ки харакату чараёнхои мазкур аз хисоби наслхои чавони бематълумот, камтачриба ва дур аз тарбиямонда гаквият ёбанд. Бо ин максад, домуллохои суннатиро зарур аст, ки зимни сўҳбатҳо ва мавоизи худ бо ахли чомеа чанбаҳои пуртанокузи таълимоти онхо, ихтилофи таълимоти онҳоро бо сарчашмахои асосии исломй – Куръон ва суннат равшан намоянд ва ба мардум фахмонанд. Равшанфикрони чомеаро зарур аст, ки тавассути ВАО моҳияти иртичой, зархаридона, зиддиинсонй, зиддиконунй ва авомфиребонаи таълимоти онҳоро бо истифода аз далоили мантикй, аклй ва таърихй нишон диханд. Ёдовар шудан аз таркишу куштор ва сўикасдҳо ба чони ходимони намоёни давлатй дар Миср аз тарафи ихвониҳо ва амалкардхои тафрикаангезии салафихо дар дилхоҳ кишвари дунё ва накш ва мақоми халкунандаи онҳо дар ҳайъати ДИИШ боял бо далелҳои равшан ва котеъ собит сохта шаванд. Нишон додани вобастагии неруҳон ифротии мазкур аз хорича хусусияти зиддидинии онҳоро равшан боз менамояд.

3. Барои пешгирй намудани ҳама гуна раванди номатлуби бо дин алокаманд дар татбики сиёсати дунявии чомеа ба бетафовутй набояд роҳ дод. Чун дар моддаи аввали Конститутсия Чумхурии Точикистон давлати дунявй эълом шудааст, пас дар ин самт бояд собиткадам бул. Набояд фаромўш сохт, ки агарчанде дунявият зиддидинй нест, пас ҳамзамон рушди диният ҳамчун рохи ягонаи

пешбурди чомеаи мусулмонй низ нест. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар зери шиори «Дунявият бединй ё зиддидинй нест» нерў гирифтани диният – зиёд шудани дингарой дар байни тамоми кишрхои чомеа, махсусан чавонон, чалб шудани ҳар чй бештари чавонон ба маросими динй, умуман дар фазои маънавии чомеа мавкеи муайянкунанда пайдо карда истодани тафаккури динй дар мукоиса бо тафаккури илмй, эхсос нагардидани раванди илммехварии ахли чомеа ва ғайра ба чашм мерасанд. Набояд фаромўш кард, ки таквият ёфтани равандҳои фавкуззикр дар чомеа принсипи «дунявият»-ро зери шубҳа мегузорад. Зеро дунявият мохиятан дар тамоми самтхои инкишофи чомеа накши мукаддамотй доштани арзишҳои дунявй дар нисбати арзишҳои динй аст. Ба кавли дигар, ҳаёти шахс ё чомеа тибки принсипи дунявият мувофики ахкоми қавонини дунявй, на динй бояд шакл гирад. Бори дигар таъкид менамоем, ки агарчанде дунявият дин нест, вай ҳамзамон мусоидат ба рушди дин низ нест. Зеро, зери принсипи дунявият ба рушди дин яктарафа мусоидат кардан - маънои ба решаи худ табар заданро ифода менамояд.

Раванди дунявии собиткадамона ва устуворро барои он мо омили пешгирикунандахои тахдиду хатархои ҳаракату чараёнҳои ифротии динй номидем, ки ҳам дини муътадил ё тахаммулпазир ва ҳам ифротй аз як манбаъ – Куръону суннат гизо мегиранд. Яъне, дар байни онҳо ғайр аз тафовути чузъй умумияти зиёд низ вучуд дорад. Аввалан, пайравони ҳамаи онҳо мусулмон номида мешаванд. Сонян, ҳамаи онхо ахкоми Куръону суннатро эҳтиром карда, мепазиранд. Солисан, хеч яке аз онҳо ба рушди мусулмонй собит намуд, ки гузариш аз дингароии муътадил ба дингароии ифротй ба вазъи сиёсй-идеологии кишвар вобаста аст. Дар асоси мантики мазкур, метавон бо исрор изхор дошт, ки дунявият дар моҳияти худ рушди диниятро истисно менамояд ва бо ин рох барои ташаккулу неру гирифтани ҳаракату чараёнҳои ифротии динй монеа эчод менамоял.

4. Мусаллам аст, ки устуворию тахкими истиклолияти давлатй дар баробари дигар омилхо аз чахонбинй ва мафкураи фарзандони бонангу номуси кишвар низ вобаста мебошад. Дар

хусуси чаҳонбинӣ ва мафкураи мардуми кишвар сухан ронда, дар ин росто накши шуури фардӣ ва шуури чамъиятиро хамчун ду шоҳсутуни мухими афкори чамъиятӣ бояд шарҳ лод. Шуури чамъиятӣ аслан мачмӯи шуури фардҳост. Агар шуури фардӣ аз андешаву ғоя ва арзишҳои созандаву пешкадам мураттаб гардида бошад, пас шуури чамъиятии кишвар хамчун махсули шуури созандаи фардҳо метавонад пешкадам ва ҳамкадами замон бошад. Аз ин нуктаи назар, мундаричаи шуури фардҳои чомеа барои ҳифзи истиклолияти давлатӣ хеле мухим маҳсуб меёбад.

Барои аз афкору андешаҳои кафомонда ва ифротии музир тоза кардани мафкураи чавонони кишвар хамчун кишри мухим, оянласоз ва фаъоли чомеа, нерӯ бахшидани раванди таълими фанни «Диншиносӣ» хеле мухим мебошад. Зеро, таълими фанни мазкур ба насли чавони кишвар имкон медихад, ки дар бораи дин ва раванду ҳодисаҳои динӣ маълумоти илман асоснок ба даст оварад. Маълумоти илмӣ дар навбати худ тадричан насли чавонро аз пойбастҳои хурофотию таассубии динӣ рахонида, барои ташаккули муносибати окилона ба дин ва арзишхои динӣ замина мегузорад ва ахиран садде махсуб меёбад барои ташаккул ва таквияти ҳаракату чараёнхои ифротии динӣ, ки муборизаба мукобили ҳама гуна неруҳои истиклолиятхохро ҳадафи хеш карор медиханд.

Ҳамин тавр, таълими фанни «Диншиносӣ» низ дар қатори дигар фанҳои чомеашиносии хувиятсоз дар таҳкими истиклолияти давлатӣ ва ҳифзи он аз таҳдиду хатарҳои чараёну ҳаракатҳои ифротии динӣ накши бориз мегузорад.

Марамбеков Марамбек Анварбекович,
котиби илмӣ

ТАҶРИБАИ ТАЪМИНИ ТАВОЗУНИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ ВА ДИНӢ ДАР ДАВЛАТДОРИИ ДУНЯВИИ ТОҶИКОН

Ба даст овардани истиқлолият кори бисёр душвору захматталаб мебошад, вале ҳимояи пирӯзӣ ва дастовардҳои истиқлолият кори аз он ҳам душвортару пурмасъулият аст.
Эмомалӣ Раҳмон

Давлатдорӣ дар ҳаёти мардуми Шарқ, хусусан дар таърихи мардуми тоҷик таҷрибаи бисёрҳазорсола дошта, дар ин сарзамин шаклҳои гуногуни низоми давлатдорӣ бунёд ёфтаанд ва аз байн рафтанд. Ҳар як низоми сиёсӣ вобаста ба вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маърифати сиёсӣ ташаккул меёфт. Аз ин рӯ, аз тарзи давлатдории асримиёнагӣ наметавон меъёрҳои давлатдории муосирро талаб кард, зеро бо пешрафти ҷомеа унсурҳои давлатдорӣ низ тағйир меёбанд. Вале ҳамин низомҳои пешин буданд, ки барои давлатдории муосири миллатҳои гуногун дар ҷаҳон замина омода намуданд. Масалан, давлатдории тоисломии мардуми тоҷик таърихи зиёда аз 5 ҳазорсола дошта, даврaҳои империявӣ ва таназзулу сукутро аз сар гузаронидааст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ дар ин бора ишора кардаанд: «Фаромӯш набояд кард, ки тоҷикон таърихи исботшудаи беш аз панҷҳазорсола дошта, ҳанӯз пеш аз зухури ислом соҳиби фарҳанги асил ва анъанаҳои қадимаи давлатдорӣ буданд»[1].

Дар асрҳои XIX-XX баъд аз ишғоли сохти мустамликадорӣ дар кишварҳои мусулмонӣ шаклҳои нави давлатдории шоҳигарӣ (монархия) дар Арабистони Саудӣ, низоми ҷумҳуриявии исломӣ дар Покистон, Эрон ва дунявӣ дар Туркия, Малайзия ва

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол. – Душанбе, 2017. – С. 17-19.

кишварҳои пасошӯравии Осиёи Марказӣ инкишоф ёфтанд. Истиклолияти миллӣ дар кишварҳои пасошӯравии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон барои эҳё ва рушди арзишҳои динӣ ҳамчун ҷузъи фарҳанги миллӣ имконияти зиёд фарохам овард. Масъалаи эҳёи арзишҳои миллӣ ва динӣ ҳамчун омилҳои мухими заминаи маънавии давлатдории миллӣ хусусиятҳои нав касб кард. Вале таносуби арзишҳои миллӣ ва динӣ ва хусусан макоми онҳо дар ташкил намудани давлати соҳибихтиёри миллӣ дар он давра ба мавзӯи баҳси тӯлонии миёни доираҳои зеҳнӣ, барои тарғиб ва таҳмили андешаҳои гаразноки сиёсии худ истифода намуданд, ки дар ниҳоят ба мунокишаҳои дохилӣ оварда расонд.

Боид таъкид кард, ки яке аз омилҳои асосии нигаҳдории мувозинати сиёсӣ дар минтақа маҳз низоми сиёсии дунявият буда метавонад. Пазируфта нашудани дин ба сифати идеологияи давлатӣ, баробарҳуқуқии пайравони ҳамаи дину мазоҳиро дар назди қонун таъмин мекунад ва барои мавҷудияти бисёрақидатӣ дар ҷомеа заминаи мусоид фарохам оварда, ҳамзамон ифодагари озодии дин ҳам мебошад. Зеро дар асоси ин принсип баробарии ҳаман динҳо дар назди қонун эътироф мегардад. «Таҷрибаи бисёр кишварҳои пешрафтаи ҷахон як нуқтаро собит менамояд: маҳз дунявият шароит фарохам меорад, ки фарҳанги миллӣ бо арзишҳои динӣ вобаста ба ниёзҳои ҷомеа рушду такомул ёбанд ва мардум расму ойинҳоро озодона риоя карда, талаботи эътиқодии худро қонеъ созанд»[1].

Боид эътироф намуд, ки модели дунявӣ бо рушди низоми сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаи дастоварди инсоният буда, новобаста аз ҷиддӣ ҳуқуқи онҳо таъмин карда мешавад. Хусусан, вазъи сиёсиву иҷтимоию иқтисодии давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки манзарахои онҳо ба ҷунин равандҳои муҳим ба мисли бунёди давлати миллӣ, ташаккули худшиносӣ ва бунёди ҷомеаи миллӣ таъсири хеле ҷиддӣ мерасонад, низоми дунявият муносиб аст. Дар ин замина баррасии таҷрибаи кишварҳои дигар

[1] Маҷмӯаи суханронихои Президенти ҶТ. - Душанбе, 2016. - С. 56-89.

бо назардошти баъзе хусусиятҳои хоси кавмӣ ва этникӣ хеле мухим аст[1].

Боид таъкид намуд, ки аввалин паёмадҳои бартарият бахшидан ба низоми давлатдорӣ нисбат ба дин ҳамчун як намунаи мактаби сиёсӣ дар Аврупо шакл гирифт. Зеро низоми сиёсии ҷомеа печидатар шуд ва ҳизбҳои сиёсӣ ва як катор созмонҳои ҷамъиятиву сиёсӣ ба саҳнаи сиёсӣ баромаданд, ки ин ногузир боиси болоравии нақши шуури сиёсӣ ва ташаккули таълимоти нави идеологӣ ва сиёсӣ гардид. Дарвоқеъ, аз ин давра метавон дар боран марҳилаи нави муносибатҳои дин ва сиёсат сухан гуфт. Шуури сиёсӣ ба як соҳаи мустакил табдил меёбад ва давлат харчи бештар аз калисо мустакил мешавад[2].

Танҳо дар чахорчӯби ташаккули фазои миллии сиёсӣ, идеологӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, ки пояҳои бунёди давлатдории миллӣ мебошанд, метавон арзишҳои дунявиятро татбиқ кард. Ҳадафи давлатдорӣ «манфиати умумӣ» аст, ки барои зиндагии шоиста ва окилона шароит фарохам меорад.

Принсипи махсуси дунявият вуҷуд дорад, ки бори аввал дар Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд (1789) эълон карда шудааст, ки тарафдорони он таъкид доштанд, ки дин ин як созмон ё тафаккур аст, ки боид аз ҳаёти сиёсӣ комилан озод бошад. Онҳо чунин мешуморанд, ки қарорҳои мақомоти давлатӣ наметавонанд асоси динӣ дошта бошанд ва муносибатҳои сиёсӣ боид на танҳо бо меъёрҳои калисо, балки шаҳрвандӣ танзим карда шаванд. Аммо, дар асл, татбики ин андешаҳо он қадар сода набуд. Аз як тараф, муассисаҳои динӣ то андозае хусусият ва вижагиҳои ниҳодҳои сиёсиро ҳифз намуда, равандҳои иҷтимоиро муайян мекарданд, аз тарафи дигар, ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа ҳамчун омили ташаккулдиханда ва таҳриркунандаи дин амал мекард.

Сарфи назар аз аҳамияти назариявӣ ва амалии масъалаи дунявият, метавон гуфт, ки дар ҳоли ҳозир назарияи тахияшудаи

[1] Долгов Б.В. Исламизм в контексте конфликта цивилизаций. Конфликты на стыках цивилизаций в начале XX века. – М., 2007. – С. 43-45.

[2] Кудрашова Н.В. Исламская цивилизационная политика доминанта политики // Политическая наука. – 2003. – №2. – С. 87-117.

ягонаи секуляризми сиёсӣ, хусусан дар масъалаи муносибат ба дин, ки мавриди қабули омма бошад, вуҷуд надорад[1].

Дар ҷомеаи ғарбӣ яке аз сабабҳои мухими секуляризатсия рухляи умумии суст шудани аҳамияти дин дар ҳаёти иҷтимоӣ буд. Зеро тамоюлҳои нави танзими моликиятдорӣ, ки хоси модернизатсия буданд, ба таври возеҳ зоҳир шуданд. Ҷ.Я. Ҳолиоке, «секуляризм»-ро ҳамчун «як роҳи доварӣ, ки ба масъалаҳои эътиқод марбут нест, дар ҳалли мушкилоти фаврӣ дар асоси таҷрибаи ин ҳаёт тавсиф мекунад»[2].

Секуляризм ҳамчун ақида асосан идеалҳои гуманизмро ба мерос гирифтааст ва барои ҳадди аксар инкишоф ёфтани табиати ахлоқӣ ва зеҳнии инсон саъй мекунад ва онро на танҳо ниёзи таъчилӣ, балки вазифаи ҷудонопазири хар як шахс мехисобад. Ба гуфтаи С. Брэдлав, усулҳо ва роҳҳои такмил додани табиати инсон бояд пеш аз ҳама ба бехтар кардани заминаи моддии инсон равона карда шаванд. Ва принсипҳои асосии умумии «Ҷомеаи дунявӣ»: 1) илм ҳамчун риштаи роҳнамои башарият; 2) такя ба конунгузории дунявӣ ҳамчун макоми асосӣ; 3) озодии виҷдон ва сухан; 4) рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ[3], мебошанд.

Муносибат ба дин дар таҷрибаи давлатдории шарки мусулмонӣ аз Ғарб фарқ дорад. Зеро таълимоти дини насронӣ муносибати худро ҳамчун институти мустақил муайян кардааст, вале дар ҷаҳони ислом чунин таҷриба ташаккул наёфта буд ва баръакс давлатҳои сулолавӣ кӯшиш мекарданд, ки низоми сиёсиро қудсияти динӣ бахшанд.

Сарфи назар аз фарқиятҳои зиёд дар назарияҳои татбиқ арзишҳои дунявӣ метавон гуфт, ки ҳар як ҷомеаи инсонӣ аз ҳамин марҳилаҳои таҳаввули иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мегузарад. Он аз шаклҳои оддии сохтори иҷтимоию сиёсӣ ба шаклҳои мураккабтар мегузарад ва дар баробари рушди ҷомеа, вазифаҳои дин низ тағйир меёбанд ва фаъолияти муассисаҳои дунявии шаҳрвандӣ афзалият пайдо мекунанд, зеро шаклҳои нави

[1] Семигин Г.Ю. Национальная идея: история, идеология, миф. – М., 2004. – С. 104-118.
[2] Хавалиев Н.У. Общество, политика, экономика, религия, право. – М., 2017. – № 11. – С. 115-117.
[3] Холиоке Г.Ч. Принципы секуляризм. – Лондон: Остин ВАКО. 1971. – С. 17.

тартиботи ҷамъиятӣ ба меёрҳои нави иҷтимоӣ-фарҳангӣ эҳтиёҷ дорад. Дар ҷомеаи пешрафта макоми илм тадричан меафзояд, зеро инсоният дар таҷриба ва ақл дастгирии боэътимодтар пайдо мекунад[1].

Постмодернизм динро на ҳамчун ниҳоде, ки даъвои конунигардонии муносибатҳои байнишахсиро дорад, мепуморад, балки аҳамияти озодии баёну эҳсосот ва эътиқодоти диниро қадр мекард ва ба ин васила давраи нави татбики арзишҳои дунявӣ оғоз гардид. Дар доираи таълимоти худ Ҷ. Ҳабермас аз ҷомеаи дунявӣ сифати нави фахмиш ва кабули эътиқодоти диниро талаб кард. Дар ин раванд парокандашавии шуури як инсони муосир дар зери таъсири рушди технологияи иттилоотӣ ба амал омада, тафрикаи зерсистемаҳои иҷтимоӣ меафзояд[2].

Дар чунин вазъ ниҳодҳои мухими шаҳрвандӣ ва иҷтимоӣ, ба монанди конун, сиёсат, фарҳанг, тарбия, таълим, хайрияи ҷамъиятӣ ва илм ба унсурҳои ҷудонопазири ҳаёти инсонӣ табдил меёбанд. Бинобар ин яке аз дастовардҳои мухими низоми дунявӣ маҳз ба масъалаи хусусӣ табдил додани муносибати шаҳрванд ба дин мебошад.

Дар асл дунявият алайҳи дин нест, балки озодсозии дин аз олудагиҳое аст, ки ба дин тахмил шуданд ва замонате барои имон дар шакли амиқ ва саҳеҳ аст, зеро имони саҳеҳ аз интихоби озодӣ хосил мешавад. «Дахолати давлат ба дин ва диндорӣ ин ихтиёрро салб мекунад ва дине, ки дар шакли иҷборӣ ҳосил мешавад, ҳаргиз дин ва имони хакикӣ нест». Дар назария ва таҷрибаи дунявият тафовутҳое миёни Ғарб ва Шарқ вуҷуд доранд. Аз ин рӯ, давлатдории дунявии кишварро нусхаи дунявияти кишварҳои Ғарб ҳисобидан хато аст. Азбаски таърихи давлатдории миллатҳо ва фарҳанги сиёсии мусулмонон аз ҳамдигар тафовут доранд, ҷорӣ намудани як шакли давлатдорӣ дар хамаи кишварҳо низ гайриимкон аст. Бинобар ин, ҳангоми таҳлили муносибати давлат ба дин миёни давлатҳои мусулмонии арабу форс фарқиятҳои чиддӣ пайдо мешаванд. Зеро то ислом ҳам таърихи арабу форс аз

[1] Бехфорд Ч.А. Социальные предпалежности религии. – Кембридж: Издательство университет. 2003. – С. 35-36.
[2] The Arabspring / The end of postcolonialism / Zed books?2012/p/17

хамдигар дар усули давлатдорӣ фарқ доштанд. Ҳангоми зуҳури ислом дар кишварҳои форсизабон аллакай давлатҳои мутамаркази дорои сохтори муайян вуҷуд доштанд. Дар ҳоле ки тамоми масъалаҳои сиёсӣ ва муносибатҳои иқтисодии арабҳо дар сатҳи роҳбарони кавму қабилаҳои алоҳида ҳаллу фасл мешуд. Ин фаркиятро бояд ба назар гирифт, зеро ислом ба ин минтақаҳо, пеш аз ҳама, ҳамчун дин ворид шуд, на падидаи сиёсӣ. Баръакс арабҳо баъди аз дидан кардан аз ин минтақаҳо зарурияти ташкил намудани низоми давлатдориро дарк карданд. Мутаассифона, баъзе аз сиёсатмадорони исломӣ ин факти таърихиро нодида гирифта, таърихи миллати тоҷикро аз нигоҳи ҳамин меъёрҳо нодуруст баррасӣ менамоянд.

Давлатдории миллии тоҷикон қабл аз ислом нисбат ба давраи исломӣ дида, хеле фарохтар буда, дар он баъзе унсурҳои дунявият зуҳур карда буд. Бе сабаб нест, ки сулолаи асотирии Пешдодиёнро нахустин танзимкунандаи қонунҳо медонанд. Ҳанӯз дар Вандидоди Авасто вазифа ва салоҳияти шоҳ ин сарварӣ кардани ҷаҳон, обод намудани кишвар ва хизмат кардан ба раият будааст, вазифаи рӯҳонӣ бошад, тарбияи ахлоқӣ ва ба ин тариқ ӯ сомонбахшии растагории он дунёии мардум мебошад[1].

Аммо намунаи олии давлатдории таърихии тоҷикон ин давлатдории Сомониён буд. Дар он муносибати давлат ва дин бо назардошти манфиатҳои давлатдории миллӣ ба роҳ монда шуда буд. Вале бунёди давлати Сомониён дар қаламрави хилофати исломӣ сабаби норозигӣ ва рақобати арабҳову туркҳо бо ин давлат шуд. Дар зери таъсири таълимоти ислом арабҳо ҳама гуна ҳаракатҳои миллиро ҳамчун таълимоти мукобили дини ислом маҳкум мекарданд. Дар асл мавҷудияти ин давлатҳои миллӣ, Сомониён на ба ислом ҳамчун фарҳанг ва дин, балки дар мукобили қудратталабии араб дар минтақаҳои мусулмоннишин истодагарӣ мекард. Дар айни замон мушкилоти асосии мусулмонон ин як донистани таърихи давлатдории араб (Умавиён, Аббосиён) бо таърихи ислом мебошад. Ҳадди акал бо

[1] Маслули М. Авасто. – Кобул, 1996. – С. 191.

мақсади сабақу ибрат гирифтан варақ задани саҳифаҳои сиёсии таърихи ислом ва таҳлили интиқодии он кори савоб хоҳад буд. Зеро ягон таърих, «ҳатто таърихи сиёсии уммати исломӣ дар назди илм ва дин муқаддас нест ва зимнан аз назари худи сиёсат ва дин низ он масун ва маҳфуз аз хато намебошад»[1].

Бархӯрди дин ва миллат. Дар баробари ин, бо кам шудани дараҷаи хавф ба ҳаёт ва эҳсоси эътимод ба амнияти мавҷудияти худ, татбиқи меёрҳои ҳуқуқӣ ва кафолати ҳаёти инсон дар давлатдории дунявӣ ниёзи фардро ба баъзе унсурҳои динӣ кам мекунад.

Накши таърихии дини ислом дар ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоии мусулмонон гуногун буда, онро метавон аз дидгоҳҳои гуногун баҳогузорӣ намуд. Хусусан вақте ки сухан дар бораи таъсири он ба сиёсат меравад, дар ин маврид он ҳамчун ганзимкунандаи муносибатҳои мухталиф дар ҷомеа пазируфта мешавад. Дар ин сурат саволҳое, ки барои ҳар як шахс вобаста ба ҷаҳонбинии ӯ, хусусан муносибати ӯ ба озодии виҷдон, ки комилан маҳрамонанд, дар ин ҷо пайдо мешаванд. Зеро низоми динӣ ба ин масъалаҳо дахолати бевосита дорад. Аз тарафи дигар, хусусиятҳои сифатии як ҷомеа, низоми давлатӣ, қобилияти он дар таъмини ҳуқуқҳои демократии шаҳрвандони худ, истисно кардани ҳама гуна зӯроварии ҳуқуқӣ ва амалӣ бар эътиқод ва манфиатҳои онҳо ногузир аст. Он чизе ки аллакай гуфта шуд, ба мо имкон медиҳад дар бораи муҳимтарин нишондиҳандаи демократия ва бунёдгузории ҷомеа сухан кунем.

Дин ва сиёсат дар тӯли асрҳои зиёд, бо ин ва ё он гарз, бо ҳам алоқа доштанд ва ин муносибатҳо дар шаклҳои нав татбиқ мешаванд. Бепазардошти омили динӣ, фаҳмидани сабабҳои пинҳонии як қатор амалҳои сиёсии имрӯза дар баъзе кишварҳо, минтақаҳо ва ҳатто дар сиёсати ҷаҳонӣ муошидашаванда душвор аст. Дар баробари ин, дараҷа ва хусусияти таъсири омили динӣ ба сиёсат гуногун аст, аммо хузури он дар амалу ҳаракатҳои сиёсӣ, хусусан ҳизбу ҳаркатҳои динӣ падидаи тасодуфӣ нест. Ва ин ба хусусиятҳои мухими ҳам дин ва ҳам сиёсат вобаста аст.

[1] Давлатов М.И. Принсипҳои дунявият. – Душанбе, 2005. – С. 4-5.

Дин як шакли шуури иҷтимоӣ аст. Дар баробари афсона ва фалсафа дин яке аз шаклҳои ҷаҳонбинист. Мисли фалсафа, он ҷаҳонбинии мифологиро иваз кард, ки ба саволҳое, ки дар чомеаи қадим ҳангоми гузариш аз муносибатҳои ибтидоӣ ба муносибатҳои нисбатан мураккабтари синфӣ ба вуҷуд омадаанд, ҷавобҳои қонеъкунанда дода наметавонад. Дар даврањои муайяни таърихӣ дар минтақаҳои алоҳидаи сайёра, ин як шакли шуур дар байни омма бештар паҳн шудааст ва баъзан он бар ҳама шаклҳои дигари шуури ҷамъиятӣ бартарӣ дорад. Аз ин рӯ, дар ҳама ҳолатҳое, ки сухан дар бораи дин меравад, дар малди аввал ҳаёти инсон ва нақши дин дар он дар назар дошта мешавад. Сиёсат бошад бо оммаи васеи аҳолӣ алоқаманд аст. Агар субъектҳои дин ва сиёсат аслан якхела бошанд, пас ин палидаҳо ҳатман боял бо ҳам пайванданд. Гузашта аз ин, моҳияти як қатор ҳаракатҳои иҷтимоию сиёсиро, ки унсурҳои диниро ҳамчун қисми таркибии худ истифода мебурданд, бидуни ба назар гирифтани хусусиятҳои дохилии динӣ ва тарзи шарҳи онҳо фаҳмидан мумкин нест. Чунин равандро ҳизбу ҳаракатҳои ифроттарои динӣ ҳамчун унсури хатар ба дин маънидод карда, бунёди як низоми динӣ ва ё хилофати исломиро ҳамчун роҳи ягонаи наҷоти мусулмонон таблиғ мекунанд. Ба чунин гирдоби бозиҳои сиёсӣ мардуми кишварамон солҳои 90-ум кашида шуд. Шиори асосии ҳизби динӣ бунёди давлати исломӣ барои наҷоти ислом буд ва ҳаст. Зеро тачрибаи муносибат ба дин дар даврони Шӯравӣ заминаи бархӯрди исломгароёнро ба кувваҳои дигари сиёсӣ омода карда буд. Мутаассифона, бархӯрди амалии ин қувваҳо дар кишварамон сурат гирифт. Аз ин нигоҳ, Пешвои миллат ин ҷанги шаҳрвандиро «ҷанги таҳмилӣ» ном мебарад, ки воқеан баёни ҳақиқати таърихӣ аст.

Бунёдгароёни исломӣ бар ин ақидаанд, ки ислом оҳиста-оҳиста дар чомеаи дунявӣ дар як ҷанги эълоннашуда – иҷтимоӣ сиёсӣ-идеологиашро аз даст дода истода, танҳо ҳамчун як идеяи карахт мондааст, ки чунин ислом наметавонад оянда вахдати уммати исломиро таъмин намояд[1].

[1] Кудрявцева И.В. Политическая наука: новые направления. – 2003. – № 2. – С. 87-117.

Аз ин рӯ, бунёдгароёни исломӣ ба масъалаҳои танзими муносибатҳо ва дигар мавзуъҳои динӣ бисёр бо эҳсосот муносибат мекунанд.

Ислом ҳамчун дин дар ибтидо роҳи комилан дигарро пеш гирифта буд, ки аз динҳои қаблӣ куллан фарқ дошт. Пеш аз ҳама эътироф нашудани низоми сиёсии алтернативӣ, ба мисли низоми дунявӣ дар чомеаи мусулмонӣ мебошад. «Ислом ҳамчун як низоми динӣ ба догман сиёсии дохили бархӯрд дорад, ки мақмӯи принсипҳо ва меъёрҳои он муносибати миёни мусалмононро танзим карда наметавонад. Зеро аз ибтидо ихтилофи андешаҳо ва фикрҳо дар чомеаи мусулмонӣ ҳамчун ихтилоф ба дин қабул мешуд ва бо мухолифони фикрӣ ҳамчун душмани дин мубориза мебурданд. Дар натича низомҳои сиёсӣ низ мухолифони сиёсиро ҳамчун мухолифони шариат ҳукм мекарданд ва ин раванд то ҳол идома дорад[1].

Бо дарназардошти нақши дин дар равандҳои сиёсӣ, мо ба истифодаи дин дар бозиҳои сиёсӣ бештар бархӯрд дорем. Зеро дар майдони сиёсӣ дин ҳамчун унсури мустақил ворид нагардида, балки бо назардошти манфиатҳои сиёсии ин ё он гурухои манфиатчӯ тафсир ва таблиғ мешавад. Агарчӣ дин функсияи идеологии худро ичро кунад, ҳам, вале ваъдаҳои дин барои амалҳои солеҳ моликияти хусусии сиёсатмадорони динӣ мегардад ва дар ниҳоят комёб шудан ба неъматҳои охират аз ҳарами Худованд чудо шуда ба гуфтору кирдори мубаллиғони динӣ тобеъ мешавад. Яъне комёб шудан ба неъматҳои охират аз дастури роҳбари сиёсӣ вобаста мешавад. Дар ин раванд гуё манфиати дин ҳифз мешавад ва он аз ҳама гуна масоили ичтимой болотар меистад. Идеяҳои олӣ пайравони диниро муттаҳид месозанд. Аз ин рӯ, тасаввуроте ба вуҷуд омадааст, ки дар ҳақиқат аз мардум дида, роҳбарони сиёсии ҳаракатҳои динӣ-сиёсӣ ба Худованд хеле наздиктаранд ва чунин қудратро аз Худо гирифтаанд. Сарфи назар аз ниятҳои нек ва муроҷиат ба таҳаммулпазирӣ, кушторҳои зиёде аз ҷониби одамоне содир

[1] Борисов А. Роль ислама во внутренней и внешней политике Египта. XX век. – М., 2001. – С. 80.

карда мешаванд, ки мутмаинанд, ки мувофики талаботи дини худ амал мекунанд[1].

Дар вокеъ, дар таҷрибаи инсоният диниҳо яке аз муҳимтарин василаи ба даст овардани қудрат ва ҳифзи он, машрӯъият бахшидан ба қонунҳои низоми сиёсӣ дар назди пайравони ин дин ва асосноккардани зарурати тобеъ шудан ба қувваҳои муайяни иҷтимоию сиёсӣ мебошанд. Тасодуфӣ нест, ки асрҳои миёна номи даврони классикии «тамаддуни масеҳӣ»-ро гирифтаанд, ки дар он вакт дин маркази пешбарандаи ҳаёти чомеа буд. Ҳукмронии таксимнашавандаи дин, воридшавии он ба тамоми соҳаҳои ҳаёт ва бартарии он аз давлат меъёрҳои муайяни сиёсиро ташаккул додааст. Таълими Геласиус «Дар бораи ду шамшер», ки мувофики он Масеҳ ҳамчун подшоҳ ва саркоҳин дар як вакт сохиби ду шамшер аст – руҳоният ба калисо ва дунявӣ ба подшоҳ супурда шудааст, ки дар дасти як шахс қарор гирифтанд. Ин таълимот тасдиқ мекард, ки фарқ ҳам вазифаҳои руҳонӣ, ки дастури осмонӣ ва ҳам кори давлатдорӣ ки замонист ичро мекард. Агар ҳамчун роҳбари руҳонӣ фазилатҳои ба мисли сабр, саховат, адолат бояд дошта бошад, пас дар фаъолияти сиёсӣ сифатҳои тамоман дигарро бояд доро бошад[2].

Масалан дар аврупои асри миёнагӣ накши калисо нисбат ба давлат баландтар буд ва аз ин рӯ роҳбарони сиёсӣ бояд ба иерархияи калисо тобеъ мепуданд. Ҳамин тарик таҷрибаҳои гуногуни хоси истифодаи дин барои ба даст овардани ҳадафҳои сиёсӣ то ҳол амалӣ мешаванд.

Имрӯз, омили динии сиёсати ҷаҳонӣ, асосан бо истифодаи равандҳои ҷаҳонишавӣ, ки дар ҷаҳон сурат мегиранд, аҳамияти афзоянда дорад ва дар зухуроти мухталиф мушоҳида мешавад. Дин аз ҷониби сиёсатмадорон барои васеъ кардани нуфузи онҳо ба омма истифода мешавад.

Таҷрибаи инкилобҳои ранга собит намуд, ки исломгароён таҷрибаи таъсиси низоми давлатдорӣ надоранд ва мушкилоти иктисодӣ ва зиндагии мардумро бехтар кардан хам наметавонанд.

[1] Борисов А. Роль ислама во внутренней и внешней политике Египта. XX век. – М., 2001. – С. 83-85.

[2] Исаев Л.М. Арабская весна и Лига арабских государств между Багдадом и Каиром // Восток. – 2013. – №3. – С. 55-63.

Албатта, «баҳори арабӣ» умедҳоро бедор кард, эйфорияро ба вуҷуд овард, мардум аз содалавҳии худ фикр мекарданд, ки аз байн бурдани золим зуд боиси хушбахтӣ мешавад. Аммо дар нихоят мардум на танҳо аз зиндагии осуда ва ғанимати дошта бенасиб шуд, балки кафолати амниятиро низ аз даст дод. Ҳамин тариқ, идеологияи ҳукмрон дар кишварҳое, ки аз «баҳори арабӣ» нақоб ёфтаанд, таъсири давлати миллии дунявӣ шуда истодааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ принсипи асосии муносибати давлат ба дин дар Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст. Дар он дунявият ҳамчун сифати сохти давлатӣ бо назардошти ба вуҷуд овардани шароиту имконият ба рушди арзишҳои миллию динӣ ба расмият дароварда шуда, он тағйирнопазир мебошад. Муҳимтарин ҷанбаи дунявият дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он иборат аст, ки дунявият ба сифати идеологияи расмӣ пазируфта нашудааст. Моҳияти дунявият дар моддаҳои 1, 5, 8, 26, 28, 30 ва 100-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳи мукаммали худро ёфтааст. Он ҳамчун арзиши ғайридинӣ принсипи гуногунакидавиро баркарор намуда, имкон медиҳад, ки ҳеҷ кадом акида ба ҳайси идеологияи давлатӣ ё умумиҳатмӣ пазируфта нашавад, ки ин принсипу шарти асосии ҳамзистии дину давлати дунявӣ мебошад.

Дар моддаи 8 Конститутсия омадааст: «Дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад. Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурухе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад». Яъне дунявият ба сифати сохтори давлатӣ на бо максади хусусияти идеологӣ додан ба ягон мафкураи ғайридинӣ ва маҳдуд кардани мафкураи динӣ, балки бо максади дар катори дигар мафкураҳо макоми баробар доштани дин ва аз ин тарик пешгирӣ кардан аз ифротгароии динӣ-сиёсӣ ва ҳифзи арзишҳои миллию дунявӣ аз фишори гуруҳҳои сиёсӣ-динии ифротӣ пазируфта шудааст. Ба таъбири Сарвари давлат «давлатдории миллиро бе ин асос тасаввур кардан мумкин нест, дар такя ба ин асл мо метавонем сохтори ҷамъиятӣ, истиклолият ва амнияти миллиро таъмин намоем, арзишҳои миллиро ҳифз намуда, барои

инкишофи минбаъдаи давлати Тоҷикистон заминаҳои мусоид фароҳам созем».

Ҳамин тариқ, низоми дунявии давлатдорӣ имконият медиҳад, ки инсон ҳуқуқу озодиҳои худ, аз ҷумла озодии диниашро ҳифз намояд, дин ҳамчун ҷузъи фарҳанги миллӣ рушду нумӯъ карда, дар тарбияи ахлоқии инсон саҳм гирад, нақши маънавии дин дар ҷомеа баланд гардад ва аз ҳамин рӯҳ дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии ҷомеа мақоми сазовореро лоиқ бошад.

Шоев Фирӯз Маҳмадаминович,
номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент,
мутахассиси пешбари шуъбаи
пажӯҳиши ҳуқуқи исломӣ

Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид,
номзади илмҳои ҳуқуқ,
сармутахассиси бахши кадрҳо,
ҳуқуқ ва корҳои махсус

РИСОЛАТИ ИЛМ ВА ПОЙДОРИИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Ман фазилати илмро аз фазилати ибодат дӯсттар медорам.
Муҳаммад (с)

Таърихи мавҷудияти инсоният шаҳодат медиҳад, ки дар ҳама давру замон илм неруи тавоно, офаранда, пуриктидор ва ҷомеа мебошад. Ҳастии инсон бо ниҳоди ҳаҷотбахши ғановатмандии сиришти ботинӣ, ахлоқи нек, неруи офаридагорӣ, тавассути илму дониш ва ақлу хирад таҳаввул ва такомул ёфта, ба ин васила пиштоти зиндагӣ ва саодати рӯзгорро комёб шудааст. Аз ин ҷост, ки низому пешрафти ҷомеа, таъмини амният, сулҳу субот, бунёдкориву созандагӣ, арзишҳои маънавӣ ва фарҳангии башар ба неруи илм ва фазилати инсон алоқаманд мебошанд. Зеро илм ва ахлоқ дар якҷоягӣ роҳнамоест, ки инсонро ба суйи асолати миллӣ раҳнамой карда барояш роҳи душвори пешрафти оянда, кору пайкори навбатии расидан ба рӯзгори ободу осуда, саодати зиндагӣ ва ҷомеаи мутамаддинро осонтар мегардонад.

Аз аҳди бостон инсоният ҳамеша дар ҷустуҷӯи илм ва маърифат буда, рози илму ҳикмат мекушоду саодату хушбахтиро ҷӯё мешуд, ки он дар тӯли ҳаёт мояи ифтихору ҷуръат ва сарчашмаи шуҷоат карор мегирифт. Дар ин робита ба манзалат ва мақоми шоиста расидану сохибилм шудани инсон

заҳмати зиёдро талаб мекард. Тавассути илму дониш ақли инсон ғанӣ гашта, ачсоми олам намои оболӣ ва созандагӣ мегирад. Илм маҳсули хирадӣ инсонӣ ва ғояи ҳаёти одамӣ ҳамчун роҳи расидани инсон ба саодати ҷовидон аст ва мачмӯи донишҳоест, ки дорои чаҳонбиниву ғояи муайян дар боран олам, табиат ва ҷамъият буда,ба маърифати наву тоза ақли инсонро ғанӣ мегардонад ва чун чароғи равшан ба шинохти ҳақиқат раҳнамуи месозад. Илм бо ду роҳ рушд мекунад, яке мушоҳида, дигаре мутолиа, инсоне ки аз нигоҳи илми муссалах ҳаст, ҳамеша мавкеи муайянро доро аст.

Илм дар таълимоти мутафаккирону адибон ҳамчун асоси пойдории ҷомеа ва чавҳари хастии он тавсиф шудааст, ки ҷуянлаву талабгори онро аз ҳама ғуборҳои ботин покиза, садрнишини мачлис ва ҳамеша шоду хуррам мегардонад. Дар ин росто ҳак бар ҷониби Мавлоно Ҷалолиддини Балхист, ки мефармояд:

Хоҳӣ, ки ҳамеша шоду хуррам бошӣ,
Ҳар ҷо ки равӣ, азизу маҳрам бошӣ.
Покиза шаву рост бизӣ, илм омӯз
То тоҷи набераҳони Одам бошӣ.

Дар ҷаҳони пуртуғёну зудтағирёбандаи муосир ва бархурду ҳамгироии тамаддунҳо неруи илм, ғояи таҳаммулпазирӣ ва хусни тафоҳум дар таъмини сулҳу субот ва муомилаву муносибати халқҳои сайёра нақши созанда ва аҳамияти хоса дорад. Маф-хумхои сабру токатпазирӣ, таҳаммулгарой, масъулиятшиносӣ, сулҳу субот, некиву накукорӣ, дӯстӣ ва хайру эҳсон сифатҳои арзишманди шахсияти инсон буда, дар якҷоягӣ илму дониш ба дарки худогохию хештаншиносӣ ва устувории ҳаёти маънавию ичтимоии башарият мусоидат менамоянд. Осори пуразриши тамаддуни башарӣ, аз ҷумла донишмандони олами ислом ва Юнону Шарк кулли масоили табиӣ ва ичтимоиро аз назари илмӣ бо овардани далелҳои мӯътамад таҳлил ва арзёбӣ намуда, хулоса ва натича мебардоштанд.

Таҳсил ва талаби илм аз давраи тифлӣ то лаҳзаи вопасини ҳаёт барои ҳар як фард зарур аст. Мақом ва манзалати илму

дониш дар таълимоти пайғамбарон, донишмандон, мутафаккирон ва адибон ҷойгоҳи баланду шарафманд дорад. Ба ин маънӣ фармудаанд:

Илму ҳикматро талаб кун, гар тараб чуйӣ ҳаме,
То ба шоҳи илму ҳикмат пуртараб ёбӣ рутаб.

Ҳадисҳои Пайғамбар (с): дар бахши илм ва омӯзиши он хело знёд аст, ки чанде аз онҳоро баён намудан ба мақсад мувофик аст: «Зи гаҳвора то гӯр дониш бичуӣ», «Ман фазилати илмро аз фазилати ибодат дӯсттар медорам». «Ҷохилонро ба олимон баробарӣ мумкин нест». «Оё баробар ҳастанд касоне ки медонанд ва касоне, ки намадонанд. Ҳаргиз не! Ибрат намегиранд, магар аз соҳибақлон». «Илм нур аст ва ҷаҳл кубҳ». «Арзандатарин мерос аз падар барои фарзанд илму дониш аст». «Ҳар ки барои талаби илм дар роҳе кадам менихад. Худованд аз барои ӯ роҳе ба сӯи ҷаннат мекушояд». «Бехтарин садакахо он аст, ки марди мусулмоне илмро биомӯзад ва ба мусулмони дигаре таълим бидихад». Ин таъкидҳои паёмбари Ислом гувоҳи он аст, ки тарғибу талаби пайвастаи илм – ин рохи начот аз зулмот ва беадолатӣ аст. Илм инсонро аз зулмот начот дода, саодати зиндагиро бар вай насиб мегардонад ва ӯро ба сӯи муваффакият рохнамой мекунад.

Дар ҷомеае, ки бунёди илму дониш устувор нест, онро таассубу ҷаҳолат, тундравӣ, ҷангу бадбахтиҳо ва нобудшавӣ таҳдид менамояд. Дар раванди ҷахонишавӣ ва ҳамгироии тамаддунҳо ин масъалаҳои ичтимоӣ, сиёсӣ, динӣ ва иқтисодӣ бояд бар асоси бунёди акидаи солиму саҳех, ҷанбаи амики илмӣ ва маърифатӣ, ба таври объективӣ ва вокеъбинона таҳқиқ ва арзёбӣ шаванд. Дар чунин шароит танҳо миллате ояндаи худро сохта метавонад, ки фарзандони донишманд дошта бошад, дар ғайри ин сурат гирифтори дасисаи манфиатхохон гашта, ояндаи худро ба зулмот мубаддал хохад кард.

Миллати тоҷик дар масири таърих ҳамеша пешгом ва садрнишин дар донишмандию бунёди тамадуни башарӣ шинохта шудааст. Далели ин гуфтахо таъкидҳои паёмбар Мухаммад (с) мебошад, ки дар симои Салмони Форс ва Абӯҳанифа

форснажодонро миёни дигар аквом ҳамчун мардуми донишманд, закӣ ва ҳунарманд мешиносад: «Агар чунончӣ илм дар ситораи Сурайё ҳам бошад, қатъан мардоне аз фарзандони форс онро ба чанг меоранд».

Дар ҷойи дигар, паёмбари Ислом аз бузургии миллати мо ёдоварӣ карда, чунин таъкид менамояд: «Агар, эй араб, шумо аз ин дин рӯй бигардонед, кавме пайдо хоҳад шуд, ки кори ин динро пеш хоҳад бурд. Асҳоб аз ӯ суол карданд, ки он кадом қавм аст? Дар ин асно Салмони Форс дар паҳлӯи вай нишаста буд. Паёмбар гуфт: қавми Салмони Форс кори ин динро ба шоистагӣ пеш хоҳад бурд».

Осори гаронбаҳои адабиёти форсу тоҷик ганҷинаи пурҳикмат ва гуногунпаҳлӯ буда, пеш аз ҳама ҷанбаи амиқи илмӣ ва маърифатӣ дошта, инсонро пайваста барои пайдо намудани ҷанбаҳои имониву вичдонӣ ва нерумандии ахлоқу одоби ҳамидаи инсонӣ, донишандӯзӣ, худшиносӣ, таҳаммулпазирӣ ва аклгарой ҳидоят менамояд. Маҳз ҳамин мазмуни пурғановати мероси илмӣ боиси ҷовидона гаштани номи донишмандон шудааст.

Абӯалӣ ибни Сино таъкид менамояд, ки «дар таҳсили илму ҳунар кӯшидан қонунаи димоғро аз шамъи хирад равнақ бахшидан ва оинаи дилро аз ғубори ҷаҳолат мусаффо сохтан» аст. Дар ҳақиқат, «илму ҳунар ҳусули ҷоҳу ҳашаматро махзан ва таҳсили симу зарро маъдани хотам, донишу биниширо нигин ва дар тарбияи ахлоқӣ шӯҳрати офоқ чун нигорхонаи Чин, кафили кору бори мамлакати подшоҳон ва сари точи фазилату иззати олимон» аст. Ба ин маънӣ:

Коре, ки туро ба ҳақ расонад илм аст,
Моле, ки зи ту кас наситонад, илм аст.
Ҷуз илм макун бадарқа дар дори ҷаҳон,
Роҳе ки ба мақсуд бирасонад, илм аст он[1].

Мавлоно Ҷалолиддинӣ Балхӣ дар хотимаи достони «Донишманди забондон ва кипгибон» таъкид менамояд: «Ҳар ки худро доно ҳисоб карду лигаронро нодон, дар рӯзи воқеа ба гил

[1] Мавлавӣ Муҳаммад Ҳусайн. Мебояд лил ва мебояд лисонлил. – Душанбе: Маориф, 2015. – С. 48.

дармемонад ва чун ин донишманди нодону мағрур дар гирдоби фаною нестӣ гирифтор мешавад».

Дар ҷойи дигар орифи шоир илмро муҷиби бақою пояндагӣ ва ҷавҳари ҳастии инсон дониста таъкид менамояд:

Хотами мулки Сулаймон аст илм,
Ҷумла олам сурату ҷон аст илм.

Фаридуддини Аттор низ андар фазилати илму ақл мефармояд:

Бе хирад донш вубол аст, эй писар!
Илм мурғу ақл бол аст, эй писар!
Ҳар ки илме дораду набвад бар он,
Аз тариқи ақл бошад баргарон.

Ҷойи дигар дар тақвияти ин маъниҳо иброз менамояд, ки дар торикии дунё илм чун чароғи раҳнамо нурафшон аст ва ҳар ҷо офтоб рахшон аст, соя пинҳон гардад ва «хар кӣ дорад донишу аклу тамиз, аҳли аклу илмро дорад азиз».

Ҳаким Низомии Ганҷавӣ низ ба ин маънӣ чунин таъкид менамояд:

Ҷон чароғ аству ақл равғани ӯ,
Ақл ҷон асту ҷони мо тани ӯ.
Ақли бечон атйяти абадист,
Ҷони боақл зиндаи абадист.

Омузиши илм наҷотаз зулмот ва торикӣ мебошад, фазли илм бекарон буда, поён надорад ва макоми сохибилмро баланд ва шарафоти ӯро бепиёзу беҳисоб мегардонад. Илм махзани амал, ахлоқу маънавият, поктинатӣ ва сирати одамият буда, аз ҳосилаш инсон саодат ва шарофати зиндагиро пайдо мекунад. Дар ин робита ҳакимону донишмандон таъкид намудаанд, ки ҳазор хатми калом, хазорон хайри сарват ва садҳазор ибодату тоат ба ҳадди эътибори олим ва ҷустуҷӯи амали ӯ намерасад ва таҳкири илму олимонро куфр шуморидаанд.

Дар баробари ин, «таҳсил набояд фақат иборат аз пур кардани мағзи ҷавон аз илм бошад, балки дар айни хол бояд

ахлоқи кӯдакро таҳрик кунад ва ӯро барангезад, то ба ҳаваси зиндагонии саодатманд пай бубарад»[1].

Таълим ва тарбият чузъи фарҳанги миллат буда, василаву абзорест, ки ба воситаи он фарҳанг пойдор мемонад. Чунон ки гӯшту нохунро наметавон аз ҳам чудо карл, ин ду мавзӯъ низ чудонопазиранд. Аз ин чиҳат тасаввури он ки миллате равиш ё худ суннатҳои таълиму тарбияти миллати дигареро пазируфта зиёне намебинад, ишгибохи ислоҳнопазир мебошад. Агар миллате аз фарҳанги худ даст бикашад, ин худкуший аст. Фарҳанги бегонаро пазируфтан ва худро зери нуфузи он карор додан навъе худбохтан асту бас.

Фарҳанги ҳар миллате, аз чумла, халки сохибтамаддуни гочик, аз идеалҳо, ормонҳои ичтимоӣ ва арзишҳое маншаъ мегирад, ки назари хоси миллиро дар бораи зиндагӣ ва фарҳанг ифода мекунанд. Агар таҳсил ва таълиму тарбия чузъи фарҳанги миллат бошад, пас, пазируфтан ва ё корбурди усули таҳсил ва таълиму тарбияи бегонагон ба бунёди хувияти ичтимоӣ ва маънавии миллат теша задан аст. Бинобар ин мо бояд ба он равиши таҳсилу тарбия таваччӯҳ дошта бошем, ки махсули гаърих ва фарҳангамон бошад ва бо омолу ормон ва суннатҳои халқамон созгору ҳамоҳанг бошад.

Дар замони муосир усули таҳсилу тарбия дар мактабҳо то чое аз равиши суннатии омӯзишу парвариш фосила гирифт ва зиёни он дар ҳаман соҳаҳои зиндагии мо эҳсос мешавад. Костагии забону маънавиёти чомеа ва бетафовутию костагии ахлоқӣ маҳсули гаравидан ба фарҳанги бегона мебошанд. Инак, истиклоли кишвар тадричан истиклоли фарҳангии моро фарохам меоварад ва мо рӯзафзун аз таҳсилу тарбияи сиёсатзада канор рафта, ба омӯзиш ва дарёфти арзишҳои маънавии худиву башарӣ рӯ меоварем.

Таҳсилу таълим ва тарбия бояд аз ҳар чиҳат бо фарҳанг ва ормонҳои чомеа ё миллат иртиботи ногусастанӣ дошта, низом ва роҳу усули таълиму тарбия бо асосҳои илмиву методологӣ сахех ва дакику муайян устувор бошад. Ҳама гуна кӯшишу талоше, ки

[1] Гуломризо Саидӣ. Андешаҳои Иқболи Лоҳурӣ. –Теҳрон, 1321. – С. 243.

барои чудоии ин масъала ва равишҳо ва худбиниву худкомиҳои шахсони масъули низоми таҳсилот равона мешавад, омили шикаст ва заволи ҳамон низом ва дигаргунсозӣ мегардад. Таҳсил, таълим ва тарбия бояд дар заминаи вокей ва имконияти мавчудаи ичтимоъ сурат гирад, бозтоби фарҳанги мардум бошад ва ин фарҳангро барои наслҳои оянда ҳифз кунад. Тағйири низоми таҳсил барои тафаккури омода набуда, омузиши илмро ба садсолаҳо акиб хоҳад бурд. Низоми таҳсил барои донишманд гардонидани чомеа накши муассир дорад, агар он ба фарҳангу тамаддун ва мафкураи насли чавон созгор ва аз манфиату ғаразҳои гурӯҳҳои алохида орӣ бошад.

Дар ин хусус, Гуломризо Саидӣ таъкид менамояд, ки таҳсилу таълим ва тарбияте, ки ба фарҳанг ва ормонҳои чомеаи миллӣ бесътино бошад, ба вайронӣ ва номувофикии мафкураи чомеа мусоидат карда, ихтилофи маънавиёти як миллатро боис мегардад. Агар таҳсилу тарбия фарҳанги миллатро дар заминаи кашфиёти илмӣ тачассум накунад, ба суботу оромӣ ва пешрафти миллат мусоидат нахоҳад кард. Бадбахтона, таҳсил ва тарбияи мо то ҳол аз мероси бегонапарастӣ, иртичоӣ, таассубу хурофот ва шаклпарастӣ фосила нагирифт ва натавонист унсури кофӣ ва муфидеро барои бунёд ва устувории пояҳои арзишманди ахлоқию маънавии ниёгон мухайё созад. Чунин вазъи таҳсилу тарбия дар чаҳони имрӯз танҳо хоси точикон набудааст. Мухаққиконе, ки дар ин замина изҳори назар кардаанд, бар ин акидаанд, ки хатарноктарин нуктаи заъф дар таҳсилоти чадид адами итминон ба хадафҳо ва мақсадҳост.

Назаре ба таърих ин мавзӯъро рӯшан мекунад, ки дар қадим ҳаётитарин ва муассиртарин равишҳои таҳсил мақсадҳояшонро ба таври котеъ дар назар доштаанд ва ин мақсадҳо ба сурати сифоти шахсӣ ва муассисоти ичтимоӣ махсус будааст. Яъне таҳсил ва ё таълиму тарбия бояд аз назари фикрӣ ба сурате чадид дарояд, зеро таҳсил василае аст барои ҳадаф, на худи ҳадаф. Ва ҳадаф тарзи тафаккур ва фарҳанги мардум аст, ки дар роҳи хидмат ба мардум амалӣ мешавад[1].

[1] Гуломризо Саидӣ. Андешаҳои Иқболи Лоҳурӣ. – 258 с.

Дар ин замина бамаврид аст, ки аз донишманди эронӣ Абдулҳусайни Зарринкӯб иктибос кунем: «Ин ҷо масъалае, ки дар пеши рӯи мост, ин аст, ки оё дар фарҳанги гузаштаи мо, дар он чи суннат ва адабиёти суннатии мо хонда мешавад, чизе барои дастовез наметавон ёфт, ки бо сатҳи пешрафтҳои аср ҳамоҳанг бошад? Дар ҳақиқат, адабиёти муосири мо низ дар ин замина маводи судманде зиёд дорад, ки барои дарёфти арзишҳои хунарӣ ва ҳусну назокати суханварӣ ва ташаккули ҳиссиёти солими зиндагишиносӣ мусоидат карда, дар камолоти маънавии фард ва пешрафти ҷомеа судманд хоҳад буд.

Агар аксари донишмандон ва адибони дунё баъди нон мактабро барои халқ аз ҳама муҳим шинохта бошанд, пас муаллим дар ҳаёти маънавии халқу давлат ҷойгоҳи сониро ба худ ихтисос медиҳад, ки ҳақ аст. Ба ин маънӣ Искандари Мақдунӣ бесабаб нафармудааст, ки «ман дар назди устодам камтар аз падарам муваззаф нестам, зеро агар падар ба ман ҳаёт бахшида бошад, Аристотел зиндагии хуби маро фароҳам сохт».

Аз таҷрибаи мактабу маориф бисёр хуб медонем, ки хонандагон чӣ гуна омӯзгорро дӯст медоранд. Албатта, ҳамон омӯзгоре миёни мактабиён иззату обрӯ дорад, ки дониши хуб, илми расо ва омӯзгории шоиста ва инсони комил бошад ва хулқу хӯяш мутобики меъёрҳои ахлоқии дирӯзу имрӯз сурат гирад. Аммо, омӯзгор, илова бар доштани фазилатҳои ахлоқӣ, бояд соҳибилм ва босавод бошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки омӯзгороне, ки дониши кофии назарию амалӣ надоранд, дар рохи корбурди усулҳои судманди таълим низ мӯҳтоҷ мешаванд, дар ҳалли мушкилоти хоси хусусияти адабиётшиносӣ дошта очиз мемонанд. Ба ҳамин далел, саводнокии омӯзгор ва сифатҳои дигари барои мактаб зарур ба дараҷаи аввал меистад. Агар чунин савияю фазилат набошад, ҳамагуна барномарезӣ, маблағгузорӣ ва ҷаҳду ҷадал бенатича хоҳад монд. Ин мушкилот ба хусус имрӯз аҳамияти хос пайдо мекунад, зеро бо сабабҳо ва омилҳои маълум сатҳи маърифатписандии ҷомеъа хеле поин рафта, сифати таҳсилу таълим ва тарбия дар мактабҳои миёнаву олӣ конеъкунанда нест. Ин ҳама ба пешрафти мактабу маориф бетаъсир намемонад.

Дар Паёми Президент чиҳати баланд бардоштани неруи илм ва ба амал татбиқ намудани дастовардҳои илмӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионӣ ва фаъоли таълим, такмили сатҳи касбии омӯзгорон масъалагузорӣ шуда, таъкид шудааст, ки «омӯзгор дар раванди таълиму тарбия ҳуқуқи хато карданро надорад, зеро тақдири насли ояндасоз ва пешбарандаи давлату ҷомеа дасти ӯст».

Дар ҳақиқат, дар замони муосир бар асари ҳаводиси пуртазод ва зудтағйирёбанда ва наҳзатҳои азими илмӣ ва сиёсӣ, вокеияти имрӯз дар назди ҷомеа мабоҳис ва масоли мубрам, тоза ва васеъро пеш овардааст. Дар ин замина, шиноҳти манфиат ва таъмини аминияти миллӣ тавассути илму дониш, худшиносӣ ва хидмати содиқона дар роҳи пешрафт ва ободии диёр масъулияти ҳар як афроди иҷтимоъро дар назди имрӯзу оянда зиёд месозад. Пайвастагии илму амал дар хонанда шавқи пурсуҷӯ ва кунҷковӣ фароҳам оварда, ӯро ба дунёи дониш, ба ҷустуҷӯи саодат ва касби камолу мустақилият раҳнамой мекунад. Инсони огоҳу озод ситампазиру бандаи одамиён намешавад. Ҳар чиро мешунавад ва мехонад, кӯркӯрона намепазирад. Мағзашро ба кор мегирад ва пеш аз он ки ҳарфи касеро бипазирад, андеша мекунад. Бояд донист, ки агар таҳсил ва таълим сулманд наафтад, мо дастҳои фарзандонамонро кушода, мағзҳо ва андешаҳояшонро мебандем, ақлро зиндониву ҷаҳлро майдонӣ месозем. Агар моҳияти аслии илму дониш ва таҳсилоти асилро ба хонанда расонда тавонем, ӯро инсони комилан дигар месозем. Дигар ӯ асири хурофот ва ҷоҳилу ифротгаро намешавад, мо ӯро олим сохта, бо аслиҳаи илм, мантиқ ва имон мусаллаҳ месозем. Вақте инсоне ба силоҳи илму мантиқ мусаллаҳ шуд, дар бораи ҳама чиз дуруст ва саҳеҳ ҳукм мекунад, бо шуҷоат ва шаҳомат аз ҳақ дифоъ ва бебокона дар зиндагӣ роҳи рост ва дурустро интихоб менамояд. Агар омӯзгор дар раванди таҳсилот ба натиҷаи дилхоҳ муваффақ нашавад, яқин ки хонандаро ба банди нодонӣ гирифтор сохта, на танҳо ӯро аз чанголи хурофот ва равияҳои бади ахлоқӣ наҷот намедиҳад, балки ӯро аз илму мантиқ дур сохта, оташи таассуб ва лаззатро дар боғини ӯ меафрӯзад.

Мусаллам аст, ҳар касе, ки ҳулқи илмӣ дорад, аз зеҳне кунҷкову мантике устувор бархӯрдор аст. Ин гуна шогирд пӯёву кордону ҳолшинос ба воя мерасад. Касе, ки ҳулқи илмӣ дорад, ҳамвора натиҷагириҳои худро дар мукобили далелҳои тозае, ки мумкин аст бо онҳо бархӯрд кунад, қобили таҷдиди назар медонад ва ҳар гоҳ далелҳои тозаро дид, натиҷагириҳои худро дар тарозуи мантик бармекашад. Касе, ки ҳулқи илмӣ дорад, дар баҳсу мунозира ба далелу мантик такя мекунад, бидуни таассуб ва ғараз ҳукму андеша меронад.

Акнун бо таваҷҷӯҳ ба аҳамият ва арзиши таълими адабиёт ва накши он дар ташаккули шахсияти инсон ба хубӣ метавон хулоса кард, ки вазифаи омӯзгор то чӣ андоза сангин ва пурмасъулият аст. Агар мо дар таҳсил ва таълим ба натиҷаи дилхоҳ ноил шавем, яъне рухи адабиёти инсониро ба хонанда интиқол дода тавонем, он вақт дар роҳи даъвати ҷавонону наврасон ба азхудкунии илму дониш ва чаҳони одамият муваффақ хоҳем шуд. Як инсони комилро ба воя хоҳем расонд, ки мазҳари мухаббат ва одамият бошад, инсоне, ки дар паймони худ вафодор бошад, душмани золимон ва ёри ситамдидагон бошад, қалбаш барои озодӣ ва адолат тапад, аз дурӯғгӯю фиребкор нафрат кунад, ба хукуки дигарон таҷовуз нанамояд ва монанди беҳтарин симо ва шахсияти инсонҳои комил зиста, ба вижагиҳои ахлоқи онон пайравӣ намояд. Маҳз ҳамин усул роҳро барои тарбияи инсони комил ҳамвор хоҳад кард.

Адабиёти гузашта ва имрӯзаи мо дар ин равиш намунаҳои пуразише дорад, ки мутаассифона, аз он ба дараҷаи лозимӣ истифода намекунем. Ба ҳамин далел, омили аввалини ин усули таълим адабиёти бадеист: мафҳумҳои бадеият, хунар ва таъсири хиссӣ табиати адабиётро ифода мекунанд. Дар ин равиш омӯзгор бояд як нуктаро ба эътибор гирад, ки нависанда ба таври ом аз мардуми дигар бо ниёзу кобилияти иродаи афкор ва эҳсосоташ тафовут дорад. Ироаи афкор ва эҳсосот дар шаклу сурати писандида ба мардум бехтар фикр кардан ва чира шудан бар мушкилот ва иртиботи сахех бо якдигарро меомӯзад. Воиз, файласуф ва мақоланавис афкори худро ба таври куллӣ ва мучаррад, бе таваҷҷӯҳ ба эҳсосоти худ ироа медиҳанд, аммо

нависанда тамоюле ба ироаи афкори куллӣ ва мучаррад надорад ва мехоҳад онҳоро ба таври мушаххас тасвир кунад. Дар ин тасвир афкор ва эҳсосот ба таври чудоинопазире ба ҳам омехтаанд. Бо ҳамин далел, ҷанбаи балей ва ҳунарии осори адабӣ боид мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирад. Омили дуюм он аст, ки мо ҳаман ин фазилатҳои адабиётро барои пешрафти маънавӣ ва ахлоқии шогирдон истифода барем. Истифодаи ин ду омил ба дониш ва малакаи омӯзгор сахт вобаста аст. Омили сеюме, ки усули таълими муваффаконаи адабиёт ба он такя мекунад, хонанда мебошад. Агар муаллиф ба дили хонанда роҳ ёфта тавонад, суханаш, амалаш ва кирдораш ба дилу руҳу ахлоқи хонанда асаре гузошта тавонад, дар нияти худ комёб хоҳад шуд.

Дастурҳо ва усулҳои таҳсил, таълим ва тарбият дар ҳеҷ замон маҳдуд набуду маҳдуд нахоҳад монд. Ин равиш бо пешрафти зиндагии инсонҳо ҳамеша мутағайир аст ва онро ба таври котеҳ дар ҳеҷ чорчӯбае наметавон маҳдуд сохт. Муаллим дар эҷод ва кашфи тарзи таълиму тарбия ҳамеша боид озод бошад. Ин озодӣ, пеш аз ҳама, ба илму дониш ва таҷрибаи ӯ такя мекунад. Озодии фазои илмӣ ба омузгор имконияти васеи эҷодӣ ва илмиро фароҳам меоварад.

Ба ин маънӣ. Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ дар боби макоми илм ва таълиму тарбия возеҳу сарех мегӯяд:

Илм аз сомони ҳифзи зиндагист,
Илм аз асбоби тақвими ҳудист.
Илму фан аз пешхезони ҳаёт,
Илму фан аз ҳаназодони ҳаёт[1].

Дар асоси гуфтаҳои боло, такид намудан ба маврид аст, ки «илм абзоре аст барои ҳифзи ҳаёт ва сару сомон додан ба зиндагӣ ва ҳамчунин барои кивом додани тасбияти зоти башар. Илм яке аз васоил ва асбоби кор аст». Хулосаи ин ташрех ҳақиқатест, ки таҷрибаи зиндагии башар собит сохтааст, яъне таҳсилу таълим ва тарбия боид ба инсон зиндагии шарофатмандона, одилона ва маънавиро ато намуда, барои эҳёи зарурати иктисодӣ, илмӣ ва

[1] Абдусамади Мулло, Каромату улоҳи Шукрулло. Сабаке дигар. – Душанбе: Арҷанг, 2009. – С. 180.

техникии миллат василае бошад. Дар тахсилу таълим ва тарбия боял амалан шӯру шавқе нуҳуфта бошад, то ҳар фарде тавонад суботи иқтисодӣ ва истиқлоли иҷтимоию фарҳангии худро ба даст оварад. Равиши таълим ва тарбияте, ки дар асоси чунин мақсаду ҳадафҳо поягузорӣ шудааст, ба суди инсон ва ҷомеа хоҳад буд.

Рушди босуботи соҳаи илму маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ ва таъминкунандаи амнияти ҷомеа ва давлат маҳсуб меёбад. Президенти кишвар, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо рисолати бузурги пуршавқату шукӯҳманд, ҳамчун меъмори касри тамаддун, бунёдгузори тафаккури навини давлатсозии миллӣ ва соҳибкирони самои даврон бо тамоми азму ирода ва нерӯи созанда ба халқу Ватани маҳбубамон ба рушди илм ва таъмини амнияти миллӣ хизмати шоиста кард ва эътимоди мардуми кишварро соҳиб гардид. Бешак, танҳо халки бузург вориси чунин инсони бузург аст ва мо шахсияти нерӯманд ва мӯътабарро шиносхта, мақому мартабаи халкро эҳсос мекунем. Эмомалӣ Раҳмон дар тӯли фаъолияти давлатдориаш бахри хифзи истиқлолият, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таҳкими минбаъдаи пояҳои давлатдорӣ, таъмини амнияту оромии давлату ҷомеа ва ободиву пешрафти кишвари азизамон ҳамеша талошу ҷонбозихо кард ва муҷассамаи халқ ва бакои миллати точикро бунёд сохт. Вокеан, халки куханбунёд ва тамаддунофари точик ба истиқболи ҷовидонӣ гардонидани чунин симои фарзонафарзанд хамеша саодату пирӯзӣ дорад.

Бузургӣ ва шахомати Эмомалӣ Раҳмон дар он зохир мегардад, ки рушди босуботи илму маорифро самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ ва дар таъмини амнияти миллии кишвар масъул ва вазифадор меҳисобад. Дар ҳақиқат, тавассути соҳибистиқлолу соҳибихтиёрӣ ва пешрафти илму маориф ормонхои зубдаву ҳадафхои начиби созандагӣ насибамон гардид. Эмомалӣ Раҳмон бо нуру сафои эзидӣ ва башорати покизагӣ соҳибкирони самои даврон гашта, бо раҳнамоиву роҳкушой пойдории бакои миллатро устувор сохт ва дар раҳи рушди илму фарҳанг муваффақ гардид. Бинобар ин, дар ин сафҳаи

сарнавиштсози таърихии миллат ва айёми фархундаву фирӯз бо мақсади пайгирӣ намудани вазифаҳои мухим ҷихати ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва бо назардошти вазъи зудтағйирёбандаи ҷахони муосир, таҳлилу хатарҳои торафт афзояндаи ҷаҳонию минтақавӣ, бо мухаббату иродатмандӣ ҳар як афроди чомеаро мебояд, ки кишвари азизамонро сидкан ва баробари чон дӯст дошта, ватандӯсту механпарасти асил бошанд, шукронаи неъмати бузурги соҳибистиқлолӣ ва соҳибватанӣ карда, барои шукуфой ва ҳимояи сарзамини аҷдодӣ ҳамеша талош варзанд.

Нуруллоқ Камар,
номзади илмҳои фалсафа, дотсент,
сардори шуъбаи
пажӯҳиши исломи муосир

ИХТИЛОФИ АҚИДАВӢ ВА АМАЛИИ ҶАРАЁНҲОИ ИСЛОМИИ МУОСИРИ ИФРОТӢ БО ИСЛОМИ СУННАТӢ (МАЗҲАБИ ҲАНАФӢ)

«Дар замони Абӯҳанифа... дар байни фиркаҳои мухталифи ислом такфири якдигар маъмул гашта, расмият пайдо намуда буд. Мутаассифона, чунин амали зишт ба баъзе фиркаву ҳизбҳои исломии муосир низ хос мебошад, ки барои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ хатари зиёд дорад... Барангехтани кинаву адовати динӣ ва дар ин асос ба вучуд овардани низои динӣ аз назари Имоми Аъзам амри номашрӯъ аст», ки истиклолияти давлатиро зери хатар мегузорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар масири таъриҳ зери парчами ислом ҳам ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ сурат гирифтаанд ва ҳам муборизаҳо барои пиёда сохтани манофеи геосиёсӣ ва геоиктисодии кудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ. Масалан, дар охири садаи XIX зухури панисломизм аслан як аксуламал ба мукобили низоми мустамликадории Ғарб дар ҷаҳони ислом буд.

Вале, панисломизм аз як тараф аз сабаби хусусияти зиддимиллӣ дошtанаш ва ба он ихтилоф варзидани Ғарб аз ҷониби дигар, шикаст хӯрд. Зеро, давлатҳои миллӣ дар натичаи пош хӯрдани империяи Туркони Усмонӣ арзи ҳастӣ пайдо карда буданд, ки ин бо дастгирии Ғарб сурат гирифта буд. Бинобарон ин, давлатҳои миллӣ дар садаҳои XIX-XX *побанди* Ғарб буданд. Ғарб манфиатҳои геосиёсиашро дар ҷаҳони ислом тавассути ҳамин давлатҳои миллӣ, ки дар зери таъсири Ғарб ташаккул ёфта буданд, пиёда месохт. Мисоли равшани он

Арабистони Саудӣ ва дигар давлатҳои арабӣ мебошанд, ки бо ёрии Англия, тавассути муборизаи озодихоҳонаи арабҳо ва дар зери парчами ваҳобия аз туркони Усмонӣ истиқлолият ба даст оварда буданд.

Вакте ки дар садаи XX аввал Давлати Шӯравӣ ва баъди ҷанги дуюми ҷаҳон лагери сотсиалистӣ ба вуҷуд омад, ҷаҳон ба ду кутби иҷтимоӣ ва сиёсӣ-харбии бо ҳам муқобил тақсим шуд. Агар дар кутби аввал – ҷаҳони сармоядорӣ – давлатҳои Ғарбу ИМА ва Исроил пешсаф бошанд, дар маркази ҷаҳони сотсиалистӣ Иттифоки Шӯравӣ карор мегирифт. Ин ду кутб барои дар сатҳи ҷаҳонӣ нуфузи иктисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ-ҳарбӣ касб кардан байни хамдигар мубориза мекарданд. Ин мубориза пеш аз ҳама дар шакли ҷанги идеологӣ барои аз худ кардани мафкураи мусулмонон ва ёрихон ҳарбӣ-сиёсӣ ба кишварҳои мусулмонӣ сурат мегирифт. Давлати Шӯравӣ муборизаҳои озодихохонаи халқҳои мусулмонро ба муқобили низоми мустамликадорӣ ва сармоядории Ғарбу ИМА дастгирӣ мекард ва хар кишваре, ки бо кӯмаки ИҶШС мустақилияти сиёсӣ ба даст меовард, ҷонибдори сиёсати Давлати Шӯравӣ буд ва таъсири коммунизм дар он кишвар меафзуд. Ин холат Ғарби сармоядорро ба тарсу харос овард ва ҳарду кутб дар мукобили хамдигар чораҳо мечустанд. Агар дар кишварҳои мусулмонии аз юғи мустамликадории Ғарб наҷотёфта, ба мисли Миср, Ироқ, Сурия, Либия, Тунис, Алҷазоир, Марокаш ва ғайра, бо дастгирии Давлати Шӯравӣ хизбҳои коммунистӣ бо номҳои гуногун ва бо назардошти хусусиятҳои миллии он кишварҳо таъсис ёфта бошанд, дар кишварҳои дигари мусулмонӣ ва хатто баъзе аз кишварҳои болозикр ба мисли Миср, ҳизбу ҳаракатҳо ва ҷараёнҳои нави сиёсӣ-исломии ифротӣ бо дастгирии Ғарбу ИМА ва Исроил бо номҳои гуногуни исломӣ бунёд мегардиданд. Онҳо кӯшиш мекарданд, ки созмонҳои сиёсӣ-динии ифротиро дар шабеҳи панисломизм бунёд кунанд, ки дар зохир манфиатҳои мусулмононро ифода мекарданд, вале дар аслу моҳият хусусияти зиддиисломӣ доштанд. Дар бораи ин ҳизбу харакатҳои сиёсӣ-исломии нав, ки ҳама хусусияти ифротӣ доранд, ҳанӯз солҳои 80-уми қарни

гузашта мухаққики рус А.А. Иннатенко маълумоти мушаххас додааст[1].

Хулоса, мубориза байни ин ду кутб барои нигоҳ доштани нуфузи геосиёсӣ ва геоиқтисодии худ дар ҷаҳони ислом ва ҳамчунин кӯшиши заиф намудани худшиносии миллии халқҳои мусулмон ва бо ин роҳ ҳомӯш сохтани муборизаҳои озодихоҳии онҳо яке аз омилҳои асосии таъсиси ҳизбу ҳаракатҳо ё ҷараёнҳои нави сиёсӣ-динии ифротӣ дар ҷаҳони мусулмонӣ мебошад.

Бинобар ин, аксарияти ҳаракат ё ҷараёнҳои сиёсӣ-динии ифротӣ, ба мисли Ихвонулмуслимин, Салафия (ваҳоббия), Ҳизбуттаҳрир, Таблиғ, ДИИШ, ҒЭТ ҲНИ ва ғайра, ки бо номҳои мухталиф зерсохторҳои хешро низ доранд, ҳанӯз аз ибтидои садаи XX созмонҳои сиёсӣ-диние буданд, ки ба ҳайси ташкилотҳои хадамоти махсуси кудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, бахусус Ғарбу ИМА ва Исроил, фаъолият мекарданд ва мекунанд. Масалан, штаб-квартирахои Ихвонулмуслимин (Бародарони мусулмон), ки асосгузораш Ҳасан ибни Банно буда, соли 1928 дар шаҳри Исмоилияи Миср таъсис ёфтааст. Салафия, ки номи нави ваҳоббия буда, решаҳои ақидавиаш ҳанӯз аз исломи асримиёнагӣ ва таълимоти Муҳаммад Абдулваҳоб дар асри XVIII мегирад, дар Англия қарор дошта, аз ҷониби он идора мегарданд ва Ҳизбуттаҳрир (Ҳизби озодихохии исломӣ), ки асосгузораш Таъюддини Набҳонӣ буда, соли 1952 дар Фаластин бунёд шудааст, аз ҷониби Исроил идора мегардад. Дар китоби «Комитет 300» хатто омадааст, ки ташкилотҳои ин созмони бонуфуз бояд дар кишварҳои мусулмонӣ шуъбаҳои созмони Ихвонулмуслиминро таъсис диҳад. Ин далел аз ташкилоти хадамоти махсуси давлатҳои Ғарб будани созмони мазкур шаходат медиҳад, ки дар симои онҳо «терроризм ва экстремизм ба хатари глобалӣ табдил ёфта, ҷаҳони муосирро ба ташвиш овардааст»[2].

[1] Игнатенко А.А. Халифы без халифата. – М., 1982.
[2] Паёми Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2016.

Саволе ба миён меояд, ки ҷаро кудратҳои ҷаҳонӣ барои пиёда сохтани манфиатҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодии хеш дар ҷаҳони ислом маҳз аз роҳи таъсис додани ҳаракату ҷараёнҳои сиёсӣ-динии исломи нав, ки хусусияти тундгарой доранд, истифода мебаранд? Ба андешаи мо, посух ба савол чунин аст:

Аввал ин ки, дини ислом дорои хусусияти одатӣ-маишӣ (бытовой) мебошад ва тамоми соҳаҳои ҳаёти фардӣ ва ҷамъиятии мусулмононро фаро мегирад. Вакте ки он ба тарзи зиндагии ҳаррӯзаи одамон таъсиррасон аст, бешубҳа мазмуни асосии мафкураи мусулмононро ташкил дода, ҷаҳонбинии онҳоро ташаккул медиҳад. Ин ҳолат дар як вакт робитаи исломро бо сиёсату давлат пайванду устувор месозад ва дар ин замина он метавонад хусусияти сиёсӣ касб намояд ва объекти сӯистифодаи нерухои сиёсӣ гардад.

Дигар ин ки, ислом, ҳамчун дини одатӣ-маишӣ, бештар хусусияти анъанавӣ дорад ва ба баланд рафтани сатҳи диндории мусулмонон мусоидат менамояд. Чунин хусусиятро на ҳар кадом дини дигар, аз ҷумла насроният, доро аст. Дар бисёр кишварҳои мусулмонӣ, ба мисли давлатҳои Осиёи Марказӣ, хусусияти одатӣ доштани ислом ва суннатӣ будани ҷомеа бо ҳам тавъаманд, харду ҷанба барои ҳифзи сатхи баланди диндорӣ ва хурофотпарастӣ мусоидат менамоянд. Дар айни замон, ин хусусият ба пешрафти илму технологияи муосир монеа эҷод месозад. Он дастовардҳои илмӣ-техникие, ки аз хориҷ ба ҷаҳони ислом ворид мешаванд, ба тараққиёти иқтисодию ичтимоии ҷомеа, аз ҷумла саноатикунонии он метавонанд таъсири нек расонанд, вале мафкураву ҷаҳонбинии динии онҳоро ба таври бояду шояд наметавонанд тағйир диҳанд ва таассуби диниву хурофотро аз байн баранд, Зеро ин навгонихои илмӣ-техникӣ бевосита махсули эҷоди зехнияти худи ҳамин мардумони мусулмон нестанд. Бинобар ин, ислоҳи шуури динӣ дар чунин ҷомеахо кори душвор аст. Ба ҳамин сабаб, ҳарчанд ислоҳотчиёни мусулмон ҳанӯз оғоз аз садаи 19 кӯшидаанд, ки шуури динии сунатии мусулмононро ба хотири роҳ кушодан ба рушди ҷомеа ислоҳ намоянд, аммо кӯшиши онҳо дар бисёр кишварҳои мусулмонӣ натичаи дилхох надод, зеро на ҳаман ҷомеахои мусулмонӣ барои чунин ислоҳот аз нигохи зехнӣ

омода буданд. Барои он ки ҷомеа аз нигоҳи илмӣ-техникӣ тараққӣ ёбад ва он ба ислоҳи мафкураи ҷомеа таъсир расонад, ҳар кадом миллат бояд бо зеҳнияти хеш ба эҷоди илму технологияи муосир пардозад.

Ин заифии ҷомеаи суннатии мусулмононро он кудратҳои ҷаҳонӣ, ки дар ин кишварҳо манофеи геосиёсӣ ва геоиқтисодӣ доранд, хуб дарк кардаанд ва кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ҷаҳони исломро дар ҳамин сатҳи тараққиёте, ки имрӯз қарор дорад, нигоҳ доранд. Ва яке аз роҳҳои самарабахши аз тараққиёти илмӣ-техникӣ боз доштани олами ислом, ки ҷаҳони сеюм низ меноманд, тавассути ҳамин чараёнҳои сиёсӣ-динии номбаршуда баланд бурдани сатҳи диндорию хурофот мебошад. Ваке ки ба ҷои илму технологияи нав сатҳи диндорӣ ва хурофот баланд рафт, паҳн намудани ақидаҳои ифротӣ ва бо ҳамин рох ба вуҷуд овардани заминаи ақидавӣ-идеологӣ барои барангехтани низоъҳои мазҳабӣ низ осон мегардад, ки дар натича ҷомеа натанҳо гаассубзада мешавад, ҳамчунин хама гуна заминаи эътиқодӣ барои сиёсисозии ислом ба вуҷуд меояд, ки он ҳамзамон дахолати қудратҳои ҷаҳониро ба сиёсати дохилии давлатҳои мусулмонӣ ба бор оварда, ҷаҳони исломро хар ҷӣ бештар аз нигоҳи иқтисодӣ ва сиёсӣ ба қудратҳои ҷаҳонӣ побанд месозад.

Саввум, чун сухан дар бораи сиёсисозии ислом ва зухури чараёнҳои нави сиёсӣ-динии ифротӣ меравад, маврид ба ёдоварист, ки хангоми баҳо додан ба ин масъала духӯрагии ислом, яъне танокуз дар афкори сиёсии ислом, махсусан дар исломи ибтидоиро, бояд ба назар гирифт. Ҳарчанд мазҳаби Ҳанафӣ дорои хусусиятҳои аклгарой ва тахаммулпазирӣ аст ва бо экстремизму терроризм робитае надорад, валс ин маънои онро надорад, ки ислом дар кул аз падидаҳои ифротгарой бегона аст. Як нуктаро бояд ба инобат гирифт, ки вакте ки дин бо давлату сиёсат пайванд гардида, хусусияти сиёсӣ касб менамояд, хоҳу нохох дар раванди мубориза барои ҳокимияти сиёсӣ он метавонад хусусияти экстремистӣ касб намояд.

Ислом тачассумгари раванди давлат ва хилофатсозии араб буд ва араб, ки ин ҳалафҳои сиёсии худро зери шиорҳои исломӣ

ва тавассути чиход (ҷанги мукаддас дар роҳи Худо) анҷом медод, онро аз ибтидо бо сиёсату низоми давлатдорӣ даромехт. Дар айни замон, сиёсисозии он эътиқоди диниро низ сиёсӣ сохт. Вақте ки эътиқоди динӣ хусусияти сиёсӣ касб мекунад, пайвастани он бо экстремизму терроризм кори душвор нест. Аз ин рӯ, вақте ки паёмбари ислом ва мусулмонони ибтидой барои арабро аз зиндагии ҷоҳилона ва сахти садаи 7 берун овардан (Умма) кабоили парокандаи арабро дар зери парчами ислом ба як давлати вохид муттаҳид сохтанд, ислом тобеъи ҳадафҳои сиёсӣ, яъне сиёсати давлатсозии араб гардид. Ба ҳамин сабабҳо масоили чиход дар роҳи Худо, ба даст овардани ғанимат ва аз кабоилу мардумони истилошуда ситонидани ҷизя (андози сарикасӣ) ва ғайра, ки онҳоро манфиатҳои сиёсию иқтисодии араб тақозо мекард, ба Қуръону Суннат ҳамчун ҳукми шаръй ҳанӯз дар ибтидои густариши ислом ворид гардид.

Баъди ба вуҷуд омадани давлати миллии муттамаркази араб манфиатҳои сиёсию иқтисодии ӯ низ хусусияти геосиёсӣ ва геоиқтисодӣ касб карданд. Вакте ки араб кишварҳои ғайриарабро дар зери парчами ислому чиход истило карда, ба хилофат хамрох мекард, ислом боз ҳам бештар хусусияти амики сиёсӣ касб намуда, бо экстремизму терроризм пайванд мегардид ва ин як вокеияти таърихӣ буд, ки манофеи геосиёсию геоиқтисодии араб тақозо мекард. Масалан, аз ҷониби араб дар зери парчами ислом ва чиҳод пурра қатл шудани 40 ҳазор ахолии шаҳри Гургони Эрон, ки «аз хуни эрониён осиёб гардонид»[1] ва қатли оми ахолии шаҳри Пайканд (дар наздикии Бухоро) ва сӯзонидани он, ки номи шаҳри «сӯхта»-ро гирифтааст, яке аз амалхои террористии араб буд, ки аз чиноятҳои мудхиши гурухи террористии «Давлати исломӣ» фарке надорад. Сарчашмаи ғоявии ҳамаи амалхои истилогароёнаи араб нисбати халкхои дигар, аз ҷумла, точикон, ҳамон таълимоти Қуъону Суннат дар бораи такфир ва чиход ба мукобили кофирон буд, ки тавассути онҳо қабоили мушрику парокандаи араб ба як давлати ягона муттаҳид шуда буданд ва ин

[1] Мухаммадамини Риёҳӣ. Фирдавсӣ ва лесри ӯ. Аз форсӣ ба кирилӣ баргардони Доро Дӯст. – Душанбе, 2015. – С. 40.

холат сабаби ба Қуръону Суннат ворид гардидани идеяхои такфиру чиход шуда буд.

Мухаккики фаронсавй Андерсон Қуръон ва Инчилро мукоиса карда муайян кардааст, ки оятхои хусусияти ифротй дошта дар Қуръон 2,2 % ва дар Инчил 2,7%-ро ташкил медиханд, яъне дар Қуръон аз 6666 оят 146 оят ба масъалахое бахшида шудаанд, ки хусусияти ифротгарой доранд. Дар Суннат низ ду китоб дар мавзуи чиход ва чизя бахшида шудаанд ва онхо ба забони точикй тарчума шуда, чилли 3-уми «ас-Сахех»-и Имом Бухориро ташкил медиханд. Ба монанди «Эй Пайғамбар, бо кофирону бо мунофикон чиход кун ва бар онхо дурушти кун! Ва чои онхо дузах аст; ва вай бад чое аст» (Қуръон: «Тавба»,73). Ё худ дар хадисе омалааст: «...бихишт дар зери сояи шамшери шумост»[1]. Имруз Қуръону Суннат ба касе аз тахиягарону ноширони Қуръону Суннат хангоми тахия ва нашри ин сарчашмахо масъалаи мансуху носихро, ки ба он акли мардуми авом намерасад, ба инобат нагирифтаанд Зиёда аз ин, дар кишвархои Ғарбу ИМА ва Исроил даххо Марказхои исломшиносй фаъолият доранд, ки ба омузиши ислому тарзи зиндагиву психологияи мардумони мусулмон ва фарханги онхо машғуланд, махз хамин ояту хадисхои мансухшударо мавриди омузиш карор дода, заифихои мусулмононро чустучуву муайян менамоянд. Қудратхои чахонй ва навкарони онхо, яъне гуруххои сиёсй-динии ифротй, дар тарғиби акидахои динии ифротй ва амалй сохтани барномахои сиёсии хеш дар кишвархои мусулмонй ин ояту хадисхоро аз номи ислому Аллох сармашки фаъолияти экстремистию террористии худ карор медиханд. Ашхоси гумроху ноогох, вале хурофотй ба осонй зери таъсири мубаллиғон ва гуруххои ифротй афтода, чиходро хамчун ўхдадории имонии худ қабул мекунанд ва шахид шудан дар ин рохро шарафи мусулмонии хеш мехисобанд.

[1] Саид Аскадов. Баъзе хусусиятхои фикх ва каломи Имоми Аъзам Абўханифа. – Душанбе, 2009. – С. 94.

Вале, онхое ки гўё ба мукобили экстремизму терроризм мубориза мебаранд, ин духўрагии Қуръону Суннатро, ки хоси исломи ибтидой буда, раванди давлат ва хилофатсозии арабро тачассум мекард, ба инобат намегиранд, ба ин масъалахо аз нигохи илмй-таърихй бахо намедиханд ё дода наметавонанд. Онхо асосан ба идеализатсияи ислом машғул буда, тамоми осори хусусияти ифротй дошта, вале мансухшудаи исломро нашр карда, дар байни шахрвандон пахн мекунанд. Дар бехтарин холат «донишмандон»-и ислом таъкид месозанд, ки он ояту хадисхое, ки чиход (чанги мукаддас)-ро тарғиб мекунанд ва пайравони динхои дигарро кофир мехонанд, мансухшуда мебошанд. Вокеан, дар ислом ояту хадисхои мансухшуда чой доранд. Дар Қуръон омадааст: «Хар чиро, ки аз ояте насх мекунем, ё онро фаромўш мегардонем, бехтар аз вай ё монанди вайро меорем. Оё надонистай, Худо бар хама чиз Тавоност» (Бақара, 106). Зеро, дар ибтидои густариши ислом, хамзамон бо тағйир ёфтани вазъи сиёсй, баъзе ояту хадисхо мансух шуда, чои онхоро ояту хадисхои носих гирифтаанд.

Боид таъкид кард, ки танхо бо шиорхои «Ислом дини мубин аст», «Ислом бо экстремизму терроризм робитае надорад» ва ба шархи баъзе ояту хадисхои хусусияти тахаммулпазирй дошта махдуд шудан масъаларо хал намекунад. Агар дар Қуръон оятхои хусусияти ифротгарой дошта 146-то бошанд, оятхои ба тахаммулпазирй даъваткунанда дар мукоиса хеле каманд. Аз чумла, сураи «Кофирун», ояти 156 сураи «Бақара» ва ояти 99 сураи «Юнус» ба масъалаи тахамулпазирй бахшида шудаанд. Чунончи, дар ояти 156 сураи «Бақара» гуфта шудааст, ки «дар дин мачбурй нест».

Мубаллиғони ислом бошанд танхо дар партави се-чор оят исломро чун дини тахаммулпазир тарғиб карда, вале 146 ояти бар алайхи онхо даъваткунандаро, ки бо вучуди мансухшуда будан дар сарчашмахои мукаддас нашр мешаванд, сарфи назар мекунанд, ки ин рохи хифзи ислому мусулмонон нест. Зеро то он замоне, ки манфиатхои геосиёсй ва геоиқтисодии кудратхои чахонй ва минтақавй дар чахони ислом, манфиатхои сиёсии гуруххои алохида дар дохили кишвархои мусулмонй ва сатхи

баланди таассуби динию хурофотпарастӣ дар миёни мусулмонон ҷой дорад, ин нерухо дар мавриди зарурӣ аз ин оятҳон Қуръониву аҳодиси набавӣ барои пиёда сохтани барномаҳои сиёсии худ метавонанд ҳадафмандона истифода баранд ва ҳар фарди гумроҳе, ки ин ояту ҳадисҳоро инкор мекунад, ӯро ба «куфр»-у «мулҳид»-ӣ гунаҳкор созанд. Аз ин рӯ, дар ин самт бояд таҳқиқотҳои ҷиддии илмие анҷом дода шавад, ки ин масъалаҳоро аз нигоҳи илмию таърихӣ бефаразона баҳогузорӣ намоянд, то ки шуури динии онҳое, ки ба гурӯҳҳои экстремистӣ ҷалб мегарданд, ислоҳ шавад, чуноне ки чунин иқдоми некро дар исломи классикӣ имомони мазҳабҳо, бахусус Имоми Аъзам Абӯҳанифа, анҷом дода, исломро ба як падидаи динӣ-ахлоқӣ табдил дода буданд. Имрӯз ислоҳи шуури динӣ бо назардошти манфиатҳои чомеаи мусулмонӣ амри ногузир аст. Аммо, дар ҷаҳони ислом ба ҷои ислоҳи шуури динӣ раванди сиёсисозию ифротисозии ислом суръат гирифтааст.

Пас, фаркият миёни ҷараёнҳои нави ифротии исломӣ ва исломи суннатӣ дар чист? Мехоҳем, ки ин фаркиятҳоро дар мисоли муқоисаи мазҳаби ҳанафӣ бо ҳаракатҳои Ихвонулмуслимин, Салафия, Ҳизбуттаҳрир, ТЭТ ҲНИ ва ғайраҳо нишон диҳем. Азбаски ин ҳаракатҳо ҳама мундариҷа, мӯҳтаво ва барномаҳои сиёсии ҳаммаъно лошта, ҳамаашон ташкилотҳои ҳадамоти махсуси қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ мебошанд, бинобар ҳамин, инҷо ба шарҳи кӯтоҳи баъзе масъалаҳои барои ҳамаи ин ҳаракатҳои муосир хос, ки ихтилофи онҳоро ба исломи суннатӣ ошкор месозад, маҳдуд мешавем.

1. Ҳамаи ин ҳаракатҳо як ҳадафи сиёсии умумӣ доранд ва онро масъалаи эҳёи «исломи ноб», «исломи бемазҳаб», яъне бозгашт ба хилофати исломӣ ташкил медиҳад. Ин масъала аз мавзӯъҳои марказии равияҳою ҳаракатҳои навбунёди болозикр мебошад. Андешаи онҳо ин аст, ки гӯё баъди паёмбару хулафои рошидин ва тобеини онҳо, яъне насли сеюми мусулмонон, имомони мазҳабҳо ва асосгузорони равияю фирқаҳои исломӣ ба ислом навовариҳо ворид сохта, гӯё онро «олуда» сохтанд ва боид исломро аз ин олудагиҳо тоза намуд ва «исломи ноб»-у «бемазҳаб»-ро эҳё кард. Вале, онҳо худ «исломи ноб»-ро чунон

таҳриф сохтанд, ки ҳатто таълимот дар бораи тавҳид, яъне шиносхти Худои ягона ба хотири аз нав барқарор кардани хилофат мавриди таҳриф қарор гирифтааст. Масалан, яке аз намояндагони ҳаракати Салафия[1] менависад: «тавҳид тавонист, ки дар гузашта миллатҳои мусулмонро ба ҳайси як миллат ва давлати ягона муттаҳид намояд ва тавҳид аст, ки имрӯз қодир аст бори дигар мусулмононро ҷаҳонро муттаҳид созад, ҳар гоҳ ба сӯи он баргарданд». Чуноне ки мебинем ҳадаф аз "исломи ноб" ё «исломи бемазҳаб» ин аз нав барқарор кардани хилофат аст. Ба ақидаи ин ҷараёнҳои динии ифротӣ, дар даҳсолаи минбаъда бояд тадриҷан ҳудудҳои ҷуғрофие, ки ин ифрогароён фаъолият мекунанд, васеъ гардад. Ин марзҳо бояд аз Албания ва Босния то Осиёи Марказӣ ва Қафқоз тӯл кашад ва то соли 2100 дар сайёра бояд як хилофат-хилофати исломӣ барқарор шавад. Вале бояд гуфт, ки ин андеша дар асл як идеяи ормонист ва ҳеҷ гоҳ амалӣ намегардад, зеро ба он худи Ғарб, ИМА манфиатдор нестанд. Онҳо империяи туркони Усмониро ба душворӣ пора сохта, ба ҷаҳони ислом ворид шуда буданд. Барои онҳо дарди сари нав ҳеҷ гоҳ лозим нест. Аммо ин идея метавонад, ҷаҳони исломро ба низоъҳои нав кашад ва ҳузури қудратҳои ҷаҳониро дар ин минтақа таъмин созад. «Баҳори араб», «Инқилобҳои ранга», «Давлати Исломӣ»-и Ироқу Сурия, дар дигар кишварҳои мусулмонӣ мисоли равшани он аст. Лекин, ашхоси мутаасибу ҳурофотзада ба ин ақидаҳои иғвоангез бовар карда, ҷони худро дар хатар гузошта, ба хакки давлату ватани хеш хиёнат мекунанд.

2. Ихтилофи дигаре, ки миёни ҷараёнҳои сиёсӣ-динии ифротии нав ва исломи суннатӣ, ба мисли мазҳаби ҳанафӣ вуҷуд дорад, ин масъалаи фаҳмиши идеяи «такфир», яъне куфр хондани касе ё дину мазҳабе аст. Дар исломи ибтидоии замони паёмбар ва саҳобагони рошид идеяи такфир дар умум асосан нисбати мушрикон ва дар баъзе ҳолат, вобаста ба вазъи сиёсӣ, нисбати дигар ғайримусулмонон истифода мегардид, зеро ислом дар ибтидо асосан дар мукобили ширк арзи хастӣ кардааст.

[1] Муҳаммад Ҷалили Зайну. 77 саволу ҷавоб дар ақидаи исломӣ. – Хуҷанд, 2003 – С. 27.

Дар мазҳаби ҳанафӣ, ки аз аввалин мазҳабҳои суннатист, идеяи такфир танҳо дар нисбати онҳое, ки аз ислом дидаву дониста хориҷ шуда, муртад гардидаанд, истифода шудааст. Имоми Аъзам табиати куфрро мувофиқи сарчашмаҳои исломӣ равшан сохта, таъкид сохт, ки «куфр» ба маънои инкори пурра аст. Дар мазҳаби Ҳанафӣ куфр аз иҷро накардани ягон аҳкоми дин не, балки аз инкори имон бармеояд. Агар мӯъмин ягон аҳкомро иҷро накарда бошад, пас ӯ на кофир, балки гунаҳкор аст[1]. Инсон аввал имон меорад ва сипас аҳкоми ба он марбутро иҷро мекунад. Бинобар ин, аз ҷониби як мусулмон кофир хондани мусулмони дигар ба сабаби иҷро накардани ягон аҳкоми дин ғайриконунист. Ин биниши мазҳаби ҳанафӣ дониб ба идеяи «такфир» аз Қуръон ва Суннати Паёмбар бармеояд. Чуноне ки дар Қуръон омадааст: «Паёмбар бо он чи аз Парвардигораш ба сӯи ӯ фуруд оварда шуд, бовар дошт ва мӯъминон низ ҳама ба Худо ва фариштагони Ӯ, китобҳои Ӯ ва паёмбарони Ӯ имон овардаанд». (Бақара 285). Ё худ Паёмбар низ дар мавриди «Имон чист?» борҳо чунин ҷавоб додааст: «Имон ин аст, ки имон биёрӣ ба Аллоҳ ва малоикаҳояш ва китобҳояш ва Паёмбаронаш ва рӯзи охират ва тақдири некӣ ва бадӣ, ки ҳама аз Худост»[2]. Аз ин ниҳоҳ, дар исломи суннатӣ ҳатто дар мавриди гунохи кабира содир кардан низ мусулмон кофир намешавад, то замоне ӯ ба он рукнҳои имон, ки дар Қуръону Суннат муқаррар карда шудааст, эътиқод дорад ва аз ислом касдан хориҷ нашудааст. Ҳамин тариқ, исломи суннатӣ, ба вижа мазҳаби ҳанафия, кофир хондани як мусулмонро аз ҷониби мусулмонони дигар, сарфи назар ба он ки ӯ ба кадом равияю фирқа ва мазҳабҳои исломӣ мансубият дорад, манъ намудааст. Зеро, ҳамаи мусулмонон, сарфи назар аз он ки ба кадом равия, фирқа ва мазҳаб мансубанд, ба ҳамаи он рукнҳои асосии имондорӣ, ки дар Қуръону Суннат муқаррар гардидаанд, эътиқод доранд. Агар имон дар эътиқод аст, на дар ин ё он амал. Имоми Аъзам мегӯяд: имон иқрор ба забон ва тасдиқ ба дил аст. Дар «Фиққи акбар» омадааст: «мусулмонеро ба куфр ҳукм

[1] Саид Ахмадов. Баъзе хусусиятҳои фиқҳ ва ҳаломи Имоми Аъзам Абӯҳанифа. – Душанбе: 2009. – С. 89-94.
[2] Муснади Имоми Аъзам Абӯҳанифа. - Душанбе: Эр-граф, 2009 – С. 168, 184.

намекунем ба сабаби гуноҳе аз гуноҳон ва агарчи гунохи кабира бошад, модоме ки ҳаром намешуморад ва номи имондориро аз ӯ дур накунем ва ӯро мӯъмини ҳақиқӣ медонем ва ҷоиз аст, ки мӯъмин фосиқ бошад ва кофир набошад»[1].

Аммо имрӯз ҳаракатҳои сиёсӣ-динии ифротӣ, ки дар хизмати кудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ қарор доранд, асли такфирро бар хилофи таълимоти Қуръону Суннат, исломи суннатӣ, бахусус мазҳаби ҳанафӣ, ки дар заиф сохтани бӯҳрони сиёсию маънавии Хилофати Аббосиён, таъмини амнияту суботи ҷомеаи Хилофати Исломӣ нақши калон бозидааст ва имрӯз пайравони он зиёда аз 60% мусулмонони ҷаҳонро ташкил медиҳанд, истифода мебаранд. Чуноне ки қабл аз зуҳури мазҳаби ҳанафӣ, бахусус дар замони хилофати Уммавиён, гуруҳҳои сиёсӣ-динии мухталиф идеяи такфирро бо мақсадҳои ғаразнок истифода мебурданд, имрӯз низ аз ҷониби ин ҷараёнҳои ифротии нав, ки дар боло номбар шудаанд ва мақсадашон ҷомеаи мусулмониро мувофиқи супориши хӯҷаинҳои хориҷиашон ба низоъ кашида, аз таҷлиду рушд боздоштан аст, асли такфир танҳо бо мақсади рӯҳан ва ҷисман нест кардани пайравони равияю фирқа ва мазҳабҳои гуногуни исломӣ, хулоса ҳамаи онҳое, ки андешаи онҳоро қабул надоранд, истифода мегардад. Намунаи барҷастаи амали ҳаракатҳои ифротии болозикр дар мавриди асли такфир ин кирдорҳои вахшиёнаи чангиёни хуношоми гуруҳи ифротии «Давлати Исломӣ» аст, ки мусулмонони фирқаву мазҳабҳои гуногунро бо истифода аз усули такфир аз мавқеи биниши худашон қатли ом карданд. Такфир бар алайҳи исломи суннатӣ дар фаъолияти ТЭТ ҲНИ низ мақоми хос дошт. Ҳарчанд ҳанӯз аз соли 2015 бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти собиқ Ҳизби наҳзати Тоҷикистон ҳамчун ҳизби террористӣ манъ карда шудааст, вале баъзе аз намояндагони он ба дигар созмонҳои террористии исломӣ ҳамроҳ шуда, фаъолияти таҳрибкоронаи худро давом дода меоянд. Масалан, имомхатиби масҷиди ҷомеъи ч/д. Язгулом Қуватов Абдулло Хосиятшоевич, собиқ аъзои ТЭТ ҲНИ, ки имрӯз аз ҳаракати Салафия пайравӣ

[1] Фиққи акбар. - Душанбе, 2016. – С. 9.

мекунад, дар мавъизаи худ ба мардум мурочиат карда мегўяд: «Дин мехоҳед, дин шамшери бурро мехоҳад, бояд гардан бибуред. Дин мехоҳед, мисли ҳазрати Умар дар мехроби расулуллоҳ бояд аз шумо хун бирезад. Дин мехоҳед, мисли ҳазрати Усмон дар ҳолати тиловат чон боял дод. Дин мехоҳед, мисли ҳазрати Алӣ дар ҳолати ибодати Худо чон боял дод. Дин мехоҳед, бояд мисли ҳазрати Хубай кушта бишавед. Дин мехоҳед, бояд мисли саҳобагон зиндонро таҳаммул кунед. Дин мехоҳед, аз хона, кошона, зан ва фарзанд бурида бояд шавед. Он замон дин дар зиндагии чавонон меояд. Дин бо ин тарсу шудану хам шудан эҳё намешавад. Дин мард, марди Худо мехоҳад, то дин зинда шавад. Марди Худоро бояд тарбия кард. Хуфтаро хуфта кай бедор кунад! Агар дин мехоҳед, марди майдон бошед. Оиҳое, ки асою мехроби мухаммадиро ишгол мекунанд, зиндакунандагони чавонону навчавонон, ришсафедону мўйсафедон, модарону хоҳарон, духтарон, шаркиёну гарбиён, шимолиёну чанубиён, марду зан ва хурду бузург боял бошанд. Пешимомони масчидхо дар масчид бояд барномахои шаръиро эҳё ва зинда кунанд. Дини ислом рахбонӣ нест, дини раббонӣ аст». Ин аз он шаходат медихад, баъзе пайравони ТЭТ ХНИ то ҳанӯз аз хун ва гузаштаи сиёҳи худ пушаймон нестанд, дар ҳамкорӣ бо чараёнхои исломии ифротии дигар мехоҳанд аз нав чомеаи ороми Точикистонро ба низоъхои нави мазҳабӣ кашанд. Бехуда нест, М. Кабирӣ бо максади гумроҳ кардани шахрвандон, бахусус чавонон, харакатҳои нави исломӣ — салафияю ихвонулмуслиминро барои амнияти Точикистон бехатар эълон намудааст ва ин аз хамкории ТЭТ ҲНИ бо созмонҳои дигари ифротӣ шаходат медихад.

3. Аз ин нигоҳ, модоме ки аз ҷониби як мусулмон такфир кардани мусулмони дигар қатъиян манъ аст, пас аз диди ислом суннатӣ чиҳод низ ба мукобили мусулмонон қатъиян манъ мебошад. Дар исломи ибтидой ва мазҳаби ханафӣ чиҳод, бе ягон сабаби чиддӣ, ҳатто бар зидди ғайримусулмонон раво нест. Масалан, мувофики таълимоти Курьону Суннат, ҳамаи ғайримусулмононе, ки дар раъияти давлати исломӣ қарор доранд, зиммӣ ба хисоб мераванд. Онхо бо додани чизя ба хазинаи давлат

тамоми хукукхои худ, хатто риояи дину оини худро ҳифз менамояд ва аз ҷониби давлати исломӣ хукукҳояшон ҳимоя карда мешавад. Чуноне ки мебинем, харчанд ғайримусулмонон дар мукоиса бо мусулмонон шахрвандони дуюминдарачаанд, вале мусулмонон хукуки бо онхо чиҳод кардан ва катл намудани онҳоро надоранд, зеро онхо хирочгузорандагони давлатанд. Абӯханифа низ дар васияташ ба писараш Хаммод навиштааст: «ҳеч гоҳ бо мусулмон ё зиммӣ душманӣ макун»[1].

Аз нигохи фикҳи ханафӣ низ тамоми аҳли кибла мӯъминанд, зеро киблаи яке Каъба асту киблаи дигаре Байтулмуқаддас ва онҳо «ахли китобанд». Тибқи талаботи исломи суннатӣ, бо ғайримуъминон ҳамон вакт чиҳод кардан мумкин аст, ки агар онхо ба ватану оила ва моликияти мусулмонон таҷовуз кунанд.

Лекин, ҳаракатҳои сиёсӣ-динии ифротии муосир, бахусус Салафияю Ихвонулмуслимин, Хизбуттахрир ва дигарон, имрӯз чиҳодро рукни шашуми ислом ва шарти асосии мусулмонӣ медонанд. Мусулмон боял хаман ғайримусулмононро душмани худ хисобад ва бо онхо чиҳод кунад. Дар ин маврид Муҳаммад Ҷалили Зайну гуфтааст: «Шарти саввум (яъне шарти саввуми мусулмонӣ – Н.Қ.): душман шуморидани кофирон ва мушрикон. Басо мусулмонон хастанд, ки харгиз ба Худованд ширк намеварзанд, вале муттаасифона, мушриконро душман намехисобанд. Инсон наметавонад мусулмони ҳақиқӣ гардад, магар дар ҳоле, ки душманони Худоро душман бидонад». Душманӣ намудан бо душманони Худо аз душманӣ бо мушрикон ва кофирон муҳимтар аст[2]. Хулоса, пайравони хамаи фиркаву мазҳабҳои исломӣ ва ғайримусулмононро боял душман донист ва бо онхо чиҳод кард, вагарна мусулмон буда наметавонӣ.

4. Ҳамзамон, байни баъзе аз ҷараёнҳои динӣ-сиёсии ифротӣ, аз чумла салафия ихтилоф бо исломи суннатӣ дар масъалаи сифатҳои Худованд вучуд дорад. Дар исломи суннатӣ Худованд ба хеҷ касе ё чизе монанд нест. Аз чумла, Ӯ хеҷ гуна сифати одамӣ надорад, аммо дар салафия Худованд хусусияти

[1] Васиёти Имом Абӯханифа. – Техрон, 1385 (2006). – С. 39.
[2] Хамон чо. С. 28.

антропоморфӣ касб кардааст, ки аз таълимоти Ибни Таймия сарчашма мегирад, яъне салафиён ба Худованд он сифатҳоеро мансуб медонанд, ки хоси инсон аст, ба монанди даст, по, чашм, нишаст, ҳаракат аз як макон ба макони дигар ва ғайра. Хулоса, Худои салафиён одамгуна, мувофики таълимоти Қуръон як навъи ширк ба ҳисоб меравад, зеро дар Қуръон омадааст, ки «чизе монанди Ӯ нест» (Сураи «Шӯро», 11). Ё худ «Бигӯ, эй Мухаммад, Ӯст Худои ягона, Худои бениёз, назода, зоида нашуда ва Ӯро ҳамтову ҳамол (анбоз, шарик)-е нест» (Сураи «Ихлос» аз ояти 1 то поён).

5. Ихтилофи дигаре ки байни исломи суннатӣ ва ҷараёнҳои сиёсӣ-динии нави ифротӣ, ки онҳоро баъзе мухаккикон парастишоти нави динӣ низ номидаанд, ҷой дорад, ин дар масъалаи «ҳакамият» аст. Мувофики акидаи аҳли суннат ва ҷамоат, инсон бояд аввал ба Худову паёмбар ва сипас ба фармонравоёни дигар ба мисли шоҳу амир, ҳоким ва ғайра итоат намояд, яъне дар баробари ҳукми Ходову паёмбар ҳукми амиру шоҳ ва ҳоким, ки мардум ӯро ба роҳбарӣ интихоб кардаанд, бояд мусулмонон ҷоиз ва зарур аст. Қуръон мефармояд: «Эй мӯъминон, фармонбардорӣ кунед аз Худо ва Паёмбару фармонравоёнро аз ҷинси хеш фармонбардорӣ кунед». (Нисо 59) Паёммбар низ гуфтааст: «дуои бад кардан мар амиронро бидъат аст»[1].

Вале, дар ин масъала ҷараёнҳои сиёсӣ-динии ифротӣ, аз ҷумла Салафия, ба таълимоти аҳли ҳаворич (фиркаи хоричия, ки нахустин равия дар ислом буд) пайравӣ мекунанд. Ба акидаи онҳо, ҳакамият (ловарӣ)-и инсонро дар ҳалли кори мусулмонон пазируфтан ғӯё маънои ба ҷои ҳукми Худо пазируфтани хукму ҳакамияти инсонро дорад, ки куфр аст. Хоричиён ҳаман он мусулмононеро, ки акидаи онҳоро қабул надоранд (бахусус фиркаи азракия), мушрик ва аҳли дӯзах меҳисобанд. Зиёда аз ин, онҳо шӯриш ва ҷанг кардан бо амирону ҳокимонро ҷоиз медонанд, «замини ҷанг» будани «замини ислом»-ро эътироф доранд. Салафиён ин акидаи аҳли ҳаворичро қабул ва тарғиб намуда, ба ин васила мақсадҳои зишти худро ҷиҳати аз байн

[1] Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ. Ас-Саводу-л-аъзам. – Душанбе, 2016. – С. 38.

бурдани ҳам низомҳои исломие, ки дар асоси шариати мазҳабҳо таъсис ёфтаанд ва ҳам низомҳои дунявӣ, ки ба акидаи онҳо «низомҳои куфр» маҳсуб мешаванд, асоснок менамоянд. Ихвонулмуслимин ва Ҳизбуттаҳрир низ дар масъалаи куфр ҳондани низомҳои дунявӣ аз Салафия фарқе надоранд. Ё худ Ҳизбуттаҳрир дар варақаҳое, ки байни мардум паҳн мекард, шаҳрвандонро ба итоат накардан ба мақомотҳои расмӣ ва ҷиҳод ба мукобили Ҳукумат даъват менамуд, ки хилофи исломи суннатӣ буд.

6. Тафовути дигаре, ки ҷараёнҳои ифротии нобурдаро бо исломи суннатӣ мукобил мегузорад, ин аст, ки гуруҳҳои ифротие, ки даъвои «исломи ноб» доранд, ҳангоми ниёда сохтани амалиётҳои террористии хеш, ки «ҷанги мукаддас» меҳисобанд, аз катли занҳою кӯдакон ва мӯйсафедон ҳудорӣ намекунанд ва ҳатто шакли ба худ хоси истифодаи занҳо, яъне «секси исломӣ»-ро «кашф» кардаанд. Мавриди ба ёдоварист, ки дар фаъолияти гуруҳҳои ифротии «Давлати исломӣ» як навъи никоҳи замони ҷоҳилия, ки «мутъа» (никоҳи муваккатӣ) ном дошт, аз нав ба расмият даромад. Ин навъи никоҳ аслан дар низоми муносибатҳои оилавии араб қабл аз ислом ҷой дошт. Марди мусофир мувофики одати арабӣ метавонист тибқи созишнома бо додани маҳри муайян бо зане никоҳи «мутъа» (муввақатӣ) мекард. Мувофики конда, ба анҷом ёфтани мӯҳлати созишнома никоҳ низ вайрон мешуд.

Дар оғози пайдоиши ислом ин одати арабии замони ҷоҳилия ба ислом интиқол ёфт ва он асосан дар давраи ҷиҳод бо мушрикон риоя мегардид. Муҷоҳидони мусулмон, ки дар давраи муайян аз аҳли оилаи худ дур буданд, бо занҳои ҳангоми ҷиҳод асирафтода никоҳи мутъа мебастанд. Дар ин хусус ҳадиси Паёмбари ислом низ шаҳодат медиҳад. Сахобагон Ҷобир ибни Абдуллоҳ ва Салама ибни Аквоъ ривоят кардаанд, ки Паёмбар дар ғазваи Ҳунайн, ки мусулмонон ғалаба карда ғанимат ва асирон ба даст оварда буданд, ба муҷоҳидон фармудааст: «Барои шумо иҷозат дода шудааст, ки мутъа кунед, пас, мутъа кунед»[1].

[1] Имом Зайнуддин Ахмад Зубайдӣ. Мухтасари саҳеҳи Бухорӣ. – Душанбе, 2005. – С. 478.

Вале, баъди чиҳоди Хайбар Паёмбар ин шакли никоҳро наҳйи (рад) кард: «Ривоят шудааст аз Субрутаи Чуҳанӣ ин, ки бо ҳамроҳии Паёмбари Худо буд. Пас, Паёмбари Худо фармуд: «Эй мардум, ба дурустӣ, ки ман ичоза дода будам барои шумо никоҳи мутъаро. Аллоҳ Худованд онро ҳаром кард то рӯзи киёмат. Пас, шахсе, ки аз занҳо ба тариқи никоҳи мутъа назди ӯ карор дорад, пас, ӯро чавоб диҳад ва он чизе, бар зан маҳр дода буд, бознагирад[1]. Бинобар ҳамин, дар тӯли таърихи ислом аз чониби аҳли суннату ҷамоат ин навъи никоҳ дигар риоя намегардид ва он гуноҳи кабира ба ҳисоб меравад. Ин никоҳ имрӯз дар шакли ба худ хос асосан дар байни аҳли шиа, аз чумла шаи дувоздаҳимома, вучуд дорад. Аммо пайравони ҳаракатҳои снёсӣ-динии ифротӣ, аз чумла гуруҳҳои ифротии «Давлати исломӣ», ки худро аз пайравони асили аҳли суннату ҷамоат мехисобанд, ин одати манъ кардаи Паёмбари исломро аз нав эҳё карда, занҳои гумроҳи ба ин гуруҳҳо ҳамроҳшударо бо чангиёни «Давлати исломӣ» чандин бор мутъа карда, ғаризаҳои шахвонии хешро бо усулҳои зиддиисломӣ ва ғайришаръӣ конеъ месохтаанд, ки дар бадном сохтани ислом дар байни оламиён накши калон бозидааст ва мушоҳидачиён онро «сексии исломӣ» ном кардаанд.

Ҳамчунин, онҳо хатто инсони бегуноҳро бе исботи гуноҳаш катл мекарданд, молу амволи ӯро тороҷ ва зану фарзандонашонро асир мегирифтанд. Дар катли мардуми бегуноҳ онҳо бештар усули инкивизитсияро, ки дар садаи 13 калисои католикӣ, барои ҷазо додани донишмандони озодандеш (гӯё бидъаткорон) ташкил карда буд ва онро трибунали калисои католикӣ низ меноманд, истифода мебаранд. Ҳол он ки мувофики талаботи исломи суннатӣ, ҳангоми чанг катли занҳою кӯдакон ва мӯйсафедоне, ки дар амалиётҳои харбӣ ширкат надоранд, манъ аст. Зиёда аз ин, занҳову кӯдакон ва мӯйсафедони асирафтода озод карда мешаванд. Илова ба ин, агар онҳо ғайримусулмон бошанду баъди асир афтолан исломро қабул кунанд, бо мусулмонон хукуки баробар касб менамоянд. Ҳамаи ин талаботҳои исломи суннатиро гуруҳҳои ифротии муосир поймол менамоянд. Далели ин

[1] Сахеҳи Муслим. Ҳадиси 451.

гуфтаҳоро мо дар фаъолияти гуруҳҳои ифротии «Давлати исломӣ» мушоҳида намудем ва дар ин хусус адабиёти фаровон вучуд дорад. Дар мавриди катли ашхоси бегуноҳ, занону кӯдакон ТЭТ ҲНИ низ метавон гуфт, ки «рекорди ҷаҳонӣ» нишон додааст. Мо хама шоҳиди аз чониби ин ташкилоти террористӣ кушта шудани зиёёну снёсатмадорони барӯманди тоҷик, дар шоҳрохи Данғара катл гардидани сайёҳони хориҷӣ, бо усулҳои ғайриинсонӣ катл гардидани одамони бегуноҳ дар қассобхона (хаммом)-и нохиян Вахш, дар «бочка-зиндонҳо» ва ғайра будем.

7. Ҳамзамон, махсус боид таъкид кард, ки андешаи «исломи ноб», «исломи бемазҳаб»-е, ки равияҳои нави ифротӣ дар олами ислом тарғиб мекунанд, ба миллат ва фарҳангҳои миллӣ ихтилофи сахт дорад ва онҳо хеҷ гуна фарҳанги миллиро қабул надоранд. «Фарҳанги исломӣ», ки дар зери таъсири ҷаҳонбинии исломӣ ва дар натиҷаи синтези фарҳангҳои пешрафтаи атика ва асримиёнагӣ ташаккул ёфта, ислому тамаддуни исломиро ғанӣ сохта, ба тамоми оламиён машҳур гардонид ва аз маҷмӯи фарҳангҳои миллӣ иборат аст, аз нигоҳи чараёнҳои номбурда фарҳанги исломие, ки аз чониби мардумони точику форс, ки баъди мусулмоншавии онҳо дар каламрави Осиёи Марказӣ дар садаҳои IX-XII ташаккул ёфт ва он давраро донишмандони олам ҳамчун «асри тиллоии Осиёи Марказӣ» мешиносанд, аз чониби ин гуруҳҳои ифротӣ фарҳанги «мачусӣ», фарҳанги «аҳли дӯзах» ва забони точикӣ-форсӣ забони «мачусӣ» ном бурда мешавад, ки ҳадафи асосиаш бадному инкор намудани фарҳанги мардумони эронитабор, ба вича точикон ва заиф сохтани худшиносии миллии онҳо мебошад. Ҳол он ки рушду амнияти давлати миллии мо тақозои онро лорад, ки «миллати точик, бахусус наврасону ҷавонон, боид аз решаҳои тамаддуни қадима ва забону фарҳанги миллии худ огоҳ бошанд»[1]. Аз чониби онҳо хатто адабиёту фалсафаи аҳли тасаввуфу ирфон, ки як фиркаи исломи аҳли суннату ҷамоат ба ҳисоб меравад ва як чузъи муҳими хувияти

[1] Саид Ахмадов. Баъзе хусусиятҳои фикх ва халоми Имоми Аъзам Абуханифа. – Душанбе, 2009.

исломии мардумони тоҷику форсро ташкил медиҳад, «бидъат»-у «куфр» хонда мешавад. Бо чунин усули такфирсозӣ онҳо чиҳодро на танҳо ба мукобили офарандагони ин фарҳанг чоиз медонанд, ҳамзамон бо худи ҳамин фарҳанг низ чиҳод эълон кардаанд. Намунаи онро мо дар фаъолияти гуруҳҳои ифротии «Давлати исломӣ» дар Мосулу Палмира ва дигар минтақаҳо мушоҳида кардем. Ҳамин гуна таҷрибаи такфирсозиро дар Тоҷикистон ин гурӯҳҳои тундгаро дар матни манъ намудани шунидани суруду мусиқӣ ва рақсу хушнудӣ дар баъзе тарабхонаҳо ҷорӣ намуданд. Дар ин тарабхонаҳо ҳатто хондани сурудҳо дар матни «Шашмақом» аз мероси шоирони мактаби тасаввуфу ирфон манъ карда шудааст, ки бевосита аз таълимоти такфирии салафия ва дигар ҳаракатҳои тундгарои исломӣ нисбати фарҳанги тоҷику форс сарчашма мегирад.

Дар айни замон, ин созмонҳо ҳама гуна муколимаи дину фарҳанг ва тамаддунҳоро, аз ҷумла омӯзишу истифодаи фарҳанг, илму технологияи пешрафтаи Ғарб ва дигар кишварҳои ҷаҳонро зери парчами «куфр» инкор мекунанд, то ки ҷаҳони исломро аз пешравии илмӣ-техникӣ боз доранд.

8.Ҷараёнҳои исломии сиёсӣ-динии ифротии муосир на танҳо дар ақида, балки дар амалияи динӣ низ, бо исломи суннатӣ ихтилофи амиқ доранд. Масалан, ин парастишотҳои нави динии ифротӣ, бахусус салафия, танҳо хондани ду ракъат намози фарзро шаръӣ ҳисобида, аммо ду ракъат намози суннатро инкор мекунанд ва бе шустани пой хондани намозро раво медонанд. Ҳангоми хондани намоз пойҳои худро паҳн мегузоранд. Зиёрати маркади паёмбарон, мазори падару модар, имомони мазҳабҳо ва ғайраро «бидъат» меҳисобанд. Ҳол он ки дар робита ба зиёрати қубур дар ҳадиси набавӣ омадааст: «Марде аз паёмбар пурсид: «Ман дӯст медорам, ки дохили биҳишт шавам, остонан бихиштро бибӯсам. Бояд чӣ кор кунам, то ба чунин дараҷа бирасам?» Муҳаммад рӯ ба рӯ ва хитобан ба ҳама ҳозирин гуфт: «Агар орзуи биҳишт доред, пои модару пешонии падарро бибӯсед ва онҳоро эҳтиром кунеду ҳаргиз онҳоро тарк накунед». Марде пурсид: «Ё расулаллоҳ, агар падару модарам мурда бошанд чӣ?».

Гуфт: «Гоҳ-гоҳе ба қабристон бирав ва қабри онҳоро бибӯс»[1]. Ҳамин тариқ, дар риояи амалҳои исломӣ низ миёни парастишоти исломии нави ифротӣ ва исломи суннатӣ ихтилофҳои зиёде дар мавриди суннати Паёмбар вуҷуд доранд.

Бо ҳамин гуна роҳу усулҳои ғайришаръӣ равияҳои сиёсӣ-динии ифротии муосир дар мардуми ғайримусулмон исломҳаросиро ба вуҷуд оварда, тибқи супориши хоҷагони хеш мекӯшанд бо қадом роҳе набошад ҷаҳони исломро дар ҳолати рукуд, қафомонии иқтисодӣ ва илмӣ-техникӣ нигоҳ доранд, то ки ҳузури қудратҳои ҷаҳонӣ дар олами ислом садсолаҳои дигар таъмин гардад.

9. Онҳо ҳатто вақтҳои охир мекӯшанд методҳои таблиғоти зиддиисломӣ, зиддимусулмонӣ ва зиддибашарии хешро тағйир ва сайқал диҳанд. Ҳанӯз 100 сол пеш асосгузори созмони Ихвонулмуслимин Ҳасани Банно гуфта буд: «доъиёни (мубаллиғони – Н.К.) имрӯза бояд аз дирӯза фарқ кунанд. Онҳо бояд соҳибмаълумот, соҳибтаҷриба, ҳаматарафа муҷаҳҳаз ва оморчӣ бошанд. Онҳо барои рох ёфтан ба дилҳои одамон мактубҳо сурат мегирифт. Аммо имрӯз нашрияҳо, мачаллаҳо, рӯзномаҳо, театрҳо – ҳаман онҳо бояд рохи вориди восил шудан ба дилу дидаи одамон, марду занҳо дар хонаҳояшон, дар тарабхонаҳо, зироатгоҳ, корхонаҳо сурат гирад»[2].

Аз ин ҷост, ки Ихвонулмуслимин тибқи таълимоти Ҳасани Банно кайҳост, ки усули таблиғоти худро тағйир дода, онро асосан тавассути зиёнён, муаллимон ва донишҷӯён, ба воситаи китобҳои дарсӣ ва устодон дар ҳаман зинаҳои таълими низоми маориф барои наврасону донишҷӯён ба рох монда, на танҳо худи ин гуруҳҳоро ба доиран афкори хеш ҷалб менамояд, ҳамзамон аз ин доираҳо мубаллиғони зираку кордонро барои пахш намудани афкори ихвониҳо омода месозад. Масалан, солҳои 50-60-уми садаи XX ихвонихо 60 фисади вазифахои асосиро дар донишгохи

[1] Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал. Зиндагонии Муҳаммад. – Душанбе, 2012. ҷ. 1. – С. 267.
[2] Ҳасани Банно. Маҷмӯаи расоил. – С. 10. Сомонаи электронӣ: https://kotabook.com/ar/book/%D9%85% D8 AC%

Александрияи Миср ишғол карда буланд. Онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки дар донишгоҳу донишкада, коллеҷ ва ғайраҳо бо ҳар роҳ доираи таълими фанҳои ҷамъиятии хусусияти дунявӣ доштаро маҳдуд созанд, то ки барои пахн кардани афкори хеш фазои маънавиро холӣ гузоранд. Бинобар ҳамин, имрӯз дар кишварҳои мусулмонӣ низоми маориф хусусияти амниятӣ касб кардааст.

Таълимоти Ҳасани Банно дар мавриди тавассути бахшҳои гуногуни фарҳанг, аз ҷумла театр, динисозии мафккуран насли наврасу ҷавонон имрӯз дар амал татбики худро собит карда истодааст. Намунаи равшани он тахия ва ба намош гузоштани драман «Ишки ватан» (муаллиф Рачабалӣ Қудратзода, коргардон-таҳиягар барандаи ҷоизаи Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди ҲукуматиҶумҳурии Тоҷикистон Баҳром Қурбонзода) дар театри ба номи А. Лоҳутӣ бахшида ба 75-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва бузургдошти шоири ҷанговар Ҳабиб Юсуфӣ мебошад. Нуқтаи кулминатсионии намоишнома ин аст, ки вақте ки Ҳабиб Юсуфӣ тир мехурад, ӯ бо овози баланд калимаи шаҳодатро арза мекунад ва ду нафар вуҷуди сафедпӯш, яъне малоикаҳо омада ӯро бардошта мебаранд. Чуноне ки мебинем, намоишнома насли наврасро аз вокеияти зиндагӣ дур сохта, мафкураи онҳоро вориди ҷаҳони динӣ месозад, ки албатта дар ташаккули ҷаҳонбинии динии онҳо бетаъсир намемонад. Ҳол он ки манзараи дар ин намоишнома тасвирёфта дар таҷрибаи динӣ, аз ҷумла, дар манзараи марги Паёмбари ислом, вуҷуд надорад, яъне хилофи таълимоти ислом аст.

Зиёда аз ин, чун имрӯз кудратҳои ҷаҳонӣ таваҷҷуҳи баланди мардуми кишварҳои суннатии қафомондаро ба дину хурофот хуб мушоҳида карданд, барои харҷи бештар мазҳабӣ сохтани ҷомеа аз дастовардҳои технологияи иттилоотӣ самаранок истифода мебаранд. Яке аз намунаҳои хеле барҷаста ва шакли нави он тавассути роботмуллоҳо (муллоҳои лухтакӣ) ба кӯдакон бо забонҳои гуногун омӯзондани Қуръону тарзи таҳорат кардану хондани намоз, хулоса таълими динӣ мебошад, ки имрӯз дар бозорҳои Тоҷикистон озодона фурӯхта мешаванд. Ин воситаи таълимии нав аз як робот-лухтаки бо киёфаи мулло сохташуда,

ки баландиаш 55 см. аст, аз курсӣ барои лухтак, кӯрпача, Қуръон ва тахталавҳа барои Қуръон иборат аст, ки хеле диққатҷалбкунанда буда, кори ашхосеро, ки ба таълими динӣ завқ доранд, хеле осон месозад ва ба муллову мактаби динӣ дигар ниёз наменамонад. Бубинед, он нерухое, ки барои мазҳабисозӣ ва дар ин замина сиёсисозии ислом дар ҷомеаи мусулмонӣ манфиат доранд, бо мақсади наврасону ҷавонони мусулмонро аз омӯзиши илмҳои дунявию технологияи муосир боз доштан чи тавр роҳу усулҳои гуногунро истифода мебаранд. Ҳол он ки, ба андешаи Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон, имрӯз барои мо тоҷикон «боло бурдани тафаккури техникии наврасон вазифаи муҳими давлат мебошад»[1].

Ё худ, Ҳизбуттаҳрир имрӯз усулҳои нави таблиғро пеша кардааст: а) таблиғи акидаҳои хеш тавассути таъсиси красвордҳои исломӣ, ки дар шакли саволу ҷавоб сурат мегирад; б) дар шабакаҳои иҷтимоӣ Академия таъсис додааст, ки ба воситаи он афкори онро мубаллиғонаш тарғиб менамоянд; в) ҳар сол конфренсияи байналмилалиро дар бораи эҳёи хилофат ташкил мекунад. Масалан, чунин конфренсияро соли 2018 дар Португалия ва соли 2019 дар Малайзия ташкил намуда буд.

10. Ҳоҷагони хориҷии ин равияҳои тундрави ифротӣ низ бо мақсади хифзи мубаллиғони ин ҷараёнҳои ифротӣ тавассути Созмонҳои байналмиллалӣ, ки нуфузашон дар ҷаҳони ислом калон аст, аз роҳу усулҳои нав истифода мебаранд. Масалан, солҳои охир дар луғати сиёсии Ғарб, ки бештар пуштибони ҳаракатҳои ифротгароии динӣ мебошад, таҳаввул (тағйирот)-и луғавӣ ба вуҷуд омадааст. Моҳияти ин таҳаввул дар он аст, ки ба ҷои истилоҳи «ифротгарой», ки маъноҳои хушунатро низ фаро мегирад, истилоҳи «ифротгароии хушунатомез»-ро ворид сохта, бо ҳамин вожаи «ифротгарой»-ро аз истилоҳи «ифротгароии хушунатомез» ҷудо кардаанд, ки ба андешаи мо ҳадафи муайяни сиёсӣ дорад. Моҳияти ин ҳадафи сиёсӣ дар он ифода меёбад, ки бо ин роҳ ашхоси ба тарғиботи ифротгарой машғулбуда аз

1 Паёми Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ, Пешвои миллат — Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016.

ҷавобгарии чиноятӣ бояд озод бошанд, то замоне ки ин ашхос ба амалиётҳои террористӣ амалан даст зананд. Ин маънои онро дорад, ки мубаллиғони ифротгарой не, балки танҳо ашхоси ба амалиётҳои террористӣ даст дошта боид ба ҷавобгарӣ кашида шаванд. Дар ин мавриД он давлатҳое,ки объекти манофеи геосиёсии кудратҳои ҷаҳонӣ қарор доранд, агар мубаллиғони афкори ифротгароиро, ки дар ташкил кардани амалиётҳои террористӣ нақши асосиро мебозанд, ба ҷавобгарӣ кашанд, аз ҷониби ин кудратҳои ҷаҳонӣ ба «поймолсозии ҳукуқу озодихои инсон» ва «маҳдудсозии эътиқоди динӣ» гунаҳкор кардани онҳо хеле осон мегардад ва барои тарғиби ифротгарой заминаҳои ҳукукӣ ба вуҷуд меояд. Намунаи барчастаи он маърӯзаи Департаменти давлатии ИМА ба Конгресси ИМА доир ба вазъи озодии дин дар Тоҷикистон дар соли 2020 мебошад, ки дар он мубаллиғони ифротгарой, ки дар зери таъсири ақидаҳои онҳо шаҳрвандон ба гуруҳҳои ифротӣ ҷалб мегарданд, ҳимоя карда мешаванд.

Хулоса, истилоҳи «ифротгароии хушунатомез» тарғибгарони ақидаҳои ифротгароиро, ки бевосита дар амалиётҳои террористӣ ширкат накардаанд, аз ҷавобгарӣ озод менамояд, ки ба манфиати кудратҳои ҷаҳонӣ мебошад. Ин ғаҳйироти луғавӣ ба онҳо имконият медиҳад, ки бо усули мағзшӯйӣ кардани ҷавонон андешаҳои ифротгароиро дар зеҳнуури онҳо ҷойгир созанд. Вале барои ин амал касе ҷавобгар неет. Чуноне ки гуруҳҳои ифротии «Толибон»-ро дар Афғонистон ва «Давлати исломӣ»-ро дар Сурияю Ироқ ташкил карда, баъди ҳадафҳои геосиёсии худро амалӣ сохтан ин гуруҳҳоро ба ифротгароии хушунатомез гунаҳкор карда, зоҳиран ба муқобили онҳо мубориза эълон намуданд, аммо таъсидиҳандагони ин гуруҳҳои террористӣ бошанд, дар паси парда «бе гуноҳ» боқӣ монданд ва то кунун ба тарғиби ифротгарой машғуланд. Айни ҳамин тарзи арзёбӣ гардидани истилоҳи «ифротгароии хушунатомез»-ро аз ҷониби кудратҳои ҷаҳониву мингақавӣ дар пуштибонӣ кардани сарварони ТЭТ ҲНИ метавон мушоҳида кард. Ҳарчанд ТЭТ ҲНИ аз ҷониби баъзе ташкилотҳои байналмиллалӣ ҳамчун ташкилоти экстремистӣ-террористӣ эътироф гардидааст, вале аз ҷониби

кудратҳои ҷаҳонӣ пуштибонӣ ёфта истодааст. Сарварони дар кофтукови ҷиноятӣ қарордоштаи ТЭТ ҲНИ то имрӯз бо дастгирии хоҷагони хориҷии хеш ба муқобили Ҷумҳурии Тоҷикистон тарғиботи зиддидавлатӣ мебаранд ва аз нияти хеш, яъне таъсиси «Давлати исломӣ» дар Тоҷикистон даст накашидаанд. Як нуктаро ёдовар бояд шуд, ки барои пайравони ТЭТ ҲНИ тағйир додани имон кори душвор нест, дар ин ҷабҳа онҳо таҷрибаи бой доранд. Онҳо дар ибтидои фаъолияташон аз ҷараёни ваҳоббия, баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ аз равияи ширкаи дувоздаҳимома ва баъди аз ҷониби Суди Олии Тоҷикистон соли 2015 ҳамчун ташкилоти террористӣ манъ гардидани фаъолияташон дар хориҷи кишвар ба ном созмони «Озодандешон»-ро таъсис дода, озодандеширо ҷавҳари имонии хеш эълон карданд. Чун дарк карданд, ки озодандешӣ аз нигохи ислом хилофи шаръ ва бидъат аст ва ашхоси ҳушёр метавонанд онҳоро ба бехудой (атеизм) бадном созанд, зуд номи созмонро иваз карда, онро «Паймони миллӣ» ном бурданд, вале ошкоро аз ҷараёнҳои салафияю ихвонулмуслимин, ки зидди миллату мазҳаби суннатии тоҷиконанд, пайравӣ ва пуштибонӣ мекунанд. Ин далелҳо бори дигар собит менамоянд, ки ба гуфти Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «террорист ватан, миллат, ва дину мазҳаб надорад»[1]. Ҳамин тариқ, дар лугати сиёсии Ғарб ба ҷои истилоҳи «ифротгарой» ворид гардидани истилоҳи «ифротгароии хушунатомез», ки имрӯз онро доираҳои илмӣ истифода мебаранд, як усули ҳимоя кардани мубаллиғони ифротгарой ва таъсидиҳандагони гуруҳҳои тундрави динӣ дар кишварҳои мусулмонӣ мебошад. Ин тағйироти луғавӣ ба созмонҳои ба ном "ҳукуқи башар" имкон медиҳад, ки аз ҳизбу ҳаракатҳое, ки дар кишварҳои мусулмонӣ фаъолияти сиёсӣ-динии ифротӣ мебаранд ва гумоштагонашон – кудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ мебошанд, ҳимоят намоянд. Бинобар ҳамин, вақте ки фаъолияти экстремистӣ-террористии ягон ташкилоти сиёсӣ-динӣ дар кишваре аз ҷониби давлат манъ

[1] Паёми Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016.

карда шавад, аз ҷониби ин ташкилотҳои байналмиллалӣ ва хатто хукуматҳои кудратҳои ҷаҳонию минтакавӣ маъракаи «сафедкунӣ»-и ин ҳизбу харакатҳои экстремистӣ-террористӣ ва «бадномсозӣ»-и давлатҳои манъкунандан фаъолияти ингуна ташкилотҳои ифротгарой оғоз меёбад. Масалан, вакте ки Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти экстремистӣ-террористии ТЭТ ҲНИ-ро манъ намуд, баъзе ташкилотҳои байналмиллалии номбурда ва Ҳукуматҳои кудратҳои ҷаҳонию минтакавие, ки дар Тоҷикистон манфиатҳои геосиёсӣ доранд, Ҳукумати Тоҷикистонро ба «махдудсозии озодихои динӣ»-и диндорон айбдор намуда, ҳизби мазкурро ҳимоя ва ба роҳбарони фирории он паноҳгоҳи сиёсӣ доданд. Айни ҳамин ҳолат нисбати созмонҳои экстремистӣ-террористии дигар низ ба мушохида мерасад. Ҳамин тариқ, ҳамаи он ҷараёне ё парастишоти навбемазҳаб» доранд, дар асл ба мукобили ҳамон исломи воқеии сиёсӣ-динии ифротие, ки даъвои «исломи ноб» ё «исломи суннатӣ зухур кардаанд ва ташкилотҳои хадамоти махсуси кудратҳои ҷаҳонию минтакавӣ ба ҳисоб мераванд.

Искандаров Шарафҷон Фахриддинович,
помзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент,
мутахассиси пешбари шуъбаи
паҷӯҳиши ҳуқуқи исломӣ

РУШДИ ТАЪЛИМ ДАР СОҲАИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

Тамоми фаъолияти мо, пеш аз ҳама, ба ҳифзи сулҳу субот, Ваҳдати миллӣ, ҳимояи Истиклолияти давлатӣ ва дастовардҳои халки точик равона гардида, тахкими иктидори иктисодии мамлакат, фароҳам овардани шароити боз ҳам бехтари зиндагии ахолӣ ва дар арсаи байналмилалӣ баланд бардоштани обрӯйи Ватани махбубамон – Ҷумҳурии Точикистон вазифахои аввалиндарачаи мо ба шумор меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

Таърихи инсоният падидаҳоеро медонад, ки дар шакли гирифтани ҳаёти ӯ ва аз як марҳила ба марҳилаи дигари инкишоф гузаштанаш шакли асосиро мебозанд. Яке аз чунин падидаҳои тақдирсоз, ки дар ташаккулёбӣ ва худшиносии инсон мусоидат менамояд, ин ба даст овардани истиқлолият бо тамоми мазмуну мундаричааш маҳсуб меёбад.

Воқеан ҳам истиқлолият барои мо – точикон рамзи олии Ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкорҳои пайгиронаи созандагӣ, азму талошҳои фидокоронаи расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, рӯ овардан ба иқтисоди мукаммали бозаргониро омӯзонда, меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшид ва дар як вақт ҳаёти озодонаи ҳар фард ва олитарин дарачаи бахту саодати воқеии миллатро таъмин намуд. Аз ин рӯ, бояд гуфт, Истиқлолият барои мо мукаддас аст.

Инсоният бахри ба даст овардани ин неъмати бебахо дар шоҳроҳи таърих ҷонбозиҳо ва ҷонисорихое намудааст, ки имрӯз

хамчун сахифаҳои озодихоҳ ва каҳрамононаи эшон ба ҳисоб мераванд. Махсусан саҳифаҳои рангоранги таърихи халки точик аз гуфтаҳои боло холӣ нест.

Ҳаман дастовардҳои бузурги халки точикро метавон ба як шахс нисбат дод, ки ин хам Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Сиёсати пешгирифтаи давлат тахти роҳбарии хирадмандонаи сарвари давлат дар роҳи таъмин намудани рушди устувори кишвар, некӯаҳволии мардум, сохтмони ниҳодҳои демократӣ ва чомеаи шаҳрвандӣ ба комёбиҳои назаррас мушарраф гардида, ҷумҳурӣ тадричан мавкеъ ва манзалати худро дар арсаи байналмилалӣ устувор намуд. Пешвои миллат дуруст таъкид менамоянд: «Мо дар оғози даврони сохибистиклолӣ бо такя ба ҳастии таърихӣ, аклу хирад ва иродаи кавии халқи худ тавонистем, ки оташи ҷанги дохилиро тахмилиро фурӯ нишонда, парчами озодиву адолатро ба хотири ҳифзи асолату арзишхои миллӣ ва ваҳдату ҳамдигарфахмии халқамон устувор гардонем. Яъне, таърих баъд аз чанд садсола бори дигар ба миллати сохибтамаддуни мо имконияти эҳё намудани суннатҳои ачдодии давлатдориро фарохам овард ва дар харитаи сиёсии чаҳон номи давлати мустақилу сохибихтиёри точиконро сабт намуд».

Арҷ гузошган ба истиқлолияту озодӣ, давлати миллӣ, ваҳдати миллӣ, фарҳанг ва забони оламшумули точикӣ, амнияти миллӣ ва дигар манофеи миллӣ масъулияти басо бузурги ватандорӣ, хештаншиносӣ ва карзи шаҳрвандии ҳар як шаҳрванди бо нангу номуси кишвар мебошад.

Вазъи нооромии чаҳони муосир, авҷ гирифтани равияҳои гуногуни бегонаву иртичой, бо шиори демократикунонӣ ба даст овардани манфиатҳо аз чониби давлатҳои бо ном истъморгари чаҳонӣ ва чиҳатҳои манфии чаҳонишавӣ моро водор мезозанд, ки аз харвакта лила бештар ба сулху ваҳдат, суботи сиёсиву ичтимой, якпорчагии кишвар, худшиносии таърихию фарҳангӣ рӯ биёрем[1].

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Уфукҳои Истиклол. – Душанбе: Ганч, 2018. – 436 с.

Вокеан, агар мо аз дидгохи имрӯз ба рӯйлоду ҳодисоти сӣ соли сипаришуда назар афканем, мебинем, ки корнома ва азму талоши ободгаронаи точикон то кадом андоза бузург аст. Дар ин давра ҳар як фарди сохибмаърифату ватандӯсти кишвар ҷихати бунёд намудани давлати пояндаву обод карзи фарзандии худро сарбаландона ичро кардааст. Яке аз бехтарин намунаҳои захмату талошхои аҳлонаи халки точик дар замони сохибистиклолӣ – баркарор намудани сохти конститутсионӣ, таҳкиму таквияти давлату давлатдории миллӣ ва сарчамъиву ваҳдат мебошад.

Точикистон дар минтакае ҷой гирифтааст, ки истиклолияти миллию давлатии он метавонад ба амнияти дигар давлатҳои хамчавараш таъсиргузор бошад. Яъне, истиклолияти кишварҳои хамсоя, ки бо якдигар умумиятхои зиёди таърихӣ доранд, аз хам вобастаанд. Алалхусус, ин умумиятхо дар ҳамрангии таърих, фарҳанг, урфу одат ва дигар падидаҳои ҳаётӣ инъикос меёбанд. Дар шаклгирӣ ва мустаҳкамшавии истиклолияти ҳамдигарӣ сиёсати пешгирифтаи давлатҳои минтака накши асосиро ичро менамоянд. Бинобар ин, хар як кишвари минтака дар баробари ҳимоя намудани марзу бум ва шаҳрвандони худ, дар таъмини амнияти кишварҳои дигари минтака ва шаҳрвандони онҳо низ накши калидӣ дорад.

Ҷумҳурии Точикистон пас аз ба даст овардани Истиклолияти давлатӣ рохи бунёди давлати ҳукукбунёду демократиро пеш гирифт, ки дар он ҳукуки инсон мавкеи асосиро ишғол мекунад. Мувофики моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Точикистон «Инсон, ҳукук ва озодихои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, кадр, номус ва дигар ҳукукҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Хукуку озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва хифз менамояд»[1]. Муқаррароти мазкур таҳкими минбаъдаи худро дар боби 2 Конститутсия ёфтааст.

Ҳукуку озодихои инсон ва шаҳрванд ченак ва муайянкунандаи руиди давлат ва чомеаи шаҳрвандии Точикистони сохибистиклол мебошанд. Асосгузори сулху

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Точикистон аз 6 ноябри соли 1994. – Душанбе: Ганч, 2016. С. 6.

вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Рахмон, ки кафили конститутсионии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад, пайваста баҳри такмил додани механизмҳои ҳуқуқии риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон кушиш менамояд. Яке аз чунин дастовардҳои даврони истиқлол ин таъсиси ниҳоди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи кӯдак ба ҳисоб меравад. Сарвари кишвар дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд менамоянд: «Яке аз вазифаҳои асосии давлат ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ мебошад»[1].

Инсоният дар ибтидои ҳазорсола зарурати истифодаи ҳуқуқу озодиҳои асосии худро эҳсос намуд. Охирин чун аломати рохнамо барои рушди демократияи муосири либералӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ баромад мекунад.

Илми ҳуқуқи инсон эътирофи арзиши инсониро ҳадафи аслии худ қарор медиҳад. Ҳуқуқшиносии соҳавӣ, агарчи бо душворӣ ҳам бошад, фанни ҳуқуқи инсонро эътироф менамояд. Аммо ин зуҳурот муваққатист. Шинохтани арзиши инсон ва кадру манзалати ӯ танассути дигар соҳаҳои ҳуқуқ – роҳи ягонаи шинохтан ва эътироф кардани инсон чун арзиши олӣ нест. Ӯро бояд тавре шинохт ва эътироф кард, ки онро шаъну шарафи инсон талаб мекунад. Шубҳае нест, ки инсон ва арзиши ӯ дар ҳазорсолаи сеюм чун дастури асосии рушди ҳуқуқ ва давлат мегардад ва илми ҳуқуқшиносӣ барои он ҷои муносибро фароҳам меорад, зеро ҳуқуқи инсон объекти бевоситаи омӯзиши он мебошад.

Дар давраи истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи инсон корҳои зиёде анҷом дода шудаанд. Ҳамин тариқ, Тоҷикистон шартномаҳои асосии байналмилалиро оид ба ҳуқуқи инсон, ба мисли Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Конвенсияи зидди

[1] Паёми Асосгузори сулҳу эҳтироми миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 15 апрели соли 2009.

шиканҷа, Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак ва ғайра, ба тасвиб расонида, онҳоро дар қонунгузории миллӣ ворид кардааст.

Боиси хушнудист, ки ахиран илми таърихи ҳуқуқи Тоҷикистон дар омӯзиши таърих ва назарияи ҳуқуқи инсон тағйироти назарраси илмӣ ворид намуд. Макони асоси ҷунин самти пурсамар дар омӯзиши ҳуқуқи инсон факултети ҳуқуқшиносии ДМТ мебошад.

Таъкид ба ёдоварист, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри бехтар намудани вазъи ҳуқуқи инсон чорабиниҳои мушаххас меандешад. Яке аз самтҳои муҳим ва афзалиятноки Ҳукумат ин тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад. Аз ҷониби Ҳукумати мамлакат «Барномаи давлатӣ дар соҳаи таълими ҳуқуқи инсон» таҳия гардидааст. Дар Барнома мазкур ҳадаф, вазифа ва пешниҳодҳои зерин муайян карда шудаанд:

•баланд бардоштани эҳтиром ва ҳимояи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва ҳуқуқ ба рушд тавассути фаъолияти таълимӣ;

•ташкил ва таҳкими ташкилот ва муассисаҳои омӯзишӣ, ки бо ҳуқуқи инсон сару кор доранд;

• такмил додани барномаҳо ва воситаҳои таълимии мавҷуда ва таҳияи барномаҳои нав барои таҳсили ҳуқуқи инсон, аз ҷумла омӯзиш ва бозомӯзии ҳайати омӯзгорон бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва ғайра[1].

Дар асоси ин барномаи давлатӣ, соли 2006 Шӯрои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасмим гирифт, ки дар факултети ҳуқуқшиносӣ кафедраи махсуси ҳуқуқи инсонро таъсис диҳад. Дар кафедраи мазкур аз фанҳои ҳуқуқи инсон, таърихи ҳуқуқи инсон, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва курсҳои махсуси «Ҳуқуқҳои занон», «Ҳуқуқи ақаллиятҳо» ва ғайра дарс гуфта мешавад. Ҷорӣ карда шудани таълими фанни ҳуқуқи инсон дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ -- як қадами устувор ва муҳим дар баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

[1] Нит.: Искандаров Ш.Ф. Становление и развитие специализированных государственных правозащитных институтов по правам человека в Таджикистане: автореф. дис. ...канд. юрид. наук. – Душанбе, 2019. – С.

Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бузургтарин маркази илмию таълимии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқ буда, таъсиси ин кафедра имкон дод, ки на танҳо ба донишҷӯён илми ҳуқуқи инсонро амиқ ва ҳадафмандона омӯзонем, балки барои тадричан ба мардум омӯзонидан ва шиносонидани арзишҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон низ мусоидат намуд.

Ҳар як донишҷӯе, ки дар факултети ҳуқуқшиносӣ таҳсил кардааст ва бо фанҳои «Таърихи ҳуқуқи инсон», «Ҳуқуқи инсон» ва «Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон» шинос мебошад, хуб медонад, ки ҳадаф ва моҳияти ҳар як низоми пешрафтаи ҳуқуқӣ эътироф, таъмин ва ҳимояи ҳуқуқи инсон мебошад.

Кафедра ҳуқуқшиносони баландихтисосро омода месозад ва тадқиқоти зарурии илмӣ ва амалиро анҷом медиҳад.

Кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, вазифаҳои асосии зеринро иҷро мекунад:

- таҳия ва татбиқи курсҳои умумӣ ва махсус дар раванди таълим оид ба ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ мувофиқи самтҳои асосии фаъолияти илмӣ ва омӯзгории кафедра;

- омодасозии бакалавр, магистр ва аспирантҳои ДМТ барои дуруст ва самаранок истифода намудан аз технологияҳои муосири компютерӣ дар муоширати касбӣ ва фаъолияти ҳуқуқӣ.

Фаъолиятҳои илмӣ ба ҳамкорӣ бо ҷомеаи илмии ҳуқуқӣ нигаронида шудааст. Ҳоло ҳайати кафедра аз 5 доктори илм, 7 номзадҳои илм ва 4 ассистент иборат мебошад.

Омӯзгорони кафедра фаъолияти омӯзгориро дар факултетҳои ДМТ дар доираи меъёрҳои таълимии бакалавр ва магистратура мувофиқи барномаҳои таълимӣ ба роҳ мондаанд.

Омӯзгорони кафедра ҳам аз шаклҳои анъанавӣ ва ҳам шаклҳои навини ташкили раванди таълимӣ, аз ҷумла: лексияҳо, семинарҳо, маҳфилҳо ва дорахои илмии донишҷӯён, батли ҳуқуқӣ, таҳлили ҳолатҳо ва ғайра, истифода мебарандё.

Китобҳои дарсӣ ва васоити таълимии омодакардаи устодони кафедра дар ҷомеаи илмӣ эътироф гардидаанд.

Аъзоёни кафедра дар конфронсҳои илмӣ ва амалии марбут ба муҳокимаи ҳуқуқи инсон ва масъалаҳои мубрами

ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он баргузор мегарданд, фаъолона иштирок мекунанд.

Махсусияти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ дар он аст, ки омӯзгорони он донандагони забонҳои хориҷӣ буда, аксарияти фанҳо бо ин забонҳо таълим мешавад. Ин ҳам бошад аз кобилияту маҳорати омӯзгорон ва донишҷӯён дарак медиҳад.

Дар кафедра ба рушди илмии донишҷӯён диққати махсус дода мешавад. Дар кафедра маҳфилҳои ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва ташкилоти донишҷӯёни компаративист фаъолият мекунанд. Дар маҳфилҳо мунтазам масъалаҳои мубрами ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ муҳокима ва баррасӣ карда мешаванд. Донишҷӯён-аъзоёни маҳфил дар ҳаёти илмии факултет ва ҷумҳурӣ фаъолона иштирок мекунанд, ҳамзамон баранда ва ҷоизадорони конфронсҳо ва озмунҳои донишҷӯёни тоҷик ва ҷорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ мебошанд.

Истиқлолияти давлатӣ мухаррики рушди ҳуқуқи инсон мебошад. Бинобар сабаби рушду такомули ҳуқуқи инсон ва пеш омадани зарурати ба донишҷӯён мунтазам таълим додани асосҳои илмии ҳуқуқшиносӣ, дар дигар донишгоҳҳои кишвар низ кафедраҳои ҳуқуқи инсон ташкил карда шуданд. Ин иқдом имконият медиҳад, ки таваҷҷӯҳи ҳуқуқшиносони ихтисосманди ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ба мушкилоти мубрами низоми ҳуқуқии ҷаҳони муосир равона карда шавад.

Маҳз ҳуқуқшиносӣ оянда бояд ҳуқуқи инсон, рушд ва ҳимояи онро дар идеологияи нави ҳуқуқӣ бинад, ки дар асоси он вай ҳамчун мутахассиси баландихтисос ташаккул ёфта, дар бунёди ҷомеаи одилонаи башардӯстона саҳм мегузорад. Ҳуқуқи инсон на танҳо унсури муҳими баланд бардоштани сифати таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, балки илмест, ки инсони комил ва рӯҳан рушдёфтаро ташаккул медиҳад.

Ҳамин тариқ, Истиқлолияти давлатӣ дар низоми сиёсии давлатдории тоҷикон тағйиротҳои ҷиддӣ ва вазифаҳои нурмасъулияту тақдирсозеро бахри таҳкими давлатдорӣ пеш гузошт. Миллати тоҷик бунёди ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд

ва дунявиро интихоб намуд, то ин ки Тоҷикистони азиз ба қатори давлатҳои мутараққӣ ва мутамаддин ворид гардад. Мо имрӯз бояд ба қадри истиқлолият бирасем ва барои ҳифзи якпорчагии Ватани азизамон саъйю кӯшиш намоем. Шояд сӣ сол дар назди таърих на он қадар зиёд бошад, лекин дар зарфи ин сӣ сол мо бо заҳмату кӯшишҳои беназири фарзандони сарсупурдан миллат тавонистем аз вартаи ҷанги бародаркуш наҷот ёбем, муттаҳид шавем ва корҳои бузургеро баҳри ободии ватанамон ба субут расонем.

Бинобар ин, Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамаи баромадҳояшон борҳо таъкид мекунанд, ки «Ба қадри истиқлолияту давлатдории миллӣ расидан, арзишҳои мукаддастарини давлату давлатдориро дарк намудан ва посдоштани онҳо ин ҳам карз, ҳам масъулият ва ҳам шарафу номуси ватандорӣ, ҳам ифтихор аз давлату миллати хеш ва ҳам талошу заҳмати ҳар фарди белордили ҷомеа баҳри худшиносӣ, маърифат ва фарҳанги волои миллӣ аст. Надонистани сарнавишти таърихии миллати худ, фоиғболию бехабарӣ ва носипосӣ нисбати мероси маънавӣ-фарҳангии он, дар интиҳо шахсро ба инкори ҳақиқати вокеӣ, тамаддуни миллӣ, бегонапарастию қадр накардани қимати дастовардҳои истиқлолияти миллӣ оварда мерасонад». Бигзор хуршеди Истиқлол дар Тоҷикистони маҳбуби мо ҳамеша нурафшон ва файзбахши ҳаёту рӯзгори мардуми саодатманди ин сарзамини мутамаддини бостон бошад.

Шосаидзода Шаҳбоз Шосаидзода,
помзади илмҳои ҳуқуқ,
сармутахассиси бахши кадрҳо,
ҳуқуқ ва корҳои махсус

МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ВА ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

Ман аз он тарс надорам, ки маро намешиносанд, тарси ман аз он аст, ки худро нашиносам. ***Демокрит***

Пеш аз он ки ба умқи масъалаи мавриди назар бипардозем, саъй менамоем ба мафҳумҳои худшиносӣ ва истиқлол равшанӣ андозем, то хонанда бидонад, ки ҳар яки ин ду мафҳуми мукаддас чиро ифода мекунанд ва чи арзише доранд.

Худшиносии миллӣ падидаест, ки хусусиятҳои руҳиву равонии афроди ҷомеа, дараҷаи шинохти маком ва нақши таърихию сиёсии миллат – шуури таърихӣ ва шинохти ҷойгоҳи худ дар тамаддуни ҷаҳонӣ, ташаккули ифтихору ғурури созандаи миллиро дар худ инъикос мекунад.

Худшиносӣ кутбнамоест, ки моро ба суйи асолати миллӣ раҳнамой карда, бароямон роҳи душвори пешрафти оянда, кору пайкори навбатии давлатсозиву давлатдорӣ, расидан ба рӯзгори ободу осуда ва ҷомеаи мутамаддинро осонтар мегардонад[1].

Худшиносии миллӣ аз дилгохи худшиносии сиёсӣ неш аз ҳама эҳсосу дарки зарурати ваҳдат ва якпорчагии обу хок ва марзу буми миллӣ, эҳсоси улфат байни афроду ҷомеа, дарки зарурати иттифоқ, ҳамбастагӣ, ҳамчун як нафси вохид, чун як тану як чон аст. Ин шинохти ваҳдат дар натиҷаи эҳсоси ягонагии сарнавишти таърихию фарҳангии манфиатҳои иқтисодӣ ва ғайра муяссар хохад шуд. Он ҳам ба шарте, ки дар

[1] Қиёс: Худшиносии миллӣ. Режаи дастрасӣ: https://andesha.tj/index.php/tj/afkar/ilm/742-khudshinosii-mill (санаи мурочиат 25.08.2021)

ҷомеа адолати иҷтимоӣ ва рафоҳию осоиштагӣ хукмрон бошад.

Худшиносии миллӣ иборат аст аз шиносхти мавкеи таърихии худ, мавкеи имрӯза ва ояндаи миллати худ ҳамчун узви ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ. Самтҳои асосии худшиносӣ вобаста аз самтҳои азхудбегонашавӣ мебошад. Қабл аз ҳама, лозим аст, ки афроди миллат ва равшанфикрони он ҳамин ҳолату вазъияти азхудбегонагӣ, фалокатзадагӣ, худбохтагии ҷомеаи худро дарк кунанд[1].

Дар таърихи фалсафа шиори худшиносиро нахустин бор Сукрот бо хитобаи «Худро бишнос!» ба миён гузоштааст, баъдтар дар маорифи исломӣ, алалхусус дар тасаввуф, худшиносӣ шарти муҳими худошиносӣ дониста шуд ва он аз кавли паёмбари ислом чунин сало дод: «Ман арафа нафсаху фақад арафа раббаҳу» – Ҳар ки худро шинохт, ҳамоно парвардигорашро шинохтааст»[2].

Худшиносии шахси фард ва худшиносии ҷомеа сахт бо ҳам тавъаманд ва якдигар сахт вобастаанд. Чунонки шахс бояд худро бишносад, тамоми ҷомеа ҳам бояд аз ахволи худ, аз моҳияти ҳастии худ огоҳ бошад. Худшиносии миллӣ ҳам ду ҷиҳат-ҷиҳати шахсӣ ва ҳамагонӣ дорад. Яъне вобаста ба он аст, ки аз як тараф ҳар шахс то чи андоза ба шиносхти миллати худ расидааст ва аз ҷониби дигар, хама этнос (халқ) то чи дараҷа умумияти худ, ягонагии этникӣ, фарҳангӣ ва таърихии худро фаҳм кардааст[3].

Ҳамин тариқ, танҳо ба туфайли Инқилоби Октябр ва бунёди Давлати Шӯравӣ ҳудуди сарзамини тоҷикон (сарфи назар аз ҳама хиёнату фитнабозиҳо, таҳрифи ҳақиқати таърихӣ, беасос аз худ кардани қисматҳои гуногуни ин сарзамин) то андозае муайян гардид ва ба давлатдории миллии тоҷикон дар ҳайати Иттиҳоди

[1] Нигр.: Худшиносии миллӣ. Речан дастрасӣ: https://osiyoavrupo.tj/index.php/mavodhoi ilmi/maqolaho/item/770-khudshinosii-mill (санаи мурочиат: 25.08.2021)
[2] Нигр.:Худшиносии миллӣ. Речан дастрасӣ: https://osiyoavrupo.tj/index.php/mavodhoi ilmi/maqolaho/item/770-khudshinosi-mill (санаи мурочиат: 25.08.2021)
[3] Нигр.:Мухаммадҷон Шакура ва таҳқиқи таърихи худшиносии миллӣ. Речан дастрасӣ: https://ravshanfikr.tj/shinokhti-masoli-i-tino-va-sijos/mi-ammad-on-shakur-va-ta-i-i-ta-rikhi-khudshinosii-mill.html. санаи мурочиат (25.08.2021)

Шӯравӣ асос гузошта шуд. Тоҷикон дар даврони шӯравӣ ба дастовардҳои бузурги ноил гардиданд. Баъди пош хӯрдани ин давлати абаркудрат барои ҳамаи ҷумхуриҳои собиқи шӯравӣ бори аввал имконияти таърихӣ ба даст омад, ки сохиби истиқлолият гарданд. Донишмандон қайд менамоянд, ки дар ҷомеаи шӯравӣ эҳсоси худшиносии миллӣ ва эҳсоси ифтихори миллӣ наметавонист ба ҳадди зарурӣ инкишоф ёбад[1].

Дар хусуси бедории худшиносии миллӣ Асосгузори сулҳу Вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Рахмон қайд мекунанд: «Ҷавҳари худшиносии миллӣ аз дӯст доштани Ватан, модар, забон, таърих ва арзишҳои таърихиву фарҳангӣ сарчашма гирифта, ба ташаккули шахсиятҳои дорои ҷаҳонбинии солиму пешрафта боис мегардад»[2]. Ин тақилҳои ватандӯстонаи Пешвои миллат шаҳодати он аст, ки худшиносӣ ин дӯст доштани фарҳангу тамаддун, арҷ гузоштан ба хизматҳои шахсиятҳои фидои давлату миллат, талоши хифзи манфиатҳои миллӣ ва барои оянда гузоштани як мулки озоду офарандаи фарҳанги ғанӣ аст.

Президенти мамлакат дар суханронии хеш бахшида ба 17 солагии Истиқлолият самтҳои муҳими худшиносии миллиро чунин тарҳрезӣ намуданд: «Фаромӯш набояд кард, ки худшиносӣ танҳо гирифтори дастовардҳои гузашта шудан ва аз мероси илмиву адабӣ ва фарҳангии ниёгон ифтихори хушкухолӣ доштан нест, балки он пойгохи устувори маънавиест, ки фарзандони бонангу номус ва огоҳу бедордили миллатро ба қиёсу хулосабарориҳои таҳлилӣ ва бо дарки вокеияти замони нав, пайрезӣ кардани ҳалафҳои неки созанда барои даҳсолаҳои минбаъда хидоят месозад».

Олимони варзидаи хукукшиноси тоҷик А.Ғ. Холиқзода дар партави ин гуфтаҳои Пешвои миллат, қайд менамоянд, ки ҷавҳари худшиносӣ дар дар ҳифзу омӯзиш ва истифодаи

[1] Нигр.: Хамидов Х. Истиқлоли давлатӣ ва Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон // Давлат ва ҳуқуқ. – 2001. – №3. – С. 1-3.
[2] Эмомалӣ Рахмон. Фарҳанг хастии миллат аст. – Душанбе, 2001. – 37 с.

окилонаи мероси аклонии ниёгон, таквияти дастовардхо ва тарбияи насли солими муосир ифода меёбад. Аз гузашта ифтихор кардан ин маънии худшиносии комилро надорад, балки худшиносӣ ин донистани решахои таърихӣ, такя ба дастовардхои ниёгон намудан, дар шароитхои нав дар мукобили мушкилию муаммохо мисли ниёгон истодагарӣ карда тавонистан ва чун бузургони гузашта ба осиёби илми чахонӣ об рехта, обрӯ ва нуфӯзи миллатро чун гузаштагон дар арсаи чахонӣ баланд бардоштан аст[1]. Ва аз ҳама асосӣ, аломати аслии худшиносӣ – дар ин чахони пурмочаро ва пургавго сару калобаи хешро гум накарда ба таассубу хурофот дода нашуда, манфиатхои миллию динии хешро дар чахорчубаи манфиати сохибистиклолӣ нигох доштан аст.

Худшиносӣ воситаи асосии пойдории истиклолият, оромию субот, тахкими давлатдорӣ ва хифзи арзишхои миллӣ мебошад. Худшиносии миллӣ ин решаи миллат аст, агар мактаби худшиносии миллӣ заиф бошад, миллат пароканда ва нопадид мегардад. Бинобар ин, бояд бахри мустахкам гардонидани худшиносии миллӣ, ки чузъхои асосии он ватанпарастӣ, хештаншиносӣ ва худшиносӣ мебошад, чорахои зарурӣ андешид. Зеро танхо дар сурати бедор намудани чузъхои худшиносии миллӣ метавонем якпорчагии миллатро ба асрхои аср нигох дорем.

Вале бояд кайд кард, ки худшиносии миллӣ ин решаи миллат аст, агар худшиносии миллӣ заиф бошад, миллат пароканда, давлат бепоя ва истиклолият нопадид мегардад. Бинобар ин, бояд бахри мустахкам гардонидани худшиносии миллӣ, ки чузъхои асосии он ватанпарастӣ, хештаншиносӣ, худшиносӣ, дӯст доштани давлати худ мебошад, чорахои зарурӣ андешид. Зеро чахони муосир бо вучуди ин хама пешрафту инкишофи худ аз мушкилихо ва падидахои хатарноку манфӣ ва тахдидхои харобиовар орӣ нест. Хатару тахдидхои чахонии экстремизму терроризм, фазои мисли тори анкабут печидаю

[1] Холиязода А.Ғ. Пешво ва оини давлатсозӣ. Монография. – Душанбе: Дониш, 2021. – С. 152-153.

саргумкунандан иттилоотӣ, бархӯрди тамаддунхо, чанги сард, ки ҳама маҳсули чахонишавӣ мебошанд, доираи фаъолияти давлатро ҳамчун субъекти комилхукуки сохибистиклолии сиёсӣ махдуд намуда истодаанд.

Ба чойи давлатхо дар бештарин ҳолат дар муносибатхои байналмилалӣ созмонхои фаромиллӣ қарор кабул менамоянд. Ба вучуд омадани созмонхои харбиву сиёсӣ ва иктисодии чахонӣ ва ташкилотхои фаромиллӣ тасдики андешахои болоанд. Гуруҳхои гуногуни муташаккили умумиятхои ичтимой мекӯшанд бо роҳу воситахои дастрас ба рафтори макомоти давлатӣ бо максади рӯоварии сиёсат ба фондаи худ таъсир расонанд.

Мавриди кайд аст, ки инкишофи хар як давлат дар олами муосир ба вазъияти чахон сахт алокамандӣ дорад. Аз ин хотир, чахонишавӣ воситаи амалинамоии хадафхои мушаххаси давлатхои абаркудрат гардидааст. Давлатхои бузург кӯшиш менамоянд, ки ба хар воситa зери шиорхои чахонишавӣ манфиатхои худро дар каламрави давлатхои дигар амалӣ намоянд.

Дар чунин шароит танхо миллат ва халкияте метавонад ягонагӣ, устуворӣ ва пойдории давлати худро хифз намояд, ки кабл аз хама донишманд, сохибкасб, мутахассис бошад ва манфиату арзишхои миллию ватании худро дар муқоиса бо дигар арзишҳо қиматтару азизтар шиносад. Зеро беомӯзиш ва шинохти арзишхои миллӣ хифзу химояи онхо ғайриимкон аст.

Ҳоло бояд қайд кунем, ки истиклол чист ва ин мафхум чи маъно дорад? Мафхуми истиклолият ба маънои мустакилӣ, сохибихтиёрӣ, озодӣ ва комилхукукии кишвар дар идораи сиёсию иқтисодӣ ва фархангии худ тафсир гардидааст[1].

Албатта, масъалаи истиклолияти сиёсӣ ва тахлилу талқиқи хамачонибаи он дар шароити муосир ба мухимтарин мавзӯи пажӯҳиши илмию академӣ табдил ёфтааст. Бисёр падидахо ва равандхои чомеа, аз инкишофи муттасили истиклолияти кишвар бар меоянд. Истиклолияти сиёсӣ, ки сатхи олии истиклол аст, бо

[1] Нигоҳе фарҳанги тафсирии забони точикӣ. – Душанбе, 2008. – Ч.1. – С. 560.

масъалаҳои дигари тақдирсози давлатдорӣ робитан ногусастанӣ дошта, яке дигареро комил мегардонанд[1].

Вобаста ба масъалаи мазкур, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин зикр намудаанд: «Агар мо раванди зуҳур ва таърихи ташаккули истиқлоли миллатамонро амиқан баррасӣ намоем, равшан хоҳем дид, ки роҳ ба сӯи истиқлолият душвору тӯлонӣ, пур аз шебу фароз ва саршор аз муборизаву иштибоҳот ва равандҳои ихтилофомезу зиддиятнок будааст. Вале, дар ниҳоди миллати мо омилҳои бунёдии эҳёи тадричии истиқлолият ҳамеша вуҷуд дошт, ки асолату хувияти устувор ва амалан шикастнопазири таърихӣ, суннатҳои беш аз сеҳазорсолаи давлатдорӣ, арзишҳои бузургу созандаи иҷтимоӣ, фарҳангу маънавиёти ғанӣ ва ғайра дар асл шахсутунҳои ҳаёти фаъол ва таърихии миллати мо будаанд».

Ҳамзамон, Пешвои муаззами миллат таъкид менамоянд, ки «ормони истиқлол фарзандони муборизу, ватандӯст ва донишманди миллатро ҳамвора ба нигоҳ доштани хувияти миллӣ, талқину таҳкими оини давлатдорӣ, таъмини пайванди ногусастании наслҳо ва ниҳоят ҳифзи истиқлолияти Ватан ва пойдории тамаддуни аҷдодӣ раҳнамой карда, дар даврахои мушкили зиндагӣ ба онҳо неруву тавон бахшидааст». Озодӣ ва истиқлолият дар ҳар давру замон неъмати бебаҳо ва волои ҳаёти инсон, нишонаи барчастаи симо ва ташаккули таърихӣ, кафили пешрафт, рамзи асолату хувият ва шарти бақои миллат ва пойдории давлат мебошанд. Гузашта аз ин, истиқлолият мазҳари идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ, замонати ҳастии воқеӣ ва шарафу эътибори ҷаҳонии миллат аст[2].

Ҳамин тариқ, руйдодҳои чанд моҳи охири ҷаҳон, тезу тунд гардидани вазъ дар ҳамсоякишвари мо Афғонистон, баъзе кишварҳои Шарқи наздик, Осиё, Африқои Шимолӣ ва Аврупо собит месозад, ки терроризм, экстремизм ва

[1] Зокиров Г.Н. Истиқлолияти сиёсӣ. – Душанбе, 2006. – С. 7.
[2] Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Ҷилди 3. – Душанбе, 2006. – С. 28.

табдилёбии низоми идораи кишварҳо тахти таъсири нерухои хориҷӣ ҳамчун вабои сунъӣ ба амнияту ҳаёти сиёсии кишварҳо таҳдиди амик дорад.

Аз ин хотир, миллати муосирро зарур аст, ки дар мубориза бо терроризм ва экстремизм муттахид шуда, бо фароҳам овардани фазои солими илмӣ, татбики адли умум, эҳтиром ба манфиатҳои умумибашарӣ ва арзишҳои миллӣ дар пешорӯи хатари даҳшатбор бо акли эҷодкор, мафкураи солим ва худшиносии фарҳангӣ устувор бошад.

Маҳз ба ин хотир, дар шароити ҷаҳонишавии босуръати муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки аз роҳҳои наҷоти давлату миллат, пойдории истиқлоли он, ин омузиши худшиносӣ ва ҳифзи фарҳангу тамаддун мебошад. Таърихи инсоният исбот кардааст, ки омили асосии тамоми нооромии ҷомеа, аз байн рафтани давлатҳои абаркудрат, пош хурдани салтанатҳои бузург - коста шудани худшиносӣ ва аз байн рафтани хувияти миллӣ мебошад. Пойдории истиқлолият аз доштани хувияти миллӣ ва худшиносии ҳар як сокини он вобастагӣ дорад. Паёмаду нооромиҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки ягона роҳи наҷоти давлат ва ҳифзи истиқлолият бедор намудани худшиносии миллӣ мебошад. Давлатҳое, ки бо кудрат ва тавонии сиёсию иқтисодии худ такя намуда, нисбат ба худшиносии миллии сокинони худ беэътиной намудаанд, имрӯз подоши ин беэътиноии худро дида истодаанд. Бинобар ин, моро зарур аст, ки баҳри пойдории истиқлолият талош намуда, онро ҳамчун гавҳараки чашм нигоҳ дорем.

Таърих гувоҳ аст, ки имрӯзҳо халқияту миллатҳои зиёде вуҷуд доранд ва орзӯи соҳибдавлативу истиқлолиятро доранд, аммо аз ин неъмати бузург маҳруманд. Аслаш он аст, ки гузаштагони онҳо фирефтаи ин ё он дасисаҳои сиёсӣ шуда, ҳувият ва худшиносии миллии худро аз даст доданд. Сабукфикрӣ ва надоштани хисси худшиносии миллии онҳо сабаб гардидааст, ки наберагони онҳо имрӯз бозичаи ласти давлатҳои манфиатхох гардидаанду пайваста ба гузаштагони худ нафрин мехонанд. Бинобар ин, ҳар давлате, ки мехохад истиқлолияти худро

бардавом бинад, худшиносии миллиро рукни муҳими сиёсати худ эътироф менамояд.

Сарвари давлат максад ва вазифахои навбатии Тоҷикистонро вобаста ба даъватҳои таърихӣ амикан ларк ва эҳсос намуда, масъулияти худро барои таъмин намудани хушбахтии мардуми Тоҷикистон дар маросими қасамёдкунӣ ба хотири нишаст дар мақоми Президентӣ бори дигар бар забон оварда, мисли сарварони содику вафодори таърих, чун Ҷамшедшох, Анӯшервон, Хаммурапӣ, Исмоили Сомонӣ ва дигарон бо номи ҳар фарди Тоҷикистон қасам хӯрд, ки тамоми имконоти худро ба хотири хушбахтии ҳар сокини кишвар истифода менамояд[1]. Ин сиёсати пешгирифтаи Пешвои миллат далели он аст, ки рохбари хирадманд ва сарвари барӯманди давлати сохибистиқлои Тоҷикистон бахри бедор намудани худшиносии миллии шахрвандон ба хотири пойдории истиклолият тамоми имкониятҳоро истифода намуда истодааст.

Олими ватанӣ А.Ғ. Холиқзода ба масъалаи пойдории истиклолият таваҷҷуҳ зоҳир намуда, қайд менамояд, ки «ҷанбаи ғоявӣ ва идеявии шоҳроҳи худшиносии миллӣ, ватанпарастии шахрвандон сипари маънавӣ ва ғоявие дар химояи Истиклолияти давлатӣ ва роҳи мӯътадили рушди кишвар дар рӯзгорҳои ояндаи чахони ноором ба манфиати наслҳои ояндааш пайдо менамояд»[2].

Таҷрибаи давлатдории ҷаҳони муосир собит менамояд, ки ҳастии ҳар давлату ҷомеа, пойдории истиклолият ва рушди ҳуқуқу озодиҳои ҳар як шахси он маҳз ба ҳисси миллии ватандӯстӣ – кафолати муҳимтарини бақои миллату давлат, вобастагии мустақим дорад. Ҳар як шахси ватандӯст ва бедордил бояд донад, ки масъулияти ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таҳкими пояҳои давлатдорӣ, таъмини амнияту суботи кишвар ва ободиву пешрафти мамлакат ба зиммаи сокинони он вогузор шудааст. Ва ин масъулият аз шахс такозо дорад, ки барои насли оянда як мулки ободу сохибистқлол бокӣ гузорад, дар ғайри ин насли

[1] Холиқзода А.Ғ. Пешво ва оини давлатсозӣ. Монография. – Душанбе: Дониш, 2021. – С. 25-28.
[2] Ҳамон ҷо.

оянда танҳо бо нафрин аз гузаштаи худ ёд хохад кард. Ҳарчанд худшиносии миллӣ аз ниёгони гузаштагонамон ба мо мерос монда бошад ҳам, баъди сохибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаҳонишавии муносибатҳои ҷамъиятӣ марҳилаи нави худшиносии миллӣ огоз гардидааст, зеро тазодҳои сиёсии ҷаҳони муосир ҳар як шахсро водор мекунад, ки бо хушёри ва донишҳои сиёсӣ ватани худро ҳифз намояд. Дар ин давра дар Тоҷикистон низ вазъи сиёсию ичтимой ва иктисодӣ дигар гардида, арзишҳои молдиву маънавӣ ҳам иваз шуданд.

Дар ҳақиқат, ҳар як фарди бедордилу окил бояд ифтихор намояд, ки дар тӯли солҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарвории Пешвои миллат чи қадар дигаргунихои куллӣ дар бобати ба эътидол овардани вазъи сиёсию иктисодии мамлакат, ларёфт намудани роҳи рушди босуботи иқтисодию ичтимоии кишвар ва дар ин асос баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум роҳандозӣ шудаанд. Ҳарчанд ки роҳи тайнамудаи Тоҷикистон дар ҷодаи вахдату якпорчагӣ ҳамвору яксон набуд, вале мардуми шарафманди мо ба хотири таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, ҳифзи марзу буми аҷдодӣ, сарҷамъии миллат, густариши фазои сулҳу оромӣ ва тақвияти худшиносии миллӣ саъю талошҳои бесобика анҷом доданд ва итминони комил дорам, ки наслҳои оянда аз онҳо ҳамчун намунаи ватандориву ватандӯстӣ ёд хоҳанд кард.

Ҳар як фарди бонангу номус ва худогоҳи ҷомеа бояд ҳамеша дар хотир дошта бошад, ки танҳо истиқлолияту озодӣ омили муҳимтарини пойдории давлат ва бақои миллат мебошад ва вазифаи ҳамаи мост, ки ба хотири ҳифзу тақвияти ин мукаддасоти миллӣ пайгирона кӯшиш намоем. Насли ҷавонро дар рӯҳияи худшиносии миллӣ ба воя расонем, зеро ояндаи ҳар давлат аз онҳо вобастагӣ дорад. Агар насли ҷавон ҳувияти миллӣ надошта бошад, ба хотири зиндагии шоиста аз давлату миллат гузашт мекунад, чунки ӯ паёмади ин амали худро намеҳонад.

Далелҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки тамоми салтанатҳои бузурги олам замоне сукут карданд, ки манофеи миллиро нодида гирифта, онро поймол карданд ва бо худкомагӣ,

кибру ғурур, қасдгирӣ ва маҳалгароӣ давлатро идора карданд. Ин амалҳои манфии онҳо боис гардид, ки шаҳрвандонашон ҳангоми зарурат аз сиёсати онҳо дастгирӣ накарданд. Албатта, агар истиқлолият ва озодии як инсон рӯҳ ба сӯи рушду нумуи як фард бошад, пас истиқлолияти давлатӣ – ин бехбудӣ ва фароҳам омадани бехтарин шароитҳо барои зиндагии як чомеаи бузург аст. Истиқлолияти комили як давлат асоси озодӣ ва истиқлолияти шаҳрвандони он аст.

Таърих гувоҳ ҳаст, ки тоҷикон дар масири таърих ба дастовардҳои моддию маънавӣ, фитрати фарҳангофарин ва маърифатбунёди худ дар чаҳони муосир бо дарёфти макому манзалати ифтихорангез ноил гардидаанд. Замоне ниёгони мо дар канор ва муҳити роҳбарону пешвоёни ҷонфидою одил ва халқан сиёсати созандаи роҳбарони давлату салтанати худ муттаҳид гашта, бо офаридани шоҳкорҳои адабӣ, таъсиси низоми одилонаи ҳуқуқ, низоми идории мустақилли давлатдорӣ, поягузории ахлоқи ҳамидаи инсонгароёна тавонистанд, ки барои садсолаҳо намунаи ибрати ҷаҳониён гарданд ва дар навбати худ манбаи омӯзиш ва таклиди тамаддуни Аврупо ва Ғарб шаванд. Аз ҷумла, зиндагинома ва фаъолияти пурсамари Куруши Кабир, Дориюш, Анӯшервони Одил, Бузургмеҳри вазир, Исмоили Сомонӣ ва дигарон аз паҳлуҳои гуногун аз тарафи мутафаккирони Рум ва Юнон, равшанфикрони замони Эҳёи Аврупо ва муаррихону мубаллиғони Замони Нави тамаддуни ғарбӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтаанд[1].

Чомеаи чаҳонӣ дар шароити имрӯза аз дастовардои онҳо дар бахши давлатдорию худшиносии миллӣ ба таври васеъ истифода мебарад. Аммо боиси нигаронӣ аст, ки баъзеҳо дастовардҳои ниёгони моро бемабно мони худ медонанд. Албатта, месазад қайд кунем, ки бузургии шахс ҳам дар он аст, ки на ба як миллат, балки ба чандин халқу миллатҳо тааллук дорад. Дар чомеаи мо низ нафароне вомехуранд, ки ҳанӯз на танҳо дар шиносхти чеҳраҳои қаҳрамонони таърихиамон, балки дар эътирофи шахсиятҳои муосир ва тақдирсози миллатамон мушкилӣ доранд ва хизматҳои онҳоро нодида мегиранд.

Ҳаминро фаромӯш набояд кард, ки пойдории истиқлолият ва боз ҳам мустаҳкамтар намудани он аз касб намудани дастовардҳои илмӣ ва тақвияти худшиносии миллӣ маншаъ мегирад, ки масъулияти чонии ҳар як фарди солимфикри чомеа мебошад.

Якдилию якдигарфаҳмӣ, қадрдонии ҳамдигарии аҳолии Тоҷикистон новобаста ба минтақаҳои сукунаташон шарти асосии пойдории сулҳу ягонагии миллат ва бардавоми истиқлолияти давлатӣ аст. А.Ғ. Холиқзода доир ба нақши бузурги худшиносии миллӣ дар пойдории истиқлолият андеша ронда қайд менамояд, ки миллати соҳибистиқлоле, ки хостори бардавомии истиқлолияти хеш аст, қабл аз ҳама, бояд сари усулҳои ҳуқуқии дифои манфиати миллӣ ва худшиносии миллӣ андеша намуда, решаҳои бедории миллӣ ва худшиносии миллиро дар қалби хеш кишт намояд. Дар ин самт ғамхории давлат нисбат ба шаҳрвандон ва сокинонаш бенихоят бояд баланд бошад. Зеро фарзанд ва аъзои оила берун аз сарҳади оила, манфиати оила, шахсияти падару модар ва сарварони онҳоро танҳо ба он хотир ҳимоят ва пуштибонӣ менамоянд, ки дар доираи чунин манфиат онҳо ташаккул ёфта, дар партави чунин ғамхорӣ ва ҳифозат онҳо ба воя расидаанд[1].

Таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳад, ки ифтихор аз дастовардҳои пуразиши таърихии хеш вақте ташаккул меёбад, ки аз онҳо огоҳ бошӣ, онҳоро моияи омӯзиш, ибрат ва шукуҳмандӣ бидонӣ, зеро насли ноогоҳ аз таърихи ниёгони худ, аз фарҳангу тамаддун, забон, алаб, урфу одат ва анъанаҳои миллии худ дар пешгаҳи дигар қавму миллатҳо ҳукми мурдаро дорад. Асоси бедор намудани худшиносии миллӣ ва пойдории

---

[1] Дар бораи он, ки чӣ тавр Геродот-падари таърихи дунёи қадим шоҳони худро аз маданияти эҳтиромӣ роҳбари давлат таълим медод. – муфассал нигр.: Тойнби А.Дж. Исследование истории. Цивилизации во времени и пространстве. – М., 2009. – С. 22-23. Ё чӣ тавр ҳокимони римӣ тақлид ба шоҳони форс менамуданд. – муфассал нигр.: Макиавелли Н. Государь. – М., 2010. – С. 219-220.

[1] Нигр.: Холиқзода А.Ғ. Пешво ва оини давлатсозӣ. Монография. – Душанбе: Дониш, 2021. – С. 117.

истиклолият ин омухтани таъриху таъмаддуни гузашта аст, А.Ғ. Холиқзода иброз менамояд: «миллат ва халкияте, ки таърихи худро намеомӯзад, аз он сабак намегирад парандан нобиноеро мемонад, ки аз ошёни худ парвоз кардааст; касе гуфта наметавонад, ки фурудгоҳи ӯ кучост: болои об, шӯълан оташ ва ё дарахти сарсабз»[1]. Албатта, кавме, ки таъсодуфан кудратро ба даст овардааст дар асоси нақшаи кашидашуда халкро идора мекунад, рӯзе ба нафрати халқ гирифтор мешавад ва бозихои пасти пардагии онҳо ошкор гардида, давлатро ба пароканлагӣ бурда мерасонад.

Саҳифаи пурмухтавою рангин ва рӯзгори равшани миллати мо дар тӯли таърих бо талошу муборизахои чавонмардони шучои миллат, сарлашкарон ва садҳо зиёёну сиёсатмодарони шарафманди дигар дар саҳфаи таърих дурахшон аст. Таърих ва фарҳангу тамаддуни халки точик ҳамеша ҳамчун сарчашмаи ҳувиятсози миллат хизмат кардааст ва ба ҳар як фарди миллати мо нангу номуси миллӣ лоштан, ифтихор аз арзишхои гаронбаҳои миллӣ намуданро меомӯзонад. Бешубҳа, бидуни омӯзиши гузаштаи худ, аз худ кардани дониши зарурӣ, хеч кавму миллате ба худшиносии миллӣ намерасад ва ё умуман аз байн меравад. Агар ҳар як точику точикистонӣ аз осору таълимоти ниёгони худ чун Зардушту Рӯдакӣ, Фирдавсию Сино, Хайёму Саъдӣ, Мавлавӣ, Ҳофиз, Низомӣ, Бедил, Икбол, Айнӣ, ва дигарон огоҳ намебуд, чӣ мешуд? Дакикан, манкурт мешуд. Ҳаман ин бузургон ва бисёр дигар нобиғахон миллати мо – моро дар чаҳорчӯбан асили одамият, инсонмеҳварӣ, дар асоси арзишхои бузурги инсондӯстӣ, ки хоси миллати эронинажодон аст, тарбият кардаанд.

Ва баръакси ин, ҳолатхое низ ҷой доранд, ки бонси таассуфу нигаронӣ будa, маҳз аз надоштани хисси худшиносӣ ва хувияти миллӣ сар задаанд ва дар сахфахои таърихи миллати куханбунёди точик хамчун доғ намудоранд. Бинобар ин, танҳо дар холати рушди ҳудшиносии миллӣ мо метавонем барои наслхои оянда

[1] Хамон ҷо. – С. 107.

давлати соҳибистиқлол ва дорои тамаддуни ғанӣ мерос гузорем. Бо дарназардошти ин талабот, Ҳукумати Тоҷикистон аз рӯзхои аввали ба даст овардани Истиклолияти давлатӣ робитаи хамаҷонибаро бо ҷомеа барои боло бурдани худшиносии миллӣ ба роҳ мондааст. Дар ин асно ташаккули давлати хукукбунёд ва ҷомеаи шахрвандӣ фарҳанги баланди ҳукукиро талаб мекунад, ки бе он чунин арзишхо ва принсипхои бунёдӣ, ба монанди волоияти конун, афзалияти ҳукуку озодихои инсон ва ҳифзи манфиатҳои конунии инсон ва шахрванд наметавонанд дар ҷомеа пурра амалӣ шаванд.

Некӯаҳволии мардум, бедор кардани худшиносии миллӣ ва пешгирӣ аз омилҳои костакунандаи худшиносӣ ҳадафи олии рохбарияти ҷумҳурӣ ба хисоб меравад. Ҳамасола Пешвои миллат дар Паёми хеш ба масоили ташаккули худшиносӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, роҳҳои боло бурдани онро масъалагузорӣ менамоянд. Мушохида мегардад, ки дар Паёмҳои охир ба мушкилоти коррупсия низ эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Зеро, коррупсия дар баробари дигар хатарҳои аз байнбарандаи ифтихори миллӣ, ба мафкураи инсоният таъсири манфӣ мерасонад ва нобовариро ба вуҷуд оварда, пойдории истиклолияти давлатиро коста ва оянда миллатро ба хатар мувочех месозад.

Бинобар ин, ҳар як шахрванде, ки ифтихори миллӣ дорад, бояд дар тарбия рухии худшиносии миллии ҷавонон сахми арзанда дошта бошад. Ҳар як шахси ба ору номус бояд донад, ки худшиносии миллӣ ва ватанпарастӣ шиори доимии акли солим ва фарди худогаҳ аст, зеро ободию устувории давлати соҳибистиқлоламон тақозо менамояд, ки ҳар яки мо бахри пойдории истиклолият сахми арзандан хешро гузорем. Доимо ҳомода бошем, ки ягон қувваи носолиму ғаразнок бо истифода аз тафаккурҳои носолим теша ба решаи пойдории вахдати миллию рушди давлатдории мо назанад.

Дар шароти имрӯза мушкилоти давлатхои нооромии ҷахон маҳз надоштани хисси худшиносӣ, вуҷуд надоштани мафкураи солими миллӣ, побанди акидаву нақшахои дигарон амал кардани онҳо мебошад.

Ҳамин тариқ, худшиносии миллӣ ва Истиклолияти миллӣ ба ҳам робитаи ногусастанӣ дошта, сатҳи волои худшиносии миллӣ заминаи мустаҳкамии истиклоли миллӣ мегардад. Дар ҷомеаи ҳукукбунёди демократӣ эҳтиром ба ҳаққу ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии давлату миллат мустаҳкам мегардад, ҳамзамон, эҳтироми миллат дар арсаи байналмилалӣ меафзояд, барои давлат имкон фароҳам мегардад, ки манфиатҳои халқу миллати худро дифоъ кунад ва дар ҳалли масоили ҷаҳонӣ мавқеи халқуҷанда дошта бошад. Зеро, шиноҳти миллӣ ба вахлати миллӣ ва истиклоли миллӣ бурда мерасонад ва ин боиси аз ҷониби ҷаҳониён эътироф шудани давлати сохибистиклоли миллӣ мешавад.

Шоев Зиёвиддин Ҷалилович,
номзади илмҳои фалсафа,
сардори шуъбаи пажӯҳиши анъанаву
маросим ва диншиносии муқоисавӣ

ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ТАШАККУЛИ ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАҶДИДИ ШУУРИ ДИНӢ

Маъмулан, файласуфону ҷомеашиносон инкишофу пешрафти таърихи ҷомеаро ҳамчун як ҳаракати спиралмонанди болораванда тасвир намудаанд. Тибқи ин тасвир башарият аз оғози таърих то имрӯз барои расидан ба як ҳадафи олӣ – бунёди ҷомеаи хамаҷиҳата мутараккӣ ва барои хамаи инсонҳо матлубу муфид мубориза мебарад. Бо касби хар як куллаи инкишоф барои инсоният куллаҳои нави ҷодаи беинтиҳои инкишоф намоён мегарданд ва инсоният бо нерӯи ақлу хирад ва илму ҳикмат барои фатҳи онҳо камар мебандад. Дар баробари ин, метавон гуфт, харакати болоравандаи таърихӣ-ҷамъиятӣ на ба таври стихиявӣ, яъне на тибқи конунҳои умумии хастӣ (қонуни ягонагӣ ва муборизаи ҷонибҳои мухолиф; конуни инкори инкор), балки дар партави миқдорӣ ва сифатӣ; конуни инкори инкор), балки дар партави тасвибу татбики қонунҳо, санадҳои мушаххаси меъёрию хукукӣ, барномаҳои гуногуни рушду тараккиёти ҷамъиятию иктисодӣ имконпазир аст. Аз ин рӯ, барои суботу бакои ҷомеа ва тараккиёти он вучуди ду абзор – давлат ва конуният шарт ва зарур мебошад.

Озодшавии ҷомеаи инсонӣ аз оғӯши табиати вахшӣ ва ворид шудани он ба арсаи ҳаёти мутамаддин, чӣ тавре ки аз таърихи давлат ва хукук маълум аст, махз ба шарофати таъсиси давлатҳо, пайдоиши хукуки вазъӣ, ихтироъ хат, рушди илму ҳикмат, тасвибу татбики қонунҳо ва омилу шароитҳои дигари иҷтимоию фарҳангӣ ва иқтисодӣ имконпазир шудааст. Бидуни мавҷудияти давлату конуният ва омилҳои дигари зикршуда озодшавии ҷомеа

аз султаи табиат ва соҳибистиклолу мутамаддин шудани он имкон надошт.

Адами ин омилҳо, алалхусус бе давлатӣ ва беқонунӣ, рушду тараққиёти ҷомеаро монеъ мешавад ва онро ба таназзул, бенизомӣ, ҳарҷу марҷ ва ҳар гуна бӯҳронҳо гирифтор мекунад. Вазъи ҷомеаҳои муосире, ки дар онҳо давлат ва қонунҳои аз тарафи он вазъшуда заифу нокис мебошанд, ё ба талаботи ҷомеа ҷавобгӯ несганд, ба вазъи ҷомеаи ибтидоии примитивӣ монанд аст, ки дар он на аклу хирад, балки неруи ҷисмонӣ ва инстинкти худмуҳофизатӣ барои бақо мондани насли башарӣ нақш мебозиданд.

Намунаи равшани чунин ҷомеа Афғонистони ҷангзада мебошад. Дар кишваре, ки гаҳвораи дину тамаддуни зардуштӣ – нахустин дини тавҳидии ба қавли Гёте «танзимкунандаи зиндагӣ ва фарҳанги хоҷагидорӣ» мебошад, кишваре, ки ҳанӯз то зуҳури ислом дар тӯли ҳазор сол ҷузъи бузургтарин империяҳои дунёи қадим – Ҳахоманишиён ва Сосониён буд, сарзамине, ки дар аҳди ислом даҳҳо донишмандону мутафаккирони нобиғаро ба уммати мусулмонон ато кардааст, дар зарфи панҷоҳ соли охир маҳз аз сабаби заифии давлат ва адами қонуният, тартибот, чунин як вазъи хатарнок, даҳшату ваҳшат ва ноамнӣ ҳукмрон мебошад. Истеъфои сарвари қонунии давлати Афғонистон, истилои Афғонистон аз ҷониби ҳаракати экстремистию террористии «Толибон» бо кумакҳои аёнию пинҳонии ИМА ва дигар бозигарони асосии сиёсати ҷаҳонӣ, нигаронихо ва ташвишу изтироби аҳолии ин кишварро ба вуҷуд овардааст. Мардуми вахшатзадаи Афғонистон, ки дар гузашгаи начандон дур як бор зери ҳокимияти толибон қарор дошт, бо вуҷуди авфи умумӣ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсонро ваъда додани сарварону намояндагони баландмақоми феълии толибон, ба онҳо бовар надоранд. Оиҳое ки имконият доранд, бо ҳар роҳу восита мекӯшанд марзи кишварро тарк кунанд, дигарон, алалхусус занону духтарони фаъолу донишҷӯи афғон, мисли Зарифа Ғаффорӣ – чавонзани сиёсатмадори афғонӣ, ки дар тӯли ду соли мири Майдоншаҳр будаиаш толибон шаш маротиба ба қонун

сӯиқасд кардаанд[1], дар хонаҳои худ нишаста, аз сарнавишти номаълуме, ки онҳоро интизор аст, азият мекашанд.

Фочиаи Афғонистони муосир барои ҳамаи кишварҳои соҳибистиклол, азҷумла Тоҷикистон ва кишварҳои дигари минтақаи Осиёи Марказӣ як дарси аёнӣ мебошад. Он нишон медиҳад, ки барои ҳифзи сулҳу амният, вақдату ҳамдилӣ, таъмини ҳаёти осоишта ва рушди ҷамъиятию иқтисодӣ, пеш аз ҳама, вуҷуди як давлати фаъоли соҳибистиқлолу мутамарказ ва танзими давлатии ҷанбаҳои гуногуни ҳаёт ва муносибатҳои ҷамъиятӣ шарт ва зарур мебошад.

Таҳлили объективонаи вазъи имрӯзаи Афғонистони ҳамсоякишвар нишон медиҳад, ки вокеан ҳам омили асосии бесуботию ноороми ин кишвар – заифӣ ва оҷизии давлати Афғонистон дар мубориза бо экстремизм ва терроризми динӣ мебошад. Ҳукумати конунии Афғонистон бе кӯмаки давлатҳои дигар ду рӯз ҳам натавонист бокӣ бимонад ва зимоми давлатро ба дасти як тоифае супорид, ки аз тарафи аксарияти кишварҳои ҷаҳон ҳамчун ҳаракати экстремистию террористӣ маҳкум шудааст.

Толибон на танҳо ҳукуку озодиҳои мардуми Афғонистонро аз байн мебаранд, балки ба кишварҳои дигари Шарк, алалхусус ба Тоҷикистон ва кишварҳои дигари минтақаи Осиёи Марказӣ, ки бо Афғонистон ҳамсарҳад мебошанд, низ таҳдид мекунанд. Бо дарназардошти чунин вазъият, Тоҷикистон барои ҳалли мушкилоти Афғонистон ва пешгирии хатари экстремизму терроризми динӣ ҳамроҳ бо Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шарикони дигари стратегии худ, тамоми чораҳои зарурӣ ва имконпазирро андешида ва лар амал татбиқ намуда истодааст. Машқҳои харбие, ки дар охири моҳи июл ва оғози моҳи августи соли равон 10 рӯз дар Ҳарбмайдон бо иштироки қисмҳои харбии Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистону Ӯзбекистон ва федератсияи Россия гузаронида шуданд, далели ин гуфтаҳо мебошанд[2].

[1] Сомонаи электронӣ: https://asiaplusij.info/ru/news/tajikistan/society/20210819/ya-sizhu-i-zhdu-kogda-oni-pridut-i-ubyut-menya-afganskaya-pravozatshitnitsa-ne-verit-obeshaniyam-talibov

[2] Совместные учения России, Таджикистана и Узбекистана проходят на границе с Афганистаном. Электронный ресурс: https://rus.azattyk.org/a/31397047.html

Дар баробари ин, Тоҷикистон дар зарфи 30-соли Истиклолияти давлатӣ, дар самти муковимату мубориза бо экстремизму терроризми динӣ, аз байн бурдани таассубу хурофот, таҳкими вахдату хамдилии ҷтимой ва тахаммулпазирии динӣ, як катор натичахои мухими назарию амалӣ хосил намудааст, ки сазовори тахлилу баррасии махсус мебошанд.

Яке аз ин дастовардхои даврони Истиклол – тачлид ва навсозии шуури динӣ мебошад, ки дар зер дар бораи он муфассалтар сухан меронем.

Ба хеч кас пӯшида нест, ки аксарияти мутлаки ахолии Тоҷикистон худро мусулмон эътироф мекунанд ва пайрави мазхаби ҳанафӣ – бонуфузтарин мазхаби тахаммулгарои исломӣ мебошанд. Илова бар ин, дар кишвари мо пайравони мазхаби исмоилия, инчунин, баъзе мазҳабҳои дини насронӣ, аз кабили православхо, протестантхо, католикхо ва як катор динхои муосири ғайрисуннатӣ низ зиндагӣ мекунанд. Ба ғайр аз ин, як кисми олимону равшанфикрони Тоҷикистон, худро диндор намешуморанд ва худро пайрави ин ё он мактаб ё назарияи фалсафӣ, масалан, атеист, марксист ва ғ. муаррифӣ мекунанд. Мантикист, ки дар чунин як фазои бисёрмазхабӣ ва гуногунфикрӣ, ки хоси аксарияти кишвархои чахон мебошад, ба хайси як мафкураи расмӣ эътироф кардани ин ё он дин ё мазхаб ва манъ кардани дину мазҳабҳо, мактабу назарияҳои фалсафии бо таълимоти он дини расмӣ мухолиф боиси зухури таассубу ифротгароии динӣ хоҳад шуд.

Аз тарафи дигар, дар чомеахое, ки аксарияти мардум диндоранд таваччӯҳи давлат ба ҷойгоҳи дин барои оромишу суботи ҷомеа хеле накши муҳим дорад. Дар сурати ахамият надодан ба ин масъала мушкилоте пеш меояд, ки боризтарини онҳо мукобили ҳам карор гирифтани давлат ва дин аз назари қонунҳо ва меъёрхои ҳуқуқӣ мебошад, ки пайравони динро нисбат ба давлат бадбин намуда ва хатто метавонад боиси эътирозхои ифротгароёнаи онҳо гардад.

Аз ин нуктаи назар, ба андешаи мо, якс аз омилхои ғоявии зухури экстремизми динӣ ва ҷанги шахрвандӣ дар Тоҷикистон

дар оғози даврони Истиклол ин буд, ки диндорон намехостанд мафкураи атеизми ҷанговари замони шӯравӣ ҳамчун мафкураи расмии хукмрон аз нав баркарор ва пазируфта шавад. Аммо, пас аз кабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон[1] ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ»[2] равшан гардид, ки ин нигаронихои диндорон асосе надоранд. Дар санадхои мазкур, ки ифодагари муносибати расмию хукукии давлат нисбат ба дин ва хукуку озодихои динии шахрвандон мебошанд, ҳеҷ гуна асаре аз "атеизми ҷанговар"-и замони шӯравӣ вуҷуд надорад, баръакс, дар ин санадхо аз тарафи давлат эътироф ва химоя шудани хукуку озодихои динии шахрвандон кафолат дода шудааст.

Ба шарофати Истиклолияти давлатӣ, тасвиби Конститутсия, санадхои меъёрию хукукии танзимкунандаи соҳаи дин, дар кишвари мо арзишхои динӣ ҳамчун арзишхои умуминсонӣ макому манзалат касб намуда, ҳамчун меёрхои ҷтимой, дар радифи меъёрхои хукукӣ дар танзими хаёти ҷомеа накши муфид ичро мекунанд.

Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар эҳёи арзишҳои диний ва истифодаи окилонаи онхо ба хайси меъёрҳои ҷтимоӣ дар танзими хаёти динию фарҳангии ҷомеа сахми бузург ва ибтикороти пандомӯзонае аз худ нишон додаанд. Аз чумла, Президенти кишвар зимни суханронии худ дар Анҷумани якуми ҷавонони Тоҷикистон (17 марти соли 1994) чунин таъкид кардаанд: «Мо борхо гуфтаем ва боз хам мегӯем, ки максади мо сохтмони давлати демократию дунявӣ ва хукукбунёд мебошад. Мо хакку хукуки шахрвандонро дар риояи суннатхои дини Ислом заррае махдуд намекунем. Алҳамдулиллоҳ, ҳамаи мо мусулмонем, фарзу суннатҳои Исломро то кадре медонем ва риоя мекунем. Анъанаи гузаштаи халк, фарҳангу алаби ҳазорсолаи ниёгон дар алокамандӣ бо суннатхои Ислом густарии ёфтааст.

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994. – Душанбе: Ганҷ, 2016.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» аз 26 марти соли 2009. № 489 // Ахбори Мачлиси Оли Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2009, №3, мод. 82; 2011, №6, мод. 450.

Ҷумхурии мо ҳамчун кишваре, ки беш аз навад фоизи аҳолиаш мусулмон аст, ҳаргиз наметавонад суннатҳои Исломро пеши по занад. Баръакс, мо равобити тарафайнро бо давлатҳои мусулмони Шарқ торафт густариш дода, ҳамбастагии мазҳабӣ, таърихӣ ва фарҳангиро таквият мебахшем. Дар баробари ин, мо ба ҳамаи дину мазҳабҳое, ки дар ҷумҳурӣ пайравони худро доранд, имконияти озодона ва баробарҳуқуқ фаъолият карданро таъмин месозем»[1].

Аз мантиқи ин суханони сарвари давлат чунин натиҷа ҳосил мешавад, ки муносибати усулии давлати демократию дунявӣ ва ҳуқуқбунёди Тоҷикистон нисбат ба дин ҳеҷ эҳтиромона ва мусолиматомез буда, бо ин хусусияти худ аз муносибати душманонаю нобоваронаи мафкураи лар замони шӯравӣ ҳукмрони атеистӣ куллан фарқ мекунад.

Аз ин нуқтаи назар, даврони муосири истиқлолият даврони тақдид ва навсозии шуури динии мардуми мусулмони Тоҷикистон маҳсуб мешавад.

Дар навсозии шуури динии ҷомеи тоҷик, аз байн бурдани таассубу хурофот ва омилҳои қафқафторию ифротгароии динӣ пеш аз ҳама ташаббусу фидокориҳои фарзанди фарзонаи миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон саҳми бузург гузоштаанд. Маҳз бо ибтикори сарвари давлат ва талошҳои пайгиронаи ӯ тарафҳои мухолифи ҷанги шаҳрвандӣ оқибат бо ҳам сулҳу оштӣ намуда, соли 1997 дар шаҳри Маскав Паймони сулҳ ва ризояти миллиро имзо намуданд. Ҷашни сулҳи тоҷикон вокеае мебошад, ки дар таърихи ҷомеаи ҷаҳонӣ назири худро надорад ва аз ин рӯ мавриди тавҷуҳи бахрабарлории кишварҳои дигари ҷаҳон қарор гирифтааст. Хизматҳои беназири сарвари давлати Тоҷикистонро ҷомеаи ҷаҳонӣ қадрдонӣ намуда, номи ӯро дар феҳристи 500 нафар фарзанди барӯманд ва бонуфузи умматӣ исломӣ, ки ба ислом хизмати арзанда кардаанд, ворид намудааст.

Яке аз санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ки дар даврони истиқлолияти давлатӣ қабул шудааст ва барои тақдид ва навсозии

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Дин ва ҷомеа. Маҷмӯи суханронихо, очерку маколахо, табрикномахо. – Душанбе: Шарқи озод, 2013. – С. 14-15.

шуури динии аҳли ҷомеа накши муассир дорад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» мебошад[1]. Дар бораи натиҷаҳои мусбат ва фоидаҳои иҷтимоию иқтисодии татбиқи амалии қонуни мазкур, ки бо ибтикори сарвари давлат тасвиб шудааст, муҳаққиқону коршиносони тоҷик мақолаҳои зиёде навиштаанд[2].

Қонуни танзим дар баробари рафъи исрофкорию харочотхо зимни баргузории анъана ва ҷашну маросимҳои динию миллӣ ва кохиши камбизоатӣ, зимнан, дар решакан кардану аз байн бурдани унсурҳои хурофотию ифротӣ аз шуури динии аҳли ҷомеа, эҳёи фарҳанги таҳаммулпазирӣ ва мутобиқшавии арзишҳои динӣ бо арзишҳои дунявӣ ва давлатӣ низ мусоидат намуда истодааст. Яъне, мо мушоҳида мекунем, ки мардуми мусулмон дар баробари арҷ гузоштан ба арзишҳои динӣ ва риояи расму анъанаҳои динӣ, нисбат ба арзишҳои дунявию давлатӣ низ беэътино нестанд ва аз роҳи касби илму ҳунар, меҳнати ҳалол дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, мушорикати фаъолонаи иҷтимоию сиёсӣ дар ободонӣ ва рушди ҷамъиятию иқтисодии Тоҷикистон низ саҳми босазо мегузоранд.

Истиқлолияти давлатӣ барои рушди мактаби миллии давлатдорӣ ва интихоби озодонаи як модели муосири давлатӣ ва фарохам омадани заминаҳои устувори сиёсию ҳуқуқии давлати демократию дунявии ҳуқуқбунёд мусоидат намуд.

Сарвари давлат дар асари арзишманди худ «Уфуқҳои истиқлол» дар ин мавзӯъ андеша ронда, се нуктаи муҳимро таъкид кардаанд:

1. Дар солҳои нахустини озодшавии Тоҷикистон аз мафкураи мутлақгарои шӯравӣ баъзе куввахои муайяни хориҷӣ кӯшиш мекарданд, ки аз бесуботии сиёсию идеологии ҷомеа истифода бурда, дар Тоҷикистон мафкураи дигарро интишор диҳанд ва сохти давлатии худро дар кишвари мо барпо кунанд.

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» аз 8 июни соли 2007, № 272 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2007, №6, мод. 428; 2008, №6, мод. 448; 2010, №7, мод. 568.

[2] Нигр.: Макоми ва накши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар 4 ҷилд. Ҷ. 1. – Душанбе: Эр-Граф, 2016; Ҷ.2. – Душанбе: Эр-Граф, 2017; Ҷ. 3. – Душанбе: Эр-Граф, 2018; Ҷ. 4. – Душанбе: Эр - Граф, 2019.

Баъзе нерухои бетачрибаи сиёсии дохилй зери таъсири гояхои онхо сохтани як давлатеро, ки ба вокеияти Точикистони насошўравй, ба сатху тарзи тафаккури мардуми кишвар ва ба хусусиятхои равандхои сиёсию геополитикии минтака созгор нест, дастгирй карданд. Агар Точикистон ба ин варта фурў мерафт, мо харгиз аз гирдоби ихтилофоти акидавии дохилй ва низоъхои беохир бо кишвархои хамсоя ва чахони хорич берун намеомадем. Аз ин рў, интихоби тарзи давлатдории дунявй интихоби дуруст, огохона ва чиддии чомеаи Точикистон дар он рўзхои мушкил буд[1].

2. Бартарии низоми дунявии давлатдорй дар он аст, ки дунявият дар мукобили хеч мафкураи дигар карор намегирад ва ихтилофи идеологиро ба вучуд намеорад. Дунявият баробарй ва фаъолияти баробару яксони мафкурахои гуногунро дар назди конун таъмин намуда, намегузорад, ки як мафкура худро давлатй эълон намуда, пайравони мафкурахои дигарро зери фишор карор дихад.

3. Дар давраи фаъолияти Комиссияи оштии миллй баъзе нерухои сиёсй карор доданд, ки сохти дунявии давлатдориро хамчун сохти давлатии динситез тафсир намуда, бо ин васила мардуми мусулмони Точикистонро ба мукобили давлат карор диханд. Худуди 30 чаласаи Комиссияи оштии миллй бахсу мунозираи чонибхо дар атрофи масъалаи аз Конституцияи Точикистон бардоштани мафхуми «дунявй» доир шуд. Вале, чонибй Хукумати конунии Точикистонро намояндагикунадаи Комиссияи оштии миллй исрор дошт, ки интихоби гаърихии мардуми Точикистон бояд дар Конституцияи кишвар бокй монад, зеро сохти давлатдории дунявй харгиз мохияти зиддидинй надошта, баръакс, чихати рушди озодонаи дин ва татбики дурусти асли озодии виждон барои хамаи шахрвандон шароити мусоид фарохам меорад.

4. Дар баъзе доирахои чомеа бахсхои мафкуравй ва дохилидинй то хол идома меёбанд. Албатта, мунозирахои илмии акидатй як падидаи доимй ва то чое мусбат аст, вале вакте

[1] Эмомалй Рахмон. Уфукхои Истиклол. – Душанбе: Ганч, 2018. – С. 15-16.

фарханги чунин бахсхо риоя нашуда, он ба мухити мардуми одй кашида мешавад ва ё чонибхо ба мукобили хамдигар аз воситахои ахбори омма истифода менамоянд, он аз доираи бахси солими илмию акидатй берун рафта, мохияти харобиовар мегирад[1].

Дар вокеъ, ростй ва дурустии ин суханони пурхикмат ва дурандешонаи сарвари давлат дар бораи бартариҳои низоми дунявии давлатдорй хамчун низоми мутобиксозандаи мафкурахои гуногун, хамчун заминаи хукукию сиёсии таъминкунадаи фазои тахамуулупазирй ва гуногунфикрию гуногунмазхабй, дар зарфи 30 соли Истиклол собит шуда истодааст.

Дар Афғонистони хамсоя, ки имрўз толибон даъвои бунёди аморати исломй – яъне давлати мутлакгарои теократй мекунанд, махз адами сохти дунявии давлатдорй боиси хамаи чангу кашмакашхои дохилии нерухои гуногуни сиёсию диний шуда истодааст. Душманй ва адовати голибони мутассиб нисбат ба сохти дунявию демократии давлатдорй, мисли нобоварихои кисме аз рухониёни мусулмони точик нисбат ба ин усули дар таҷрибаи чахонии давлатдорй санчидашуда ва сайкалёфта, хеч асоси вокей надорад. На танхо Точикистону Ўзбекистон, балки Туркия, Индонезия, кишвархои дигари мусулмониро ном бурдан мумкин аст, ки дар онхо сохти дунявии давлатдорй хукмрон аст, аммо мусулмонон ва пайравони дину мазхабхои дигари он кишварҳо анъанаву маросимхои динии худро озодона ичро мекунанд. Аз ин рў, умед кардан мумкин аст, мардуми озодихохи Афғонистон, ки қаблан чанд сол зери хокимияти толибон зиста ва аз зулму ситами онхо ранчу азоб кашидаанд, фирефтаи макру дасисахо ва найрангхои сиёсии ин тоифаи чохилу мутассиб намешаванд ва барои баркарории сохти давлатдории демократй дастҷамъона мубориза бурда, намегузоранд, ки толибон ин кишварро аз нав ба зери асорату итоати як низоми тоталитарию теократй ва куллан бо арзишхои дунявияту демократия, ормонхо ва хукуку озодихои фитрию ичтимоии инсон мухолифу душман дароваранд.

[1] Эмомалй Рахмон. Уфукхои Истиклол. – Душанбе: Ганч, 2018. – С. 16-17.

Заминаи дигари ҳукукию ғоявии таҷдид ва навсозии шуури динии ҷомеа «Консепсияи сиёсати давлатии Тоҷикистон дар соҳаи дин» мебошад, ки 4 апрели соли 2018 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон кабул гардид.

Санади мазкур ба мақсади рафъи мушкилоту норавшанихои назариву амалие кабул шудааст, ки зимни татбики амалии усул ва меъёрҳои лар конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мукарраршудаи муносибати байни давлат ва иттиҳодияҳои динӣ ба вуҷуд омадаанд ва ҳанӯз ҳам вуҷуд доранд. Санади мазкур имконият медиҳад, ки фахмишу ифрои якхелаи мафҳумҳо ва меъёрҳои мукарраршуда таъмин карда шуда, душвориҳое, ки дар муносибати байни макомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои динӣ ва шахрвандон бо сабаби гуногунфахмии матолиби меъёрҳои ҳукукӣ ба вуҷуд омалаанд,бартараф карда шаванд.

Консепсияи мазкур ба мақсади пешгирии ворид шудани ғояву ақидаҳои хизбу харакатҳои исломии барои мухити динии Тоҷикистон нораво, ки моҳияти сиёсии таблиғотӣ дошта, сабаби дар ҷомеа ривоҷ ёфтани дидгоххои ифротию тундравона шуда метавонанд, нигаронида шудааст. Густариши фаъолияти ин чараёну равияҳои навпайдо арзишҳои аслии мазҳабӣ ва анъанавии мардуми Тоҷикистонро зери шубҳа ва хатар мегузорад, боиси пеш омадани тахдиди ҷиддӣ ба амнияти миллӣ ва суботу оромиши ҷомеа мегардад.

Сабаби дигари гасвиби ин Консепсия – зарурати ташкили заминаҳои ҳукукӣ ҷихати пешгирии фаъолияти таблиғотии равияҳои гуногуни хоричии ғайриисломӣ дар фазои динии Тоҷикистон мебошад. Ба андешаи муҳаққикону коршиносони масоили сиёсию ичтимой ва динӣ, миссионерҳои хориҷӣ мушкилоти муваққатии ичгимоиву иқгисодӣ ва фарҳангии мардумро сӯиистифода намуда, бо пеш гирифтани фаъолияти таблиғотӣ дар байни ахолӣ, тавассути истифодаи хавасмандкунии молию пулӣ, интишори адабиёти динию мазҳабӣ ва маводи электронӣ, видеоӣ ва шунавоии дорои хусусияти таблиғотӣ, дигар хиллаю найрангҳо ва усулҳои ҷанги итилоотию мафкуравӣ,

кишрҳои осебпазири ҷомеаро ба сафи худ ҷалб намуда, сабабгори ба вуҷуд омадани заминаҳои хусумату низоъҳои динию мазҳабӣ мешаванд.

Омили дигари дар ҷомеа барангехта шудани низоъ ва хусумати динӣ, ки Консепсияи мазкур барои бартараф кардани он мусоидат мекунад, бенизомии комил дар бозори адабиёти динӣ, паҳн гаштани таълимоти дорои хусусиёти ифротӣ дар байни наврасону ҷавонон мебошад. Косепсияи сиёсати давлатии Тоҷикистон дар соҳаи дин талаб мекунад, ки раванди воридот, табъу нашр, интишор, фурӯш ва паҳн намудани адабиёти динӣ, инчунин ашёву маводи таъиноти динӣ аз тарафи макомоти масъули давлатӣ ба танзим дароварда ва назорат карда шавад. Татбики амалии санади мазкур барои баста шудани ин канали интишори гояҳои ифротии динӣ ва аз байн бурдани хавфи шомилшавии ҷавонон ба гурухҳои экстремистӣ заминаи мусоиди ҳукукиро фарохам овард.

Омили дигаре, ки раванди муътадили таҷдиду навсозии шуури диниро халалдор намуда, аз тарафи дигар, сабаби вориди фазои динии кишвар шудани акидаҳои ифротӣ мешавад – таълими динии шахрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хоричи кишвар, алалхусус дар мадрасахои Ҷумҳурии исломии Покистон – макони аслии пайдоиш ва густариши «Толибон» ва аксарияти харакатҳои экремистию террористии муосири динии исломӣ маҳсуб мешавад.

Шуури динии аксарияти ҷавононе, ки дар мадрасахои Покистон таҳсил мекунанд, хоҳу нохоҳ аз таъсири захрогини ғояҳои ифротӣ зарар дида, бинобар ҳамин, ин гурухи аз лиҳози мафкуравӣ ва равонӣ осебдидаи ҷавонон ниёзманди табобати махсуси равоншизишкӣ, кӯмаку машварати олимони дин, ҳукукшиносон ва диншиносони ватанӣ мебошанд. Бояд зикр намуд, ки нас аз таъсиси Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми аъзам - Абӯҳанифа, ки ҳар сол садҳо нафар донишҷӯён оиро хатм мекунанд, барои ба Покистону Арабистони Саудӣ рафтан ва дар мадрасахои он кишварҳо дар баробари омӯхтани дин, бо акидаҳои ифротию барои мазҳаби

таҳаммулмеҳвари ханафӣ бегона шуури худро олуда кардани чавонони тоҷик аслан, хеҷ зарурати хатмӣ ва объективӣ вуҷуд надорад. Бо боварӣ метавон гуфт, ки Донишкадаи исломии Тоҷикистон тамоми ниёзхои ҷомеаро ба кадрхои соҳибмаълумоти дини пурра таъмин карда метавонад.

Дар фарҷоми ин гуфтори мухтасар метавон гуфт, татбики меъёрхои конститутсионӣ, Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии вичдон ва иттиҳодияҳои динӣ», Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимхо», Консепсияи сиёсати давлатии Тоҷикистон дар сохаи дин, санадхои дигари дар даврони Истиклол тасвибшуда таҷдиду навсозии шуури динии ҷомеа, аз байн бурдани тасссубу хурофот, бунёди фазои солим ва мусолиматомези таҳаммулпазирии динӣ, синтези арзишҳои динию дунявӣ, фарохам омадани асосҳои ғоявию мафкуравии рушди босуботи иктисодию ҷамъияти Тоҷикистон ва ноил шудан ба хадафхои стратегии давлати сохибистиклоли Тоҷикистонро кафолат медихад.

Чӣ тавре гаҳқиқи вазъи дин ва шуури динии ҷомеаи Тоҷикистон дар замони Истиқлолияти давлатӣ нишон медихад, давлати демократию дунявӣ ва ҳуқуқбунёди Тоҷикистон ба дин ҳамчун як рукни асосии фарҳанги миллӣ муносибат карда, дар бахшхои фарҳангӣ, маънавию ахлоқӣ ва иҷтимой бо созмону иттиҳодияҳои динӣ ҳамкорин наздик дорад ва барои таҷдиду навсозии шуури динии ҷомеа заминаҳо ва шароити мусоиди ҳуқуқиро фароҳам оварда истодааст.

Тибқи талаботи моддаи 8 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд. Инчунин, Конститутсияи Ҷумхурии Тоҷикистон таъсиси ҳизбҳои хусусияти миллӣ ва динидоштаро манъ намудааст, ки ногузирии меъёри мазкурро тачрибаи давлатдории миллии муосири точикон собит намудааст.

Далели дигари тасдиккунадаи дурустии сиёсати пешгирифтаи давлати Тоҷикистон дар соҳаи дин – вокеахои Афғонистони имрӯза мебошанд, ки пас аз истеъфои Ашраф Ғанӣ ва ба сари қудрат омадани толибони мутассибу зархарид ба вуқуъ

омада истодаанд. Толибон, ки даъвои баркарор кардани аморати исломӣ, яъне давлати мутлакгарои динӣ-теократиро доранд ва аслҳои демократию дунявии давлатдориро намепазиранд, ба мардуми афғон чизеро ба ҷуз дахшату ваҳшат ва зулму ситам, чаҳолату разолат ва зиндагии тираву тори асримиёнагӣ пешниҳод карда наметавонанд ва нахоҳанд кард. Онҳо на танҳо донишу тачриба ва фарҳангу маданияти замонавии давлатдорӣ надоранд, балки шуур ва дониши динии онҳо низ хеле заифу нокис ва моломол аз ифроту таассуб мебошад. Бинобар ҳамин, ин тоифа аз дарки мазмуни инсондӯстонаи таълимоти сарчашмахои ноби исломиро, ки дар онҳо куштани занону духтарон ва мардуми бегунох, ба тороҷ бурдани моли мардум шадидан маҳкум карда шудааст, очиз ва нотавон аст.

Танзими давлатӣ ва ҷамъиятии анъанаву маросимҳои динӣ, татбики принсипҳои дунявият ва чудогии дин аз давлат барои муътадил ва ба талаботу шароити иҷтимоию иктисодии Тоҷикистони сохибистиклол мусоид шудани равандҳои динӣ дар мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, давлати сохибистиклоли Тоҷикистон ба дин ҳамчун як унсур ва падидаи созандаи фарҳангӣ, як манбаи асили такомули ахлокию маънавии инсон муносибат намуда, барои дар чорчӯбаи қонун фаъолият намудани иттиҳодияҳои динӣ доимо таваҷҷӯҳ ва ғамхорӣ менамояд.

Дар давраи то зухури коронавирус, дар мамлакат 3952 иттиҳодияҳои динӣ, аз ҷумла, 3882 масҷиди ҷомеи марказӣ, ҷомеъ ва панҷвақта, 2 кумитаи рушди ҷамоатхонахои шиаи имомии исмоилӣ ва 1 ҷамоатхона ба ҳайси иттиҳодияхои динии исломӣ фаъолият мекарданд. Пас аз зухури ин пандемия, ба хотири ҳифзи саломатии мардум ва пешгирии сирояти ин беморӣ бархе аз масҷидҳо бо дархости Ситоди ҷумхуриявии ба ин мақсад таъсисдодашуда, муваққатан баста шуданд. Илова бар ин, дар кишвар намояндагони даххо дину мазҳабхои гуногуни кишвар имконият дода, ракобату зиддияти арзишхои динию дунявиро аз байн мебарад ва барои синтезу ҳамоҳангшавии онҳо мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, давлати сохибистиклоли Тоҷикистон ба дин ҳамчун як унсур ва падидаи созандаи фарҳангӣ, як манбаи асили такомули ахлокию маънавии инсон муносибат намуда, барои дар чорчӯбаи қонун фаъолият намудани иттиҳодияҳои динӣ доимо таваҷҷӯҳ ва ғамхорӣ менамояд.

Дар давраи то зухури коронавирус, дар мамлакат 3952 иттиҳодияҳои динӣ, аз ҷумла, 3882 масҷиди ҷомеи марказӣ, ҷомеъ ва панҷвақта, 2 кумитаи рушди ҷамоатхонахои шиаи имомии исмоилӣ ва 1 ҷамоатхона ба ҳайси иттиҳодияхои динии исломӣ фаъолият мекарданд. Пас аз зухури ин пандемия, ба хотири ҳифзи саломатии мардум ва пешгирии сирояти ин беморӣ бархе аз масҷидҳо бо дархости Ситоди ҷумхуриявии ба ин мақсад таъсисдодашуда, муваққатан баста шуданд. Илова бар ин, дар кишвар намояндагони даххо дину мазҳабхои гуногуни ғайриисломӣ озодона зиндагӣ мекунанд, ки 67 ташкилоти динии онҳо расман сабти ном шуда, фаъолият мебаранд.

Дар замони Истиклолияти давлатӣ Ҳукумати Тоҷикистон ба мақсади таҷдиду навсозии шуури динӣ ва рушди инкишофи фарҳанги исломии ҷомеа як силсила талбирҳо, аз ҷумла таҷлил намудани 1310-солагии Имоми Аъзам ва Соли бузургдошти ин шахсияти бузурги олами ислом эълон шудани соли 2009, баргузории ҳамоиши байналмилалии «Имоми Аъзам ва ҷаҳони муосир», маъракаҳои бузургдошти мутафаккирон ва шахсиятҳои бузурги динию фарҳангии миллати тоҷик, аз ҷумла Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Носири Хусрав, Абухомид Муҳаммади Ғазолӣ, Имом Бухорӣ, эҳёи ёдгорихои таърихии Ҳулбук, Кӯлоб, Истаравшан, Панҷакенту Ҳисорро ба анҷом расонид.

Илова бар ин, ҳамчун ҷашнҳои расмӣ таҷлил гардидани идҳои Рамазон ва Курбон, Сада ва Наврӯзу Мехргон, тарҷума ва нашри Қуръони мачид ба забони тоҷикӣ ҳамчун ҳадя ба ҳар хонадон, бунёди калонтарин масҷиди ҷомеъ дар шаҳри Душанбе, таъсиси муассисаи давлатии «Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», баргузории озмунҳои ҷумҳуриявии кориёни Қуръон, дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ҷорӣ шудани фанни таълимии «Таърихи дин ва монанди инҳо далели равшани таваҷҷуҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои дин ва арзишҳои динӣ ҳамчун яке аз рукнҳои асосии фарҳангу ҳувияти миллии тоҷикон мебошад.

Назорати раванди татбиқёбии санадҳои меёрию ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои динӣ ва фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ ба зиммаи Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуда, вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ҳуҷидоракунии шаҳрак ва деҳот ӯҳдадоранд, ки корҳои тарғиботиро ҷиҳати фаҳмондани моҳият ва мақсади санадҳои мазкур дар байни ҷомеа ба роҳ монанд.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, дар замони Истиклол бо ташаббус ва ибтикороти бевоситаи сарвари хирадманди давлати соҳибиқболи Тоҷикистон як силсила санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ

ба тасвиб расиданд, ки бевосита ба мақсади танзими равандҳои динӣ ва фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, қонеъ намудани талаботҳои динию ахлоқии ҷомеа нигаронида шуда, татбиқи онҳо барои таҷдид ва навсози шуури динии ҷомеа, пешгирӣ ва аз байн бурдани зуҳуроти ифротгарой ва таассубу хурофоти динӣ, таъмини рушди донишу маърифати динии мардум ва ҳамоҳанги арзишҳои лунявию давлатӣ шудани арзишҳои динӣ мусоидат намуда истодаааст.

Наботов Маҳмади Асомудинович,
мудири шуъбаи
пажӯҳиши ҳуқуқи исломӣ

ФАЗОИ МУСОИДИ СОҲИБКОРӢ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Ҳукумати Тоҷикистон барои таъмини заминаҳои ҳуқуқии рушди босуръати иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар таваҷҷӯҳи зиёде зоҳир менамояд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон (соли 2019) суръат бахшидан ба раванди саноатикунонӣ ва аз кишвари аграрӣ-саноатӣ ба кишвари индустриалӣ-аграрӣ табдил додани Тоҷикистонро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намуданд. Сарвари давлат ба шахсони мансабдор таъкид карданд, ки ҳангоми қабули қарорҳо ба масъалаи таъмини рушди истеҳсолоти саноатӣ афзалият дода шавад. Тибқи дастури сарвари давлат, то соли 2030 бояд ҳиссаи саноат дар ММД аз 17% то 22,3% зиёд карда шавад. Барои ноил шудан ба ин мақсад ба роҳбарони вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дастур дода шудааст, ки фаъолияти худро барои ҷалби сармояи мустақим, таъсиси корхонаҳои нави истеҳсолӣ, ба кор даровардани корхонаҳои ғайрифаъол ва ташкили ҷойҳои корӣ тақвият бахшанд[1]. Ба мақсади таҳкими бахшидан ба раванди санатикунонӣ сарвари давлат иродаи сиёсиро нишон дода, мораторияи дусоларо барои санҷишҳои фаъолияти истеҳсолӣ ҷорӣ карданд ва дастур доданд, ки ашёи хомро, ки барои коркард ба кишвар ворид карда мешавад, аз андоз ва ва боҷи гумрукӣ озод кунанд. Яке аз омилҳои муҳиме, ки барои ноил шудан ба рушди устувори иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистон мусоидат мекунад, навсозӣ ва такмилу таҳкими тамоми самтҳо ва ниҳодҳои фаъолияти иқтисодӣ, аз ҷумла, фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

[1] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 26 декабри соли 2019.

Аз таҷрибаи ҷаҳонӣ маълум аст, ки тиҷорати хурд дар рушди иқтисоди бозорӣ ва таъмини тавозуни байни самаранокии бозор ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ нақши калидӣ дорад. Дар кишварҳои пешрафта ба ташаккули фазои соҳибкорӣ диққати зиёд дода мешавад, ки инро маълумоти зерин тасдиқ мекунанд: шумораи корхонаҳои хурду миёна 80-90 фоизи шумораи умумии корхонаҳоро ташкил медиҳад; ҳаҷми истеҳсолот дар соҳаи тиҷорати хурд аз 33 то 66 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад; дар ин бахш 50-70% аҳолии фаъол кор мекунанд. Аз ин рӯ, барои ташкили фаъолияти пурсамари соҳибкорӣ дар Тоҷикистон, илова бар тадбирҳо ва чорабиниҳое, ки дар сатҳи давлатӣ андешида шудаанд, омӯзиш ва татбики асосҳои илмию назариявӣ ва усулу таҷрибаҳои амалии рушди соҳибкорӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллии кишвар хеле муҳим мебошад. Мубрамияти таҳқиқи ин мавзӯро вуҷуд доштани зарурати таҳияи асосҳои назариявӣ ва усулҳои эҷоди фазои мусоиди соҳибкорӣ ҳам дар саросари Тоҷикистон, ҳам дар шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳои ҷудогонаи ҷумҳурӣ собит менамояд. Дар вокеъ, таҳлили адабиёти илмии марбут ба фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки то ҳол асосҳои илмӣ-назариявӣ ва усулу равишҳои ташкил ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар кишвар ба таври кофӣ коркард нашудаанд. Алалхусус методҳои интихоби стратегияи рушди корхонаҳои хурд дар кишвар чандон ба таҷлил ва такмили ҷиддӣ ниёз доранд. Аз ин рӯ, дар мақолаи мазкур асосҳои назариявӣ-методии ташаккули фазои мусоид барои рушди фаъолияти соҳибкории хурд дар Тоҷикистон мухтасар таҳқиқ карда мешаванд.

Барои ларки дурусти мазмуни фаъолияти соҳибкорӣ, мо бояд дар партави адабиёти илмӣ мафҳумҳои «соҳибкор», «соҳибкорӣ» ва «фазои соҳибкорӣ»-ро равшан кунем. Бояд эътироф намуд, ки дар илми иқтисод ягон таърифи мушаххас ва барои ҳамагон мақбули мафҳуми «соҳибкор» вуҷуд надорад. Аммо, назарияҳои муайяне вуҷуд доранд, ки дар онҳо моҳият ва вазифаҳои соҳибкорӣ ифода ёфтаанд ва шарҳу тавзеҳ дода шудаанд. Тибқи андешаи олими рус Е.Я. Виттенберг, мавҷуд будан ё набудани фазои мусоиди соҳибкорӣ дар ҳар як дилхоҳ кишварро тавассути

як қатор индикаторҳо, масалан, содагӣ ё мураккабии шарту шароити кушодани корхонаи хурд, ҳачм ва шароити пардохти андоз, шароити карздиҳӣ ва маблағгузорӣ, фаъолияти мақомоти давлатии назораткунанда, шароити пайвастшавӣ бо инфрасохтор ва ғайра муайян кардан мумкин аст[1].

Мухимтарин шарти ташаккули шароити мусоиди сохибкорӣ дар ҳар кишвар – кафолати конститутсинӣ ва қонунии ҳуқуқ ба моликият мебошад. Ҳуқуқ ба моликият дар моддаи 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ифода ёфтааст: «Ҳар кас ҳуқуқ дорад соҳиби моликият ва мерос мебошад. Ҳеч кас ҳуқуқ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад…»[2]. Илова бар ин, соли 2014 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии сохибкорӣ» ба тасвиб расид, ки он муносибатҳои чамъиятиро вобаста ба ҳимоя, дастгирии давлатӣ ва рушди сохибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим намуда, кафолатҳои давлатии фаъолияти субъектҳои сохибкориро таъмин мекунад. Дар қонуни мазкур мафҳуми ***ҳимоя ва дастгирии давлатии сохибкорӣ*** чунин тафсир карда шудааст: «фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба татбики чорабинихои пешбининамудаи барномаҳои давлатӣ ва ҳудудии рушди сохибкорӣ равона карда шудаанд».[3] Санади мазкури меъёрӣ-ҳуқуқӣ барои ташаккули фазои мусоиди сохибкорӣ ва рушди кафолатноки фаъолияти сохибкорӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди кишвар мусоидат менамояд. Мутобики моддаи 21 қонуни мазкур, субъекти сохибкорӣ дорои хукуки моликият буда, он аз чониби давлат ҳимоя карда мешавад. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, сохибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқукии ҳамаи шаклҳои моликият, аз чумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад. Молу мулки субъекти сохибкориро барои эҳтиёчоти давлатӣ фақат дар асоси қонун ва розигии ӯ бо пардохти арзиши пурраш ё пешниҳоди молу мулки баробараризиш гирифтан мумкин аст. Товони зарари моддӣ ва маънавие, ки дар натичаи амали (беамалии) ғайриқонунии шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва дехот, ташкилотҳо, иттиҳодияҳои чамъиятӣ ва ё шахсони алохида ба субъекти сохибкорӣ расонида мешавад, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯёнида мешавад. Тибқи моддаи 32 ин қонун бошад, дахолат ва амали ғайриқонунии шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ, мақомоти ичроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти давлатии назоратӣ ва санҷишӣ, инчунин мақомоти ҳифзи ҳукук, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва дехот ба фаъолияти хочагидории субъекти сохибкорӣ манъ аст. Ба махдудкунии ҳукуқҳои субъекти сохибкорӣ барои иштирок дар харидҳои давлатии мол (кор, хизматрасонӣ) рох дода намешавад. Илова ба заминаҳои зикршудаи ҳукукӣ, ташаккули фазои мусоиди сохибкорӣ аз ҳачм ва шароити пардохти андозҳое, ки сохибкор ба ҳазинаи давлат месупорад, низ вобаста мебошад. Чӣ тавре ки дар боло таъкид гардид, дар айни замон замон ҳукумати кишвар барои рушди фаъолияти сохибкорӣ ғамхорӣ ва таваччӯҳ зоҳир намуда, ба ин мақсад барои гурухи муайяни субъектҳои сохибкорӣ, аз чумла, барои хочагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои хурде, ки ба истеҳсол ва коркарди саноатии махсулоти соҳаи кишоварзӣ машғуланд, инчунин, барои корхонаҳо ва ширкатҳое, ки молҳои мавриди ниёзи мардум, масолеҳи сохтмон, маводи дорувории истеҳсол мекунанд, як катор имтиёзҳо ва сабукихоро муқаррар кардааст. Қонуни мазкур, бешубҳа, барои рафъи хар гуна фишороварихо ва дахолатҳои ғайриқонунӣ, алалхусус, харгуна тафтишҳои ва санчишхои ғайринақшавӣ, ки азму иродаи сохибкоронро заиф сохта, ба фаъолияти рӯзмарраи корхонаҳо ва иттиҳодияҳои истеҳсолиро вайрону халалдор мекарданд, накши хеле муфидро ичро карда истодааст. Дар натичаи риоя ва татбики амалии санадҳои зикршуда, факат дар вилояти Суғд, тибқи маълумоти Маркази иттилоотиву тахлилии назди Ҳукумати вилояти Суғд, дар тӯли чор моҳи аввали соли

[1] Виттенберг Е.Я. Социальная ответственность российского бизнеса в условиях кризиса // Вестник института социологии РАН. – 2017. – № 20. С. 18

[2] Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994. – Душанбе: Ганч, 2016. – 48 с.

[3] Моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии сохибкорӣ» аз 26 июли соли 2014, № 1107 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2014, №7, к. 2, мод. 404; 2015, №3, мод. 216; Қонуни ҶТ аз 30.05.2017, №1436; аз 02.01.2020с., №1684

2019 33 корхонаҳои нави саноатӣ сохта ва ба истифода дода шуданд, ки дар онҳо 450 нафар шахрвандон бо ҷои корӣ таъмин шуданд. Дар ин корхонаҳо маҳсулоти гуногуни саноати сабук, маҳсулоти ғизой ва маводи сохтмонӣ истеҳсол карда мешаванд. Дар моҳҳои январ-апрели соли 2019 корхонаҳои саноатии вилояти Суғд ба маблағи 3,7 млрд сомонӣ (S392.3) маҳсулот истеҳсол намуданд, ки ин нишондод назар ба ҳамин давраи соли 2018 кариб 580 млн сомонӣ бештар мебошад.

Рушди соҳибкорӣ ва таъмини фазои мусоид барои ин навъи муфиди фаъолияти иҷтимоӣ дар Тоҷикистон на танҳо аз кобилият ва истеъдоди шахсии соҳибкор ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ, балки аз як катор шароити дигари объективӣ низ вобаста мебошад, ки фарохам овардани онҳо вазифаи таъхирнопазир мебошад.

Муҳаққиқон зимни таҳқиқ ва арзёбии фазои соҳибкорӣ дар худуди кишварҳои гуногун усулҳои гуногуни таҳқиқ ва арзёбиро истифода мебаранд. Ҳамаи ин таҳқиқот ва арзёбиҳоро тибқи мазмунашон ба чанд гурӯҳ тасниф кардан мумкин аст. Масалан, мутахассисон ва таҳлилгарони Бонки Ҷаҳонии Рушд зимни арзёбии омилҳои ташаккули фазои соҳибкорӣ шароити сармоягузориро муҳимтарин омили ташаккули фазои соҳибкорӣ шуморида, аз ин рӯ, ба таҳқиқи ин омил таваҷҷӯҳи аввалиндараҷа ҳоҳир мекунанд[1]. Аммо, мутахассисони Бонки Аврупоии Тараққиёт ва Рушд боварӣ доранд, бештар ба таҳқиқи шароити пешбурди тиҷорат ва арзёбии монеаҳое, ки дар ин самт мавҷуданд, диққат медиҳанд[2]. Як гурӯҳи муҳаққиқони рус зимни таҳқиқ ва арзёбии фазои сармоявӣ дар Русия равиши маҷмуавӣ (коомплексӣ)-ро ба кор бурдаанд[3].

Аз нуқтаи назари субъекти арзёбӣ бошад, муҳаққиқон истифодаи усулҳои зерини арзёбиро пешниҳод мекунанд:

1. Усули арзёбии фазои соҳибкорӣ дар сатҳи кишвар[1].

2. Усули арзёбии фазои соҳибкорӣ дар сатҳи вилоятҳо ва минтақаҳои алоҳида.

Инчунин, дар адабиёти илмӣ ва соҳавӣ усули арзёбии фазои соҳибкорӣ аз нуқтаи аназари иштирокчиёни бевоситаи фаъолияти соҳибкорӣ низ тасниф карда шудаанд:

1. Арзёбии фазои соҳибкорӣ аз тарафи фаъолони гурӯҳҳои соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ, соҳибкорон ва роҳбарони корхонаву иттиҳодияҳо.

2. Арзёбии фазои соҳибкорӣ аз ҷониби ашхоси қобили меҳнат, новобаста аз машғул будан ё набуданашон ба соҳибкорӣ.

3. Арзёбии фазои соҳибкорӣ аз ҷониби коршиносони мустақил.

4. Арзёбии фазои соҳибкорӣ аз ҷониби якчанд аудитория бо истифода аз равиши омехтаи арзёбӣ.

Фазои соҳибкорӣ дар хар як кишвар ё воҳидӣ –ҷуғрофиёӣ-худудӣ дар натиҷаи таъсири ду навъи омилҳо – объективӣ ва субъективӣ ташаккул меёбад. Омилҳои объективӣ – хусусиятҳои ҷуғрофиёии минтақа ё кишвар мебошанд. Ба ин навъи омилҳо, шароит ва захирахои табиӣ, таркиб ва сохтори аҳолӣ, мақоми минтақа ё кишвар дар низоми таксимоти ҷамъиятии меҳнат ва гайра дохил мешаванд. Омилҳои субъективӣ – фаъолияти мақсадноки сохторҳои давлатӣ мебошад, ки ба танзими фаъолияти иқтисодӣ дар кишвар ё минтақа нигаронида шудааст. Фазои соҳибкорӣ – шароиту имкониятҳои барои ҳамаи субъектҳои дар худуди минтақа ё кишвар фаъолияткунандаи соҳибкорӣ дастрасӣ ба ҳадафҳои соҳибкорӣ мебошад. Таъсири мутақобилаи омилҳои объективӣ ва субъективӣ вазъи соҳибкорӣ дар кишвар ё минтақаи алоҳида дар ин ё он давраи мушаххас ва тамоюлоти тағйирёбии минбаъдаи ин вазъро муайян мекунад.

---

1 World Bank. Project «Ведение бизнеса 2013». [Электронный ресурс] Режим доступа: http://russian.domgbusmess.org.

2 European Bank of Reconstruction and Development: [Электронный ресурс] Режим доступа: http://www.ebrd.com

3 Модельная программа улучшения инвестиционного климата в субъекте Российской Федерации / Сайт Министерства регионального развития РФ [Электронный ресурс] Режим доступа: http://www.minregion.ru/ exp_sovet/631.htmlf

1 Князева И.В., Бондаренко Н.В. Системная характеристика рейтингов, содержащих оценку предпринимательского и инвестиционного климата: место России. Вопросы управления. – 2014. – № 4 (10) – С. 101-114; Стародубровский В. Оценки предпринимательского климата в России. Экономическое развитие России. – 2013. – Т. 20. – №11. – С. 42-47; European Bank of Reconstruction and Development: [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.ebrd.com; World Bank. Project «Ведение бизнеса 2013». [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://russian.domgbusmess.org

Таъсири халкунандаро ба вазъи сохибкорӣ дар кишвар ё минтақаи алоҳида ҳадафҳои стратегии рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мерасонанд. Тибқи таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ, чунин ҳадафҳо мутобиқ ба вазъи геополтикӣ ва иқтисодӣ-ҷуғрофиёии кишвар ё минтақаи алоҳида таррохӣ ва амалӣ карда мешаванд. Вуҷуди минтақаҳои дохилӣ ва хориҷии стратегӣ, ки ба кишвар хизмат мерасонанд, дар навбати худ, талабот ба иогмгӯи муайяни молҳо ва хизматрасониҳоро ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ҳамаи сохаҳои иқтисоди кишвар барои ё ба таври мустақилона, ё аз тариқи ҳамкорӣ бо якдигар, конеъ намудани ин гуна талаботҳо мутобиқ кунонида шаванд.

Чуноне ки аз таҳлили адабиёти илмӣ-тахассусии марбут ба мавзӯи сохибкорӣ бармеояд, фазои сохибкорӣ муҳимтарин категорияеро муайян мекунад, ки он ларачаи шароити мусоидро барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии рушди фаъолияти иҷтимоию иқтисодӣ инъикос мекунад. Ин категория ҷолибияти кишвар барои сармоягузорӣ, яъне маҷмӯи омилҳои фарккунанда ва барои саромоягузорӣ ҷозиб дар кишвар мебошад. Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ барои ҳукумати ҳар як кишвар вазифаи муҳимтарин фарохам овардани шароити зарурӣ чихати таъмини фазои мусоиди сохибкорӣ ва рушди фаъолияти сохибкорӣ мебошад. Вуҷуди фазои мусоиди сохибкорӣ ва рушди фаъолияти сохибкорӣ дар навбати худ барои функсияҳои асосии иҷтимоия худро дуруст ва бомуваффақият анҷом додани сохибкорӣ, афзоиши ҳаҷми пардохти андоз ба буҷаи кишвар, рафъи камбизоатӣ, зиёд шудани даромади мехнатии аҳолӣ, фаровонии молу махсулоти ватанӣ, умуман, барои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат мекунад.

Муваффақияти ҳама гуна навъҳои фаъолияти сохибкории хурду миёна ва корхонавӣ иттиходияҳои хурди истехсолию саноатӣ аз шароите вобаста аст, ки дар мухити беруна, алалхусус, дар ноҳия ё минтақаи фаъолияти субъекти сохибкорӣ ё минтақаи чойгиршавии корхонаи саноатӣ хукмфармост. Аз ин рӯ, хар як сохибколр, пеш аз оғози фаъолияти иқтисодӣ бояд сатҳи фазои сохибкориро дар минтақае, ки корхонааш дар он чойгир аст, таҳлил намояд. Ин маънои онро дорад, ки вай бояд баҳо дихад то

чӣ андоза унсурҳои мухити корӣ ва бахусус чузъи институтсионалии он ба натиҷахои фаъолияти ӯ таъсири мусбат ё манфӣ мерасонад. Дар асоси чунин таҳлил, сохибкор рисолати иҷтимоию иқтсодии корхонаи худ, стратегия ва тактикаи татбики онро ташаккул медиҳад. Сохибкор махсусае бояд омиҳо ва мушкилоти гуногунеро, ки барои фаъолияти муназзаму самараноки корхонаи ӯ монеъ мешаванд, таваҷҷӯҳи ҷиддӣ зохир кунад. Ӯ бояд иқтидори стратегии корхонаи худро худро такмил диҳад, бо шарикони потенсиалӣ: истеъмолкунандагон, таъминкунандагон ва шарикони стратегии худ робита барқарор кунад.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки мутобики андешаи аксарияти муҳаққиқон, дар шароити муосири иқтисоди бозаргонӣ сохибкории хурд барои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар нақши мухим дорад. Дар воридоти андоз ба буҷети давлатӣ хиссаи корхонахои хурд хеле назаррас мебошад. Рушди сохибкории хурд барои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва таъмини суботи иқтисодӣ дар ҷомеа шароити мусоид фарохам меорад, зеро мухити ракобат рушд меёбад, ҷойҳои иловагии корӣ таъсис дода мешаванд ва бахши истеъмолӣ тавсеа меёбад. Аз ҷумлаи шароите, ки ба рушди сохибкории хурд таъсири мусбӣ мерасонанд, устувории снёсати давлатии иқтисодӣ ва иҷтимой, низоми имтиёзноки андозбандӣ, инфрасохтори рушдёфтаи дастгирии сохибкории хурд, мавҷудияти низоми муассири хифзи моликияти зеҳнӣ ва гапаккули механизмҳои рушди иқтисодиро зикр кардан мумкин аст, ки онхо дар маҷмӯъ барои баланд бардоштани дарачаи фаъолнокии сохибкорон мусоидат мекунанд.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки тамини заминахои хукукӣ ва фазои мусоиди сохибкорӣ барои рушди сохибкории хурд дар Тоҷикистон тамоми имкониятҳоро фарохам меорад.

иқтисодии мардуми кишвар, танзим намудани ҷашну маросимҳои миллӣ ва динӣ равона гардидааст, аз дастовардҳои бузурги даврони соҳибистиқлолии кишвар буда, имконияти хуби молию пулиро барои гузаронидани ҷашну маросимҳо дар байни аҳолии кишвар фароҳам овард. Агарчӣ қонуни мазкур ҳимояи манфиатҳои иҷтимоии мардуми Тоҷикистон, мусоидат барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва гирифтани пеши роҳи харочоти зиёдатӣ, ки ба манфиатҳои иқтисод ва фазои маънавии ҳаёти шаҳрвандон зарари ҷиддӣ ворид намуданро танзим намояд, вале татбиқи амалии он нишон дод, ки дар ин росто баъзе камбудиҳо низ вуҷуд дорад. Аз ин лиҳоз, соли 2017 бо пешниҳоду хулосаҳои мардуми кишвар ва мақомоти дахлдори соҳа ба қонуни мазкур тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки боиси бартараф намудани камбудиҳои соҳа ва фароҳам овардани имконияти хуб барои баргузории ҷашну маросимҳо дар чаҳорчӯбаи муайян гардид. Вобаста ба тартиби муайян ва ба танзим даровардани ҷашну маросимҳо дар хар як мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ комиссияи доимии маҳаллӣ таъсис дода шудааст. Таҳлилҳо дар соҳаи ба танзим даровардани хамагуна урфу одатҳои мардумӣ дар зарфи беш аз 10 сол нишон медиҳад, ки аксари анъанаҳое, ки хусусияти хурофотӣ доштанд, аз байн рафта, гузаронидани маъракаҳои азодорӣ тибқи талаботи шариат сурат гирифта истодаанд. Хулоса, қабули қонуни мазкур нишон медиҳад, ки вокеан баргузории маросимҳои миллӣ ва динӣ дар чаҳорчӯбаи муайян сурат гирифта, барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва ҳифзи арзишҳои миллию динӣ нақши муҳим бозидааст.

Тавре ки худ шоҳидем, солҳои охир чараёнҳои ифротӣ фазои динии кишварро, ки моҳияти таблиғотӣ доранд, ноором карда, идеяҳои гундгароёна ва маҳбкунандаро дар ҷомеаи имрӯза пахш карда истодаанд. Ин раванд боиси нигаронӣ ва таҳдидҳои ҷиддӣ гардида, амнияти миллии кишварро зери хатар мегузорад. Аз ин рӯ, зарурати қабули «Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин»[1] ба миён омад, ки мақсади асосии

[1] Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин аз 4.04.2018, № 1042.

қабули ин консепсия аз таъмини ҳуқуқи озодиҳои динии шаҳрвандон, рушди давлатдории миллӣ, эҳтиром ба тамоми дину мазҳабҳо ва густариши таҳаммулпазирӣ иборат буда, самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатиро дар соҳаи дин бо дар назардошти манфиатҳои миллӣ ба танзим медарорад. Танҳо баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ мардуми кишвар тавонистанд озодона пайравӣ ба дин ва ин ё он мазҳаб кунанд. Чун фисади зиёда аҳолии мамлакатро пайравони дини мубини Ислом ва мазҳаби ҳанафӣ ва қисми андак қисми онҳоро пайравони мазҳаби исмоилия ташкил медиҳанд, таъмини ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба динро ҳамагӣ кафолат доранд. Қабули чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ боис гашт, ки дар ҷумҳурӣ фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, беш аз сеҳазор масҷидҳои ҷомеи марказӣ, панҷвақта, ду кумитаи рушди ҷамоатхонаҳои шиаи исмоилӣ, як ҷамоатхона ба ҳайси иттиҳодҳои динии исломӣ фаъолият намуда, як қатор сохторҳои давлатӣ, мақомотҳои машварию маслиҳатӣ барои ҳамоҳангсозии ҳаёти динии мардум, омӯзиш, таҳқиқ, таҳлил ва пешгирии маводҳои динӣ ва баррасии масъалаҳои диншиносӣ ва исломшиносӣ таъсис дода шаванд. Мақомоти салоҳиятдор, ба монанди Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯрои уламои Маркази исломии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии «Маркази исломшиносӣ» дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтанд. Илова бар ин, соли 1997 Мадрасаи исломии ба номи Имом Тирмизӣ, соли 2007 Муассисаи давлатии таълимии Донишкадаи исломии Тоҷикистон расман таъсис ёфт. Ва аз соли 2009 ба муносибати соли бузургдошти пири мазҳаби ҳанафӣ Имоми Аъзам номи Муассисаи давлатии таълимии Донишкадаи исломии Тоҷикистон номи Имоми Аъзам -- Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собитро касб кард. Донишкадаи мазкур фаъолияти худро дар самти омода намудани мутахассисони соҳаи улуми шаръӣ, ҳадисшиносӣ, фиқҳи исломӣ, улуми қуръонӣ ва забону адабиёти араб ба роҳ монда буд. Ҳамзамон баъд аз мақоми давлатӣ гирифтан як зумра ихтисосҳои замонавӣ низ дар Донишкада роҳандозӣ гардид. Донишҷӯён илова ба омӯзиши фанҳои

ихтисосӣ технологияи муосир ва илмхон зарурияро меомӯзанд. Инчунин 30 майи соли 2018 Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Душанбе ба бунёди иншооти нави Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам, ки дар як баст метавонад 1500 донишҷӯро фаро гирад, санги асос гузоштанд.

Ҳамчунин бунёди иттиҳодияҳои динӣ, як қатор масҷидҳо, мадрасаҳо, инчунин бунёди масҷиди марказии шаҳри Душанбе барои 150 ҳазор нафар намозгузорон ифодагарӣ сохибистиқлолии давлату миллат мебошад. Мавриди ба зикр аст, ки бунёди масҷиди марказии ҷомеи шаҳри Душанбе бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардида, дар майдони 12 гектар иборат аз бинои мавзеъҳои намозгузорӣ, китобхона, осорхона, толорҳои маҷлисӣ бунёд гардид. Иншооти мазкур аз 4 манораи баландиаш 75 метра ва гумбази 47 метра иборат мебошад. Агар дар лаврони Шӯравӣ дар ҷумҳурӣ 17 адад масҷиди ҷомеъ фаъолият мекард, дар даврони сохибистиқлолӣ ба зиёда аз 3,5 ҳазор адад расидааст. Таъмир ва бунёди маконҳои мукаддас низ аз таваҷҷӯҳ ва дастгириҳои бевоситаи Пешвои миллат шаҳодат дода, барои таъмини мафкураи динии мардум замина гузошт.

Мақсад аз қабули қонунҳо дар соҳаи дин ва таъсиси сохторҳои болозикр аз ташаккули тафакури динии ҷомеа, пешгирии барангехтани кинаю адоват динӣ, падидаҳои номатлуби ифроттарой, ҳифзи арзишҳои миллӣ, эҳёи фарҳанги ҳулшиносии миллӣ, бунёди давлати дунявӣ, таъмини амнияти миллӣ, мақом ва нақши мухим доштани дин дар пешравии ҷомеа, таҳаммулпазирӣ, арҷ гузоштан ба мероси ниёгон ва анъанаҳои динию миллӣ иборат буда, дар таҳким бахшидани давлатдории миллӣ нақши калидӣ доранд.

Танҳо истиқлолияти давлатӣ имконият фароҳам овард, ки мавқеъ ва нақши дини Ислом дар фарҳанги миллӣ ва ҷаҳони муосир, алокамандии мероси исломӣ бо фарҳанги миллӣ, аҳамияти таърихӣ ва амалӣ доштани мазҳабҳои фиқҳӣ дар ҷомеаи исломӣ, нақши таърихӣ ва амалӣ доштани намояндагони дин дар

ҷомеаи муосир муайян гардад. Агар зиёраткунандагони хонаи Худо дар замони Шӯравӣ соле як ё ду нафарро ташкил медод, дар даврони сохибистиқлолӣ соле беш аз панҷ ҳазор нафар зиёраткунандагонро ташкил медиҳад. Маҳз бо шарофати истиқлол осори гаронарзиши динии мо тарҷума, баргардон ва нашр гардиданд. Бо ибтикори Пешвои миллат Қуръони карим ба забони тоҷикӣ бо теъдоди 300 ҳазор нусха тарҷума ва нашр гардид, ки ба мардум ба таври ройгон таксим карда шуд. Ин тарҷумаи каломи Раббонӣ бар асоси тарҷумаи «Ҷомеъ-ул-баён ъан таъвил-ил-Қуръон»-и Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ машҳур ба «Тафсири Табарӣ», «Тафсири Ҳусайнӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, тарҷуман «Фатҳу-р-Раҳмон фӣ тарҷумати-л-Қуръон» анҷом ёфтааст. Инчунин як идда донишмандони дигар ба тарҷума ва тафсири Қуръони карим пардохта, дар партави он асарҳои зиёди илмию динӣ навиштанд, аз ҷумла домулло Абуаломулдини Хуҷандӣ тафсире бо номи «Тафсири осонбаён» бо забони содаю фасеҳ навишт. Донишмандони дигар ба монанди Мирзохусайн Бадалпур, Идибек Зиёев, Шерзод Абдуллозода ва дигарон ба омӯзиши паҳлуҳои гуногуни Қуръон пардохта, асарҳои илмии зиёде ба чоп расониданд. Аз ҷумла, «Мукаддимаи қуръоншиносӣ»-и М. Бадалпур, «Қуръоншиносӣ»-и Зиёев И. «Фалсафаи Қуръон»-и Ш. Абдуллозода ва ғайраҳо. Илова бар ин, бо мақсади дуруст тиловат кардани Қуръони карим як идда китобҳо дар илми таҷвид ба вуҷуд омад, ки машҳуртарини онҳо «Таҷвиди Қуръон»-и Наҷотзода Мутеуллоҳ маҳсуб мегардад. Дар мавриди омӯзиш ва нашри ҳадисҳои паёмбари Ислом низ дар замони истиқлол хело корҳои назаррас анҷом ёфтааст, аз қабили, «Мухтасари Саҳеҳи Бухорӣ» аз тарафи институти Шарқшиносии Академияи миллии илмҳо, «Саҳеҳи Муслим» тарҷума ва нашр гардид.

Ҳамчунин асарҳои зиёде дар мавриди шарҳи ҳадисҳои паёмбари Ислом рӯи чоп омад, ки овардани ҳамаи онҳо ғайри имкон аст. Ҳадисҳои паёмбар дар асоси «ал-Ҷомеу-с-саҳеҳи Бухорӣ», «ал-Ҷомеу-с-саҳеҳи Муслим» тарҷума ва нашр шуданд. Хоссатан «ал-Ҷомеу-с-саҳеҳи Бухорӣ» дар шакли мухтасар дар се ҷилд борҳо нашр гардид. Инчунин аз ҷониби як идда

Исоев Насимҷон Саиднуриддинович,
мутахассиси пешбари
шуъбаи пажӯҳиши маъхазҳои исломӣ

ДАСТОВАРДҲОИ СОҲАИ ИЛМ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Дар марҳалаи аввали Истиклолияти давлатӣ дар самти ташкил ва истифодаи самараноки илм низ масъалаҳои ҳалталаби зиёде ба миён омаданд. Бо назардошти ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввал дар баробари амалӣ намудани тадбирҳо дар самти ба эътидол овардани вазъи сиёсии кишвар, ҳомӯш сохтани ҷанги шаҳрвандӣ, баркарор кардани фаъолияти сохтору макомоти фаҷғардидаи ҳокимияти давлатӣ, ҷиҳати таҳким бахшидан ва давра ба давра фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ чорабинӣ судманд андешида, дар ин самт таъмиру баркарорсозии муасисаҳои илмиро оғоз намуд.

Дар як мудати кӯтоҳ бисёре аз муассисаҳои илмӣ аз нав таъмир шуда, пояи моддию техникии онҳо баркарор гардид. Барои кадрҳои илмӣ шароит муҳайё гардид, ки ба таҳқиқоти илмӣ машғул шаванд ва масъалаҳои ҳаётан муҳимро мавриди пажӯҳиш қарор диҳанд.

«Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба неруҳои аклонии мамлакат, махсусан, ба рушди илму маориф, тарбияи насли нави соҳиби дониш маърифати баланд таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, дар ҳалли масоили муҳими ҳаёти сиёсивву иқтисодӣ ва ичтимоиву фарҳангӣ хулосаҳои илмӣ, донишу малака ва дархосту пешниходоти онҳоро мавриди истифода қарор медод»[1].

Мушоҳида ва таҳлилҳо собит месозанд, ки сарфи назар аз мушкилот дар ин давра барои рушди босуботи илм ва маориф, ба

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Ӯфуқҳои Истиклол. – Душанбе: Ганч, 2018. – 436 с.

рох мондани технологияҳои муосир бо истифода аз неруи илмии ҷумҳурӣ, аз дастовардҳои олимони Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва академияҳои соҳавию мактабҳои олӣ бахри дар истеҳсолоти ватанӣ ҷори намудани дастовардҳои олимони тоҷик корҳои муайян ба анҷом расонида шудаанд. Метавон гуфт, ки имрӯз таффакури техникӣ, технологияи муосир ва ҷаҳонбинии иттилоотӣ ба омилҳои мухим ва пешбарандаи иқтисодиёт ва ояндаи ҷомеа табдил ёфтаанд. «Ҷиҳати сохиб шудан ба макоми арзанда дар арсаи ҷаҳонӣ ҳар як шаҳрванди ҷумҳуриро зарур аст, ки фаъолияти худро бо назардошти талаботи замони муосир ба рох монда, тамоми имкониятҳоро бахри тарбия ва ба камол расонидани насли бофарҳангу ватанпарвар, ворисони арзандаи сарзамини аҷдодӣ, инчунин, тайёр кардани кадрҳои соҳибмаърифату баландихтисоси чавобгӯйи замони муосир равона созад»[1].

Бо максади рухбаланд гардонидани олимон ва дастгирии соҳаи илм новобаста ба мушкилоти снёсию иқтисодӣ соли 1996 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Академияи илмҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо олимони кишвар мулоқот доир намуд, ки ин вохӯрӣ барои доираҳои илмии мамлакат барномаи мукаммали фаъолият гардид. Дар ин вохӯрӣ ва суҳбати ошкоро бо донишмандон масъалаҳои мушкилоти соҳаи илм ва муассисаҳои илмию тадқиқотиро дар давраи гузариш ва роҳҳои ҳаллу фасли мушкилоти мавҷудаи соҳаи мазкурро мавриди баррасӣ карор дода, нақши тақдирсози илм ва неруи зехниву ақлонии ҷумҳуриро дар рушду пешрафти минбаъдаи иқтисоду фарҳанг ва ташаккули тафаккури созандаю ватандӯстонаи шаҳрвандон муҳим арзёбӣ гардид.

Яке аз вазифаҳои мубрам ва муҳиме,ки дар назди роҳбарияти Академияи миллии илмҳо ҳамчун муассисаи пешбари ин соҳа ва инчунин, тамоми олимон гузошта шуд, мутобиқ намудани илм ба шароити нав ва тибқи талаботи хаёти

[1] Аз Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Истиклолияти давлатии Тоҷикистон.

иқтисодӣ ва моддию маънавии ҷумҳурӣ ба рох мондани фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ махсуб меёфт, зеро аксари алокамандони илм медонанд, ки асри XXI асри рушди босуръати илму техника ва технологияхои нав, зухури уфукхои нави илм ва таҳаввулоти чиддии илмию техникӣ мебошад. Аз ин рӯ, даъват ба амал оварда шуд, ки олимону кормандони Академияи миллии илмхо, муассисахои тадкикотӣ ва мактабҳои олии ҷумҳурӣ дар самти пажӯҳиш, тарбияи мутахассисон ва кадрҳои илмӣ чорахои зарурӣ андешида, баҳри баланд бардоштани сатҳу сифат ва фаъолияти пурсамари илмӣ аз ҳамаи имкониятхо самаранок истифода намоянд.

«Имрӯз илм, бешубҳа, ба як рукни муҳими иҷтимоӣ, ба манбаи арзишманд, неруи истеҳсолкунанда ва сарвати бебахои зиндагии башар табдил ёфтааст ва дар ин замина ҳаёт ва пешрафти ҷахони муосир такозо менамояд, ки хар як шахс дар чомеа бояд соҳиби лонишу маърифат ва касбу ҳунар бошад»[1].

Ин иқдоми роҳбари давлат талаби замони нав мебошад, зеро дар ибтидои асри XXI миллати тоҷик ба иқтисоду истеҳсолоти замонавии чавобгӯ ба манфиатҳои давлатдории миллӣ, татбики дастовардҳои тамаддуни башарӣ ва илму технологияи нав, насли дорои тафаккури созанда ва донишу ҷаҳонбинии муосир, ки барои рушду ободии ояндаи Тоҷикистони соҳибистиклол содикона хизмат намояд, эҳтиёҷ дорад. Аз ҷониби Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ -- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид гардид, ки Дар амалӣ намудани ин мақсаду вазифаҳо, пеш аз ҳама, бояд Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва академияҳои соҳавӣ сахмгузор, рахнамо ва пешсаф бошанд.

Дар ин давра барои ташкил, идора ва истифодаи самараноки илм ва захираи зеҳнии ҷумҳурӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» (соли 1998), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 2002) ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Шӯрои

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Уфукҳои Истиклол - Душанбе: Ганч, 2018. - 436 с.

ҳамохангсозии корҳои илмию тадқиқотӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, техникӣ, тиббӣ, гуманитарӣ ва ҷамъиятӣ» (аз 18 июли соли 1996), «Дар бораи таъсиси Комиссияи аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию педагогии таҳассуси олӣ» (аз 1 сентябри соли 1997), «Дар бораи ислоҳоти низоми маблағгузории илм» аз 22 августи соли 1997, «Дар бораи Консепсияи сиёсати давлатии илмию техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 15 марти соли 1999 ва «Дар бораи тасдиқ намудани тартиби аккредитатсияи давлатии муассисахои илмӣ» (аз 3 феврали соли 2000) қабул гардиданд, ки барои танзими фаъолияти илмӣ дар ҷумҳурӣ хеле муҳим буданд.

Қабул гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикршуда барои марҳалаи аввали ислоҳоти соҳаи илм дар ҷумҳурӣ, ки то соли 2000-умро дар бар мегирад, дар самти ташкил ва идоракунии илм ва муассисахои илмӣ, ҳамохангсозии мавзӯъҳои илмию тадқиқотие, ки аз ҳисоби давлат маблағгузорӣ шуда, дар муассисахои илмию тадқиқотӣ ва кафедрахои мактабҳои олӣ ба анҷом расонда мешуданд, низоми нави маблағгузории соҳаи илм, аз аттестатсияи гузаронидани кадрҳои илмӣ ва илмию педагогии таҳассуси олӣ, ки дар кишварҳои гуногун рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ ҳимоя намудаанд, тартиби аз аккредитатсияи давлатӣ гузаронидани муассисахои илмӣ ва инчунин, консепсияи сиёсати давлатӣ барои рушди минбаъдан илму техника дар шароити Истиклолияти давлатӣ мусоидат намуданд. Дар заминаи ин санадҳо муассисахои илмию тадқиқотӣ ва мактабҳои олӣ тадричан ба равандҳои нав мутобик гардида, барои рушди устувор ва пешрафти мамлакат дар самтҳои гуногуни ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии ҷумҳурӣ саҳми худро гузоштанд.

Барои ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати мақсаднок ва ҳадафмандро доир ба тарбияи мутахассисону кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ пеш гирифта, ҷихати таъмини намудани талаботи муассисахои илмӣ, мактабҳои олӣ корхонахои саноатӣ ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат тадбирҳои зарурироро амалӣ намуд.

Роҳбарияти давлату Ҳукумати кишвар дар ҳамон солҳо хуб эҳсос менамуданд, ки дар замони муосир рақобатпазирии давлатҳо бештар аз рӯи имкониятҳои онҳо дар ташаккули чомеаи иттилоотӣ, ки донишҳои навро тавлид ва самаранок амалӣ месозанд, мукаррар мегардад. Дар ин раванд илму дониш ба сохаи мухиме табдил меёбад, ки барои пешрафти тамоми сохаҳои хаёти чамъиятӣ мусоидат менамояд ва мехнати фикрӣ, омили мухимтарини рушди устувор ва амнияти хар як кишвар ба ҳисоб меравад. «Аз ин рӯ неруи зехнии чомеа дар чаҳони муосир ба ченаки муҳим ва муайянкунандаи рушд табдил ёфта, заиф гардидани он дар мадди аввал ба амният ва истиклолияти кишварҳо таъсир мерасонад»[1].

Бо ин мақсад Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди муассисаҳои илмию тадкикотӣ, марказҳои илмии мактабҳои Олиро зиёд намуда, барои кормандони илмӣ ва олимон шароити хубтар муҳайё гардид. Дар баробари ин, чиҳати омода кардани ашхоси дорои дарачаю унвонҳои илмӣ, аз чумла номзад ва докторҳои илм, профессору академикҳо гадбирҳои иловагиро рохандозӣ намуд. Аз ин рӯ, дар назди Ҳукумати ҷумҳурӣ зарурати таҳия ва қабули барномаи махсус оид ба тарбияи кадрҳои илмӣ пеш омад.

Бо назардошти вазъи мавчуда карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдики Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015» қабул гардид.

Мавриди зикр аст, ки имрӯз на танҳо муассисаҳои илмӣ ва мактабҳои олии ҷумҳурии мо, балки тамоми пажӯҳишгоҳҳо ва озмоишгоҳҳои илмии олам аз нарасидани олимону мутахассисон танкисӣ мекашанд ва бахри ҷалби «зехнҳо» миёни кишварҳо рақобати ҷиддие вуҷуд дорад. Омӯзиши масъалаи мазкур собит намуд, ки заиф гардидани неруи зехнӣ дар ҷумҳурии мо бо мушкилоти дар ин самт доштаи кишварҳои хориҷ низ умумиятҳо дошта, ҳамзамон, хусусиятҳои хоси худро дорад,ки дар барномаи мазкур роҳу василаҳои бартараф сохтани ин мушкилот байён

[1] Эмомалӣ Рахмон. Уфуқҳои Истиклол – Душанбе: Ганч, 2018. – 436 с.

ёфтаанд. Дигар, ин ки Ҷаноби Олӣ дар масъалаи илму маориф низ хеле бамаврид кайд карданд: «Дар баробари ғамхорихои давлат ба сохаи маориф вазифаи мукаддаси падару модарон, роҳбарону кормандони сохаи маориф, инчунин зиёиён ва ахли чомеа аз он иборат аст, ки бо роҳи баланд бардоштани сатҳ ва сифати таълиму тарбия, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои насли наврас ҳамчун давомдиҳандагони кору фаъолияти насли имрӯза саҳми арзандаи инсонӣ ва ватандӯстонаи худро гузоранд»[1].

Иқдомоти саривактӣ доир ба дастгирии олимони ҷавон ва аспирантону унвончӯён, аз қабили таъсиси стипендияҳои президентиву чоизаҳо, баланд бардоштани стипендия ва таъсиси хобгоҳи махсус барои аспирантон ва ғайра боиси дилгармӣ ва ҳавасмандии олимони ҷавон ба ин касби пурмашаққат ва пурифтихор гардид. Чунончи, баъд аз ин иқдомоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди қабул ба аспирантура аз рӯйи ҳамаи ихтисосҳо рӯ ба афзоиш овард. Масалан, имрӯз қабул ба аспирантураи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мукоиса ба соли 2001 ду маротиба афзуд. Дар мачмӯъ, дар соли 1992 теъдоди аспирантҳо дар муассисахои гуногуни илмии Ҷумҳурӣ 500 нафар буд ва ин рақам дар соли 2000-ум ба 839 ва дар соли 2016 ба 1378 нафар расид. Бояд гуфт, ки ин шумора сол ба сол рӯ ба зиёдшавӣ аст.

Илм дар шароити муосир накши калидӣ дошта, ба рушду тараккиёти давлат мусоидат менамояд. Дар кишвари мо дар шароити рушди илмҳои бунёдӣ муҳим ва афзалиятнок буда, пешбурди корҳои илмию тадкикотӣ вазифаи аввалиндарачаи олимони ин соҳа ба шумор меравад, ки он бехбудии чиддӣ мехоҳад. Аз ин рӯ, дар паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба Мачлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади бехтар намудани натичаи корҳои илмию тадкикотӣ дар ин самт ва истифодаи амалии онҳо дар рушди

[1] Аз Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба муносибати 17-умин солгарди Истиклолияти давлатии Тоҷикистон.

истеҳсолоти ватанӣ пешниҳод карда шуд, ки дар сохтори Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маркази таҳқиқоти технологияи инноватсионӣ таъсис дода шавад, донишмандони техникаю технология, ҷавонони болаёқат ва ихтироъкор ба корҳои илмию пажӯҳишӣ ҷалб карда шуд.

«Таҳқиқоти амиқи илмӣ дар соҳаи муайян аз назари уфуқӣ ва амуди мавзӯоти баррасишаванда, чӣ дар шакли «мушоҳида», «тасниф», «таҳқиқоти таҷрибавӣ», «шарҳи назариявии ҳодисаҳои табиӣ», чӣ дар шакли «ҷараёни кашфи ҳақиқат ва дарки ҳақиқат» ва чи дар шакли «олати одаму оламшиносӣ бо тафаккури интиқодӣ» на танҳо дастоварди илми муайян аст, вай ҳамчунин заҳмати содиконаи аҳли илм як шакли шукргузории олимон ба давлату милат аст. Маҳз дастовардҳои илмӣ шаҳодати садоқати олим ба соҳибихтиёрӣ ва миллати хеш аст»[1].

«Агар ин таъкидотҳои Президентро аҳли ҷомеа сармашқи кори худ қарор диҳанд мо ҳеҷ сари тарс аз ҳаракату ҷараёнҳои номатлуби динӣ ва сиёсӣ надорем. Чунки ҷалби дурусти ҷавонон ба илму дониш, ба варзиш,санъат ва меҳнат вазъи маънавӣ, фарҳангӣ ва ҷисмонии насли наврасро ҳамчун насли эҷодкору созанда бехтар намуда имконияти ҷалби онҳоро ба ҳаракатҳои ноҷо маҳдуд месозад»[2].

Натиҷаҳои илмии дар замони Истиқлолияти давлатӣ бадастовардаи олимони кишварамон аз устувор шудани мавқеи илм ва нақши он дар иқтисодиёт, иҷтимоиёт, маориф ва фарҳанги ҷумҳурӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Дар маҷмӯъ, дар замони Истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 70 санади муҳими давлатӣ доир ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи илму техника ва тарбияи кадрҳои илмӣ қабул гардида, айни ҳол дар ин самт бо зиёда аз 30 кишвари хориҷаи наздик ва дур, аз қабили, ИМА, Олмон, Фаронса, Юнон, Лаҳистон, Чин, Ҷопон, Словения, Хорватия, Исроил, Эрон, Покистон ва ғайра ҳамкориҳои судманд

[1] Холиқзода А.Г. Мафкураи миллӣ ва ҳуқуқ. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 588 с.
[2] Холиқзода А.Г. Пешво ва оини давлатсозӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – 472 с.

ба роҳ монда шудаанд. Муҳим будани қабули санадҳои мазкур, пеш аз ҳама, аз он бармеояд, ки илми асри XXI дар ҳалли масъалаҳои рушди устувори иқтисоди ҷаҳон, кашфи кайҳон, ҳалли мушкилоти глобалӣ, аз қабили камбизоатӣ, хароб гардидани муҳити зист, амният дар соҳаи озуқаворӣ ва таъмини аҳолии кураи замин бо оби ошомиданӣ ва хусусан, масоили рушди инсон нақши муҳим ва бориз мегузорад. Яъне ҳалли тамоми мушкилоти замони муосир дар мадди аввал бар дӯши илм вогузор аст ва ин вазифаи барои тамоми сайёра муҳим бидуни ҳамкорихои байналмилалӣ, истифода аз дастовардҳои кишварҳои гуногун, бе муттаҳид намудани нерухои зеҳнӣ ва ақлони башарият аз имкон берун аст. Маҳз ҳамкорихо ва тадқиқоти муштараки илмӣ, нашр ва дастрас гардондани натиҷаҳои пажӯҳиш ва адабиёти илмӣ, мубодилаи иттилооти илмӣ ва мутахассисон метавонад илмро ба аслиҳаи муҳимми ҳалли мушкилоти мавҷудаи ҷаҳони муосир табдил диҳад ва маҳз тавассути ин хамкорихо олимони тоҷик имкон пайдо мекунанд, ки дар ҳалли мушкилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаҳон саҳмгузор бошанд.

Олимони варзидан Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, академияи сохавӣ ва мактабҳои олии ҷумҳурӣ дар соҳаҳои гуногуни илм: математика, физика, астрофизика, зилзилашиносӣ, геология, гидроэнергетика, экология, биология, таъриҳ, фалсафа, филология, шарқшиносӣ, иқтисодиёт ва демография натиҷаҳои муҳими илмӣ ба даст оварданд.

Дар айни замон диққати донишмандон ва муҳаққиқони муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ ба тадқиқу омӯзиши масъалаҳои илмию техникӣ аз рӯйи самтҳои афзалиятноки барои ҷумҳурӣ муҳим, мисли рушди гидроэнергетика; истифодаи манбаъҳои ғайрианъанавии аз устувори захираҳои об, истифодаи комплексӣ ва нигоҳи экологӣ тозаи баркароршавандаи энергия, коркарди технологияҳои коркарди дубораи алюминий ва истеҳсоли маснуоти тайёр; мониторинги ҳолати сейсмологӣ дар мамлакат, усулҳои пешгӯйи кардани заминҷунбӣ, баҳодиҳии хатари

сейсмикӣ дар ҳудуди шаҳрҳо ва маҳалҳои аҳолинишин, минтақаи сохтмони корхонаҳои калони саноатӣ ва иншооти гидротехникӣ, мониторинги радиатсионӣ ва амнияти радиатсионии аҳолӣ ва муҳити зист, тадқиқоти комплексии гуногуншаклии биологии олами набототу ҳайвонот, генефонд, захираҳои биологӣ ва ғайра равона карда шудааст.

Хулоса, бояд, ки мо тамоми фаъолияту саъю талоши худро бар он равона кунем, ки пеш аз ҳама, ба ҳифзи сулҳу субот, Ваҳдати миллӣ, ҳимояи Истиқлолияти давлатӣ ва дастовардҳои халқи тоҷик равона гардида, таҳкими иқтидори иқтисодии мамлакат, фароҳам овардани шароити боз ҳам бехтари зиндагии аҳолӣ ва дар арсаи байналмилалӣ баланд бардоштани обрӯйи Ватани маҳбубамон – Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои аввалиндараҷаи мо ба шумор мераванд.

Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо зикр кардаанд, ки ба хотири ноил шудан ба ин ҳадафҳои олӣ моро зарур аст, ки барои боз ҳам ободу зебо гардонидани Ватани азизамон содиқона заҳмат кашем, корҳои бунёдкорию созандагӣ, дигаргуниҳои иқтисодию ичтимоиро ба роҳ монда, соҳибкорию сармоягузориро неру бахшем ва ҳарчи бештар ҷойҳои нави корӣ фароҳам оварда, самаранокии идоракунии давлатиро таъмин созем[1].

Истиқлолияти давлатӣ ва озодӣ барои мо муқаддастарин ва бузургтарин неъмат мебошанд, ки тамоми дастовардҳои мо аз онҳо вобастаанд. Аз ин рӯ, ҳифзи Озодию Истиқлолият ва манфиатҳои миллию давлатӣ муҳимтарини ҳар як фарди бо нангу номус, ватандӯсту ватанпарвар ва худшиносу худогоҳи ин сарзамин мебошад.

Акнун давран гузариш ба анҷом расид ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аз марҳалаи эҳёву баркарорсозӣ ба марҳалаи рушди устувор қадам гузоштааст. Албатта, дар ин марҳала низ мушкилоти чиддие пешорӯйи мо хоҳад буд, вале бо вуҷуди ин,

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои Истиқлол. – Душанбе: Ганч, 2018. – 436 с.

мо тамоми шароит ва имкониятро барои ҳаракат ба сӯйи рушди устувор дорем. Мухимтар аз ҳама, барои оғози чунин марҳалаи тақдирсоз боварӣ, эътимод ва иродаи қавии ҳар як шаҳрванд лозим аст.

Бувад фархунда истиқлолат, эй дӯст,
Шавад пояндатар иқболат, эй дӯст.
Расидӣ бар муродат миллати ман,
Муборак, ин мубораксолат, эй дӯст!

Озармеҳр

сейсмикӣ дар ҳудуди шаҳрҳо ва маҳалҳои аҳолинишин, минтақаи сохтмони корхонаҳои калони саноатӣ ва иншооти гидротехникӣ, мониторинги радиатсионӣ ва амнияти радиатсионии аҳолӣ ва муҳити зист, тадқиқоти комплексии гуногуншаклии биологии олами набототу хайвонот, генефонд, захираҳои биологӣ ва ғайра равона карда шудааст.

Хулоса, бояд, ки мо тамоми фаъолияту саъю талоши худро бар он равона кунем, ки пеш аз ҳама, ба ҳифзи сулҳу субот, Ваҳдати миллӣ, ҳимояи Истиқлолияти давлатӣ ва дастовардҳои халқи тоҷик равона гардида, таҳкими иқтидори иқтисодии мамлакат, фарохам овардани шароити боз ҳам бехтари зиндагии аҳолӣ ва дар арсаи байналмилалӣ баланд бардоштани обрӯйи Ватани маҳбубамон – Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои аввалиндараҷаи мо ба шумор мераванд.

Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо зикр кардаанд, ки ба хотири ноил шудан ба ин ҳадафҳои олӣ моро зарур аст, ки барои боз ҳам ободу зебо гардонидани Ватани азизамон содиқона заҳмат кашем, корҳои бунёдкорию созандагӣ, дигаргуниҳои иқтисодию ичтимоиро ба рох монда, сохибкорию сармоягузориро неру бахшем ва харчи бештар чойҳои нави корӣ фароҳам оварда, самаранокии идоракунии давлатиро таъмин созем[1].

Истиқлолияти давлатӣ ва озодӣ барои мо мукаддастарин ва бузургтарин неъмат мебошанд, ки тамоми дастовардҳои мо аз онҳо вобастаанд. Аз ин рӯ, ҳифзи Озодию Истиқлолият ва манфиатҳои миллию давлатӣ муҳимтарини хар як фарди бо номус, ватандӯсту ватанпарвар ва худшиносу худогоҳи ин сарзамин мебошад.

Акнун давраи гузариш ба анҷом расид ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аз марҳалаи эҳёву баркарорсозӣ ба марҳалаи рушди устувор қадам гузоштааст. Албатта, дар ин марҳала низ мушкилоти чиддие пешорӯйи мо хоҳад буд, вале бо вуҷуди ин, мо тамоми шароит ва имкониятро барои ҳаракат ба сӯйи рушди устувор дорем. Мухимтар аз ҳама, барои оғози чунин марҳалаи тақдирсоз боварӣ, эътимод ва иродаи қавии ҳар як шаҳрванд лозим аст.

Бувад фархунда истиқлолат, эй дӯст,
Шавад пойндатар иқболат, эй дӯст.
Расидӣ бар муродат миллати ман,
Муборак, ин мубораксолат, эй дӯст!

Озармеҳр

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои Истиқлол. – Душанбе: Ганч, 2018. – 436 с.

Садуллоев Аҳмадҷон Саидзамонович,
мутахассиси шуъбаи
пажӯҳиши анъанаву маросим ва
диншиносии муқоисавӣ

КОНУНИ ТАНЗИМ ҲАМЧУН ДАСТОВАРДИ ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Сӣ сол мукаддам, яъне 9-уми сентябри соли 1991 муҳимтарин воқеаи таърихӣ ва сарнавиштсози миллати тоҷик – Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омад. Ин ҳодисаи фарахбахш аввали моҳи сентябри соли 1991 ба вуқӯъ пайваст ва 9 сентябр расман Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардид. Истиқлолият барои мо рамзи олии ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкорҳои пайгиронаи созандагӣ, азму талошҳои фидокоронаи расидан ба баландтарин зинаҳои тараққиёти ҷамъиятию иқтисодиро омӯзонда, меъёрҳои чомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшид ва дар як вақт ҳаёти озодонаи ҳар фарл ва олитарин дараҷаи бахту саодати воқеии миллатро таъмин намуд. Истиқлолият барои мо нишони барҷастаи пойдории давлат, шиносномаи миллат, рамзи асолату ҳувият, мазҳари идеалу ормонҳои таърихӣ, ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоламон мебошад. Ин санаи муборак барои миллати тоҷик иди мукаддас махсуб мешавад.

Фарҳангу тамаддуни ҳар миллат ва халқият дар раванди таърихии ташаккул ва такомули худ хоҳу нохох бо фарҳанги дигар халқу миллатҳо дар ҳолати «додугирифт» ва ё «мубориза» қарор дошта, бо онҳо омезиш меёбад. Омезиши фарҳангҳо боиад, хоҳу нохох дар урфу одат, анъана ва маросимҳои мардумӣ инъикоси худро меёбанд. Чунин раванд то солҳои наздик аниқтараш то қабули Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи анзими анъана ва ҷашну маросимҳо» идома дошт ва яке аз

паёмадҳои номатлуби ин раванд баргузории маъракаи маросимҳои зиёд ва серхарҷ ба шумор мерафт[1].

Дар замони Шӯравӣ зиёдравӣ дар маъракаҳо оғоз шуд, мардум маъракаҳои худро бодабдаба ҷашн мегирифтанд. Кор ба дараҷае расида буд, ки дар тӯйи арӯсию домоди кариб ду чорвои калон ва се чорвои хурд забҳ мекарданд. Қанди сафед бо халта, қандҳои гуногунтамға ва ширинихо дар кутти ҷой дошта ба ластурхонҳо мерехтанд. Исрофкорӣ ба дараҷае расид, ки нону кулчаҳои зиёдро дар охури гов менартофтанд. Дар тӯйи арӯсию домоди баъди никох дар байни мардум расму оинҳои нав пайдо гардида буданд, навчавонон бо катори мошинҳо (15-20 мошин) ба ягон самт раҳсипор шуда, ҷашни худро идома медоданд. Теъдоди меҳмонон дар маросими бо ном «ЗАГС» такрибан ба 100-130 нафар мерасид. Агар аз аввали маросим то охири маросим мушоҳида карда мешуд, сохиби маърака такрибан 500-600 нафарро гусел менамуд. Дар маросимҳои азодорӣ баъди фавти майит зиёдравӣ аз харочоти хонадорияви зиёдтар буд, кариб 60 маъракан хурду бузург бо исрофкориҳои зиёд ташкил мегардид. Пас аз анҷом расидани маърака соҳиби маърака ба мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ гардида, бо дигар мушкилиҳои рӯзгор соҳибхона даст ба гиребон мегардид.

Хулоса, дар замони Шӯравӣ маъракаҳои хурду бузург, бо дабдаба ва исрофкорихои зиёд кайд намудани анъанаву маросими мардумӣ ба меъёр ва арзиши иҷтимоӣ мубаддал гашт ва нафароне, ки ин «меъёр»-ро ба амал намеоварданд зери тамасхури дигар аъзоёни ҷомеа карор мегирифтанд. Пас аз пош хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргунихои куллӣ ба вуҷуд омад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бесарусомониҳои гуногун сар зад, боиси паст шудани сатҳи зиндагии мардум гардид, мардум дар ҳолати фақр умр ба сар мебурданд ва ба буҳрони моллию пулӣ дучор шуданд. Дар ин давра анъанаву маросимҳои динию миллӣ зиёд буданд. Ҳатто бархе аз мардум дар ҷашнҳои хонадорияви барои бархе аз

[1] Бароятода Ф. Анъанаву маросимҳо ва вижагиҳои танзими онҳо: Сомонаи электронӣ: http://islamnews.tj.

мардуми доро ба маъракаҳои худнамой табдил ёфта буданд, ки истифодаи зиёди мошинҳо, бо маблағи зиёд даъват намудани сарояндаҳои номдор, харҷи зиёди хӯрокаву нушокиҳо, пулчаспониҳо ба ҳукми анъана даромада буданд, ки ин ғайр аз намоишкорӣ ва исрофкорихои бемаънӣ моҳияти дигаре надоштанд. Бо вуҷуди ин, мардум кӯшиш менамуданд, ки анъанаву маросими мардумиро бо шукуҳу дабдаба ҷашн гиранд, зеро он дар замони Шӯравӣ, чуноне ки дар боло зикр намудем ба арзиш ва меъёри иҷтимоӣ мубаддал гардида буд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур омад, ки барои бехтар намудани сатҳи зиндагии мардум ва баланд бардоштани вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ инчунин барои ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ як қатор қонунҳоро қабул намояд, ки то ба ҳадафҳои стратегии худ бо муваффақият ноил гардад. Яке аз чунин қонунҳое, ки дар замони истиқлолият қабул гардид, ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон« мебошад, ки ҳадафи асосии он чунин аст: «Мақсади қонуни мазкур аз химояи манфиатҳои иҷтимоии мардуми Тоҷикистон, мусоидат барои паст гардидани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, пеши роҳи хароҷоти зиёдатӣ, ки ба манфиати иқтисодӣ ва фазои маънавии хаёти шаҳрвандон зарари ҷиддӣ ворид менамоянд, иборат аст. Вазифаи Қонуни мазкур танзими анъана ва ҷашну маросим дар асоси дастовардҳои фарҳанги миллӣ ва тамаддуни ҷаҳонӣ маҳсуб мегардад».

Аввалин бор ҷиҳати ба танзим даровардани хамагуна ҷашну маросим ва эҳёи фарҳанги миллӣ аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои Миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷӯҳ зоҳир гардида, ба вазъи иқтисодию иҷтимоии мардум аҳамияти махсус дода, барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум имкониятҳои начандон ҳам ба вуҷуд оварданд. Соли 1999 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешгирии исрофкорӣ ва ба низоми муайян даровардани расму оинҳо «Дар бораи ҷашну маъракаҳо ва расму оинҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» содир шуд. Ҳукумати ҷумҳурӣ барои расидан ба ин ҳадафҳо дар

сатҳи ҷумҳуриявӣ, шаҳру ноҳияҳо вазорату идораҳо комиссияи ҷамъиятӣ барои дуруст роҳандозӣ гардидани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар ин самт таъсис ёфта буд. Дар доираи фаъолияти ин комиссияҳо як миқдор чорабиниҳо анҷом пазируфтанд, вале дар рафти баргузории ҷашну маросимҳо таҷйироти ҷиддӣ ба амал наомад ва эҳсос мешуд, ки ҷомеа ба андешидани тадбирҳои иловагӣ ниёз дорад.

Барои тахия ва пешниходи кабули конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар байни аҳолӣ назарсанҷиҳо гузаронида шуд, фикру мулоҳизаҳои онҳо оиди чӣ гуна гузаронидани ҷашну маросимҳои миллӣ ва динӣ матрах карда шуд. Аз ҷониби шаҳрвандони мамлакат беш аз 6 ҳазор нафар таклифу пешниходҳои муфид ирсол карданд ва аксарияти аҳолӣ имкони танзиму анъанаҳои миллиро ҷонибдорӣ намуданд. 24-уми майи соли 2007 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ оиди танзими анъана ва ҷашну маросим сухан ронда, гуфтанд: «Қисме аз мардуми мо, ба сабаби зоҳирпарастии бесабаб ва пойбанди таассубу хурофот будани худ, дар иҷрои маросимҳо ва маъракаороиҳо ба амалҳое даст мезананд, ки дар ягон гӯшаи дигари олам ба назар намерасад»[1].

Қабули конуни мазкур дар асоси пешниҳоди мардум тахия ва баррасӣ шуда, барои ба танзим даровардани расму анъанаҳо нигаронида шудааст. Ниҳоят дар таърихи 8-уми июни соли 2007 конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба тасвиб расида, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.

Солҳои 2008 ва 2010 дар асоси пешниҳоди дархосту мурочиатҳои шаҳрвандон ва пешниходи макомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳо вобаста ба шаклу

[1] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи умумии ҷумҳуриявӣ доир ба танзими расму оинҳои миллӣ ва анъанаву маросимҳои динӣ 24.05.2007. Сомонаи электронӣ: www.prezident.tj

мухтавои барпо намудани тӯйхои ломодиро арӯсӣ маросимхои азодорӣ ва вакти баргузории онхо тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки аксари мушкилиҳои байни шахрвандонро чихати бехтар гузаронидани маъракахо бартараф намуд. Вокеан пешгирӣ намудани хурофотпарастӣ, рох надодан ба зиёларавӣ ва исрофкорӣ аз икдомҳои начиби Пешвои миллат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шаходат медихад. Зеро дар шароити чахонишавӣ ва гирифторихои зиёди иктисодӣ ва молиявӣ хамин конуни миллӣ накши мухимро дар хаёти ичтимоию иктисодии мардум анчом дода тавонист[1].

Соли 2017 Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар мулокот ба муносибати 10-солагии конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ганзими анъана ва чашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» иброз доштанд, ки «Имрӯз бо каноатмандӣ метавон гуфт, ки қабули конун ҳамчун яке аз икломоти мухимтарин дар самти хифзи анъанаҳои мардумӣ боиси халли бисёр мушкилоти хаёган мухимми ахли чомеа гардида, чашну маъракахо ва расму ойинхоро дар кишвар ба низом даровард». Конуни зикршуда чанбаи инсондӯстона ва хайрхоҳона низ касб карда, баъди кабули он дар кишвар эҳсонкорӣ ва баргузории маъракахои хайриявӣ ба хукми анъана даромад. «Дах соли амали конуни мазкур, инчунин, бунёди хонаҳои истикоматӣ ба маротиб афзуда, кариб 43 ҳазор гектар замин ба 420 ҳазор оилаи эхтиёҷманд, яъне ба беш аз дуюним миллион нафар таксим карда шудааст, ки ин нишондихандахо низ далели возехи аҳамият ва накши ичтимоии конун мебошад».

Бояд газаккур дод, ки Қонуни мазкур моҳияти динӣ надорад, балки дар асоси талаботи принсипхои давлати ҳукукбунёди демократӣ ва қонунҳои амалкунандаи кишвар ба тасвиб расида, максад аз он ба танзим даровардани расму оинҳо, пешгирии исрофкорӣ, рох надодан ба зиёдаравӣ ва баланд бардоштани хаёти ичтимоию иктисодии мардум буда, осебпазирӣ ва

[1] Суханронии Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар мулокот ба муносибати 10 солагии кабули Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва чашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Рӯзномаи «Ҷумҳурият» 12.07.2017.

харобшавии иктисоди хонаводагиро пешгирӣ менамояд. Ҳамчунин, қабули конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва чашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дар чомеа зиёд гаштани синфи миёна ва аз ин тариқ таъмин намудани устувории чомеа мусоидат менамояд. Дар солҳои охир, метавон гуфт, ин ибтикори созандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чихати танзими анъанаву маросимҳо ва чашнҳои миллӣ ва ба талаботу шароити муосири ичтимоию иктисодии ахли чомеа мутобик сохтани онхо ҳамчун як тачрибаи пешкадам дар кишварҳои дигар низ мавриди таваччух ва пайравӣ карор гирифтааст. Масалан, дар Ӯзбекистони ҳамсоя, ки расму русум, урфу одатҳо ба мисли моянд, баъд аз он, ки бо кӯшишҳои роҳбарони ду давлат мухтарам Эмомалӣ Рахмон ва мухтарам Шавкат Мирзиёев муносибатхои дӯстона эҳё гардиданд, омаду рафт зиёд, аз чумла ба маъракахои ҳамдигар афзуд ва дӯстони ӯзбек то чи андоза манфиатовар будани конуни танзимро бо чашми сар диданд ва фахмиданд. Ва окибат онхо низ хамин рохро пеш гирифтанд. Мисоли дигарии тасдиккунандаи ин фикр, кабул ва мавриди амал карор дода шудани чунин як санади танзимкунандан анъанаву маросимхои миллӣ дар Ҷумҳурии Дағистони Федератсияи Руссия дар давраи президентии Рамазон Абдулатипов, собик сафири фавкулодда ва худмухтори Федератсияи Руссия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шуда метавонад. Бузургон дуруст гуфтаанд: харбуза зи харбуза гирад ранг, ҳамсоя зи ҳамсоя гирад панд.

Умуман, сандаду меъёрҳои хукукие, ки пас аз сохибистиклолии кишвар аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахия ва ба тасвиб расидаанд, ба нафъи мардум буда, максади он бунёди ҷомеаи демократию хукукбунёд ва дунявӣ мебошад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва чашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ яке аз чунин қонунҳоест, ки барои манфиати мардум ва баланд бардоштани сатҳи иктисодию ичтимоии мардум ва аз байн бурдани сатҳи камбизоатӣ дар чумҳурӣ кӯмак мерасонад. Ҳадафи он пеш аз хама, ба низом даровардани маъракаю маросимхои мардумӣ, муратгабу каммасраф кардани онхо мебошад. Инчунин

конуни мазкур барои аз байн бурдани унсурҳои нолозиму хурофотие нигаронида шудааст, ки онҳо дар даврахои гузашта бо анъана ва чашну маросимхои миллии точикон ворид гардида буданд ва ба дину мазҳаби мо ягон алокамандй надоранд[1].

Инак, чандин сол аст, ки Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи танзими анъана ва чашну маросимҳо дар Чумхурии Точикистон» мавриди амал карор дорад. Он дар конунгузории кишвар тачрибаи нав буда, дар доираи манфиатҳои марлум тахия ва кабул гардидааст. Кумитаи дин, танзими анъана ва чашну маросими назди Ҳукумати Чумҳурии Точикистон масъули назорати риояи конуни мазкурро ба ухда дорад.

Аз ин рӯ, метавон хулоса намуд, ки конуни мазкур як катор чашни анъанаву маросими динию миллиро аз байн бурд ва фарҳанги софу миллиро дар худ нигоҳ дошт. Инчунин конуни мазкур чиҳати ичрои вазифаи асосии худ, яъне барои баланд бардоштани сатҳи сифати зиндагии мардум нақши асосӣ ва халкунанда бозид.

Ҳамзамон кабули конуни танзим ба оилахои камбизоат имконият фарохам сохт то чашну маросими худро бе сарфи маблағи зиёдатӣ тачлил намоянд. Яъне ҳаман чавонписарон ва чавондухтарон барои бунёди оилаи солим имконият пайдо намуданд.

Ба шахрвандон имконият фароҳам омад, ки аз хисоби камҳарч кардани маросимҳояшон сеххои хурди дӯзандагӣ, бофандагӣ бунёд намуда, хунарҳои қадимии худро, ба монанди колинбофӣ, сӯзандӯзӣ, заргарӣ ва гайра аз даромади худ низ эҳё намуда, аз ҳисоби маблағҳои пасандозҳои худ фарзандони худро сохиби маълумоти олӣ гардонанд ва лар баланд барлоштани сатҳи дониши наврасону чавонони точик сахм гузоранд.

[1]Ализашох Вализода. Раванди дах соли амалишавии конуни миллии танзим // Маком ва нақши ислом дар Чумхурии Точикистон. – Душанбе: Эр-граф. 2018.

Саъдоди Муҳаммадшарифзода,
мутахассиси пешбари шуъбаи
пажӯҳиши анъанаву маросимҳо ва динишиносии муқоисавӣ

ИСТИҚЛОЛИЯТ МУҲИМТАРИН ОМИЛИ РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ МИЛЛИИ ТОҷИКИСТОН

Истиклолият неъмати бебахо ва нихоят пуарзишест, ки халки точикро сохиби комилхукуки сарнавишти хеш намуд ва чомеаи мо хамчун давлати демократӣ ба раванди умумии таърихи ахли башар ворид гардид. Вакте, ки ин суханҳоро ба забон меорем, ҳар яки моро муҳаббати бузурги ватандорию ватандӯстӣ ва хисси баланди ифтихори миллӣ фаро мегирад.

Чумхурии Точикистон нас аз ба даст овардани Истиклолият лавлатӣ 9 сентябри соли 1991 барои пешрафти зиндагии мардум ва рушду нумуи кишвари азизамон Точикистон ва дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ шудани он мавкеи худро муайян сохта, як катор карору конунҳои кабул намуд. Аз чумла, Конститутсияи Чумҳурии Точикистон, Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи танзими анъана ва чашну маросим дар Чумхурии Точикистон», Конуни Чумхурии Точикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ва дигар санадҳои меъёри хукукир кабул намуд. «Таърихи навини халки точик як нуктаи хаётан мухимро собит намуд: истиклолият ва якпорчагии хар як давлат дар сурате пойдор хохад монд, ки дар саросари кишвар сулҳу амонӣ ва волоияти конун ҳукмфармо бошад»[1].

«Ба шарофати истиклолу озодӣ, сулху оромӣ, суботи снёсӣ ва вахдати миллӣ мо барои амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии миллиамон ҳамаи заминаҳои заруриро фароҳам овардем»[2], Чумхурии Точикистон пас аз сохибистиклол шуданаш барои

[1] Матни шиору овезаҳо бахшида ба 30-солагии Истиклолияти давлатии Чумхурии Точикистон (ба суханронихои Асосгузори сулху Вахдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Чумхурии Точикистон, мухтарам Эмомалӣ Рахмон). – Душанбе, 2021. – С. 5.
[2] Хамон чо. – С. 25.

баланд бардоштани сатҳи зиндаги ва некуахволии мардум ҳадафҳои стратегӣ: *таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳой аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар*ро пай дар пай татбиқ намуд, ки ҳадафҳову ормонҳои деринаи мардуми Тоҷикистон ба ҳисоб мерафтанд. Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин замина чунин қайд намудаст: «Аз файзу баракати истиқлолият, сулҳу субот ва вахдати миллӣ самтҳои афзалиятноку муҳимтарини сиёсати дохилии давлати соҳибистиқлоламон тарҳрезӣ ва муайян карда шуданд, ки мо онҳоро дар доираи се ҳадафи стратегӣ – таъмини истиқлолияти энергетикии давлатамон, аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳой бахшидани кишварамон ва ҳифзи амнияти озуқавории мардуми шарифамон зина ба зина татбиққарда истодаем»[1]. Дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз дастовардҳои муҳимми даврони истиқлол ба ҳисоб рафта, таъмин намудани мардум ва ҳар як онлаи ҷумҳурӣ ба паҳлуи барқ, таъмин намудани мардум бо ғизо, маҳсулоти тару тоза ва бо сифат, сохтани иншоотҳои муҳимми стратегӣ, бунёди боғҳо, сохтани роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, ки Тоҷикистонро ба дигар кишварҳо мепайвандад, сохтани парчами миллӣ бо баландии 165 метр, ки рамзи сохибистиқлолии Тоҷикистон мебошад, шаҳодати ин гуфтаҳост. Тавре ки Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: «Расидан ба қадри истиқлолият ва давлатдории мустақилона, ҳаққими сулҳу субот ва вахдати миллӣ, эҳсоси гарми ватандориву ватанпарастӣ, бедории маънавӣ, ифтихори миллӣ, пос доштани арзишҳои миллӣ ва рамзҳои давлатдорӣ – ҳама дар маҷмӯъ моро ба сӯи бунёди ҷомеаи воқеан шаҳрвандӣ, пешрафти устувори иқтисодиву ҳичтимоӣ ва татбиқи нақшаву ҳадафҳои тақдирсози стратегӣ мебаранд»[2].

[1] Ҳамон ҷо. – С. 20.

[2] Матни шиору овезаҳо бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз суханрониҳои Асосгузори сулҳу Вахдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон). – Душанбе, 2021. – С. 21.

Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи сиёсати дарҳои бозро пеш гирифта ба давлатҳои дуру наздик ва ҳавчаворӣ худ муносибати дӯстонаро бар қарор намуда шартномаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро ба рох монд. Ҳамчунин Тоҷикистон намояндагиҳои худро дар дар кишварҳои хорича кушод. Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро кишварҳои дуру наздик ба расмият шинохта, ба зиёда аз 150 давлати дунё ҳамкорӣ дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои комилҳуқуқи ташкилоту созмонҳои байналмилаливу минтақави буда, шарикони стратегии худро дорад. Айни замон донишҷӯёни тоҷик дар тамоми донишгоҳҳои байналмилии ҷаҳон таҳсил намуда истодаанд, варзишгаронн тоҷик бошанд, дар тамоми ҷорабиниҳои варзиши иштирок намуда, бо медалу ифтихорномаҳои байнаммилалии сарфароз гардида истодаанд ва Тоҷикистонро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуда, суруди миллии мо дар баробари суруди миллии дигар кишварҳо садо медиҳанд.

Ташаббус пешниҳодҳои Ҷуамҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ эътироф шуда, дар сатҳи ҷаҳонӣ амалӣ шуда истодаанд. Аз ҷумла: «Соли байналмилалии оби тоза, 2003», Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои хаёт, 2005-2015», «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, 2013» ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028». Ҳамаи ин бо шарофати ислоклол буда, дар муддати 30 соли истиқлол мо ба дастовардҳои назир ноил гаштем.

Бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи ба танзим даровардани ҷашну маросимҳо ҳамчун як чораи муфид ва зарурии аз бухрони сиёсию иқтисодии ҷомеа аҳамият ва мубрамияти аввалиндараҷаро касб намуд, дар атрофи он машварати умумиҷумҳуриявӣ доир гардид. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар боран танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» маҳсули ҳамин ташаббуси хирадмандонаи сарвари давлат ва чорачуйиҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки бо ба эътибор гирифтани андеша ва маслиҳату машварати мардуми кишвар

матрах шуда, дар санаи 8-уми июни соли 2007 кабул гардидааст. Дар ин маврид Пешвои миллат, чунин кайд намуданд: «Мо боят ба хотири рузгори пурсаодат, бехбудии сифати зиндагии мардум ва паст кардани сатхи камбизоатй арзишхои бехтарини расму оинхои миллй ва диниро окилона истифода барем. Бо ин икдоми хайру савоби худ мо ба ислохоти чиддии ичтимой оғоз мебахшем»[1].

Аз ин лихоз Конуни мазкур ба талаботи конунхои ислом ягон мухолифат надошта, балки тибки оятхои Курьони Карим барои пешгирии исрофкорй, бартараф намудани хурофоти мавчуда ва дастгирии шахсони камбизоат мусоидат менамояд. Мо метавонем бо боварй гуем, ки Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи танзими анъана ва чашну маросим дар Чумхурии Точикистон» бо такя ба хамин манобеъ ва бо илхом аз андешахои мутафаккирони гузаштаи миллат ва хамоханг бо меъёрхои мазхабй ва динй падид омадааст.

Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи танзими анъана ва чашну маросим дар Чумхурии Точикистон» яке аз дастоварди дигари даврони истиклол ба хисоб рафта аввалин конуни миллии Чухурии Точикистон барои ба танзим даровардани анъана ва чашну маросимхои миллй ва динии мардум Точикистон ба шумор меравад, ки ин конун хоси мардуми точик буда, дар саросари дунё назир надорад. «Таъмини хукуку озодихои инсон ва шахрванд, химояи амнияти шахрвандон, ба инобат гирифтани тарзи хаёт, анъанахои миллй, сатхи тафаккуру маданияти сиёсии мардуми кишвар зарураги такмили низоми давлату давлатдорй ва хифзи дастовардхои истиклолиятро пеш оварда»[2].

Бояд зикр намуд, ки яке аз хадафхои асосии кабули Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи танзими анъана ва чашну маросим дар Чумхурии Точикистон» ба низоми муайяну меъёрнок ва идорашаванда даровардани анъана ва чашну маросимхои миллй ва динй, инчунин, бартараф кардани

[1] Дахсоли сарфаву сариштакорй (2007-2017). – Душанбе, 2017. – С. 12.
[2] Матни шиору овезахо бахшида ба 30-солагии Истиклолияти давлатии Чумхурии Точикистон (аз суханронихои Асосгузори сулху Ваҳдати миллй, Пешвои миллат – Президенти Чумхурии Точикистон, мухтарам Эмомалй Рахмон). - Душанбе, 2021. - С. 11.

хурофоти серпуморе мебошад, ки дар даврахои гуногуни таърихй ба таркиби фарханги диний ва миллии мардуми точик ворид шудаанд. Дар сархати Конун омадааст, ки «Конуни мазкур бо такозои рушди чомеа анъана ва чашну маросимро танзим намуда, ба хифзи арзишхои асили фарханги миллй, эхтиром ба суннатхои мардумй барои баланд бардоштани сатхи ичтимоию иктисодии хаёти шахрвандони Чумхурии Точикистон равона гардидааст»[1].

Яъне хадафи асосй аз кабули ин Конун ба танзим даровардани равандхои диний, аз чашну маросимхои диний ва миллй чудо намудани хурофот ва аз байн бурдани онхо мебошад. Хурофот дар аксар мавридхо мардумро ба худ гирифтор сохта, барои ба таври пайваста баланду бехтар шудани сатхи зиндагии онхо монеъ мешавад. Барои ба таври пурсамар дар амал татбик намудани Конуни танзим ва бартараф кардани хурофоте, ки дар суннатхои динию фарханги мо чой дошта, барои рушди хаёти чомеа монеъ мешаванд, пеш аз хама, тахкики амики илмии хурофот ва мохияти он зарур аст. «Ба шарофати истиклолияти давлатии кишвари махбубамон суннату анъанахои бостонй, хунархои мардумй ва чашнхои миллии халки куханбунёдамон эхё гардида, имрўз дар хаёти мардуми мо чойгохи арзишманд пайдо кардлаанд»[2].

Конун анъана ва чашну маросимхоро дар асоси дастовардхои волои фарханги миллй ва тамаддуни чахонй ба танзим даровард. Ин арзишхои асили фарханги миллиро бо мазмуну мундаричаи нав ба чомеа пешниход намуда, суннатхои мардумиро хамчун омили инъикоскунандаи фарханги волои инсонй маънидод карда, онхоро аз дахолати хар гуна андешахои номатлуб ва ифротй пигох дошт. «Истиклолияти давлатй дастоварди бебахоест, ки сарнавишти халкамон ва оянда

[1] Конун Чумхурии Точикистон «Дар бораи танзими анъана ва чашну маросим дар Чумхурии Точикистон» аз 8 июни соли 2007, №272 // Ахбори Мачлиси Оли Чумхурии Точикистон, 2007, №6, мод. 428; 2008, №6, мод. 448; 2010, №7, мод. 568; Конунхои ЧТ аз 30.05.2017 с., №1428; аз 28.08.2017, №1461; аз 25.06.2021, №1792.
[2] Матни шиору овезахо бахшида ба 30-солагии Истиклолияти давлатии Чумхурии Точикистон (аз суханронихои Асосгузори сулху Ваҳдати миллй, Пешвои миллат – Президенти Чумхурии Точикистон, мухтарам Эмомалй Рахмон). - Душанбе, 2021. - С. 30.

давлатдории миллии моро муайян намуд ва ҳамзамон бо ин, имконият фароҳам сохт, ки мо забону фарҳанг, арзишҳои миллӣ ва анъанаҳои ачдодиамонро эҳё намоем ва барои рушди минбаъдаи онҳо заминаҳои мустаҳкам гузорем»[1].

Тавре Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо фаъолон ва аҳли ҷамоатчигии кишвар бахшида ба 10-солагии амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва чашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» изҳор дошт: «...кабули конун ҳамчун яке аз иқдомоти муҳимтарин дар самти ҳифзи анъанаҳои мардумӣ боиси ҳалли бисёр мушкилоти ҳаётан муҳими аҳли ҷомеа гардида, ҷашну маъракаҳо ва расму ойинҳоро дар кишвар ба низом ларовард»[2].

Бояд қайд намуд, ки ҳадафи аз кабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз байн бурдани ҷашну маросимҳои миллию динӣ ва халқӣ набуда, балки тоза намудани онҳо аз таассубу хурофот ва зоҳирпарастию исрофкорихои бемавриқ мебошад. Дар ин замин Президенти Кишвар чунин мегуяд: «... қисме аз мардуми мо бо сабаби зоҳирпарастии беасос ва дар ичрои маросимҳо ва маъракаороиҳо пойбанди таассубу хурофот будани худ ба амалҳое даст мезанад, ки дар ягон гушаи олам ба назар намерасад»[3]. Вақте ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» кабул гардид, дар назди мардуми кишвар ҳадафу мақсадҳои муайян гузошт, ки яке аз ин ҳадафҳо боло бардоштани сатҳи зиндагии мардум мебошад.

Анъана ва ҷашну маросимҳо дар навбати худ нишондиҳандаи сатҳи маърифату фарҳанги ҳар халқанд. Агар мо ба таърих ва номгӯи анъанаву суннатҳои миллиамон рӯ орем,

[1] Матни шиору овезаҳо бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз суханронихои Асосгузори сулҳу Вахдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон). – Душанбе, 2021. – С. 30.

[2] Суханронии Асосгузори сулҳу Вахдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот ба муносибати 10 солагии қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Рӯзномаи «Ҷумҳурият» 12.07.2017.

[3] Дах соли сарфаву сариҳтакорӣ (2007-2017). – Душанбе, 2017. – С. 12.

мебинем, ки дар муқоиса бо дигар халқҳо аз чиҳати теъдоду гуногунӣ суннату ойинҳои миллии мо хеле рангорангу сершуморанд ва боз ҳам гувоҳи фарҳангсолории мардумамон мебошанд. Аслан, агар нек бингарем, тамоми зухуроти зиндагиву рӯзгори тоҷикон иборат аз анъанаву суннат ва ҷашну маросимҳост. «Итминони комил дорам, ки шумо зиёёни муосир, зиёёни даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистони маҳбубамон анъанаву суннатҳои ниёгони шарафмандамонро дар роҳи баланд бардоштани сатҳи дониш маърифати мардум, тавсеаи ҳудшиносиву ҳулоғоҳии ҷавонон ва умуман пешрафти миллат ва таҳкими давлатдории миллӣ ба таври шоиста идома медиҳед»[1].

Дар замони Истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон ба хотири танзими муносибатҳои оилавӣ, таҳкими тарзи ҳаёти солим, баланд бардоштани ҳисси масъулияти волидон дар таълиму тарбияи фарзандон ва пешгирӣ кардани густариши ҳурофот дар байни насли наврас чорахои катъй андешида шудааст. Яке аз ин чорабиниҳо тасвиби Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» мебошад. Дар сархати ин Қонун чунин зикр шудааст: «Мақсади Қонуни мазкур пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар рухияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд мебошад»[2].

14 декабри соли 2010 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон лоиҳаи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро ба мулоҳизаи умумихалқӣ пешниҳод карда ки ин мулоҳиза 14 декабри соли 2010 баргузор гардида, барои такмил додани он фикру андешахои макомоти ичроияи хокимияти давлатӣ, тамоми ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз шакли

[1] Матни шиору овезаҳо бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз суханронихои Асосгузори сулҳу Вахдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон). – Душанбе, 2021. – С. 57.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011, №762 // Ахбори Маҷлиси Оли Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2011, № 7-8, мод. 616; 2016, № 3, мод. 147.

моликияташон, инчунин муассисаҳои таълимӣ, ҳар як оила ва ҳуди ҷавонон тавассути макомоти дахлдор ба инобат гирифта шуда, *8 апрел ба итмом расид.* «Дар давраи ҷаҳонишавии босуръати мушкилоти башарият ва омезиши арзишҳо, вақте ки нақш ва таъсири таълиму тарбия ҳамчун маҳаки иҷтимоии рушди инсон ва таҳкими сармояи зеҳнӣ пояҳои ҷомеаи навро фароҳам месозад, кабули чунин санади муҳим иқдоми саривактист», - изҳор дошта буданд мухтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулокот бо ахли ҷомеаи ҷумҳурӣ оид ба мухокимаи лоиҳаи конун 14 декабри соли 2010[1].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» бо ташаббуси бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод ва 2 августи соли 2011 кабул гардида буд. Аз рӯзи мавриди амал қарор гирифтани ин санади муҳими меъёрии ҳуқуқӣ ва тарбиявию ахлоқӣ дах соли расо сипарӣ гардид.

Бояд қайд намуд, ки таълиму тарбияи фарзанд яке аз бузургтарин вазифаи волидон ба ҳисоб меравад. Тарбияи фарзанд аз рӯзи чашм ба олами ҳастӣ кушоданаш оғоз меёбад. Қаҳрамони Тоҷикистон устод Садриддин Айнӣ дар мавриди тарбияи фарзанд мегӯяд, бачае, ки дар оила хуб тарбия меёбад бачаи хуб ба воя мерасад. Аз ин ҷо хулоса кардан ба маврид аст, ки тарбияи дурусти фарзанд аз волидон вобастагии калон дорад.

Бояд қайд намуд, ки яке аз мушкилотҳои иҷтимоӣ, ки бисёр ҷомеи анъанавии тоҷикон аз гузашта меросмонда ин аст, ки дар баъзе манотики кишвар бисёре аз волидон, ба масъалаи мактабравию саводомӯзӣ ва соҳибмаълумоту соҳибкасб шудани духтарони худ, нисбат ба писаронашон камтар таваҷҷуҳ медиҳанд. Умуман, монеъ шудани волидон ба тахсили духтарон ва касбомӯзии онҳо — яке аз омилҳои асосии ривоҷи нобаробарии гендерӣ дар ҷомеа буда, барои мушорикати васеъ

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Мулокот бо ахли ҷомеаи ҷумҳурӣ оид ба мухокимаи лоиҳаи конуни 14.12.2010.

ва фаъолонаи иҷтимоии занону духтарон ва рушди ҳуқуқу озодиҳои онҳо монеъ мешавад. Асосгузори сулҳу ваҳдат миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бархак кайд намуданд: «Халқу миллатҳои пешрафта аз таркиби ҳавову нури офтоб маҳсулот истеҳсол мекунанд, дастовардҳои илму маҳсули тафаккурашонро дар бозори ҷаҳонӣ мефурӯшанд. Мо бошем, пойбанди расму оинҳо монда, ақаллан кушиш намекунем, ки ба фарзандони худ дониши замонавӣ диҳем, ақлу тафаккурашонро бедор намоем, ҳеҷ набошад, қисми ночизи маблағҳои барои тӯю маъракаҳо сарфшавандаро барои соҳиби маълумот шудани онҳо сарф намоем. Ё худ ба ҷойи сарфи бехуда ба онҳо шароити мусоиди зиндагӣ фароҳам оварем. Фарзандонеро ба камол расонем, ки дар арсаи ҷаҳонӣ аз давлати соҳибистиқлол ва миллати сарбаланди худ намояндагӣ карда тавонанд, Ватани азиз ва сарзамини аҷдодиро соҳибӣ кунанд»[1]. Бо қабули ин Қонун ба камсаводии занону духтарон ва умуман мардум хотима дода, бо ин усул пеши роҳи густариши хурофот ва амалҳои хурофотӣ, ифроттгарой ва дигар амалу рафторҳои номатлубу ғайриқонуниро дар байни наврасон метавон гирифт.

Фарзанд меваи умри инсон буда, то замоне, ки ҷон дар бадан аст, набояд ӯ аз тарбияи фарзанд канорачӯй намояд. Дар ин раванд ҳикмати пурмӯҳтавои халкамонро ҳамеша дар хотир боят дошт, ки мегӯяд: «Фарзандони худро ҳунар ва илм биомӯзед ва онҳоро чунон бояд тарбия намоед, ки оқибат сиришки ғам аз дидаҳои пурумед нарезад».

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» на танҳо бо масъул гардонидани падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд қабул гардидааст, балки ба фарзандони болиғу кобили меҳнат вазифаҳои махсусро вогузор кардааст. Аз ҷумла, дар он мукаррар шудааст, ки: «Фарзандони болиғу кобили меҳнат вазифадор карда шуданд, ки падару модари худро нигоҳубин намуда,

[1] Суханрони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷлиси умумиҷумҳуриявӣ дояр ба танзими расму оинҳои халқӣ. 9.06.1999.

онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ дастгирӣ намоянд»[1]. Вазифаи фарзанд дар бобати эҳтиром гузоштан ба падару модар дар китобҳои «Кобуснома»-и Унсуралмаолии Кайковус, «Насиҳатнома»-и Имоми Аъзам, «Ахлоқи Носирӣ»-и Насириддини Тӯсӣ, «Кимиёи саодат»-и Ғазолӣ, «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигар панду насиҳатномаҳо зикр шудаанд. Дар ин китобҳо марҳалаҳои мухталифи тарбияи ахлоқии миллати тоҷик ҷамъбаст гардида, нақши падару модар дар тарбия, таълим ва ташаккули фарзанд, ки ояндаи ҷомеаро муайян гардидааст.

Фарзанди солеҳ ва бомаърифат давомдиҳандаи умри падару модар мебошад. Аз ин хотир ҳангоми таълиму тарбия ҳеҷ чизро набояд аз онҳо дареғ доранд ва барои ба камолот расидани онҳо сармояи хешро дар парваришу омӯзиши фарзандонашон сарф намоянд. «Дар раванди таълиму тарбияи ҷавонон ба масъалаҳои дӯст доштани Ватан, ҳимояи марзу бум, дастовардҳои истиқлолият ва иззату эҳтиром кардани падару модар ва калонсолон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоем»[2].

Дар баробари омӯзиши саҳифаҳои арзишманди таърихи аҷдоди номдорамон имрӯз диққат додан ба омилҳое, ки онҳоро ба пирӯзию сарбаландӣ расонидаанд, амри зарурӣ мебошад. Зеро махз таҳкими оила, таълиму тарбияи наслҳои солиму соҳибмаърифат яке аз воситаҳои рушди ҷомеа, мустаҳкамии қудрати давлат ва побарҷойии тамаддунҳо ба шумор меравад. «Зиёиёни асили мо равшангарони воқеии ҳаётанд, ки дар пешрафти рӯзгори иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву маънавии ҷомеа, таргиби анъанаҳои миллӣ, таълиму тарбияи насли наврас, ба камол расонидани инсони комил ва рушди паҳлуи инсонӣ нақши арзанда мебозанд»[3].

[1] Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011, №762 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2011, № 7-8, мод. 616; 2016, № 3, мод. 147.

[2] Матни нутқу суханронихои Асосгузори сулҳу Вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон]. – Душанбе, 2021. – С. 164.

[3] Ҳамон ҷо. – С. 65.

Ба ин маънӣ Паёмбари ислом мефармояд: «Фарзандони худро эҳтиром кунед ва ба онҳо бо одобу рафтори нек бархурд намоед, ба фарзанди худ дар анҷоми некӣ ва ҳашр ёрӣ расонед». Дар ин масъала Унсуралмаолии Кайковус низ мефармояд: «Ва падару модарро ҳам тавон аст ва ҳам фармон. Аммо тавон аст ба парвардани ту ва фармон аст ба хубӣ омӯхтан».

Дар ин замина мутафаккири бузурги асрҳои миёнаи тоҷик Муҳаммад Ғазолӣ чунин гуфтааст: «Фарзанд амонат аст дар дасти падару модар ва дили поки фарзанд нафис асту нақшпазир, ҳар нақше, ки ба ӯ гузорӣ, чун мушк ба худ бигирад ва чун замин пок аст, ҳар тухме, ки дар вай бикорӣ, бирӯяд. Агар тухми хайру некӣ аст, ба саодати дину дунё расад ва падару модару муаллим дар он савоб шарик бошанд. Агар тухми бадӣ афканӣ ва ӯро ба ҳолаш гузорӣ, то ҳар чӣ хоҳад, кунад ва бо ҳар кӣ хоҳад, нишинад, ҳаргиз аз вай умеди некӣ накунӣ».

Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар китоби «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»-и худ менависад, ки: «Бехтарин сармоя ва хуштарин пероя мурод таҳсили адаб аст». Аз ин маънӣ маълум мешавад, ки омӯзгорони ахлоқи мо таълиму тарбияи фарзандро бехтарин амал медонистаанд ва онро ҳамчониба тавсиф кардаанд, то ҷомеа соҳибмаърифату соҳибфарҳанг гардад. Зеро фарзанди солеху хушахлоқ ва бохунару донишманд ғайр аз ин, ки сарвати азизу бебаҳои падару модар мебошад, ба арзиши маънавии давлат ва сармояи зеҳнии он дохил гардида, сатҳу сифати маърифатнокии ҷомеа ва қудрати давлатро муайян месозад. Муаллими бузурги ахлоқ – Шайх Саъдӣ дар ин маврид мефармояд: «Ҳакиме писаронро панд ҳамедод, ки чонони падар, ҳунар омӯзед, ки мулку давлати дунёро эътимод нашояд ва симу зар дар сафар бар маҳалли хатар аст... Аммо ҳунар чашмае зоянда асту давлате поянда. Агар ҳунарманд дар нафси худ давлат аст, ҳар ҷо ки равад, қадр бинад ва дар садр нишинад ва бехунар лукма чинаду саҳтӣ бинад».

Дар ҳаман зинаҳои таълиму тарбия ва такмили ахлоқу маънавият масъулияти асосӣ бар дӯши падару модар аст. Бо таъкиди донишманди арҷманд, доктори илмҳои сиёсӣ Саймумин Ятимов агар тарбия, таҳсил, омӯзиш, насиҳат, маслиҳат, таъмини

низоми рафтор, ахиран, намунаи рафтори хули падар дар зиндагӣ таъсир расонида натавонад, охирон ҳалқе, ки ӯро метавонад аз нобудии маънавӣ ва албатта ҷисмонӣ ҳам наҷот дихад, ба писар омӯзонидани тавони фаҳми таҷрибаи зиндагии инсонист. Адиб ва маорифпарвари барчастаи тоҷик Аҳмади Дониш (1826-1897) дар асарҳои худ ёдовар шудааст, ки «пеш аз он ки маро ба дабиристон барои таълиму тааллум ниҳанд, дар хона ба хузури атфол пеши модар ба муколамаи абҷад ва тахтаи лавҳ вукуфе ба хат ва хондани он ва гохе мавзун сохтани кофия – бе он ки ӯро маъние бошад – бинобар истеъдоди фитрӣ баҳосил будааст», яъне хату саводамро нахустин бор пеши модар пайдо кардаам.

Бехуда нагуфтаанд фарзанди нек боғи падар, фарзанди бад доғи падар. Фарзандоне, ки дар оила тарбияи хуб ёфтанаад. Дар мавриди аҳмиятноки кӯшиш мекунанд то дигарон низ дар чунин рох ба воя расанд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз вакти кабул шуданашон дар тамоми расонаҳо аз ҷумла васоити ахбори омма, сайтҳои давлатию хусусӣ, газетаву маҷаллаҳо пайваста маколахои илмӣ ва илмию оммавӣ интишор шуда истодаанд. Ҳамчунин аз тарафи Дастгоҳи ичроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идорахо пайваста дар шаҳру ноҳияҳои кишвар гурухҳои кори ташкил шула, корҳои фаҳмондадихӣ доир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» пайваста дар телевизиион ва радио низ пайваста баромадхо менамуданд. Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» намуда, мафҳуму моҳияти ин конунҳоро ба мардум шарҳ медоданд. Маҳз ҳамин кушишу

талошхо боиси он гашт, ки мардум маҳияти онро дарк намоянд. Ин конунҳо, конунҳои миллӣ буда, тамоми мардум якдила онро дастгирӣ намудаанд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар тули 14-соли амалкарди худ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»дар тули 10-соли амалкарди худ ба мардуми кишвар бисёр сабукиҳо оварда, зиндагии мардум ба самти дигар равона гашт. Боид зикр намуд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 8-уми июни соли 2007 дар замони 16-солагии Истиклолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон кабул шуда, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар замони 20-солагии Истиклолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 августи соли 2011 кабул шудаанд. Дар баробари 30-салагии Истиклолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон имсол 14-солагии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва 10-солагии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ҷашн гирифта шудаанд. Қонунҳои мазкур мардумро ба он водор сохт, ки маъракаҳо ва ҷашнхое, ки ба фарҳанги мо бегона буданд, бо мурури замон охиста-оҳиста аз байн бурда, ҳамчунин фарзандону духтарони худро ба таҳсил илм фаро пурра фаро гиранд. Ин шаҳодат аз он медихад, ки мардуми кишвар моҳияти қонунхоро ба пуррагӣ дарк намудаанд. «Модарону бонувони хирадманди мо бо қалби хассоси худ набзи чомеаиимрӯзаро хуб дарк менамоянд ва бо истифода аз рисолати пурмасъули хеш барои таҳкими сулҳу субот, тарбияи фарзандони худогоҳу хештаншинос ва ватандӯсту ватанпараст, инчунин, риояи муқаррароти қонунҳои миллиамон -- «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» саҳми арзандаи худро мегузоранд»[1]. Қонуни Ҷумҳурии

[1] Матни шиору оиезаҳо бахшида ба 30-солагии Истиклолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қонунҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, яке аз дастовардҳои бузурги даврони истиқлол мебошанд, ки назираш дар дунё нест. Имрӯзҳо қонунҳои миллии мардумии тоҷикро мардуми дигар кишварҳо дар баробари сулҳи тоҷикон сармашқи кори худ карор дода истодаанд.

(аз суханронихои Асосгузори сулху Вахдати миллй – Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон, мухтарам Эмомалй Рахмон). - Душанбе, 2021. - С. 151.

Рамазониён Ахтам Бобосафар,
мутахассиси пешбари шуъбаи
иттилоот ва тавсияи донишгоҳ

ХАТАРҲОИ ФАЗОИ МАҶОЗӢ БА ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ ВА БАЪЗЕ РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ОН

Фазои мачозиро метавон яке аз дастовардхои бехтарини инсоният лар тўли таърих шуморид. Зеро дастрасй ба технологияи муосир муносибати чомеаи гуногунвазъро имконпазир гардонида, барои рўшди тамоми соҳаҳои ҷомеаи инсонӣ шаклҳои нави муносибатхоро омода намуд. Қисмати зиёди мардум имрўзхо маълумот ва хабари зарурии худро аз фазои маҷозӣ дарёфт мекунанд. Ташакули фазои маҷозӣ дар тамоми пахлухои хаёти инсоният дигаргунихои чиддиеро ба вуҷуд овард вавасоити ахбори омма (ВАО)-ро дар як чиз, яъне интернет ҷамъовард. Интернет бошад фазои иттилоотии биной, шунавой ва хонданй гашт. Дар он тамоми барномахои телевизионию радиой, рўзномаву мачаллахо пайваст шудаанд. Метавон гуфт, ки дар дахсолаи охир барои ташаккули афкори омма ва зербинои муколамаи гурух ва кишрхои гуногуни ҷомеа мубаддал гаштааст. Шабакахои ичтимой бешубха дорои таъсири мусбат дар фазои иттилоотй ва ичтимой низ хастанд, аммо истифодаи онхо аз ҷониби гуруххои ифротию тундрав, метавонад тахдиду хатархои нав барои амнияти ва манфиатҳои миллӣ, ба вижа амнияти иттилоотӣ эҷод созад.

Истифодаи фазои маҷозӣ вобаста ба манфиатхои снёсиву ихтисодӣ, динию идеологӣ шаклу усулҳои хосро касб карда, дар баъзе мавридхо чунин хулоса карда мешавад, ки ин шабакахои ичтимой махз барои хамин сохта шудааст. Вале дар асл бошад вазифаи хама гуна дастоварди илмӣ, пеш аз хама, бехдошти хаёти инсоният аст. Инчунин ҷои таассуф аст, ки ин дастовардхои илмӣ дар бозихои снёсӣ хамчун холатхои татбики манфиатхои снёсӣ истифода бурда мешаванд.

Дар айни замон фазои маҷозӣ роҳҳои таблиғ ва интишори ахбори ифротгароёнаи низоъангезро хеле осон намуда, вазъи

идеологӣ ва сиёсиро боз ҳам тезутунд кардаистодааст. Инчунин ҳар касе, чизе бихоҳад дар ин фазо мекорад. Дар ин маврид файласуф ва романнависи итолиёӣ Умберто Эко (1932-2016) чунин гуфтааст: «Васоиле ҳамчун твитер ё фейсбук гуруҳе аз аҳмаконро ҳакки сухан кардан додааст, ки пеш аз будани ин васоил танҳо дар бархо, баъди нӯшидани май сухан мегуфтанду онҳоро дар ҳамон чо, бидуни он ки дар ҷомеа зараре расонанд, дархол сокит менамуданд. Аммо холо рӯи ин саҳфаҳо онҳо баробар бо касоне, ки барандаи ҷоизаи Нобелӣ ҳастанд, ҳакки сухан гуфтан доранд. Вокеан асри мо асри ҷанг бо аблаҳон аст»[1].

Дар шароити муосир дастёбӣ ба иттилоот бо истифода аз технологияҳои нави иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба чузъи чудонопазири ҳаёти башарӣ табдил ёфтааст. Дар Ҷумҳурии мо тибқи омори расмӣ беш аз 2 миллион нафар аз шабакаи интернет истифода мебаранд ва кисмати зиёди мардум имрӯзҳо маълумот ва хабари зарурии худро аз он дарёфт мекунанд.

Сиёсатшиноси тоҷик Саймумин Ятимов дар китобаш «Илм ва амният» оид ба хусусиятҳои иттилоот андешаронӣ намуда, чойгоҳи онро дар ҳаёти иҷтимоият чунин арзёбӣ намудааст: «Дар шароити Тоҷикистон новобаста аз инкишофи дигар воситаҳои ахбори умум, ба монанди радио, телевизион, шабакаи интернет, рӯзномаву маҷаллаҳо низ дар таҷассуми ҳодисаву падидаҳои мухталиф саҳми арзанда мегузоранд. Ба андешаи ӯ матбуоти даврӣ ҳам чун институти ҷамъиятиву сиёсӣ баромад намуда, дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ, таъмини пюрализми (гуногунандешӣ) сиёсӣ ва таҷассуми масъалаҳои мухталифи иҷтимоиву сиёсии киширвар накши муҳим доранд»[2].

Имрӯзҳо таъмини фазои иттилоотӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ тавассути он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои истиклолияти сиёсии хеш аст, масъалаи усулӣ ба ҳисоб меравад. Рушди босуръати интернет ва авҷ гирифтани кибертерроризм (ҷанги иттилоотӣ) дар шароити ҷаҳонишавӣ, бархӯрди

[1] Гусейнов Я. Проблемы религиозного радикализма Центральная Азия. – М., 2010. – С. 165.
[2] Ятимов С.Р. Матбуоти даврӣ ҳамчун институти ҷамъиятиву сиёсӣ. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ. – 2018. – № 7. – С. 303.

тамаддунҳо ва манфиатҳои кудратҳои ҷаҳонӣ, зуҳури ҳар гуна ҳаракату ташкилотҳои экстремистиву террористӣ дар минтака ва ҷаҳон мушкилоте мебошад, ки ҳар шахсро водор месозад, то атрофи хатару таҳдидҳои онҳо ба амнияти миллӣ ва ояндаи давлату миллати хеш аз нигоҳи илмӣ ва вокеоти амалӣ ибрози назар кунад. Аз ин ҳиҳоз моро зарур аст, ки ВАО, хоссатан фазои мачозиро, ки дар он андешаҳои ифротгаройӣ бештар ба назар мерасад, мавриди омӯзиш карор дихем.

Имрӯзҳо дар фазои мачозӣ радикализм тавассуҳи зиёдеро ба худ ҷалб кардааст ва аз як масъалаи динӣ ба масъалаи амнияти байналмилалӣ табдил ёфтааст. Кибертеррористҳо бо пахши маводҳои аудиовизуалӣ, аксу видеоҳои махсуси таъсиррасон машғуланд, ки чавонони ноогоҳи кишварро мағзшӯй намуда, ба домиҳои фиреби худ медароранд. Ба андешаи коршиносон 80 дарсади иштирокчиён дар ҷангҳои мазҳабӣ аз Тоҷикистон тавассути шабакаҳои интернетӣ ба ташкилотҳои террористӣ шомил шудаанд. Инчунин интишори андешаҳои ифротӣ дар фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Миёна ва дар паси он пиёда кардани манфиатҳои геоиктисодӣ як падидаи хатарзо барои амнияти кишварҳои минтака гардидааст.

Тарғиби ҳама гуна харакатҳои ифротӣ дар фазои мачозии як ҷомеаи таърихан анъанавӣ ба мисли Тоҷикистон, метавонад дар фазои динӣ сиёсии он барои ба вучуд омадани низоъҳо дар заминаи ихтилофот имконият фароҳам оварад. Инкори баъзе фарҳангу анъанаҳои миллӣ ва куфру билъат хондани онҳо дар фазои иттилоотӣ аз ҷониби ифротгароён, то чӣ андоза хусусияти ифротгарой доштан ва тахаммулнопазир будани онҳоро нишон медиҳад.

Танҳо бо забони тоҷикӣ барои ноором кардани вазъи сиёсӣ-идеологӣ ва аз байн бурдани вахдати миллии Тоҷикистон чандин барномаҳои иттилоотии ифротӣ фаъолият доранд. Масалан, барномаҳои «Паём ТВ», «Ислоҳ ТВ», «Минбари муҳоҷир», «Группа 24» ва дигарҳо тарғиботи масъалаҳои сиёсӣ, идеологӣ ва динӣро пеш мебаранд, ки мақсади онҳо даъват барои шомил шудан ба ҳаракатҳои ифротӣ буда, доим ба хотири аз байн бурдани вахдати миллӣ талош мекунанд. Пештар аз ин

сомонаҳои дигаре фаъолият мекарданд, ки мақсади онҳо низ чунин буд. Аз ҷумла, дар солҳои 2013-2014 шабакаҳои «Зелло», «Новый Таджикистан», «ИГИЛ в России», «Даъват ба Ироқу Шом» ва дигарон ба таблиғи идеяи ифротӣ машғул буданд, ки дар хотираи интернет сабт шудаанд[1].

Ҳангоми омӯзиши фазои маҷозӣ маълум гардид, ки айни замон дар фазои иттилоотии кишвар тарғиби идеяи ҳаракати ифротии «Бародарони мусалмон» ва «Салафия» нисбат ба дигарон хеле зиёдтар буда, ба ваҳдати миллӣ хатар доранд. Ин аҳлешаҳо бештар дар сомонаҳои «Одноклассники», «Фейсбук», «Инстаграм» ва «Ютуб» паҳн шудаанд. Ҳамаи ин шабакаҳо аз берун ба хотири ноором сохтани ваҳдати миллӣ истифода мешаванд, зеро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон гибки маълумоти Вазорати корҳои дохилӣ фаъолияти зиёда аз 80 сомонаи интернетӣ барои тарғиботи ифротӣ ва террористӣ дар қаламрави кишвар манъ шудааст. Дар фазои маҷозӣ бошад фаъолияти мубаллиғони ҳизбу ҳаракатҳои зер ба мисли «Паймони миллии Тоҷикистон (шакли иваззшудаи ҲНИ)», «Группа 24», «Салафия» ва «Бародарони мусалмон» бисёртар ба назар мерасад. Бинобар ин номгӯи сомонаҳое, ки ба ташкилотҳои мазкур мансубанд барои тарғиботи экстремизм ва терроризм фаъолияти онҳо дар кишвар манъ карда шудааст. Ба мавриди аст, ки номгӯи баъзе аз онҳоро зикр кунем, то ки ҳонандагон маълумот пайдо кунанд, ки ворид шудан ва истифода намудани маводи сомонаҳои мазкур манъ аст:

Салафия – ttps://tojvar.wordpress.com/category/salafi/

Бародарони мусалмон -- http://www.ikhvanonline.com

Ҳизби нахзати ислом -- Payom.tv ва Isloh.tv (дар тамоми сомонаҳои интернетӣ)

Группа 24 -- бо ҳамин ном дар тамоми сомонаҳои интернетӣ.

Кобили зикр аст, ки ин гуна сомонаҳо пайваста аз ҷониби идоракунандагони фазои маҷозӣ дар кишварҳое, ки аъзои СПАД ҳастанд масдуд карда мешавад. Тоҷикистон низ аъзои ин ташкилот аст. Аммо ин гуруҳҳо барои тарғиби идеяҳои ифротӣ

[1] Маком ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми IV. – Душанбе, 2019. – С. 153.

сомонаҳои нав ба нав мекушоянд, то амалашонро идома диҳанд. Инчунин баъзе барномаҳои таблиғотии ифротгарой аз тариқи барномаҳои радиоӣ ва моҳвораҳо ба забони тоҷикӣ аз кишвари Афғонистон паҳн карда мешавад, ки метавонад ба фазои иттилоотии кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла, Тоҷикистон таъсири манфӣ расонад[1].

Имрӯз дар фазои маҷозии кишвар андешаҳои мубаллиғони ҲНИ, Группа 24, Салафия ва «Бародарони мусалмон» бо забонҳои гуногун дида мешавад. Хонандаи азиз дар мавриди ҲНИ, Группа 24 ва Салафия каму беш маълумот дорад. Аз ин рӯ, хостем танҳо дар мавриди интишори идеяҳои «Бародарони мусалмон», ки имрӯзҳо дар фазои иттилоотӣ фаъоланд ва ба ваҳдати миллии мо хатари бештар доранд, маълумот диҳем.

Бори аввал дар солҳои 70-уми асри гузашта, идеяҳои «Бародарони мусалмон» вориди минтақа шуданд. Қисме аз рӯҳониёни Қазон ва Осиёи Миёна ба китобҳои рохбарони «Бародарони мусалмон»-ро даст доштанд. Имрӯз ҳам идеяҳои асосии онҳо ба забонҳои гуногун аз тариқи интернет паҳн мешаванд[2].

Имрӯзҳо дар фазои маҷозӣ саркардагони Ихвонулмуслимин, дар асоси таълимотҳои Муҳаммад Абду, Ҳасани Бано, ал-Мавдудӣ, Саид Қутб ва дигарон, зери шиори исломи ноб тарғибот бурда, мехоҳанд, хилофати нави арабиро таъсис диҳанд. Зеро онҳо тамоми мазҳабҳои исломие, ки дар кишварҳои гайриарабӣ нуфуз доранд, куфру бидъат хонда, бо ин рох мехоҳанд мафкураи арабиро дар кишварҳои дигари мусалмонӣ ҷой диҳанд. Ба таври мисол, ал-Мавдудӣ (яке аз бузургони «Бародарони мусалмон») зери мафҳуми давлати исломӣ дар Ҳиндустон ва Осиёи Марказӣ заминаи ихтилоф миёни пайравони мазҳаби ҳанафиро гузошт. Зеро аксарияти пайравони мазҳаби ҳанафӣ гайриарабанд. Инчунин андешаҳои Саид Қутб, ки эҳёгарии исломиро ҳадафи асосӣ қарор дода, мешаванд. Ӯ низомҳои гайриисломиро ҳадафи асосӣ қарор дода,

[1] Маком ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми IV. – Душанбе, 2019. – С. 156.
[2] Гусейнов В. Проблемы религиозного радикализма Центральная Азия. – М., 2010. – С. 38.

онҳоро ҳамчун давраи чохилият хукм карда, мубориза бо онҳоро вазифаи имонии мусулмонон махсуб медонист. Саид Кутб ҳама гуна «идеологияи *миллиро*, ки асоси харакатҳои миллӣ буданд, маҳкум намуда, миллатгароиро мушкилоти дохили Ислом дониста, онро куллан бекор кард»[1]. Ин идеология аз чониби баъзе сомонаҳои ифротӣ огоҳонаву ноогоҳона пахн мешаванд.

Чунин вазъе, ки имрӯз дар фазои маҷозии минтака карор дорад, хатари бузургест ба манфиатҳои миллӣ, сулҳ ва вахдати миллӣ. Кудратҳои чаҳонӣ барои пиёда намудани ҳадафҳои сиёсии худ бо гирд овардани чанде аз манфиатхоҳон дар фазои иттилоотӣ вазъияти минтакахои дигарро ноором кардан мехоҳанд. Ин он пуктаро равшан месозад, ки аксари харакатҳои *муосири дини*-сиёсӣ мисли ихвонихо, таблиғӣ, салафӣ, нахзатӣ ва ғайраҳо, ки дар фазои маҷозӣ барои ноором кардани вахдати миллии халқиятҳо, аз чумла точикон таблиғот мебаранд, дар асоси баргарияти бунёдгароии араб бар дигарон рохандозӣ шудаанд ва барои хамин аз чониби кишварҳои арабии воҳҳобиятгаро аз нигохи молиявӣ дастгирӣ меёбанд. Ботил кардани таълимоти фарҳангию анъанавии мардуми ғайриараб ва ба ширку куфр хукм кардани онҳо низ аз хамин ҳадаф сарчашма мегирад.

Роҳҳои пешгирӣ. Асосгузори сулҳу вахдаи миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар мулоқоте, ки рӯзи 20.02.2019 бо намояндагони ВАО доштанд, таъкид намуданд, ки «ВАО бояд сипари боэътимоди хифзи дастовардҳои истиклолияти давлатии ҷумҳурӣ бошад»[2]. Аз ин рӯ бузургтарин роҳи пешгирӣ ин тахким бахшидани ВАО ба хисоб меравад. Аз ин рӯ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи давлатии рушди телевизион ва радио барои солҳои 2021-2025 бо карори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июли соли 2020 тасдиқ гардид ва он самтхои асосию афзалиятноки амалишавии сиёсати давлатиро дар сохаи телевизион ва радио муайяну мушаххас намудааст.

[1] Серегичев С. Фактов об особенностях организации «Братьев мусульман». – М., 1999. – С. 54.
[2] Рӯзнома «Ихрӯз News». 11.03.2020. – С. 8.

Дар шароити вусъати терроризму экстремизми динӣ, чинояти фаромиллӣ ва мубориза шадид дар бозори геополитикии чахон иттилоот силохи асосӣ махсуб мешавад. Мухимтарин тадбир дар фазои иттилоотӣ хамкории зичи се бахш: чомеаи шахрвандӣ, давлат ва ВАО мебошад. Ин ҳамкорӣ пуразиш метавонад ва имкон фарохам меорад, ки барои пешгирии таҳдидхои иттилоотӣ омода бошем[1].

Дар чунин шароити геополикӣ Тоҷикистон барои ҳимояи фазои иттилоотияш бояд панч тадбирро роҳандозӣ намояд:

1. Пешниҳоди мухтавои сифатноки телевизионхои миллӣ, зеро рӯ овардани мардум ба шабакахои беруна ва манбаъхои иттилоотии бегона, бешубҳа мухотабонро дар зери таъсири шабакахои бегона бокӣ нигоҳ медорад.

2. Омода намудани мутахассисон ва хусусан онхое, ки бо забонхои англисӣ, русӣ ва дигар забонхои хориҷӣ мавод пешниҳод карда тавонанд.

3. Пойбарчо будан дар баробари нуфузи садхо сомонахои интернетӣ ва таҳоҷуми иттилоотӣ.

4. Такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони васоити ахбори омма.

5. Бехбудӣ бахшидан ба вазъи ВАО дар музофот[2].

Инчунин бояд зикр намуд, ки имрӯзҳо маводе пазируфта мешавад, ки дар сатҳи хеле баланди касбӣ тахия шуда, фарогири ниёзҳои аҳли ҷомеа бошад. Ин аст, ки кормандони соҳа сатҳо талошхои худро ба он равона карда истодаанд, ки пеш аз хама мухтавои маводи онҳо ҷавобгӯй ба талабот ва меъёрхои касбии соҳа бошад. Новобаста аз мушкилоти иктисодиву фанӣ инъикоси масоили сиёсӣ, иктисодӣ, ичтимой ва фарҳангӣ муассир аст.

Ташаккули шуури миллӣ дар шароити кунунӣ бештар аз хар замоне ба тааккулу тафаккур ниёз дорад. Бинобар ин муҳимтарин вазифаи ниходхои идеологӣ ташаккули тафаккури солими миллӣ дар ҷомеа аст.

[1] Сомонаи электронӣ: http://khatlon-ruznoma.tj/2225-rashi-vao-dar-tashakkuli-esosi-vazandor-yeshaberiza-ho-ifrotgaro.html (санаи мурочиат: 16.03.2021).
[2] Ятимов С.Р. Матбуоти даврӣ хамчун институти ҷамъиятиву сиёсӣ. Паёми Донишгохи миллии Тоҷикистон. Бахши илмхои сиёсӣ-хукукӣ. – 2018. – № 7. – С. 301-305.

Дин ва мазҳабҳои сунатиро дар доираи манфиатҳои миллӣ ташаккул додан ва пеш бурдан зарур аст.

Бояд гурӯҳҳои доимоамалкунанда аз ҳисоби коршиносони соҳаҳои гуногун бо максади пайгирӣ ва таҳлили вазъи ифротгароию тундгарой таъсис дода шаванд. Ин равиш барои омӯзиши амики масъала ва андешидани чорахои муносиб барои кӯҳиши сатҳи таъсири акидаҳои ифротгароию тундгарой дар афкори ичтимой имконият фарохам меовард.

Истифодаи пахлу ва имкониятҳои рухониёни суннатӣ барои хамоҳангсозии кӯшишҳо дар роҳи муборизаи аз гарики ВАО барои пешгирии ин падидаи номатлуб аз ахамият холӣ нест.

Ташкили фазои мусоиди иттилоотӣ барои кохиши сатҳи ифротгарой дар байни чавонон такозо мекунад, ки торномахои интернетӣ ва расонахои алохида барои тарғиби арзиш ва фарханги суннатӣ дар байни кишрҳои гуногуни чомеа, бахусус чавонон, таъсис дода шаванд ва ин расонахо бояд махсулоти аудиовизуалии чолиб тавлид созанд. Зеро, тибки тахлилхои коршиносон, таъсири ин гуна мавод дар байни чавонон пайваста дар ҳоли афзоиш аст.

Сайфуллоҳи Муллочон,
доктори илмҳои таърих,
сардори шуъбаи пажӯҳиши
маъхазҳои исломӣ

«ТАЪРИХИ ҶАҲОНГӮШОЙ»-И АТОМАЛИКИ ҶУВАЙНӢ САРЧАШМАИ НОДИР

Бештари муаррихони олам истилои кишварҳои Шаркро аз чониби лашкари ғоратгари муғул аз бузургтарин фочиаҳои таърих медонанд. Ибни Асир, ки шоҳиди ин фочиа буд, дар китоби маъруфи хеш – «ал-Комил фи-т-таърих», навиштааст, ки «аз ибтидои олам то дамидани сури Исрофил ходисае ба ин бузургӣ иттифоқ науфтодааст». Ӯ пас аз баррасии фитнаи муғул менависад, ки «шояд то инкрози олам ва поёни ҷаҳон мардум чунин ходиса ва чунин қавми хунхореро, ки назири онро чуз Яъчучу Маъчуҷ набошад, набинанд. Аммо Даҷҷол: ӯ ҳам касонеро ки аз ӯ пайравӣ кунанд, зинда мегузорад ва касонеро, ки мухолифаш бошанд, мекушад. Дар сурате ки ин даррандагон хеҷ касро зинда нагузоштанд. Балки занону мардону кӯдаконро куштанду шикамҳои заноне обистанро дариданду ҷанинро нобуд карданд»[1]. Муаррихи аврупой Константин д'Оссон бар ин бовар буд, ки «хамлаи муғул бешгар шабехи сонихаи осмонӣ буд, то ба вокеаи таърихӣ[2]».

Бегумон, сарнавишти фалокатбори точикон дар ростои ин саҳнаи шум, истисно нахохад буд; фочиаи муғул бузургтарин наслкушӣ ё генотсиди точикон дар тӯли таърих талаккӣ мешавад.

Муғулҳои балавӣ ба чиноятҳое даст заданд, ки дар хаман таърихи башар назиру монанд надоранд. Саҳрои муғулу анбӯхи сахтихои он аз Чингиз як шахсияти берахм, хашин, хунсард, харизматик ва конунгузор сохт. Ӯ, ки дар чомеаи нимавахшиву бодияхое, ки бӯе аз ободӣ набурда буданд, бо хамин турфа

[1] Ибни Асир. Таърихи бузурги Ислом ва Эрон. – С. 345.
[2] Константин д'Оссон. История монголов от Чингиз-хана до Тамерлана. Перевод Козина Н.Н. –Иркутск, 1937. – С. 27.

мардумони ёбоии мудом машғул ба дуздию роҳзанию хунрезӣ ва ғофил аз ҳар гуна донишу маърифат камол ёфта буд ва бо ҳар гуна ободӣ, бо кишоварзию пешаварию донишпарварию шаҳрнишинӣ душман буд. Ҳамон гуна ки аз катли оми сартосарӣ ҳаловат мебурд, аз баоташкашиданхову харобу валангор кардани шаҳру рустоҳои маъмуру пуршукух ҳам лаззат мебурд.

Муҳимтарин оқибатҳои истилои муғулро ба таври умум, метавон ин гуна хулоса кард:

1. Вазнимтарин паёмади ин ҳамлаи марғбор он буд, ки давлатдории муктадиру шукӯҳманди ниёгони мо аз байн рафт. Ва ин сарзамини дар авҷи шукӯҳу шуҳрати ҷаҳонӣ аз дасти чингизиён зеру забару пора-пора шуд.

2. Аз тохти муғул садҳо шаҳру касабаи тоҷикон бо ҳазорон рустову деҳкадаи ободу маъмур аз як сӯй харобу валангор шуд ва аз сӯе ҳам дигар ба мисли собиқ эҳё нагашт. Муҳаққиқи англис Ҷ.Ҳ. Сандерз навишта, ки Эрони Шарқӣ (яъне Мовароуннаҳр – С.М.)-ро Чингиз табдил ба маҳалли устухони мурдагон кард[1].

3. Садҳо ҳазор нафар, чи марду чи зан, аз Хуросону Мовароуннаҳр ба асорат бурда шуданд, нуфузи аҳолӣ бар асари куштору ҳичрати мардум коҳиш ёфт. Тоҷикон нас аз истилои муғул аз ҳаққи мусаллами ҳокими кишвар шудан маҳрум гаштанд ва ин ҳолат ҳафтсад сол идома ёфт.

4. Расму одот ва забони муғул, бо вуҷуди он, ки дар сатҳу чойгоҳи поёнтаре қарор дошт, ба ҳаёти минтақаҳои ишғолии ӯа аз чумла ба сарзаминҳои тоҷикон, таъсири амик гузошт. Муҳаққиқи рус И. Петрушевский менависад, ки муғулҳо тачрибаи аз байн бурдани назми кишвардориро дар Чин сар кардаа буданд. Ба навиштаи ӯ ашрофи лашкарии муғул бо чинихо (!) хусумати дерина доштанд. Онҳо талаб карданд, ки шаҳру деҳоти ин кишвари азиму ободон комилан нест гардад. Танҳо Чингизхон, ки солҳӯрдаву дурандеш буд, нагузошт ки чунин кор сурат гирад[2]. Ҷаҳонгарди араб, Ибни Баттута (1304-77), сад сол баъди ин ҳодиса аз Мовароуннаҳр гузар карда, ҳайф мехурад, ки

[1] Сандерз Ҷ.Ҳ. Таърихи футуҳоти муғул. Тарҷумаи Абулқосими Ҳолат. – Техрон, 1361. – С. 66.

[2] Петрушевский И.П. Земледелие и аграрные отношения в Иране XIII-XIVвв. – С. 54.

«масоҷиду бозорҳои Бухоро ҳанӯз махруба аст ва мардуми он дар ҳориву зиллат ба сар мебаранд. ...Акнун дар Бухоро касе ки аз илм чизе бидонад ё иноята бад-он дошта бошад, пайдо намешавад»[1].

5. Шаҳрҳои Мовароуннаҳр дар натиҷаи ҳамлаи муғулҳо хароб гаштанд ва ниме аз шаҳрҳои минтақа дигар эҳё ва бозсозӣ нагаштанд. 6. Дар ҳар давру замоне тиҷорат пояи аслии иқтисоди кишвар аст. Аммо, бар асари ҳамлаи муғул шерозаи тиҷорат дар дохили Мовароуннаҳр комилан аз ҳам пошид ва барои дубора эҳё кардани он садсолаҳо вақт зарур буд.

6. Шояд бигавон вазнатноктарин паёмади юриши муғулро таъсири ин фоҷеа ба рӯҳу равони тоҷикон номид. Тарсу ваҳшат чомеаро фаро гирифта, фасоди равонӣ ва сукути ахлоқӣ ба таври бесобиқае ривоҷ ёфт. Яке аз манобеи ин рӯзгор навишта, ки тарс аз муғул чунон шоеъ гардид, ки «агар кулоҳи муғуле дар миёни ҳазор хоразмӣ партоб мешуд, чумлагӣ мегурехтанд».

Набояд аз ҳадди инсоф бигзарем ва танҳо аз харобиву мусибатҳои аҳли муғул бигӯем. Аз ин рӯ, ба қавли Хоҷа Ҳофиз «айби ман ҷумла бигуфтӣ, ҳунараш низ бигӯ» кор баста, ба чанд нуктае, ки ҳосили ҳамлаи муғул буданд, ишора мекунем, ки хилофи бовар буда, муҷиби ҳайрати донишмандон низ гаштааст. Яке аз ин паёмадҳо истиқрори назму сабот ва инзиботи собиту қатъӣ дар қаламравҳои ишғолии муғул буд. Ҷузъиёти муаррих, ки нафрати беандозаи худро ба муғул пинҳон намедорад, эътироф мекунад, ки дуздию дурӯғ гуфтан дар сафи лашкари Чингиз вуҷуд надошт ва ҳар киро бо ин ду ҷурм мегирифтанд, ба сахтгарин муҷозот маҳкум мекарданд. Агар касе аз мардумон вом мегирифт ва се бор карздор ё варшикаст мегашт, ҷазояш марг буд. Куштори саросарӣ ва бархурди қотеъона бо ҳар гуна тахаллуфу эътироз чунон назму амниятеро пойдор кард, ки агар зане дар танҳоӣ мехост сафар кунад, метавонист кисаи зарро аз Пекин то Бағдод томму тамом бирасонад ва дар масири ҳаракати хеш, хеч кас мутаарризи ӯ нагардад.

[1] Сафарномаи Ибни Баттута. Тарҷумаи Муҳаммадалии Муваххид. Ҷилди 1. – Техрон, 1370. – С. 443.

Дигар нуктаи муҳим он аст, ки дар ростои ин ҳама заволу харобиву кушторҳои мудҳиши муғул, ба таври эъчобангез, дар Эрону Осиёи Марказӣ шуъбаи махсусе аз адабиёт, яъне фанни таърих падид омад ва бо суръат рушд намуд. Дар ин ахд таърихнигории порсӣ ба халди камоли худ расид. То ин дам бештари осори таърихӣ бо забони арабӣ нигошта мешуд (Табарӣ, Наршахӣ, Утбӣ ва ғ.). Сукути Бағдод (соли 1258) ҳамчун тахтгоҳи хулафои Аббосӣ, ки раҳбари маънавии ҷаҳони ислом ва ҳомиёни забони расмии хилофат буданд, бар сайтараи комили тозӣ дар забону адабу дину ойин поён бахшид. Аз ин пас дар каламрави густардаи Эрону Осиёи Марказӣ ҳатто осори диний низ ба забони мардумони ин минтақа – порсӣ нигориш меёфт.

Муҳимтарин омили рушду тараккии фанни таърих дар замони ҳукумати фарзандону наберагони Чингизхон – шавку алоқаи онон ба забту сабти ҳаводиси таърихӣ ва футуҳоту кишваркушоиҳои эшон будааст.

Таърихнигории порсӣ дар ин замон ба таври бесобиқае пешрафт кард ва нафистарин кутуби таърихӣ навишта шуд. Забеҳуллоҳи Сафо рушди таърихнигории ин замонро чунин арзёбӣ мекунад: «Таворихе, ки дар бораи ин ҳучуми бузург навишта шуда, ҳама пур аст аз зикри ҷиноёту фоҷиаҳои аъмоли вахшиёни мугулу татор. Бегардид ин вокеа сахттарин фоҷиа буд, ки то он ҳангом дар таърихи Эрон рух дод ва баъл аз он ҳам хеч гоҳ назире наёфт[1]». Осори ҷовидонаи «Ҷомеъу-т-таворих»-и Рашидуддини Фазлуллоҳ, «Таҷзияту-л-амсор ва тазҷияту-л-аъсор»-и Таърихи Вассоф»-и Абдуллоҳ ибни Фазлуллоҳи Шерозӣ, «Таърихи Гузида»-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ, «Маҷмаъу-л-ансоб»-и Шабонкорай дар ахди муғул таълиф гардид. Дар ҳамин давра, асари устод Алоуддин Атомалики Ҷувайнии Соҳибдевон, яке аз шахсиятҳои номдору муассир дар тахаввули фарҳангу адаби порсӣ, бо номи «Таърихи ҷаҳонгушой» дар саҳнаи дониш падид меояд, ки бо ҷомеъияту диққати назари олимонаи нигорандаш он, бетардид, аз мухимгарин осори таърихии адаби порсӣ эътироф

[1] Сафо Забуҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон. Аз оғози ислом то давраи салчукӣ. – Техрон, 1371. С. 329.

шудааст. Мутаассифона, ин таърихномае, ки аз рӯзгори пурфоҷиаи тоҷикон ҳикоят мекунад ва онро як тан аз тоҷикон бо забони тоҷикӣ нигоштааст, дар кишвари мо ҳеч гоҳ нашр нашудааст ва дар бораи он иттилооту огоҳии нухбагони тоҷик андак аст.

Алоуддин Атомалики Ҷувайнӣ соли 623-и ҳичрии қамарӣ (1226 милодӣ) дар деҳаи Озодвори шаҳри Ҷувайни Хуросон, наздик ба Нишопур, ба дунё омад. Ӯ аз хонаводаи маъруфу номдори Ҷувайнихост. Ҷадду обои Алоуддин Атомалик низ аҳли девону даргоҳ буданд ва дар аҳди Салчукиёну Хоразмшоҳиён умури девониро сомон медоданд.

Шамсуддин Муҳаммади Ҷувайнӣ, ки ҷалди Атомалик аст, аз мукаррабони даргоҳи Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ (1220-1220) ва писари ӯ Ҷалолуддини Мангубернӣ (1220-1231) будааст. Хондамир дар «Ҳабибу-с-сияр» навиштааст, ки ӯ дар мансаби муставфии девони истифои Хоразмшоҳиён ифои вазифа мекард[1]. Ниҳоят, падари Атомалик – Баҳоуддин Муҳаммад, пас аз истилои Мовароуннаҳру Хуросону Эрон аз ҷониби муғулҳо ба хидмати дарбор ҷалб шуда, соҳибдевони Хуросону Мозандарон гаъйин мегардад. Ин ҳодиса дар соли 633-и ҳ.к. (1235 м.) иттифок уфтодааст. Баҳоуддини Ҷувайнӣ то охирин рӯзи ҳаёти худ (соли 651 ҳ.к. / 1253-1254 м.) дар хидмати дарбори муғул карор дошт ва дар замони Уқтой ва Ҳулоку мавриди эътимоди комили муғул будааст. Ду фарзанди Баҳоуддин – Шамсуддин Муҳаммад ва Алоуддин Атомалик дар умури идории муғул нақши бориз гузоштаанд. Шамсуддин Муҳаммад дар аҳди Ҳулоку ва писараш Абокоон (1265-1282) вазири аъзами Илхонон буд. Алоуддин Атомалик ханӯз ҷавон буд, ки ба кори девону даргоҳи муғулҳо ҷалб гардид. Ӯ 15 сол дабири хосси Амир Арғун – ҳокими муғули Эрон, Гурҷистон ва Осиёи Хурд буд. Атомалик дар сафарҳо ба Қарокурум, пойтахти империяи муғул, Арғунро ҳамроҳӣ мекард ва дах соли умрро дар ин наклу интикол сипарӣ кард. Ҷувайнӣ дар дебочаи китоби хеш менависад, ки «Аз худовандони фазлу афзол, ... сазад, ки бар ракокату кусури алфозу иборот аз роҳи

[1] Хондамир. Ҳабибу-с-сияр. – Техрон, 1369. – С. 437.

карам зайли авву аколат пўшонанд. Чӣ муддати дах сол мешавад, ки пой дар роҳи иғтироб нихода аст ва аз таҳсил иҷтиноб намуда ва авроки улуми насҷ алайҳи анкабут шуда ва нукуши он аз сахифаи хотир маҳв гашта[1]».

Ӯ борҳо аз Бағдод озими Эрон, Хуросон ва Мовароуннаҳр гардида, то пойтахти импературии муғул шаҳри Қарокурум расидааст. Дар ин сафарҳо, аз ҷумла, дар сафарҳои солҳои 1247, 1249, 1251, ки баъзе аз он мусодиф бо вокеаҳои муҳим буданд, Ҷувайнӣ тамоми каламрави импературиро дарнавардида, бо авзоъ ва аҳволи кишвар аз наздик ошно шуда, барои таълифоти хеш мавод ҷамъ овардааст.

Соли 654 ҳ.к. (1256 милодӣ) Амир Аргун Атомаликро бо фотеҳи Бағдод ва муассиси силсилаи Илхонон – Ҳулоку (1261-1265) муаррифӣ кард ва Ҳулоку истеълоду гавҳари ин ҷавонро шинохта, вайро аз мукаррабони даргоҳи худ таъйин намуда раиси шаҳри Бағдод таъйин кард.

Атомалики Ҷувайнӣ 8 ҷумодулулои соли 681-и ҳ.к. (1 сентябри соли 1282) дар Бағдод аз олам гузашт. Ҷасади вайро ба Табрез оварданд ва дар «Макбарату-л-вузаро»-и маҳалли Чарандоб (оромгоҳе, ки чунин бузургони илму адабу сиёсат – Қутбуддини Шерозӣ, Абдуллохи Сайрофӣ, Сирочи Камарии Омулӣ дафн шудаанд) ба хок супурданд. Аммо бародари ӯ Шамсуддин, бо фармони Аргуни муғул, дар мавзеи Ахар, вокеъ дар вилояти Озарбойҷон, 4 шаъбони соли 683-и ҳ.к. (23 октябри соли 1284) ба катл расид.

Атомалики Ҷувайнӣ, бе тардид, аз ҳайати он дилбохтагони ҷонсӯзу фидокоре буд, ки дар роҳи раҳоии Ватан аз ҳар гуна зулму таҷовузу тороҷу истисмор ҷони хештан ба гарав мемонду ҳеҷ саъйю талошеро дареғ намедошт. Боре чун Ҳулоку аз қасабан Хабӯшон мегузашт, онро харобу корезҳои ӯро хушк дид ва нороҳат гашт. Ҷувайнӣ «чун хавасу майли подшоҳро ба иморати харобихо мушоҳида намуд», шарҳи холи харобии онро ба арз расонд. Ҳулоку низ филхол фармон дод, то шаҳрро иморат кунанду сокинони ҷилои ватан кардаро дубора фаро хонанд ва тамоми масорифи лозимро аз хизонан хос бипардозанд.

Ҳама хонадони Ҷувайнӣ, хамчун Бармакиёни замони Аббосиён, аҳли фазлу адаб ва арбоби ҷуду караму хунар буданд. Муарриху мухаддиси маъруф Заҳабӣ навиштааст, ки ҳар кас китобе ба номи эшон таълиф мекард, ӯро нақдан ҳазор динор зари сурх ҷоиза медоданд. Донишмандону уламо ва шуарову фузалое чун Хоҷа Насируддини Тусӣ, Сафиуддини Урмавӣ, Камолуддин Майсами Бахронӣ, Низомуддини Исфаҳонӣ, Хоҷа Ҳумоми Табрезӣ ва Саъдии Шерозӣ афроди ин хонадонро ситудаанд. Саъдӣ дар қасидае Алоуддин Атомалики Ҷувайниро ин гуна ситоиш мекунад:

Ҳар он ки рӯйи ту бинад, баробари Хуршед,
Миёни рӯяту Хуршед дар гумон монад.
Ачаб мадор, ки то зиндаам, муҳиби туам,
Ки то ба зери заминам, ба устухон монад...
Чафо макун, ки пажмонад ҷаҳону ҳар чӣ дар ӯст,
Вафову суҳбати ёрони меҳрбон монад...
Туро ба Ҳотими Тойӣ масал зананду хатост,
Гули шукуфта кӣ гӯяд, ба арғувон монад?!..
Фунуни фазли туро гояте ҳадде нест,
Ки нафси нотиқаро қудрати баён монад.
Ту маъни зиндай дар камоли фазлу адаб,
Ки то Қиёмат аз ӯ дар кутуб нишон монад![1]

Мухимтарин асари Атомалики Ҷувайнӣ «Таърихи Ҷаҳонгӯшой» ба шумор меравад. Аз мутолааи ин китоб бармеояд, ки муаллиф онро муддати мадиде ва дар амокини мухталифе навиштааст. Замони тахминии таълифи китобро метавон байни солҳои 1253-60 тахмин зад. Ахбори мундариҷ дар ин китобро Ҷувайнӣ ё аз афроди муътамад ва аҳли рикоби Чингизу коргузорони ӯ ва фарзандонаш шунидааст. Аммо ин асар аз замони таълиф шухрати азим ёфт ва писанди хотири умум гардид. Бештари муаррихону адибон аз ин китоб ёдовар шудаанд.

[1] Чувайни Атомалик. Таърихи Ҷаҳонгӯшой. Тасҳеҳи Муҳаммади Қазвини. – Техрон, 1385. – С. 34.

[1] Куллиёти Саъдии Шерозӣ. Нашри Фурӯғӣ. – Техрон, 1382. – С. 329.

Чунончи, таърихшиноси маъруф Ибни Ибрӣ (1226-1287) менависад, ки ахбори худ рочеъ ба Хоразмшоҳиён, исмоилиён ва муғулро аз «Таърихи Ҷаҳонгушой» нақл кардааст. Муаррихони баъдӣ, аз қабили Рашидуддини Фазлуллоҳ, Ҳамдуллоҳи Муставфӣ, Мирхонд, Хондамир ва чанде дигар, аз таълифоти Ҷувайнӣ бахравар шудани хешро таъкид кардаанд.

«Таърихи Ҷаҳонгушой» шомили се бахш аст:

Бахши нахуст ба рӯзгору осори Чингиз, мачмӯи одоту қавонини муғул (Ёсҳо), сарнавишти қавми уйғур, лашкаркашиҳои Чингиз ба Мовароуннаҳру Хуросон, заволу инкирози силсилаи Хоразмшоҳиён, ҳукумати Уктой, Гуюк ва аҳволи Ҷучӣ ихтисос ёфтааст.

Бахши дувум ба таъриху сарнавишти дудмонҳои хоразмшоҳӣ, қарохитой (киданхо) ва Илхонони Эрон бахшида шудааст.

Дар бахши сеюм Ҷувайнӣ дар боран аҳди Мангукоон, лашкаркашии Ҳулоку ба Эрон, рӯзгори исмоилиён ва давлатдории онон маълумот овардааст.

Мавқеияти наздики Ҷувайнӣ ба «султони аср» ва вобастагияш ба дарбор муҷиб шуд, то асараш вокеъгуна, содиконаву бетарафона ва дур аз тамаллуқу чоплӯсӣ бошад. Ҷувайнӣ якуним сол дар Қарокурум ба сар бурда, ахбору ривоёти фаровоне аз саргузашти муғулҳо ба даст овард. Ҳангоми забти қалъаҳои исмоилия дар ҳудуди Эрон (1256) ва забти Бағдод (1258) низ дар рикоби лашкари муғул буд. Ҷувайнӣ ба асноди расмӣ дастрасӣ дошт, таҷрибаҳои шахсияш, аз ҷумла сафарҳои вай низ ҳангоми таълифи асар дар навиштааш таъсиргузор будааст.

Дар рафти тасарруфи қалъаҳои исмоилиёни Эрон (соли 1256) Атомалики Ҷувайнӣ аз Ҳулоку ичозат гирифт, ки китобхои аз замони Ҳасани Саббоҳ дар Маймундиз ҷамъоваришударо бибинад ва он чиро ки лоики нигаҳдорӣ бошад, чудо кунад. Осори барои худ зарур ва олоти нучуми расадхонаро нигоҳ дошт ва боқиро, ки марбут ба кешиҳои исмоилия буд, бисӯхт. Ӯ иттиллои хешро дар бораи Ҳасани Саббоҳ ва исмоилия аз китобе бо номи «Саргузашти Сайидино» ба даст овардааст. Дар баъзе сарчашмаҳо омадааст, ки пайравони исмоилия ин кирдори

Атомалики Ҷувайниро набахшиданд ва як сол пас чанде аз фидоиёни исмоилӣ бар ӯ хамла карда, чанд захми ханҷар заданд. Аммо чун захмҳо мухлик набуданд, пизишкон вайро муолаҷа карданд ва Ҷувайнӣ ҷон ба саломат бурд.

Атомалик шохиди тасарруфи Бағдод, маркази панҷсадсолаи ҷахони ислом, дар соли 1258 будааст. Рашидуддини Фазлуллоҳ дар ин бора навиштааст: «Ҳулоку ... ба қасди тасхири Бағдод бар роҳи Кирмоншоҳону Ҳулвон равона шуд ва умарои бузург ... Сайфуддини Битикчӣ, ки мудаббири мамлакат буд ва Хоҷа Насируддини Тусӣ ва соҳиби саъид Алоуддини Атомалик бо тамомати салотину мулук ва куттоби Эронзамин дар бандагӣ буданд[1]».

Ҷувайнӣ дар аксарияти вокеаҳои муҳим, ки дар «Таърихи ҷаҳонгушо» мундариҷ сохта, худ ҳозиру шоҳид будааст ё тафсилоти онҳоро бевосита аз ричолу бузургони муғул шунидааст. Ин шеван таърихнигориро мо танҳо дар таърихномаи устоди фарзонаи Хуросон Байҳакии дабир мушоҳида мекунем; шаке нест, ки Ҷувайнӣ аз услуби Байҳакӣ мутаассир гашта, бо илҳом аз навиштори ӯ, рисолаи хешро таснифи кардааст. Ҷувайнӣ низ чун Байҳакӣ камоли тавозӯъ намоиш дода, дар нигоштани таърих худро нокоромад ва аз ночорӣ мешуморад ва як байти арабиро ҳам мисол меорад, ки маънояш чунин аст: «сарзаминҳо аз афроди шоиста холӣ монд ва ман, ки аҳлият надоштам, сарварӣ ёфтам!»[2].

Аллома Қазвинӣ асари Ҷувайнӣ ва Вассофро бо ҳам қиёс карда, менависад, ки «Таърихи Ҷаҳонгушой» бар (асари таърихии) Вассоф симати тақаддум дорад». Ҷувайнӣ парвардаву баркашидаи муғулҳо буда, солҳо дар рикоби хонҳои муғул зиста, аммо наслкушии чингизиён дар Мовароуннаҳру Хуросону Эронро ҳолисона тасвир кардааст: «ҳар шаҳру ҳар деҳаеро чанд навбат кушишу ғорат карданд ва солҳо он ташвиш бардошт ва ҳанӯз то растохез агар таволиду таносул бошад, шумори мардум ба уқёри онҳо будааст, нахохад расид[3]».

---

1 Рашидуддини Фазлуллоҳ. Ҷомеъу-т-таворих. – Техрон, 1375. – С. 235.
2 Ҷувайнӣ Атомалик. Таърихи ҷаҳонгушой. – С. 231.
3 Ҳамон ҷо. – С. 181.

Мутолааи «Таърихи Ҷаҳонгушой», ошной ба он сахнаҳои зиндаву ҷаззобу муассире, ки Ҷувайнӣ ба силки тасвир мекашад, бидуни ихтиёр ин пурсишро ба зеҳни хонанда меоварад, ки ин шахсияти бедор, муъмин, мутадаййин, ҳаким ва донишманд бо чунин фазилату фарзонагӣ, аз чӣ рӯву ба чӣ хотир бо як душмани ваҳшие тимсоли мугул хамнишину ҳамкору хамдаст шудааст?! Донишманди фархехтаи аврупой, муҳаққиқи тавонои таъриху адабиёти форсӣ Эдвард Браун (1862-1926) сад сол мукаддам навишта буд, ки Ҷувайнӣ аз бахти баду рӯзгори нофарҷом дар нихояти бечорагӣ барбарҳоро тамҷиду ситоиш кардааст[1].

Аммо Ҷувайнӣ бо вуҷуди он ки дар хидмати муғулҳои номусулмон буд, бо шиддату махаббати бесандоза аз ислом ва исломият дифоъ мекунад. Аз ин ки кишвари ӯ ва ҳамкешонаш мавриди торочу чиповули муғулҳои бадкеш гаштаанд, шадидан норохат аст. Ӯ бо он ки лашкаркашихои Мухаммади Хоразмшохро накд мекунад ва онҳоро мукаддимаи хуҷуми Чингиз медонад, марги ӯро талафоти чуброннопазир барои ислому мусулмонон мешуморад. Ҷувайнӣ чавонмардиву рашодатҳои Султон Ҷалолуддинро, ки дар баробари лашкари «султони ҷаҳонгушой» Чингизхон кад алам кардаву ҳазорон муғулро ба ҷаханнам фиристода буд, меситояд.

Ҷувайнӣ ободиҳои мулкаш, шахру деҳоти пурфайзи тоҷиконро, ки аз қахри душмани хунхошому саркаш хокболу ахгар шудаанд, бо рикқати калб тасвир мекунад; ӯ шаҳодати яке аз фақеҳони муътабар – Алоуддин Муҳаммади Хутаниро дар нихояти хузну андӯҳ баён дошта, ҳамраъйии хонадонашро хосил мекунад. Дар чое дигар пайравии баъзе аз хонҳои муғул аз масеҳиятро накухиш мекунад; ҷараёни ғорату куштору сухтори лашкари хунхори муғулро бо устодӣ каламдод мекунад. Қозӣ Минҳоҷ Сирочи Ҷузҷонӣ (1193-1260) низ хамзамони Ҷувайнӣ буда, дар «Табақоти Носирӣ» бар лашкари муғулу пешвоёни он метозад ва Чингизхонро «малъун» хитоб мекунад. Аммо набояд фаромӯш кунем, ки Ҷузҷонӣ асарашро дар сарзамини Ҳинд, ки

[1] Броун Э. Тарихи адаби Эрон. Тарчумаи Солех. – Тегеран, 1358. – С. 197.

дур аз каламрави муғулҳо буд, таълиф кардааст, аммо Ҷувайниву падару бародараш коргузори дарбори муғулҳо буданд.

Ҷувайнӣ ба фанни таърих ва рисолати аслии он, ки ибрат гирифтан аз гузашти рӯзгор аст, пойбанд аст. Ӯ ҳар достонеро чун ойинаи тамомнамои гузашта фурсате баҳри андешидану панд гирифтан медонад. Ӯ парокандагиву нифок ва бар хамкешону хешони худ муҳаббат наварзидану тарки силаи раҳмро аз муҷиботи аслии сукути давлатҳои Хоразмшоҳиёну Аббосиён медонад. Аз ин рӯ, иттиҳоду хамбастагиро рамзи пирӯзии муғулҳо донista, бо дарду алам менависад, ки «Чингизхон ва уруғи ӯ бар ин муҷиб аз ҷаҳон аксарӣ гирифтанду бакоё дами эълӣ мезаананд ва молу хироҷ кабул мекунанд... Ва агар салотини Ислом дар ибкои акорибу пайванди ачониб ҳамин конда мумаххад гардониданд ва ин асос мушайяд ва зинхориёнро дар харими эшон паноҳ будано каеди хешон дар мазхаби муруввату футувват маҳҷур ва дар шариати шафакату раъфат маҳзур шумурдӣ, истисоли эшон мумкин нагаштӣ»[1].

Ҷувайнӣ ҳар суханеро чун ба риштаи тахрир кашад, санади оиро низ манзур мекунад. Гоҳе аз пиронӣ муғул менависад ва гоҳе аз арбоби Қошғар. Имтиёзи дигари «Таърихи Ҷаҳонгушой» он аст, ки ӯ ибрати таърихро барои бедориву огохии мардум муфид медонад ва бар хилофи тақдиргароёну мутаассибони рӯзгори хеш, ки тамоми вақоеъ ва ҳаводиси оламро аз шумии пешонӣ ва хатти сарнавишт медонистанд, вазъи мардумро хосили андешаву амали онон меҳисобид. Аз ҷумла, парешонии уламову гумрохии салотини Хоразмшоҳӣ ва кундии мардумонро сабаби бар онҳо тасаллут пайдо кардани муғулон мешумурд. Маликушшуаро Баҳор дар «Сабкшиносӣ» менависад, ки Ҷувайнӣ «аз удабои олимакоми алаби порсӣ аст ва «Таърихи Ҷаҳонгушой» шоҳиди адле бар вуфури фазлу куввати адаб ва касрати завқу кудрати карихаи ӯст[2]».

Ҳарчанд Ҷувайнӣ асари хешро дар ахди хукумати муғулҳо ва ба номи онҳо (ҷаҳонгӯшо, яъне Чингизи ҷаҳонгӯшо) таълиф

[1] Ҷувайнӣ Атомалик. Таърихи ҷаҳонгӯшой. – С. 321.
[2] Маликушшуаро Баҳор. Сабкшиносӣ. – Техрон, 1387. – С. 52

карда, аммо дар ҳилоли тамчиду ситоиш, аз харобии шаҳру катлу куштор ва рӯзгори аҳволи бади мардумон низ лаб фурӯ намебандад. Аз ҷумла, ба ҳаводиси солҳои 1248-1251 ишора карда таъкид мекунад, ки дар он давра: «кори зулму ҷавр бар осмон расида буд». Дар ҷои дигар аз равнақ уфтодани забони порсӣ ва ҷойгузин шудани уйғурӣ ва рох ёфтани афроди гасодуфӣ дар умури давлатлориро бо ин лаҳни гунд баён мекунад: «Ва забону хатти уйғуриро фазлу ҳунари тамом шиносанд. Ҳар як аз абнои савқ дар зеҳни аҳли фусук амире гашта ва ҳар муздуре дастуре ва ҳар музаввире вазире ва ҳар мулбире дабире ва ҳар мустадфӣ муставфие ва ҳар мусрифе мушрифе ва ҳар шайтоне ноибдевоне ва ҳар к... харе сари садре ва ҳар шогирди пойгоҳе худованди ҳурмату чоҳе ва ҳар фарроше соҳиби дурбоше ва ҳар чофие кофие ва ҳар хасе касе ва ҳар хасисе раисе ва ҳар ғодире кодире ва ҳар ласторбанде бузургвор донишманде ва ҳар чамоле аз касрати мол бочамоле ва ҳар чамоле аз мусоъадати иқбол бо фусҳати ҳоле»[1].

Ин китоби Ҷувайнӣ ба Рашидуддини Фазлуллоҳ, ки аз муаррихони бузургмартабати ҷаҳон аст ва низ ба бокии муаррихони давраи муғулу баъд аз он таъсири босазое гузоштааст.

«Таърихи Ҷаҳонгушой» аз костиву камӣ ва фурӯгузорӣ холӣ нест. Муаллиф, тавре зикр кардем, бо ҳар роҳе хоста юриши муғулро тавҷеҳ кунаду онро мантиқӣ ва ҳосили амалҳои бади мардумоне, ки гирифтори ҳамлаи муғул шуданд, нишон дихад. Ҳамчунон гоҳе, тақдиргарой ва таслим дар баробари сарнавишту қазо хосси ҷаҳонбинии Ҷувайнӣ ва муаррихони дигари точик (назири Утбӣ, Байҳақӣ ва Мирхонду дигарон) дониста мешавад. Ҷувайнӣ талош кардааст, ки тамоми ҳаводиси барон «миллати ислом» пеш омадаро тавҷеҳ кунад ва онро ҳамчун иродаи Ҳудованд намоён кунад.

Чунин назаре вучуд дорад, ки ба хотири мутасаддии мансаби давлатӣ будан, «Таърихи Ҷаҳонгӯшой» нотамом мондааст, ки аз хотимаи китоб низ онро метавон пай бурд. Аммо Атомалики

[1] Ҷувайнӣ Атомалик. Таърихи ҷаҳонгӯшой. – С. 19.

Ҷувайнӣ соли 1252 ё 1253 ҳангоми дар Қарокурум будан ба таълифи асари худ мепардозад ва соли 1260, ки шаҳрдори Бағдод таъйин гардид, ҳанӯз ин корро ба сомон нарасонда буд[1]. Дар баъзе мавридҳо санаҳои зидду накиз низ дар асар ҷой доранд ва метавон ҳадс зад, ки он хосили банд будани муаллиф дар умури идорӣ ё таҳрири ниҳоӣ нашудани асар бошад. Тасарруфи Бағдод ва хотима бахшидан ба хилофати панҷсадсолаи Бани Аббос, яке аз саҳифаҳои муҳими истилои мугул мебошад, ки дар ин асар зикре аз он нарафтааст. Бешак, раиси шаҳри Бағдоду атрофи он таъйин гаштани Атомалик имкон надод, ки ин моҷаро низ дар китоби ӯ дарҷ гардад.

Ҷувайнӣ баъзе аз коргузорони мусулмонро, ки дар хидмати муғулҳо қарор дошта, дар ҷараёни ҷамъоварии молиёт мардумро пўст меканданду бо ҳар баҳонае раиятро меозурданд, шадидан интиқод мекунад. Яке аз чунин ашхос Шарафуддини Хоразмӣ буд, ки аз дасти ӯ «дар шаҳр нафири авроту зафири айтому газарруъи муслихону нолаи муфсидон ва истиғосати мазлумону кафрини дарвешон ба осмон мерасид»[2].

Ҷувайнӣ вақте аз амири Ҳуҷанд Темурмалик, ки аз хешовандони модари Султон Муҳаммад буд ва мунтасаби ӯ ва корномаи дурахшону мондагораш алайҳи муғулҳо менависад, бо лаҳне маҳаббатомези ҳамроҳ бо гамчиду ситоиш аз ӯ ёдоварӣ мекунад ва пас аз зикри номи ӯ меафзояд, ки «агар Рустам дар замони ӯ будӣ, ҷуз ғошиядории ӯ накардӣ». Ва ё ҷое дигар низ менависад, ки «чун мардон шамшерзанон мерафт». Вале замоне аз ҷунбиши мардумии аҳли Тороби Бухоро сухан ба миён меоварад, он солро соли нахс ва пешвои киёми мардумиро дар «ҳамокату ҷаҳолат адиму-л-мисл» хонда, пайравонашро низ «муъзмину мубтало» меномад. Яъне, ҷунбиши мардуми бумии Бухороро, ки ҷон бар лаб расидаву роҳе дигар барои раҳоӣ аз ситаму ҷафоро намедиданд, ба ҳамон равиши муаррихони пешин, ғурӯҳ медонад. Агар Наршахӣ Муқаннаъро, ки алайҳи Аббосиёни ситамгару сиёҳалам, худро сапедҷома номид, душном

[1] Джувейни Ата-Мелик. История завоевателя мира. Перев. с англ. – М.: 2004. – С. XXXI.
[2] Ҷувайнӣ Атомалик

дихад, Байҳақӣ Алии Куҳанлизин душмани хонадони Ғазнавиёнро дузду ғоратгару муфсид меномад ва Шарафуддин Алии Яздӣ сарбадорони Самаркандро раняти фасодангез мехонад. Муаррихони коммунист низ мухолифони ҳудро босмачиву рохзану дузд номидаанд ва то таърих будааст ин кажгуфториву бешармӣ будаасту хохад буд. Боре ахли басират донишро мебояд, ки ба вақти мутолаан чунин кутуб ин гуна казоватҳои якчониба ва бечорагии муаррихонро билонанд.

Чувайнӣ дар чилди савуми асар перомуни таърихи исмоилия, акоиду мазҳаби эшон ва давлатдории Фотимиёну ботиниёни Эрон сухан меронад. Харчанд асари ӯ дар ин замина низ манбаи бебаҳост, аммо бештари навиштаҳои ӯ нисбати ин мазҳаб ва сарнавишти пайравони исмоилия, ки дар асрҳои миёна ғолибан точикон ба он мегаравиданд, мугризонаву бепоянд. Ӯ чунбиши Ҳасани Саббоҳро бо вожаҳои талбис, тазвир ... тавсиф мекунад. Пайвастани мардумон ба сафи пайравони вайро натичаи фиребу чангу пайкори Ҳасани Саббоҳ медонад. Чувайнӣ намехоҳад эътироф кунад, ки онҷӣ равшанфикрони точик ва гуруҳҳои мардумро ба самти Фотимиёну давъати Ҳасани Саббоҳ кашонд, натичаву асари мустакими ҳукуматҳои золимонаву ғоратгару авбоше чун Ғазнавиёну Салчукиён аст. Аммо, чун дар бораи катлу ғорати точикони исмоилӣ тавассути ғуломи турки Маликшоҳ бо номи Юрунтош менависад, онро бо хунсардӣ баён медорад, ки гӯё чунин коре дуруст бошалу ин бахтбаргаштагон мустаҳҳики чунин сарнавишт бошанд.

Шеваи баёни Чувайнӣ дар киёс бо забони содаву равони Рашидуддини Фазлуллоҳ, хеле душвору печида аст, аммо дар камоли фасоҳату балоғат. Дар давран ӯ чойи сабки хуросонии форсии нобро, ки пироями саҳнаи адаби даврони Сомониёну Ғазнавиён буд ва ҳакими Байҳак, Абулфази дабир «дабои хуравонӣ»-и хешро бо хамин сабк ба зевари табъ кашид, силки баёни муғлаку мураккаби ороста ба алфозу таъбироти арабӣ гирифта буд. Чувайнӣ, ки падар бар падар дабиру дабирзода буд ва аз улуми афзали даврони хеш бархурдор, зебогуфторӣ ва сухани сачъу дилраборо низ фаромуш намекунад. Инак, чанд

намуна хамчун муште аз хирвор аз ин баёноти дардовару мусибатбор, вале бо фасоҳати баланду балоғати бемонанд:

«Ғоирхон бар имтисоли шиорат эшонро бе молу чон кард, балки чахонеро вайрону оламеро парешон ва халкеро бе хонумону сарварон; ба хар катрае аз хуни эшон Чайхуне равон шуд ва кисоси ҳар тори мӯе садхазорон сар бар сари ҳар гӯе кӯе гардон гашт ва ба дили хар як динор ҳазор кинтор пардохта шуд».

Дар чое дигар: «Чун аз он холат иълом ёфт, аълом ба тарафи Сақнок тофт».

Боз як намуна: «Табакаи зухход ба такдими шукри илохӣ машғул ва акобиру маъориф бо маъозифу мазомир ба чашну сур ва авсоту-н-нос бо фараху сурур ва чавонон дар басотин дар хойуҳуй ва пирон бо якдигар лар гуфтугӯй»...

Чувайнӣ монанди Байҳакӣ таърихноман хешро бо абёти ғарро, чи порсӣ ва чи арабӣ, ороста, такрибан дар тамоми фаслҳо осори шуарои мутакаддим (назири Анварӣ, Умари Хайём ва ғ.)-ро намуна меоварад, вале аз исми шоирон ба нудрат ёд мекунад. Боре номи Фирдавсӣ,Унсурӣ ва Саноиро зикр мекунад. Касоиду ситоишҳои Саъдӣ низ бепосух намондаанд ва Чувайнӣ ҳар гохе ашъори дилорон Шайх Саъдиро ҳамчун ороями матлабу муддаои иншояш овардааст.

Вижагихои услуби «Таърихи Чахонгушой»-ро Маликушшуарои Баҳор дар асари арзишманди хеш – «Сабкшиносӣ», баён кардааст. ки мухимтарини онҳо вучуди сиғаҳои хос, афъоли қадим, феълҳои нокис, феъли нафйи муаккад, такрори феълҳо, ихтисосоти нахвии замоир (чонишинҳо), чумлабандиҳои мушхасир ба фард ва г. мебошад, ки бо номи «сабки Чувайнӣ» маъруфанд. Устод Маликушшуарои Баҳор хулосан матни Чувайниро бар се кисм медонад: кисме ба кулли маснуъ, кисме сода ва кисме наклшуда аз навиштаи дигарон. Кисмати ахирро содатарин матни китоб донистаанд[1].

«Таърихи Чахонгушой»-ро созмони чахонии ЮНЕСКО дар феҳристи осори шоҳкори чахон гунчондааст. Чим Бойл «Таърихи

[1] Маликушшуаро Баҳор. Сабкшиносӣ. – С. 94.

Ҷаҳонгушой»-ро бо маслаҳату тавсияи ховаршиноси маъруф, Владимир Минорский соли 1958 бо забони англисӣ тарҷума ва нашр кард. Дар дебочаи ин нашр муаррихи машҳур Стивен Раннсимен эътироф мекунад, ки «ҳеҷ навиштае дар замина таърихи муғул ба андозаи асари Ҷувайнӣ муфид нест. Зеро Ҷувайнӣ тамоми қаҳрамонони асари хешро аз наздик мешиноҳту бо онон хашру нашр дошт».

Аз рӯи тарҷумаи ин матни англисӣ, Е.Е. Харитонова «Таърихи Ҷаҳонгушой»-ро бо забони русӣ баргардон карда, шарҳу тавзеҳи фаровон низ бар ин кор афзудааст, ки арзишманд аст. Асари мондагори Ҷувайниро соли 2015 бо забони ӯзбекӣ тарҷума ва нашр кардаанд. Мутарҷими ӯзбекии «Таърихи Ҷаҳонгӯшой» Назарбек Раҳим пешгуфтори муфассале низ бар ин нашр афзудааст.

Нигорандаи ин мақола матни комили «Таърихи Ҷаҳонгӯшой»-и Атомалики Ҷувайниро бо расмулхатти имрӯзаи тоҷикӣ омода карда, шарҳу тавзеҳот ва мукаддимаи муфассале низ бар он афзудааст. Қарор аст, ки ин сарчашмаи нодири забону адаби мо дар зудтарин фурсат ба зевари табъ ороста гардад.

Нуриддин Муминзода,
сармутахассиси шуъбаи
пажӯҳиши маъхазҳои исломӣ

ВАЗЪИЯТ ВА ДУРНАМОИ ИЛМИ МАНТИҚ ДАР ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

Имрӯз мантик дар низоми илмҳои гуманитарӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд. Аз сабаби он, ки доираи донишҳои мантиқӣ хело доман афкандааст, бинобар ин барои омӯзиши илми мантик, майлу завқ бояд боз ҳам афзунтар гардад. Чунки дониши мантиқӣ имконият медиҳад, ки шахс роҳҳои дурусти андешаю фикрроиро аз худ кунад, фикри дурустро аз нодуруст фарқ намояд ва ҳангоми мулоҳизаю мухокима бо хатой ё иштибоҳ роҳ надиҳад. Агар хатой ҷой дошта бошад, сари вақт ислоҳ карда шавад. Мантик илмест, ки дар раванди бахсу мунозираҳо на фақат худро, балки музокиракунандаро метавонад назорат намояд. Табиист, ки чунин нишонаю сифатҳои тафаккури эҷодӣ пеш аз ҳама барои омӯзгор зарур мебошад. Донистани қоидаву қонунҳои мантик барои омӯзгор имконият фароҳам меоварад, ки ӯ нутқи касбии хешро аник, возеҳу равшан ва бо далелҳои мустамад мураттаб намояд. Инчунин ҳангоми сухбат бо донишомузон дар чараёни таълим, аз назаргузаронии корҳои хаттии онҳо зиддиятҳоро ошкор карда тавонад; инчунин нақшаи корӣ ва ҳуҷҷатҳои хизматиро дуруст тартиб диҳад ва ғайраҳо. Албатта барои ин омӯзгор бояд тафаккури мантиқӣ дошта бошад.

Ташаккули тафаккури мантиқиро бидуни донишӣ мантиқӣ тасаввур кардан мумкин нест. Барои ин омӯзгор ва шахсоне, ки ба фаъолияти фикрӣ машғуланд, бояд аз ин қонуну қоидаҳои илми мантиқ бархурдор бошанд. Мантик илмест, ки шаклҳо ва қонуну қоидаҳои тафаккури дурустро меомӯзад. Тафаккур бошад инъикоси таъмими (умумиятдошта) воқеият буда, тавасути забон (калима, гурухи калимаҳо, чумла) ифодаи худро меёбад. Яъне дар зинаи тафаккур воқеият тавассути мафҳумҳо инъикос мегардад. Дар адабиёти илмӣ ва таълимии муосир тафаккур

хамчун мавзўи омўзиши фанни мантик, инъикоси бавосита ва умумият дода шудани ашё дар шуури инсон буда, воситаи муҳимтарини дониши илмӣ ба ҳисоб меравад. Тафаккур чараёни мураккаб, натичаи амалиёти фаъолона ва максаднои инсон буда, бо забон узван пайваст аст. Яке аз нишонаҳои тафаккури мантикӣ дар он зоҳир мешавад, ки вай дар заминаи инъикоси бевосита бошад, тавассути вокеият ташаккул меёбад. Инъикоси бевосита бошад, тавассути узвҳои ҳис дар шакли эҳсосу идрок ва тасаввурот сурат мегирад. Нишонаи дигари тафаккури мантикӣ дар шакли мафҳумҳо инъикос гардидани ашёву падидаҳои олами зоҳир мешавад. Агар тавассути шаклҳои ҳиссии маърифат мо ашё ва хосиятҳои онҳоро бевосита дарк намоем, пас тафаккури тачридӣ (абстрактӣ) имконият медиҳад, ки бидуни тачриба ва маълумоти узвҳои ҳиссӣ аз як дониш дониши дигари то ҳол номаълум ба даст дароварда шавад. Дар зинаи тафаккур, барои шинохти ашё зарур аст, ки ҳаргуна амсилаҳо ба монанди моделҳо, идеализатсияҳо, абстрактсияҳо, фарзияҳо ва чанде ба онҳо монанд конструксияҳо сохта шаванд, то ки тавассути онҳо моҳияти ашё ошкор гардад.

Тафаккури мантикӣ имконият медиҳад, ки вокеият дар шаклҳои умумиятдодашуда дарк карда шавад. Яке аз ин гуна шаклҳо мафҳум мебошад. Мафҳум ин фикр дар бораи нишонаҳои умумию муҳими ашё, инчунин робитаю муносибатҳои байни ашё мебошад. Одатан ҳангоми ташаккули мафҳумҳо, гуруҳи ашё дар асоси нишонаҳои муҳим ва фарқкунанда, чудо карда мешаванд. Агар мо барои гуруҳи муайяни ашё силсилаи нишонаҳои умумию муҳимро номбар карда тавонем, пас метавон гуфт, ки нисбати гуруҳи мазкур мафҳум дорем. Масалан, маҷмӯи нишонаҳои зерин мафҳуми «чиноят»-ро ташкил медиҳанд: амал ё гайриамале, ки барои ҷомеа хатарнок, дорои айб ва сазовори ҷазо буда, қонунан собит шудааст; ё ин ки шакли геометрии ҳамвор, росткунҷа, ки тарафҳояш бо ҳам баробаранд, мафҳуми «мураббаъ»-ро ифода менамоянд; ташкилоти сиёсие, ки аз чиҳати иқтисодӣ ҳукмрон буда, барои пахш кардани муқобилияти гуруҳҳои ичтимой нигаронида шуда, муносибати онҳоро ба танзим дароварда, тартиботи мавҷударо муҳофизат менамояд, мафҳуми «давлат»-ро ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, нишонаҳои умумии муҳим ва

фарқ кунандае, ки барои тамоми давлатҳо мутаалликро чудо карда, мо мафҳуми «давлат»-ро ташаккул медиҳем. Мисли ҳамин мафҳумҳои «ҷомеа», «конун», «инсон», «омўзгор», «мураббӣ» ва ғайраҳо ташаккул меёбанд. Муҳаққиқон дониши ҳосилшударо ҷамъбаст намуда, тавассути тафаккури эҷодӣ қонунҳои табиат, ҷомеа ва маърифатро ошкор менамоянд ва ба моҳияти ин ё он ашё, конунияти робитаи байни онҳо сарфаҳм мераванд.

Аз гуфтаҳои боло натича бармеояд, ки тафаккури мантикӣ назар ба шакли ҳиссии инъикоси вокеият баландтар буда, тавассути он инсон робитаҳои муҳим ва муносибати ашёро фаъолонаю максаднок идрок менамояд. Эҷодкорона дорои фикру андешаҳои нав гашта ба ҳамин васила падидаю зуҳурот ва амалиётро пешгўи менамояд. Албатта, чунин хусусиятҳои тафаккури мантикӣ ва эҷодӣ дар фаъолияти касбӣ-педагогии ҷавонон нақши бузургро дорад. Шояд омўзгори оянда аз мо бипурсанд: нишонаҳои муҳимтарини тафаккури эҷодӣ кадомҳоянд? Неш аз ҳама тафаккур раванди маърифати умумият лодашудан вокеиятро нишон медиҳад. Боз таъкид кардан чоиз аст, ки дар чараёни тафаккур мо мафҳумҳоро ташаккул медихем, ки дар онҳо зуҳурот ва падидаҳои вокеият дар шакли махсус тачассум мегардад. Ташаккули мафҳумҳо дар робита бо чудо намудани кулл аз ҷумлаи чунин нишонаҳои муҳими ашё, ки барои дарки қонуниятҳои зарурӣ мусоидат менамоянд, сурат мегирад.

Дуюм, ин ки тафаккури мантикӣ ҳамчун чараёни инъикоси воқеият дар худ хусусияти объективиятро (мудракиятро) тачассум карда, мазмуни фикрро бо воқеият мукоиса менамояд. Ин ё он фикре, ки ҳамчун инъикоси робитаи байни ашё ва нишонаву хусусиятҳо пайдо мешавад, онд ба ҳак ё дуруғ буданаш санчишро такозо мекунад. Ин чунин маъно дорад, ки тафаккури инсон барои нисбати ин ё он фикр ҳукм баровардан ба казия ниёз дорад.

Тафаккури мантикӣ метавонад вокеиятро на бевосита, балки бавосита дарк намояд. Ин чунин маъно дорад, ки тавассути тафаккури мантикӣ мо метавонем на фақат чизҳоеро, ки бевосита бо узвҳои хис алакаманд дарк намоем, балки ашёву зуҳуротро

дарк менамоем, ки онхо бо умурҳои дигар дар робита бошанд. Ниҳоят, тафаккури мантиқӣ бо забон узван пайваст аст. Забон ҳамчун низоми аломатҳои итиллоотӣ на фақат натиҷаҳои фаъолияти маърифатии инсонро ифода менамояд, балки он шарти зарурии ташаккули афкор, инчунин воситаи маҳзан ва ифодаи фикр мебошад. Чунин аст аломатҳои асосии тафаккури мантиқӣ ҳамчун раванди инъикоси воқеият.

Тафаккур чун шакли олии зоҳиршавии шуур табиатан фарҳангӣ аст. Фарҳанги тафаккур на дар баробари кӯҳан будани тафаккур, балки оид ба замонавию навгонӣ будани он дарк медиҳад. Яъне тафаккури мантиқӣ бо талабот ва дархости замонаи худ зич алоқаманд буда, дастовардҳои интеллектуалии замонааширо бо назардошти таѓйиротҳо ибтикос менамояд. Эҳсосоти вақт кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дар навбати худ таърихиятро таҷассум намояд, чунки тафаккури мантиқие, ки дар таърихияти худ ташаккул наёфтааст, зери таъсири мӯд, конёнктураҳо ҷойгир шуда, тамоюли худро гум мекунад. Ягон хел нишонаҳои фарҳангӣ барои инсон аз даврони тавлидӣ дода нашудааст ва ба даст даровардани онҳо такозо менамояд, ки инсон маҳорату малакаи худро баланд бардорад. Барои ин ҳар як фард бояд мустақилона кӯшиш ба харҷ дода машқ намояд.

Кобили тазаккур аст, ки дар фаъолияти амалии инсон нақши тафаккур ва фарҳанги мантиқӣ хеле мухим мебошад. Ҳар як фарде, ки қоидаҳои тафаккурро хуб медонад, фаъолияти худро мувофиқи ақлу хирад равона месозад, яъне меъёрҳои чомеа (масалан, меъёрҳои ахлоқӣ), қонун (дар меъёрҳои ҳуқуқӣ ифода меёбад) ва дигар меъёрҳо ва намунаҳо, ки дар соҳаи технологияи инноватсионӣ ва соҳаи фарҳанги муосир риоя карда мешаванд.

Омӯзиши фанни мантиқ барои тарбияи маҳорат ва малакаҳои омӯзгор кӯмак расонида имконият фароҳам мерасонад, ки ӯ фикри хеш ва бегонаро возеҳу равшан карда тавонад. Донишҳои мантиқӣ шароит фароҳам меоварад, ки фард дар фаъолияти касбӣ – педагогии худ маҳорати далелҳои боварибахш оварданро пайдо намояд. Ин имконият медиҳад, ки ӯ дар баҳсу мунозираҳо хатоӣ ва иштибоҳи ҳарифро кушоду равшан ошкор намояд. Ниҳоят мантиқ ҳамчун аслиҳа, восита ва

абзори маърифат, барои ба даст даровардани дониши нав, ки он дар раванди донишҳосилкунӣ, зимни гузаштан аз дониши маълум ба дониши то ҳол номаълум сурат мегирад, нақши халкунандаро ичро менамояд. Аз ҷумла, тафаккури мантиқӣ барои суханвар, нотик ва омӯзгор шароит фароҳам меоварад, ки маводи мавзӯи дилхоҳро возеҳу равшан баён кунад, то ки шунавандагон ё донишҷӯён онро бе ягон мамоният аз худ намоянд. Инчунин тафаккури мантиқӣ фаҳмидани мазмуни таълимоти хаёлан муҳими сиёсӣ ва ҳуқуқиро осон мегардонад.

Мусаллам аст, ки мантиқ ҳамчун яке аз илмҳои қадимтарин бо кӯшишу талошҳои Арасту ба низоми муайян даромадааст. Гарчанде баёноти нопурраи илми мазкур дар асари мутафаккирони Ҳинду Чини қадим дучор шавад ҳам, Арасту асосгузори илми мантиқ ба шумор меравад. Ӯ дар асари бо ном «Органон»-и хеш қариб тамоми мавзуоти илми мазкурро мавриди баррасию таҳқиқ қарор дода буд.

Маъхазҳои мавҷуда гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳанӯз дар асрҳои (IV-V) идеяҳои асосии мантиқи арастуӣ дар байни масеҳиёни суриягӣ пахн гардид. Гарчумаю шарҳҳои «Органон» барои муттафакирони асримиёнагии точику форс заминае гузоштанд, ки онҳо масоили мухталифи мантиқро мавриди баррасию таҳқиқ карор диханд. Ҳамин тариқ, суриягиҳо барои бо ҳам пайвастшавии кишвари Форс бо Византия – аз як тараф ва аз тарафи дигар, кишвари Форс бо Ҳинд мусоидат карданд.

Натиҷаи ҳамин буд, ки ба шаш рисолае, ки ба «Органон» пайравони Арасту дохил карда буданд, суриягиҳо ва мутарҷимони оянда боз ду рисолаи поягузори илми мантиқ «Хитоба» («Риторика») ва «Шеър» («Поэтика»)-ро илова карданд. Пеш аз ин ба Органон «Исогучӣ»-и Порфирийро низ шомил карда буданд. Дар натича асари «Органон» барои мутафаккирони точику форс иборат аз ин рисола дастрас гардид. Шаш рисолае, ки ба шомили «Органон» буданд, инҳоянд: «Мақулаҳо» («Категорияҳо»), «Ибора», «Аналитикаи аввал», «Аналитикаи дувум», «Топика» ва «Суфастой».

Асари «Органон»-ро чун китоби «нухгона» шуморидаништибоҳ ба ҳисоб меравад. Чунки мутарҷимон рисолаи

«Исоғучӣ»-и Порфирийро ба худи Арасту нисбат дода буданд. Китоби "Исоғучӣ" чун қисмати «Органон» дар мероси мантикии намояндагони машшоия ва муттакаллимон бо номи «Мадхал» машҳур гардид.

Муттафакирони баруманди тоҷику форс ба мисли Абубакри Закариёи Розӣ, Форобӣ, Ибни Сино, Қутбиддини Қазвинӣ, Насируддини Тусӣ, Фахриддини Розӣ, Абухомид Ғаззолӣ, Мир Сайид Шарифи Ҷурҷонӣ, Саъдуддини Тафтазонӣ ва чанде дигарон аз таълимоти мантикии юнониён на факат бархурдор буданд, балки хар кадоми онхо якчанд шарху хавошӣ ва асархои бузургҳачми мустақилонаи хешро таълиф намуданд. Аз рӯи китобу рисолахои онхо дар мадрасаҳову марказҳои илмӣ хонандагон асосҳои илми мантикро меомӯхтанд. Чунин анъана то ҳол дар мадрасаю мактабҳои олии кишварҳои машриқзамин идома дорад.

Солҳои 50-уми асри XX аз тарафи поягузори илми фалсафаю мантиқ дар Тоҷикистони Шӯравӣ А.М. Баҳовиддинов аввалин бор «Донишнома»-и Ибни Сино ба забони русӣ бо мукаддимаи муфассал тарҷума ва нашр шуд, ки ин дар таърихи омӯзишу баррасиҳо ва тахкики мероси мантикии мутафаккирони беназири халқи тоҷик падида ё вокеаи бузург ба шумор мерафт. Ин вокеаи таърихӣ барои баррасию тахқиқ ва омӯзиши илми мантик дар донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳуриамон такон бахшид. Солҳои 60-уми асри гузашта аввалин шуда М.Н. Болтаев дар шаҳри Маскав рисолаи докториро ҳимоя карда, сохиби унвони доктори илм дар соҳаи мантиқ гардид.

Минбаъд зери роҳбарии М. Болтаев, Ҷ. Шамсиддинов рисолаи номзадиро ҳимоя намуд. Пас аз ду се сол мантиқшиносӣ муосири тоҷик Сайфуллоев тахти роҳбарии яке аз мантиқшиносони маъруфи шӯравӣ Е.К. Войшвилло дар шӯрои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В. Ломоносов аввал рисолаи номзадӣ, чанд сол пас рисолаи докториро дифоъ намуд. Ҳамин тариқ, таълими фанни мантик дар макотиби олии ҷумҳуриамон бо таври каноатбахш сурат гирифт. Ҳоло бошад дар масири сохибистиқлолӣ ғайриқаноат-бахш аст. Сабаби чунин холат дар поён зикр хохад шуд.

Аз гуфтаи боло чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст:

1) мантиқ илмест, ки ҳангоми риояи талаботи конуну коидахои он зехн аз лағжиш дар андеша боз дошта мешавад. Он кас, ки мантиқ биомӯхт аз хатои андеша дар амон монд, мисли он, ки бо омӯхтани нахв (грамматика) аз хатоҳӣ дар гуфтугӯ дар амон мемонад. Ин ду роҳи таълим риоят шаванд, зехну забон аз хато тоза гардад ва инсон хирадманду муваффақ муаррифӣ шавад;

2) мантиқ аз ҷумлаи илмҳои олист ва барои дастёбӣ ба ҳадафи ғайр аз шиносхти худ масъалахои хоси он ба кор бурда мешавад. Бо баёни равшантар, мантиқ ба омӯзандаю омӯзгор коидаҳои умумӣ ва фарогири андешидани дурустро меомӯзонад, то зехн ба андешахои дуруст ба ҳамаи илмҳо интиқол шаванд. Мутафаккирони баруманди асриниёнагии тоҷику форс методологияи илмии мантиқро ба инобат гирифта, онро «мизон» (тарозу), «меъёр», «сулам» (нардбон) ва «хидматгузори илмҳо» номидаанд.

Ба андешаи ман, нишонлихандаи сатҳи тафаккур ва фарҳанги мантикии донишҷӯёне, ки касби омӯзгориро интихоб кардаанд ин маҳорати ҳамеша мунтазам истифода бурда тавонистани қоидахо ва равишҳои (методҳои) мантиқӣ, бо мисли таъмим (умумиятдиҳӣ) ва махдудкунии мафхумхо, таъриф, тақсим, таснифи мафхумҳо, далеловарӣ ва радияи фикрҳо ва ғайраҳо аст. Бешубҳа сатҳи тафаккур ва фарҳанги манитикии ҳар як инсон – шаҳрванд аз рӯи махорати донистан ва истифодабарии коида ва равишҳои дар боло зикршуда тавсиф мешавад.

Мутаасифона сатҳи таълими фанни мантиқ дар мактабҳои олии ҷумҳуриамон ба ин талабот ҷавобгӯ нест. Саволе пайдо мешавад, ки барои чи ҷавобгӯ нест? Якум, фанни мантикро нафарҳое дарс медиҳанд, ки онҳо моҳияти илми мантикро дарк накардаанд. Албатта онҳо аз рӯи китобҳои мавҷуда барои донишҷӯён дарс мегузаранд. Лекин ягон хел машқу мисолҳоро вобаста ба ин ё он мавзӯъ ҳал намекунанд ва хатто худашон ҳал карда наметавонанд. Мусаллам аст, ки барои ташаккули тафаккури мантиқӣ дар асоси маълумоти назариявӣ донишҷӯ, унвончӯ ё аспирант бояд машқу мисолҳоро ҳал намояд. Танҳо бо

ҳамин рох дар донишҷӯён маҳорат ва малакан тафаккури мантикиро пайдо кунонидан мумкин аст. То ҳоле, ки онҳо барои мустаҳкам кардани дониши назариявиашон аз ҳалли машқу мисолҳо маҳруманд, аз донишҷӯён талаб кардани маҳорату малакаи тафаккури мантикӣ аз имкон берун аст. Дуюм, яке аз омилҳои паст будани сатҳи тафаккур ва фарҳанги мантикии чавонон ин барномаи таълимие мебошад, ки аз тарафи нафарони аз илми мантиқ бархурдор набуда, мураттаб шудааст. Вакте, ки ба ин «барномаи таълимӣ» шинос мешавӣ, мутахассисони илми мантик ба ҳаяҷон меоянду аз фанни мазкур дилхунук мешаванд. Пеш аз хама барои он ки дар барнома ба чои ҳалли машқу мисолҳо оид ба фанни мантик, ба донишҷӯён супориш дода мешавад, ки онҳо порчахои алохидаи достони «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ё ки чузҳои алохидаи ягон китобе, ки ба мантики муосир ягон иртиботе надорад, конспект (рӯйбарлор) намоянд. Кас намефаҳмад, ки аз чунин амал барои донишҷӯ чи фоидае бошад. Оё Саъдии Шерозӣ мантиқшинос буд ва асари ӯ «Гулистон» вазифаи мачмӯаи машқу мисолхо оид ба фанни мантикро ичро менамояд? Кас дар ҳайрат мемонад, ки гӯё барои мавзӯи «Хулосабарорихои дедуктивӣ» дар дарси амалӣ «Гулистон»-и Саъдии Шерозиро конспект намоянд. Қобили тазаккурест, ки барномаи таълимии ба стандарти чаҳони чавобгӯ, ки аз чониби муаллифи ин сатрхо мувофики дархасти Вазорат тартиб дода шуда буд, кучо шуда бошад. Ҳамон вакт дар хадамоти Вазорат нафаре бо ном Маҳкамов Муҳаммадчон адои хизмат мекард ва барнома ба дасти у супорида шуда буд.

Барномаи имрӯз амалкунандае, ки аз чониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдик карда шуда, барои мактабҳои олии кишварамон тавсия шудааст, барои раванди таълим ишгибохи бузурге аст. Шояд такрор шавад, аммо боз таъкид менамоям, ки барои аз худ кардани илми мантик ва ташаккули тафаккури мантикӣ, донишҷӯён бояд ҳатман зимни истифодаи конуну қоидаҳо ва равишҳо (методхо), инчунин бо истифода аз аппарати мантики муосир машқу мисолҳоро ҳал намоянд. Сеюм, илми мантикро бо роҳи худомӯзӣ (самоучка) аз худ кардан мумкин нест. Барои аз худ кардани фанни мантик

шахс бояд тайёрии тахассусиро аз рӯи ихтисоси «мантик» гузарад. Мантик зохиран илми гумманитарӣ бошад ҳам, бештар ба илми риёзиёт шабоҳат дорад. Аз ҳамин сабаб, мувофики таснифоти улуми муосир фақат мантик ва риёзиёт ба гуруҳи улуми аник дохил мешаванд. Чи хеле ки илми риёзиро бе иштироки устод омӯхтан мумкин нест, мисли ҳамин мантикро бидуни устод худсарона ё мустақилона омӯхтан имконпазир аст. Таъкид кардан чоиз аст, ки низоми таълими давраи Шӯравӣ бехтарин низом ба шумор мерафт. Солҳои 60-70-уми асри гузашта барои гузаронидани машғулиятҳои лексионию семинарӣ аз фанни мантик барои донишҷӯён аз шаҳри Маскав ё дигар шаҳрхои марказӣ профессорҳои машҳур даъват мешуданд. Масалан, профессорони забардасти даврони Шӯравӣ Д.П. Горский ду маротиба ва Е.К. Войшвилло як маротиба даъват шуда буданд. Онҳо шогирд низ тайёр карданд. Ҳоло бошад, кор ба дарачае расидааст, ки аксарияти омӯзгорони фанни мантик ба мазмун, мундарича ва моҳияти фанни мазкур сарфаҳм намераванд. Масалан, яке аз омӯзгорони фанни мантик, ҳангоми дарс ба моҳияти саволи донишҷӯ сарфахм нарафта, чунин чавоб гуфтааст, ки «мантик ин илми фач» ва бо хамин аз чавоби посух чони худро халос кардааст. Чахорум, вактҳои охир дар кишвари махбубамон як зумра «муаллифони сохтаном» пайдо шудаанд, ки пайдарҳам оид ба фанни мантик китобхои дарсӣ таълиф менамоянд. Мутахассисе, ки ба мазмун ва мундаричаи ин китобхо шинос мешавад ба хайрат меояд, чунки мундаричаи китобҳоро ё тарҷумаи нодуруст аз муаллифони рус, ё ба ҳуруфи кириллӣ баргардонидани китобҳои дар Эрон чопшуда ташкил медиҳад. Бо боварии комил гуфта метавонам, ки муаллифони китобҳои дарсӣ ба бисёр чойҳои китобашон худашон сарфаҳм намераванд.

Маълум мешавад, ки солҳои охир вазъияти илми мантик ба талаботи замона чавобгӯ нест. Пас суоле пайдо мешавад, ки чӣ бояд кард? Ба андешаи ман, пеш аз хама дар факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси «Мантик» хар сол 4-5 нафар донишҷӯро тайёр кардан айни муддао мебошад. Лекин амалӣ кунонидани ин кор ғайриимкон мебошад, чунки

муттахассисони омӯзгор надорем, ки ба онҳо асосҳои илми мантиқро биомӯзонанд. Дуввум, курсҳои такмилиро аз рӯи ихтисоси мантиқ надорем, ки худи омӯзгорон сатҳи дониш ва маҳорату малакаашонро дар соҳаи мантиқ баланд намоянд. Саввум, кобилият, маҳорату малакаи мантиқӣ на танҳо тавассути омӯхтани ва аз ёд кардани мавзӯъҳо, балки бо ҳал кардани машқу мисолҳо ташаккул меёбад. Аз ин лиҳоз донишҷуён ба ҳалли машқу мисолҳои мантиқӣ диққати махсус диҳанд. Ҷаҳорум, барои тайёр кардани мутахассисони ҷавон дар соҳаи мантиқ боядчанд нафар хатмкунандагони болаёқати факултети фалсафа ва ё риёзиёт барои таҷрибаомӯзӣ ба донишгоҳҳои хориҷӣ алалхусус шаҳри Маскав ё Санкт-Петербург равона намоем. Ё ин ки барои омода намудани мутатхассисони соҳибкасб, донишҷӯёнро боядба давлатҳои хамсоя равона намоем. Танҳо бо ҳамин роҳҳо метавонем минбаъд барои рушди илми мантиқ такон бахшем.

Дар хотимаи макола, таъкид кардан ҷоиз аст, ки барои илми мантиқ чунин рафтор кардан лозим нест, зеро мантиқ илми ниддӣ аст ва дуруст аз худ кардани он бе ягон шубҳа барои ташаккули тафаккури мантиқӣ ва ҷаҳонбинии илмию фалсафии ҳар як фард воситаи муҳим мебошад. Дар хотир лоиқа бошем, ки яке аз вазифаи илм – танқид аст. Чунки илм бе танқид ба догма табдил ёфта, боиси ташаккули тафаккури догматикӣ мегардад. Бинобар ин, аз гуфтаҳои боло бояд ягон фард наранҷад, зеро вазифаи муҳимгарини рушди илм ин танқид аст.

Холиқзода Абдураҳим Ғаффор,
доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор,
Директори Маркази исломшиносӣ

Зоир Ҷурахон Маҷид,
доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор,

Азизӣ Рустам Анварзода,
номзади илмҳои фалсафа,
муовини директор

ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ШОҲРОҲИ НОҲАМВОРИ ДАВЛАТСОЗӢ

Омили ҳастии ҳар як миллат андешаи истиқлол ва бунёди давлати мустақили миллӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон 30-умин солгарди истиқлолияти худро паси сар мекунад. Ин даврон гарчанде, назди таърих на он қадар муддати тӯлонист, вале роҳи тайкардаи низоми давлатдорӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодию ичтимоии он баробар ба садсолаҳои давлатҳои классикии ғарбист. Бале, мо дар як даврони кутохи таърихӣ роҳи дуру дарози давлатсозии аврупой ва ғарбиро паси сар кардем. Дастоварду музаффариятҳои мо дар ин муддат билуни шубҳа зиёд аст. Аммо, мо имрӯз на дар бораи ин музафариятҳо, балки рочеъ ба имкониятҳое ҳарф мезанем, ки истифодаи дурусти онҳо мазмуни давлатдории моро аз ин ҳам зиёдтар метавонистанд зебою рангинтар намоянд. Мо дар бораи унсурҳои ғизодиҳандаи рӯбинои чамъиятӣ, вазъи мафкура ва монеаҳои он ба рушди давлати соҳибихтиёр таваҷҷӯҳ менамоем.

Мушкилихои фазои мафкуравӣ

Фазои андешаи илмӣ, динӣ ва сиёсии кишвар дар давраи баъд аз сулҳу субот новобаста аз сулҳу суботи ҷомеа, хеле

пуртазод ва мухталиф буда, роҳи ояндаро бо душворӣ ҷустуҷӯ менамуд. Ба ин мушкилиҳо масоилҳои мухталифу ҳалталаби ҳукукӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дигар, зери таъсири унсурҳои дохилию хориҷӣ бор зам менамуданд.

Ҳама бо шиори миллат ва манфиати мардуми Тоҷикистон, чӣ дар солҳои авали истиқлолият, чӣ дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, чӣ дар давраи баъди ҷангӣ ва чӣ имрӯз, иддае монда нашуда дар шабакаҳои интернетӣ ҳарф огоз менамоянд, ҳам озодии ғарбию ҳам бисмиллоҳи шаркиро ба воситаи мухиммии худмуаррифӣ табдил додаанд. Ҳамагӣ тавассути васоити ахбори омма ба майдони муборизаи озоди афкор ба мисли ватандӯстони содиқ кадам менихем, кош дар ботин низ чунин бошем.

Аммо вокеият собит менамояд, ки дар одитарин бахсҳои илмӣ кисме моро аз рӯзи киёмату кисми дигар аз вайрон намудани талаботи демократӣ ва маҳдуд намудани озодихо тарсонида байни худу миёни маъракахои илмӣ, сиёсӣ дар шабакаҳои интернетӣ мухокима ҳам мекунанд. Дар асл бингарӣ, онҳо на моҳияти «он сӯи амали некро»-ро дарк мекунанд ва на ин паҳнои озодихо, на максуд аз ин хулосаҳои дастачамъиро, мутобик ба давру замон фаҳм кардаанд.

Албатта, барои миллате, ки чунин «фарзандони фарзонаи созандаи афкор» ва вокеият дорад, шинохти имрӯзу оянда кори осон нест. Зеро ҳама доди ватанхоҳӣ мезананд, ҳама баёни андешаи миллӣ, ҳама аз дифои манфиатҳои миллату давлату дин ҳарф мезананду ҳама ба хотири гиромидошти арзишҳои миллӣ худнамой мекунанд, вале дар одитарин ҳолатҳо мебинем, ки кору амали аксари онҳо фарсахҳо дур аз худшиносии миллию инсонгарони асил аст. Ба кавли Лохутии бузург:

Ҳама доди ватанхоҳӣ заманд, аммо намедонам,
Ватанхоҳӣ ба гуфтор аст ё кирдор ё ҳар ду?

Миллатдӯстгарини мо дар одитарин барҳӯрди манфиатҳои шахсӣ бо арзишҳои миллӣ бо пасттарин аъмол дифоъ аз манофеи шахсӣ менамояд. Чи чойи сухан андар боби онҳос, ки зери сарпарастии бародарони ғарбию шаркӣ донишу малакаи озодихоҳӣ, касб намуда, барои кашфи асрори норасоихои давлати

мо дасту остин барзада, бо микроскопҳои илмие мусаллаҳанд, ки ночизтарин мушкилихоро тавассути шабакахои интернетӣ ва васоити дигари иттилоотӣ мисли хатари ҷаҳонӣ ва иллати бузурги муаррифӣ намуда, ба дасти ачнабиён барои адаби мо тозиёна медиҳанд. Агар замоне фарзандонамонро худамон тарбият мекардем, акнун гӯё тарбияи ҷавонони миллатро ба дасти дигарон вогузоштанӣ хастем…

Ин нишонаи худшиносӣ ва қадршиносӣ аз сохибихтиёрии давлату миллат нест. Таҷрибаи бузургони озодихохи ҷаҳонӣ чунин набудааст. Монтескё, Руссо, Валтер ва дигар маорифпарварони Замони нав аз намои давлатдории буржуазии худ ифтихор мекардаанд.

Агар Ж.Ж. Руссо барои шахсияти таърихии озодипараст ифтихор аз давлати буржуазии асри ХУШ Фаронса кардааст, ки он замон доир ба озодии сухан ва хукуки инсон ҳарф задан мушкилихои худро дошт, пас мо чаро аз давлати сохибихтиёру демократии хеш ифтихор нанамуда, дар хифзи арзишхои миллии он саф накашем? Таърих собит кардааст, ки бузургию пешохангии кулли давлатҳои тараққикардаи Аврупо ва Амрикои имрӯз аз фарзандони содику вафодор, донишманду сохибкасб будааст, на аз чизи дигар.

Вазъи фазои мафкуравӣ: тиратиҳо ва роҳҳои бартарафсозӣ

Проблемахои мавчудаи бахамоии мардуми Тоҷикистон, то имрӯз тахти роҳбарии сарвари хирадманди кишвар Эмомалӣ Рахмон ба муваффакиятҳои муайян ноил гаштааст, ҳоло низ ба пуррагӣ аз назари илмӣ тахлил нашуда ва халли худро наёфтааст. Зеро сару садохои гуногуни бо ғараз олудашудаи душманони миллат, ҳоло низ масъалаҳоеро матрах менамоянд, ки патанҳо аз назари илмӣ бо далелҳои аклӣ ва эмпирикӣ собитнашавандаанд, инчунин кашишҳои ноҷои чунин тарғиботҳо миллатро аз дохил дар чаҳорчӯби таассуб, хурофот, бегонапарастӣ аз худ бегона намуда, муҳимтарин аломатҳои фарҳангӣ, анъанавӣ ва ахлоқии ӯро мазмунан ва шаклан тағйир дода истодааст.

Ин раванд кисмати ҷавонони моро ба ташкилоту харакатхои ифротӣ ва террористӣ шомил намуда кисмати дигарро ба ҷанги бародаркуши кишварҳои исломӣ кашида, ба аминият ва

истиклолияти давлатии ватани азизамон Тоҷикистон таҳдид менамояд. Албатта, давлат ва мақомоти давлатӣ пеши роҳи чунин бетартибиҳоро гирифта, ватани моро ҳифз менамоянд, вале роҳи бехтару хубтари монеъшавӣ ба чунин таассубу хурофот ва харакатҳои номатлуб муборизаи мафкуравиии аҳли илм, аҳли дин ва чомеа ба чунин унсурҳои норавост. Қадами нахусти пешгирии ин иллатҳо дар сатҳи мафкураи чомеа бояд сурат гирад. Оё мо метавонем, ки бо истифода аз неруҳои аклонии дохилӣ ба чунин иллатҳои фазои мафкуравии чомеа босубот мубориза барем?

Албатта, метавонем.

Мо захираи маънавии ганӣ, насли чавону созанда, олимони шинохтаи динию дунявӣ ва таҷрибаи таърихие дорем, ки имкони пешгирии ин муаммоҳоро, бешубҳа, доранд. Тавре Рохбари давлат дар дарёфти истеъдодҳо таҷриба мекунанд, онҳоро чустучӯ намуда ёфта, тарбият намудан лозим, ҳарфи онҳоро дар холатҳои зарурӣ гӯш карда, ба онҳо фазои мусоиди гуфтану навиштан дода, сухан, маънӣ ва офаридаҳои онҳоро дар ҳалли тақдири оянда фарзандон ва миллат истифода бурдан ба манфиати кор аст. Дар тарбияи насли наврас ва олимони оянда, созандагон ва дурнамоҳои фардои кишвар бояд чорабиниҳои муассир андешида тағйири қатъии раванди доимо дар инкишофи низоми таълим ва касбомӯзиро бояд чорӣ намоем. Ташаббусҳои Пешво дар масъалаи озмунҳои чумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» ва озмуни ба барои фанҳои дақиқ... заминаи мусоиди илмиест дар ин рох.

Ташкили гуруҳҳои корию вохуриҳо бо аҳли чамоат аз чониби мутахассисону олимон чихати пешгирии амалҳои зишту номақбул, албатта, хуб аст, вале он роҳи ягона ва комили бехдошти авзои ахлоқӣ ва маънавии чомеа шуда наметавонад. Низоми маърифатӣ ва таълимӣ бояд қатъиян дар баробари пешниходи донишгоҳу донишкалаҳо, ба тарбияи маънавӣ ва ахлоқӣ диққати чиддӣ дода, дар тарбия намудани фарзандони содику вафодори ватан сахмгузор бошад. Раванди таълим ва илмомӯзӣ бояд дар пайваст бо тарбияи ахлоқӣ ва маънавӣ сурат гирад. Дониш ва ахлоқи хамида бояд ду паҳлуи як сиёсати тарбияи насли наврас шавад.

Мутхассис ва донишмандро бо аломатҳои ахлоқи инсонӣ ба хаёти ичтимой ворид бояд намуд. Дар акси хол аз илму дониши ӯ манфиате барои чомеа нахохад буд. Корхона, ташкилот ва муассисаю иттиходияхо, қабл аз хама, бояд чиҳати баланд бардоштани ахлоқу маънавиёти кормандон ва аъзоёни худ чорабиниҳо ва корхои доимии тарғиботӣ, фарҳангӣ ва ахлоқӣ дар алокамандӣ бо чорабинихои варзишӣ, ташкил намоянд. Барои ин зарур аст, ки низоми кор ва заминахои хукуки фаъолият дар муассисаҳо ба чунин раванд мусоидат намояд. Зеро сатх ва сифати чомеаи шахрвандӣ аз унсурҳои мустақили озоди ичтимой, иқтисодӣ ва фаъолу баландмаърифат вобастагӣ дорад. Дар шароити сиёсати дархои кушод, иттилооти озод ва тарғиби хукуку озодихо, рушди ахлоқӣ ва маънавии чавонон, кормандон ва аъзои чомеа бояд кори давравӣ набуда, балки чузъи корхои амалӣ ва рӯзмарраи мақомоту муассисахо бошанд.

Давлати ичтимой, демократӣ ва хукукбунёд дар заминаи чомеаи шахрвандӣ ба мисли режимҳои собиқ наметавонад корпуси идеологӣ ва назоратии худро дар хама пахно тавсеа дода, хамаро таҳти назорат ва контрол гирад, пайваста сохтору ниходхои мухталифро ба корхои тарбиявӣ ва худшиносӣ чалб намояд ва чунин кор, маънои томаш, кори давлати демократӣ низ нест. Албатта, ин корро ташкил кардан мумкин, вале барои ин мушкилиҳои зиёди илмӣ, ташкилӣ ва касбиро паси сар кардан лозим аст. Барои ин қабл аз хама зарур аст, ки худи низоми таълимӣ ва кории ташкилоту муассисахо дар чахорчӯби низоми манфиатҳои миллӣ, бо риояи ахлоқ ва такмили маънавиёти субъектҳо роҳандозӣ шавад.

Кори маънавиёт ва худшиносию ватандӯстии шахрвандон танҳо кори давлатӣ набуда вай симати рушди миллати соҳиблавлат ва халқи созандаю эҷодкор аст, ки бидуни он халқ дар рушди давлату давлатдориаш дар чахони пурталотум ба хатархои мухталиф гирифтор мегардад. Низоми ҳуқуқӣ бояд таҳияи низоми корӣ ва таълимиеро рӯи кор оварад, ки хар аъзои чомеа дар баробари меҳру муҳаббат ба касбу кораш, корхонааш, ватани азизаш Тоҷикистонро, ки инчунин шароитро барои ӯ муҳайё кардааст, дӯст дорад.

Дар низоми кори корхонаҳо, албатта, чорабиниҳои пайвастаи маърифатӣ, ахлоқӣ ва маънавию сиёсӣ ба манфиати кор аст. Ба мақсад мувофиқ аст, ки саҳми васоити ахбори омма ва иттиҳодияи ҷамъиятӣ ва мақомоти худфаъолиятӣ бо дастгириҳои моливавии муайян дар ин самт афзун карда шавад. Ин ҳама чи дар давлатсозӣ ва чи дар тарбия ва ташаккули шахрванд-инсони солеҳи худшиносу ватандӯст ва миллати муосир шарт ва зарур аст. Ин раванд дар эъмор, эҳё ва шаклгирии миллати воҳиди соҳибдавлат аҳамияти бузург дорад.

Вазъияти имрӯзаи фазои мафкуравӣ ва идеологӣ дар шароити дарҳои кушод ва ҷаҳонишавии масъалаҳо, на танҳо дар мо, балки дар кулли давлатҳои собиқ шӯравӣ хеле мураккаб ва печида аст. Чунки то ҳанӯз ҷомеа асосҳои маънавиёт ва арзишҳои усулии худро, ки ба миллати соҳиби давлати демократӣ, ҳукукбунёд ва дунявӣ хизмат карда метавонанд, дарёфт нанамудааст. Арзишҳо тағйир ёфтанд. Арзишҳои нави бунёдӣ барои ҷомеаи нав то ҳанӯз ба сатҳи зарурӣ фаҳму дарк нагаштаанд.

Чанд арзишҳо ва асосҳои маънавӣ ва ҳукукии рохбарикунандае, ки имкони барои ҷомеаи шахрвандӣ хизмат намуданро доштанд, аз ҷониби гурӯҳҳои мухталиф бо дидгоҳҳои ғанги сохавӣ ва ё таассубӣ арзёбӣ шуданд ва дар сатҳи лозима баррасӣ ва рушд накарданд. Мушкилтар аз ҳама, ҷанбаҳои ичтимоӣ, илмӣ ва амалии онҳо дар самти тадқикотҳои илмӣ ба таври бояду шояд таҳлил нагашта, пахлӯҳо ва ҷанбаҳои оммавии онҳо ба ҷалби назари муштариёни иттилооти озод ба таври бояду шояд нарасид. Роҳбари ғамхори давлат ҳар сол дар вохуриҳои худ ба аҳли зиё доир ба масъалаҳои фарохтар аз ин низ ҳарф мезананд. ба олимону зиёнёни кишвар таъкид мекунанд, ки ба таҳкик ва ҳалли ин масъалаҳо ҳар чӣ бештар таваҷҷӯҳ зоҳир намоянд.

Ҳар нафаре, ки худро фарзанди ҳамин ватан мехисобад, масъулияти худро дар бехдошти авзои сиёсӣ, ҳалли проблемаҳои мавҷуда, чустучӯи роҳи ҳақиқат, ёфтани мизони адолати ичтимоӣ эҳсос карда, аз нобасомонии бисёр чараёнҳои номатлуби мафкураи танги динӣ, ифротӣ ва бетарафии аҳли дину хомӯшии аҳли илм ва хирагию торикии фазои маънавии иддае аз ҳангоматалабон то чое худро норохат хис мекунад.

Дар ибтидо, фикр мекунем, шояд ин ҳам як раванди мӯътадил бошад ва мо аз ҳад зиёд хӯрдагирӣ менамоем. Вале, чун ба масъалаҳо ва навиштаҳои шабакаҳои интернетӣ аз назари киёс ва таърих умкан назар менамоем, мебинем, ки ҳодиса ва унсурҳои чудогонаи таърихӣ дар ҳастии шаклҳои шуури ҷамъиятӣ дар навъ ва рангҳои мухталиф такрор меёбанд. Танҳо замоне бо номҳои аслӣ ва ҳоло мустаор садо медиханд. Ҳак ба ҷониби бузургон аст, ки гуфтаанд: «Таърих такрор намеёбад, вале унсурҳои чудогонаи он такрорёбанда аст». Дар мисоли таассубу ифрот, дуршавӣ аз арзишҳои миллию мазҳабӣ ва инкори манфиатҳои давлатӣ, мутассифона таърихи халки мо ҳодиса ва рӯйдодҳои мухталифи такрорёбандаро медонад.

Аммо дар киёс ба мо бузургони гузаштаамон – Абӯҳанифаю Абӯҳафси кабир, Муҳаммади Шайбонию Абӯҳафси сағир, Ибни Мискавайҳу Мотуридии Самаркандӣ, Рӯдакию Фирдавсӣ, Форобию Берунӣ, Ҳофизу Саъдӣ, Аттору Мавлавӣ, Носиру Ғаззолӣ, Синою Хайём, Санойю Низомӣ ва дигарон дар мукобили чунин норасоиҳо ва иллатҳои ичтимоию динӣ хеле окилона, боадабона ва ҷиддӣ мубориза бурдаанд. Зеро онҳо на танҳо тозагии эътикодро ҳифз карданд, ҷанбаи ахлокии онро ғанӣ сохтанд, гузашта аз он бо навиштахои худ номи миллат ва халки точикро дар вазнинтарин даврони сиёсии кишвар, махрумияти халк аз идораи давлат тавонистанд ҳифз намоянд ва ба чахониён бишиносонанд, вале мо дар ҳолате ки давлати миллиамон ба гуфтаҳо ва эчодиёти офаринандаи мо ниёз дорад, ба чуз имрӯз, фардоро дида наметавонем, маънӣ ва дарси наве барои ояндагон дода наметавонем…

Чаро? Ин чароро Роҳбари давлат низ бо дард ба аҳли зиён мамлакат борҳо ба миён гузоштанд. Ин савол бояд ҳеч як шахрванди баномус ва бонанги миллатро бетараф нагузорад. Қадами аввали ҳалли ин мушкилӣ дарк ва ҳазми қадру киммат ва манзалати соҳибихтиёрии халқ ва давлат аст.

Соҳибихтиёрии давлатӣ неъмат аст

Чаҳон дар остонаи ҳазораи се бо роҳҳои мураккабу печида инсониятро ба сӯи ояндаи номуайян ҳидоят менамояд, ки

шинохту пешбинии ҳодисоти он ба бехтарин ва баргузидатарин ашхоси илмии даврони нав ба осонӣ ба даст намеояд. Ҳодисоти оламгири охири қарни гузашта бо силсилаи пошхӯрихои низоми кишварҳои сотсиалистию истиқлолияти давлатҳои миллӣ тавлидгари як сиёсату як мафкура буда, пошхӯрию парокандашавиро барои қисмате аз кишварҳо ва муттаҳидию ваҳдатро ба иддаи дигари давлатҳо чун ҳодисоти тазод рӯи харитаи ҷаҳон оварда. Барҳамхӯрии давлати шӯроҳою муттаҳидии миллати олмон, пошхӯрии давлатҳои мураккаби Аврупои Шарқию муттаҳидии давлатҳои Аврупои Ғарбӣ идоман мантиқин як сиёсати ҷаҳонӣ буд.

Сиёсате, ки окибатҳои мухталифро ба рӯзгори ояндаи халқу миллатҳо инъом кард. Азбайнравии тазоди мафкуравӣ ва тавлиди тазоди усулӣ ба зоҳирёбии манфиати кишварҳо таъсир расонида, таррохони ояндаи авзои сиёсии инсониятро ба мушкилихо рӯ ба рӯ кард.

Назарияи интиҳои таъриху одами нихоӣ (Ф. Фукуяма) ба мушкилихои таърихие рӯ ба рӯ шуд, ки пиширо аз интихои таърих надошта, хабар аз ибтидои даврони нав менамуд. Андешаи машҳуру дилфиреби ҷахони сармоядории мунокишаи тамаддунҳо (С. Ҳантингтон) бо мафкураи гуфтугӯи тамаддунҳо (Ҳотамӣ) барҳӯрд, консепсияи тахтаи бузурги шохмоти ҷаҳонӣ (З. Бжезинский) воситаи паҳнгардии ғояҳои инқилобхои рангоранг гашт. Шинохти таърих аз даричаи форматсионӣ (маркесизм), дарки инқилоф аз назари фавворавӣ (флуктуатсионӣ назарияи П. Сорокин), биниши ҷомеаи инсонҳо аз назари тамаддунӣ (А. Тойнби) бо асрору мушкилихои нав ба нав рӯ ба рӯ шуд, ки назири онро ҷомеаи инсонӣ ёд надошт. Дар чунин шароити сахти ҷанги манфиатҳо ва чаҳонишавии ғаразхо бузургтарин нематҳо ва арзишхои инсонӣ аз қабили озодӣ, демократия, баробарӣ, адолат, ҷавонон, эътиқод ва амсоли инхо ғаразмандона сӯиистифода гаштанд.

Ин хама дар назари мо, ки асирони вокеии муаммоҳои имрӯз хастем, чун қонунияти зиндагӣ ногузир ва мӯътадил менамояд. Ҳар нафаре, ки аз рӯзгори гузаштагон хуб огоҳӣ дорад, ба осонӣ пай мебарад, ки таърих нисбат ба ин даврон, хеле баланд ва

ҷиддӣ харф хохад зад. Ин давронест, ки бо хама мушкилихояш чунин муносибатро арзанда аст, зеро мачмӯи ходисоту лаппишхои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодию хукукии он, то он дарача тақдирсозу тағйирпазиранд, ки садоҳои он ба умки садсолаҳои оянда, ба ҳайси як даврони гардиши куллӣ бидуни мушкилӣ хоҳад расид. Ин даврон бо вуҷуди он, ки бисёре аз равандҳои пошхӯрию барҳӯрдхоро дорост, ба ҳар халқ ва ҳар кишваре имконе дода, неъмате бахшидааст. Барои мо сохибистиқлол шудан бузургтарин неъмат дар доираи имконҳои печидаи шӯравӣ буд.

Истиқлолияти давлатӣ яке аз рукнхои муҳимми бунёди давлат аст. Истиқлолият танҳо эълон намудану қабули санади сохибихтиёрӣ нест, балки хукуки халқу миллатро ба таъсиси хокимияти давлатии мустақил дар доҳили кишвар амалӣ намудану онро чун субъекти сохибихтиёр ба арсаи сиёсати чаҳонӣ ва майдони муборизаи ҳастӣ ворид сохтан аст.

Аз дидгоҳи хукуки конститутсионии муосир, истиқлолияти давлатӣ сарчашмаи худро аз сохибихтиёрии давлатӣ мегирад. Сохибихтиёрии давлатӣ як навъи сохибихтиёрии умумист. Сохибихтиёрӣ усулан ба се навъ тақсим мешавад: халқӣ, миллӣ ва давлатӣ[1]. Сохибихтиёрии халқӣ дар ифодаи иродаи халқ ҳамчун манбаи ҳокимияти давлатӣ зоҳир меёбад. Яъне халқ сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатист. Барои сохибихтиёрии халқӣ демократия ва институтҳои демократӣ, конуният ва низоми интихоботи озод, пинҳонӣ ва шаффоф хизмат мекунанд. Яъне, халқ дар муайян намудани тарзи зиндагӣ, шакли идора ва низоми иқтисодию иҷтимоӣ сохибихтиёр аст.

Сохибихтиёрии миллӣ ин хукуки миллат аст ва маъноаш мустақиман, бе дахолати дигар миллатхо хукуки худро дар муттаҳид шудан, таъсис додани давлати мустақил ва муайянкунии мақоми сиёсии худ амалӣ кардан аст. Натиҷаи амалӣ шудани сохибихтиёрии миллӣ таъсиси давлати миллист. Сохибихтиёрии миллӣ ин ҳуқуқи миллат ба худмуайянкунии

[1] Конституция Российской федерации: научно-практический комментарий // Под ред. академика Топорнина Б.Н. – М., 2003. – С. 97.

миллист. Одатан, дар давлатҳои федеративӣ ҷумҳуриҳои аъзои он соҳибихтиёрии халқӣ ва миллиро доранд, аммо соҳибихтиёрии давлатиро, ки мустақилияти давлатро ҳамчун соҳибихтиёрии сиёсӣ дар дохил ва хориҷ муаррифӣ менамояд, доро нестанд. Ҷунин ҳуқуқ дар баъзе аз кишварҳо ба аъзои федератсия ва ё штатҳо ба тариқи маҳдуд пешниҳод шудааст.

Умуман соҳибихтиёрии давлатӣ, ки ба истиқлолияти давлатӣ анҷом мепазирад, зинаи охирини соҳибихтиёрист, ки мустақилияти давлатро дар дохил ва хориҷ муаррифӣ менамояд. «Соҳибихтиёрии давлатӣ – волоият ва мустақилияти ҳокимияти давлатӣ дар дохил ва муносибатҳои хориҷии кишвар аст. Соҳибихтиёрии давлатӣ дар конститутсияҳо муаррифӣ гардида, нишонаи муҳими давлат аст. Танҳо давлати соҳибихтиёр ҳуқуқи дар муносибатҳои байналхалқӣ ҳамчун субъекти мустақил баромад карданро дорад»[1].

Соҳибихтиёрии давлатӣ ба соҳибихтиёрии сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва дохилию хориҷӣ тақсим мешавад, ки дар маҷмӯъ мустақилияти давлатӣ ва ё истиқлолияти онро мефаҳмонад. Соҳибихтиёрии сиёсӣ ҳокимияти ягонаи давлатӣ дар ҳудуди муайян, ҳуқуқӣ – низоми ягонаи сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, конунҳои ягона ва тартиботи якхеларо баён мекунад. Ҳамин тавр, маънои соҳибихтиёрии давлатӣ, ки ба истиқлолияти комили давлат дар муносибатҳои дохилӣ ва хориҷӣ анҷом меёбад, давлатро ҳамчун падидаи томи комилҳуқуқ муаррифӣ кардан аст.

Ба андешаи ҳуқуқшиноси шинохтаи ватанӣ А. Имомов, соҳибихтиёрии Тоҷикистон хусусияти хоси ӯ буда, ҳокимияти олии ягона ва истиқлолияти ӯро ифода мекунад[2]. Ба андешаи устод А. Имомов, соҳибихтиёрии давлатӣ дар заминаи соҳибихтиёрии халқ амалӣ мегардад ва яке аз шаклҳои ифодаёбии соҳибихтиёрии халқ соҳибихтиёрии миллӣ мебошад[3]. Ҳамин тавр, мо алокамандии устувори соҳибихтиёрии давлатӣ, халқӣ ва миллиро мушоҳида мекунем, ки он бо рукнҳои асосии

[1] Арутюнян Г.Г., М.В. Баглай. Конституционное право. Энциклопедический словарь. – М.-2006. – С. 471.
[2] Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2004. – С.195.
[3] Имомов А. Асари номбаршуда – С. 196-197.

васлкунанда – ҳокимияти олии давлатӣ, ваҳдат ва истиқлолияти давлатӣ[1], ягонагӣ ва умумияти ҳудро ҳифз менамояд.

Ба хотири муттаҳид шудан ба ташкилотҳои байнидавлатӣ ва иҷрои ҳадафҳои боз ҳам васеътар мумкин аст, ки давлатҳо баъзе аз рукнҳои соҳибихтиёрии ҳудро маҳдуд кунанд ва ё ба маслиҳати якдигар вогузор намоянд. Маълум мешавад, ки ҳар як навъи соҳибихтиёрӣ чӣ қадар қимати бузургу беандозаро барои халқу миллатҳо дорост. Тоҷикистон то пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ соҳибихтиёрии халқӣ ва миллиро нисбатан дошт, аммо пас аз пош хӯрдани Иттиҳод, ки дар асоси шартнома ҳуқуқҳо маҳдуд шуда буд, ҳуқуқҳои соҳибихтиёрӣ то соҳибихтиёрии давлатӣ ба Тоҷикистон насиб гашт. Ба шаҳрвандони кишвари мо зарур аст, ки ба мафҳум ва аҳамияти ин неъматҳои олӣ ба дурустӣ сарфаҳм рафта, онро ба манфиати умум истифода намуда, бо қалбу амалкардҳои содиконаашон, бо навиштаю офаридаҳояшон ба хотири саодати наслҳои оянда ҳифз намоянд.

Истиқлолият ва мушкилиҳои сиёсати ҷаҳонӣ

Эълом намудани истиқлолияти кишвар, аз роҳи вазнину ноҳамвор ҳифз намудани он ва пайвастан ба низоми давлатҳои ҷаҳонӣ бо мақсади эътирофи миллати соҳибдавлат, дар назди мардуми Тоҷикистон тайи 30 соли истиқлолият вазифа ва муаммоҳои мухталифи сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро пеш гузоштааст. Дар сарҳади ду тамаддуни аз назари иқтисод тафовутдошта (капитализм ва сотсиализм), ду идеологияи таърихан ноошно (дунявият ва ислом) ва гурӯҳи забонҳои аз қадим дар рақобат буда (забонҳои форсӣ ва туркӣ) қарор доштани давлати Тоҷикистон баъд аз пошхӯрии низоми давлати шӯравӣ як нуқтаи ниҳоят дарднок ва осонгирро мемонд. Гузашта аз он, масъалаи муайян намудани роҳи давлатдорӣ дар пешидагӣ бо ин омилҳо дар солҳои аввали истиқлолиятхоҳӣ халқи моро ба ҷанги шаҳрвандӣ кашид.

Аз ин ҷост, ки давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ ва кишварҳои нисбатан муваффақи минтақавӣ, ки аз қадим нисбат ба хавзаи

[1] Имомов А. Асари номбаршуда. – С. 197.

Балкан ва Осиёи Миёна иштихои хуб доштанд, пас аз озодшавии мулкҳои Осиёи Миёна накшахои стратегии худро нисбат ба ин минтақа тарҳрезӣ намуда, бо ҳар роху восита кӯшиши ба қонибӣ худ кашидани ин кишварҳон озодшуда ва гирифтани фоидахои молиро ҷустуҷӯ менамуданд. Ба ин минтака хам он давлатҳое, ки замоне дар ин сарзаминҳо империяи бузургро таъсис дода буданд, ҳам онҳое, ки дар замони нав ба ин минтакаҳо роҳ ёфта буданд ва ҳам онҳое, ки аз таксимоти таърих дар ибтидои асрҳои миёна ва замони мустамликадории асри XIX аз ин ҳудуд махрум монда буданд, лекин ҳанӯз хисобу китоби худро бо онҳое, ки дар ин минтақа нуфуз доштанд, баробар кардан мехостанд, дастдарозӣ намуда, имконияти фурӯ бурдани лукмаи навбатии омодагардидаро дар даст доштанд…

Ба қавли идеологи стратегии амрикой Збигнев Бжезинский, ки оламро чун тахтаи шохмоти ҷаҳонӣ байни кудратҳо таксим намуда, вазифаи шоҳиро ба амрикоиҳо додааст, ба ин сарзаминҳо ба ҷуз аз давлатҳои номбаршуда дигар кишварҳо низ фурсати дастдарозиро интизоранд[1]. Афсӯс, ки онҳое, ки бо баҳонаи ноҷиз фазои ороми кишварро вайрон карданӣ мешаванд, на ҳамеша аз ин мақсадҳо ва ҳадафҳои абаркудратон огоҳанд.

Зери пардаи муносибатҳои дӯстонаи давлатҳо дар ҳавзаи Осиёи Миёна пас аз пошхӯрии низоми Шӯравӣ чунин муборизаю гаразҳо нуҳуфта шудааст, ки дарки ҳар соҳибватан аз он ниятu маромҳо шарт ва зарур аст. Аммо ҳамаи ин мушкилоту монеаҳо дар назди иродаи кавии халку миллатҳо, ки роҳи бебозгашти хешро ба сохибихтиёрию истиклолият муайян намудаанду хамдигарфахмию вахдатро аз ҳама неъматҳо боло медонанд, ҳеч буд… Ва ҳеч бояд бимонад… Аммо барои ин, қабл аз ҳама, худи мардуми ин кишварҳо ва давлатҳои тозаистиклолро зарур буд, ки тавре ки **Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон борҳо таъкид намудаанд, хушёрии сиёсиро аз даст надода, дар роҳи муттаҳид сохтани кишрҳои мухталифи чомеа** дар атрофи арзишҳои олии давлат саҳмгузор бошанд.

[1] Ҳамон ҷо. – С. 163.

Онҳо боид аз таҷрибаи хуби пешқадами ҷаҳонӣ, аз решаҳои фарҳанги миллӣ ва дастовардҳои ҷаҳонӣ истифода намуда, дар асоси акли созанда ва хиради тамйизкунандаи неку бад ба бинои давлати миллӣ даст зананд. Давлатшиносон дуруст қайд менамоянд, ки соҳибихтиёрии давлатии Тоҷикистон нисъмати бузургест, ки миллати тоҷик ва тамоми мардуми ҷумҳурӣ ба он комёб шудааст. Аз ин рӯ, соҳибихтиёрии ҷумҳуриро қадр кардан, пойдории онро устувор гардонидан ва ҳифзи онро таъмин намудан вазифаи муқаддаси хар як шаҳрванди он мебошад[1].

Ҷустуҷӯи роҳи оянда ва ҳимоя аз печидагиҳо

Дигар аз омилҳои муҳими ҳимояи истиклолияти кишварҳои тозаистиқлол ташаккули амалии андешаи давлати миллӣ ва ҳуқуқи миллӣ аст. Идеяи соҳибихтиёрӣ, ки дар ибтидои мустақилгардии давлатҳои собиқ шӯравӣ ба якчанд омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва миллӣ такя менамуд, тадриҷан дар байни ин омилҳо ҷавҳари аслии истиқлолиятро ҳамчун омили муҳимми идеологӣ ҷустуҷӯ менамояд. Ва ин хеле воситаи муҳим буд, зеро шакли сохтори федеративӣ, ташкили принсип ва арзишҳои идора ва хукукэҷодкунии интернатсионалӣ, имкони ташаккули гояи миллати ҷудогонаро тадриҷан заиф мегардонд.

Интернатсионализм, махлуттардии бечо ва баъзан сунъӣ зина ба зина ба шаклҳои зоҳирёбии ягонагии миллатҳои ҷудогона таъсири манфӣ мерасонд.

Таърихи начандон тӯлонӣ шаҳодати он аст, ки чунин маҳак ва ҷавҳари асосии мафкуравии давлатҳои соҳибистиклолро идеяи давлати миллӣ бар дӯши худ мегирад. Акнун давлатҳо воситаи муҳимми ҳимояи истиклолияти худро дар ҷавҳари аслии худ — мафкураи давлати миллӣ мебинанд. Ҷиб он аст, ки дар зинаи ибтидои истиқлол, яъне мустақилгардӣ, дар давлатҳои сермиллат мафкураи миллӣ омили муҳимми такондиҳанда намебошад, вале баъдан вай ба чунин як унсури такондиҳанда табдил меёбад. Соҳибихтиёрии миллӣ аз зинаи амали воксии худ убур намуда, то рафт таҳаввул ва рушд намуда, ба зинаи олии инкишофи худ –

[1] Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2004. – С.195.

сохибихтиёрии давлатӣ мерасад. Давлати сохибистиқлол ба зинаҳои баландгари муносибатҳо ворид мешавад.

Тарс аз афзоиши сохибихтиёрии миллӣ

Аҷоиби дигар он аст, ки дар ибтидо он давлатҳое, ки парокандагии империяҳои бузург ва дар асоси миллатҳои мухталиф бунёд ёфтаро ба нақша гирифта буданд, барои расидан ба ин мақсад бо ҳар роҳу восита кӯшиш мекарданд, ки худшиносии миллии ин халқҳоро ҳамчун омили такондиҳандаи парокандашавии империяҳои сермиллат (ИҶШС, Чехословакия, Югославия ва ғ.) таквият ва рушд ёбад, вале баъд аз нонл шудан ба чунин мақсад, баръакс, салди рохи худшиносӣ дар ин давлатҳои тозаистиқлол гаштанд.

Маълум буд, ки дигар мустаҳкамгардии истиқлолияти давлатҳои тозабунёд ба манфиати ин даллолони таърихӣ, ки воридсозии давлатҳои кӯчакро ба фазои ҳукукӣ, сиёсӣ ва иқтисодии худ ба нақша доштанд, мусоидат намекард. Вале онҳо конуният то кунун кашфшудаи андешаи давлати миллиро ҳамчун воситаи муҳими мукобилияти онҳо дар набардҳои байналмилалӣ аз малди назар дур карда буданд.

Андешаи давлати миллӣ ва ё ҳукуки миллӣ дар аксари давлатҳои рӯ ба инкишоф на давлатҳои мутараккӣ ҳамеша ҳамчун воситаи муҳими муҳофизати истиқлолият хидмат менамуд. намуда истодааст ва дар оянда низ хоҳад кард. Муҳаққик Ф. Фукуяма баланд рафтани худшиносии миллиро дар чунин ҳолатҳо дуруст таъкид намудааст: «Миллатчигӣ айни ҳол дар Аврупои Шаркӣ ва ИҶШС, ки дергоҳ ба худшиносии миллии халқиятҳои онҳо монеъ мешуданд, хеле боло рафтааст. Миллатгарои ҳамчунин дар давлатҳои кӯҳна ва устувори миллӣ низ вақтҳои охир ба тағйирпазирӣ рӯ овардааст. Даъвати худшиносии миллӣ дар Аврупои Ғарбӣ ба худшиносии универсалӣ табдил ёфтааст, ки аз бисёр чиҳат ба даврони се-чор карни пеш, ки бо созиши дин рӯи кор омада буд, мувофикат дорад»[1].

[1] Фукуяма Ф. Конец истории и последний человек. – М., 2005. – С. 21.

Яъне, миллатгарой ва худшиносии миллӣ дар даврони навтарин аз сари нав накш ва нуфузи худро дар ҳалли масъалаҳои муҳими давлатӣ такозо дорад. Давроне, ки пешгӯии анчомёбии таърих бо ғалабаи пурраи демократияи либералӣ дар иштиҳои асри XX рух надод, давроне, ки назарияи «мубориза барои эътирофнамой»-и Гегель, Маркс ва Фукуяма ҳамчун воситаи муҳими инкишофи таърих аҳамияти худро ҳамчун маҳаки пешбаранда гум карданд, таърих ба анчом нарасида, баръакс, унсурҳои дар назар архаистиро кӯҳнашудаи идеологӣ чун миллатгарой, тобеияти динӣ ва ғ., аз сари нав дар раванди инкишофи давлатҳои мутамаддин садо баланд намуда истодаанд, пешгӯии ояндаи наздик барои аҳли илми ҷамъиятшиносӣ мубрам аст. Таҳлили ҳамин омилҳои вусъатгирифта риштаест, ки ба кушоиши рохи ояндаи инкишофи давлатҳои дар паҳлои он коматаффрохта мусоидат хохад карл.

Снёсати дарҳои боз маънии кандани дарҳоро надорад

Дар солҳои аввали истиқлолият мардуми таҳҷой ва ҳукуматҳои тозаистиқлол ба хотири он, ки бародарҳои нав ва миллатҳои сохибдавлат онҳоро бо дӯстиро меҳру муҳаббат ба оғӯш гирифта, ҷой ва мавкеи онҳоро тавассути созмонҳои байналмилалӣ дар ҷаҳони нав муаррифӣ менамоянд, озодона манфиатҳои давлатии худро бо оғӯши кушод ба дӯстони гирду атроф боз менамуданд. Онҳо ҳанӯз намедонистанд, ки ин ҳама дӯстиро оғушбозкуниҳо решаҳои ғализи ҳақталабию нуератёбиҳои зиёдро дорад, ки на ҳамеша ба манфиати давлатҳои тозаистиқлол буданд. Ҳамин тавр, вазъияти дар назар ором дар асл ноором буда, чараёнҳои мухталифу мавҷҳои ноаёнро дар ботин нигоҳ дошт, ки ҳар лаҳза имкони киштии тозаистиқлоли давлатҳои ин минтақаро ҷанда кардан доштанд.

Давлатҳои минтақаи Осиёи Миёна, ки саргарми истиқлолияти ба осонӣ бадастомада буданд, имкони таҳлили чунин иштиҳои бениҳоят вазнини атрофиёнро дар солҳои аввал кудрати дарк кардан надоштанд. Зеро набудани вақт ва таҷрибаи кофӣ ба онҳо чунин имконро фароҳам наоварда буд… Ин буд, ки аввалин шуда мардуми Тоҷикистон ба ин гирудорҳо фурӯ рафт…

Шукри Худо, ки аз ин вазъият мардуми Тоҷикистон ва Ҳукумати он сари вақт бо ҳамгирой, ҳамдигарфаҳмӣ ва вахдат аз ин варта берун баромаданд.

Тоҷикистон бо қабули Конститутсияи соли 1994 чун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ, дунявӣ ва ягона роҳи кишвардорию сохтори давлатӣ, табиати кудратофарию речаи сиёсии ояндаи худро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд. Интихоби ҳар яке аз ин роҳҳо бо таҳлили чуқури авзои сиёсии кишвар ва ҷаҳон сурат гирифта, дар ҳамон даврон роҳи ягона ва асосии халосии миллат ва халқиятҳои минтақа буд, ки ягонагии мардумро дар ҳаритаи сиёсии ҷаҳон чун давлати мустақили Тоҷикистон муаррифӣ карда метавонист.

Аммо проблемаҳо, душвориҳо ва масъалаҳои ҳалталабе аз ҳар сӯ пайдо шуда буданд, ки ҳар яки онҳо давлати моро дар пешорӯи бӯҳронҳои вазнини сиёсию ҳуқуқӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ қарор медод ва ҳалли худро талаб намуда, ба мазмуни давлатдорию ҳуқуқи мо махсусиятҳою аломатҳои фарқкунандаро ворид менамуд. Ҳамаи ин масъалаҳо собит менамуданд, ки ҳанӯз рох дар бунёди давлати ободу зебо ба пуррагӣ ҳалли худро наёфта, ҳанӯз зиёданд қонуниятҳою унсурҳои нонавиштае, ки ҳар як метавонад бо тақдири миллат ва давлат ба осонӣ бозӣ намуда, ҳама кӯшишу ормонҳои моро дар як замон барбод диҳад. Ба назар чунин мерасад, ки даврони нав ногузирии гояи «ҷанги ҳама бо ҳама»-ро барои манфиат дар даврахои муайяни таърихӣ собит месозад.

Мо роҳро ба сӯи давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ, дунявӣ ва ягона муайян кардем, вале усули ҳаракати мошинаи давлатиро, ки кулраги пеш бурдани бори вазнини миллат ва халқиятҳои Тоҷикистонро муваффақона бар дӯш дорад, бо суръати ҳаракати тағйирёбанда ва механизмҳои суръатфизою суръатзудои он, ки дар ҳолатҳои болоравию фурӯравии иқтисоди ҷаҳонӣ истифода мешаванд, ба пуррагӣ дар назар нагирифтаем. Ҳамаги ин масъалаҳо таҳлили амики илмиро аз назари иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсӣ талаб намуда ҳамзамон инкишоби илмии фанҳои дакикро хостор аст. Барои ин аз чӣ бояд сар кард? Ба чӣ бояд диққат дод? Махсусияти давлатдории тоҷиконро имрӯз аз чӣ бояд донист? Кадом унсурҳо аломатҳои хатмии ин равандро таҷассум менамоянд?

Ин ва дигар саволҳои муҳим аҳли зиёи мамлакатро дар даврахои гузариш ҳамеша ба ташвиш меовардааст. Дар ин маҷро муайян намудани мафҳуми давлатдории тоҷикон ҳамчун ҷараёни вижаи пайдоиши фарханги сиёсии миллати решабатаърих, инкишоф, шаклдигаркунии давлат ва ҳуқуқ дар даврахои муайяни таърихӣ, **меросият ва нигоҳдори роҳи муайян намудаи Бунёдгузори давлати миллӣ ва Пешвои миллати** Тоҷикистон, тамомияти марзӣ-ҳудудӣ ва ягонагии ҳуқуқии ҷамъият ва умуман раванди дурударози таърихии давлатӣ – ҳуқуқии халқи тоҷик, аҳамияти боризро дорост.

Санҷи таҳлилии сиёсати мафкуравӣ (ба ҷои хулоса)

Ба назари мо санҷи таҳлилии сиёсати мафкуравии миллати сохибихтиёр ва сохибдавлатро арзиши муайянкунанда, тақдирсоз ва умумиятдоштаи одамият – **ҳуқуқ ва озодихои инсон** ташкил медиҳад. **Садаи XX ва XXI ҳуқуқу озодиҳои инсонро ҳамчун маҳаки муҳиму марказии инкишоф ва баходихии вокеияти давлату давлатдорӣ муайян кардааст. Ба ин хотир, ҳама арзишҳои дигар бояд бахри амалинавии он шигаронида шуда, дар хизмати он гузошта шаванд.**

Дар шароити муосир давлат, сиёсат ва ҳамагуна манфиат, ба қавли И. Кант, бояд пазди ҳуқуқи инсон сари таъзим фуруд оранд. Ба назари мо, роҳи ягона ва асосии баромад ва инкишофи ояндаи давлатдории мо маҳз дар ҳамин арзиши марказӣ, ки моддаи 5 ва 14 Конститутсияи кишвар аз соли 1999 онро ҳадаф ва арзиши олӣ хисоб кардааст, нуҳуфта шудааст.

Барои ин зарур аст, ки илми ҳуқуқшиносӣ ва раванди ҳуқуқэҷодкунӣ бо таҳлилҳои устувори мантиқӣ, аналитикӣ, ластрасии дастовардҳои ҷаҳонӣ ва таърихӣ ҳамагуна арзиш, манфиат, принсип ва усулҳои хукукиро дар мизони адл гарзе ҷо ба ҷо гузорад, ки ҳақиқат, озодӣ, *адолат ва баробарии* инсонҳо зарар наёбад.

ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ЭҲЁИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ

(Мачмӯи мақолаҳо)

Ба чоп 02.09.2021 имзо шуд. Андозаи 70x100 1/16.
Коғази офсет. Чопи офсет. Гарнитураи Times New Roman.
Чузъи чопии шартӣ 16,75.
Теъдоди нашр 200 нусха. Супориши № 216.

ҶДММ "ЭР-граф".
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, 218.
Тел: (+992 37) 227-39-92. E-mail: rgraph.tj@gmail.com



ISBN 978-99985-59-99-8